АБДУХАЛИЛ ХОЛИҚЗОДА

# МОҶАРОИ РАФТА

Душанбе
«Мастер-принт»
2018

ББК 83.3(2).(575.3)
Х-66

Муҳаррир
*Лола Ҳоҷибоева*

**Абдухалил Холиқзода.**
Моҷарои рафта. – Душанбе: “Мастер-принт”, 2018. – 260 с.

Китоби «Моҷарои рафта», бозтоби порае аз таърихи муосири шифоҳии Тоҷикистон аст, ки дар асоси саргузашту хотираҳо ва мушоҳидаву дидгоҳи муаллиф навишта шуда, хонандаро бо урфу одати мардуми тоҷик ва ҳодисаҳои аз сар гузарондаи ин миллати куҳанбунёду осебдида, шинос мекунад.

Китоб ба оммаи васеъи хонандагон пешниҳод мешавад.

© Абдухалил Холиқзода, 2018.

*Моҷарои рафтаро хоҳам, ки аз ман бишнавӣ,*
*Гарчи донам ҳаст пешат ҳар ниҳоне ошкор.*

***Қоонӣ***

## ПЕШГУФТОР

Насли маро «насли сардаргум» номидан мумкин аст. Замони ба камол расидани насли ман ба фурӯпошии Иттиҳоди шӯравӣ рост омад. Ин «катаклисм» тамоми нақшаву орзуҳои моро, ки давраи донишҷӯиро аз сар мегузарондем, «нақше бар об» кард. Маблағгузорӣ дар соҳаҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ қатъ шуд, корхонаву муассисаҳо аз кор монданд, ояндаи мо дигар рӯшан набуд, мо – ҷавонони омодаи корзори зиндагӣ дар айни ҷӯшу хурӯш ба бунбаст расидем.

Илова бар ин дар кишвари тозаистиқлоли ман – Тоҷикистон, бадбахтии азим – ҷанги шаҳрвандӣ сар шуд, ки ҳаёти амну осоишта ва имкони зиндагии шоистаро комилан аз байн бурд. Маҳз дар ҳамин ҳангом ман аз таҷрибаомӯзӣ аз Ҳинд баргашта, дар соли охири донишгоҳ дар факултаи шарқшиносӣ мехондам ва чун баъд аз хатми донишгоҳ дар шаҳри Душанбе ба кор машғул шудам, шоҳиди бевоситаи бисёр воқеаҳо гаштам.

Гарчанде таҳсилотам дар соҳаи улуми инсонӣ бошад ҳам, ман маҷбур шудам барои таъмини маишати хонадон паи тиҷорат биравам, чун як соли дар Ҳинд буданам чашми маро дар риштаи тиҷорат каме боз карда буд. Вале, мутаассифона, баъдан муваффақиятҳои ночизи ман дар тиҷорат сабаби ҳамлаҳо

ба аъзои хонадонам шуд. Дар асари ин хатару таҳдидҳо ман маҷбур шудам, ки фарзандону бародаронамро ба хориҷи кишвар бикӯчонам. Аз ҳамин рӯ, насли баъдии хонадони мо дур аз Ватан бузург шуд ва табиист, ки донишаш дар бораи аслу насаб ва урфу расми мардуми Ватану диёраш комил нест. Мусаллам аст, ки теъдоди чунин ҷавонон, ки мисли насли нави оилаи мо, бо сабаби ҳарҷу марҷи рухдода аз Ватан берун шуданд, хеле зиёд аст. Яке аз рисолатҳои ин китоб, каме ҳам бошад, шинос намудани ҳамин насл ва ояндагони онҳо бо гузашта, фарҳанг ва аслу насаби худашон аст.

Ман дар фаъолияти соҳибкорӣ бо хориҷиён зиёд ҳамкорӣ кардаам. Шояд аз сабаби баста будани фазои Шӯравӣ, хориҷиён дар бораи Иттиҳоди шӯравӣ ва Тоҷикистони биҳиштосои ман қариб ҳеч чиз намедонистанд ё огоҳии дуруст надоштанд. Саволҳояшон дар бораи низоми Шӯравӣ ва ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистон аҷибу ғариб метофт. Аввалин саволе, ки дар бораи Иттиҳоди шӯравӣ медоданд, тақрибан, якто буд: «Шӯравӣ хуб буд, ё бад?». Ин савол ба он монанд аст, ки дунёро фақат ба ду ранг бибинӣ – сафед ва сиёҳ. Магар мешавад кишвареро бо он азамат ва низомеро бо он ҳама дастовард бо як вожаи хуб ё бад баҳо дод?

Ё, масалан дар бораи ҷанги шаҳрвандӣ саволи асосиашон ин буд, ки мо бо кӣ ҷангидем? Гумон мекарданд, ки гурӯҳҳои исломие аз хориҷ ба кишвар ворид шуда бошанд ва ғайра.

Табиист, хотираҳои нафаре, ки дар Иттиҳоди шӯравӣ ба камол расида, дар тӯли зиёда аз сӣ соли охир пайваста дар Душанбе зиста, шоҳиди таҳаввулоту кашмакашҳои замони пошхӯрии Иттиҳоди шӯравӣ ва ба даст овардани истиқлол ва ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон будааст, метавонад ба қисме аз ин саволҳо ҷавоб бигӯяд ва инчунин, шоҳидии муаллиф дар рӯйдоди воқеаҳо барои қишри васеътари ҷомеа ҷолиб бошад.

Ин навишта бештар хосияти тарҷимаиҳолӣ дошта, аз мушоҳида ва хотираҳои муаллиф иборат аст ва қазоват дар бораи ҳодисаву воқеаҳо бештар ба ӯҳдаи хонанда гузошта шудааст. Агар ҷое ҳам муаллиф ҷасорат ба қазоват карда бошад, кӯшиш кардааст инсофро риоят намояд. Саъй кардааст, ки дар баёни воқеаву ҳодисаҳо дақиқ бошад, хосса ҳамаи онҳое, ки дар бораашон ҳикоят кардааст, шахсони воқеӣ ва ба қавли Байҳақӣ, аксаран барҳаётанд, ки шоҳиди риояи инсофу ҳақ аз сӯи муаллифанд ва агар боз ҳам, аз фаромӯшхотирӣ, ҷое саҳве гузашта бошад, умедворам хонандагон ба инҷониб гӯшзад бикунанд, то дар нашрҳои оянда ислоҳ бишавад.

Ростӣ, агар муаллиф дӯсти азизеро ба номи Ҳасани Қарибӣ вонамехӯрд, шояд ҳанӯз ҳам дар таълифи ин китоб коҳилӣ мекард. Шоири борикбин ва адиби соҳибтаҷриба, шаҳрванди Эрон, устод Ҳасани Қарибӣ, агар дар аввал ҳамчун шаҳрванди кишвари хориҷӣ ба саволҳои худ ҷавоб меҷуста бошад, дар охир ба кори муаллиф рағбати беандоза пайдо кард ва бо саволҳояш дар пур кардани «шаш гӯшаи зеҳни хонанда» саҳми босазо гузошт. Роҳнамоиҳои ӯ дар банду басти китоб низ бениҳоят муфид будаанд. Инчунин, дар марҳалаҳои хастагиву рӯҳафтодагӣ, ки гоҳе бар асари шуғли рӯзмаррай, гоҳе бар асари ба ёд овардани ҳодисаҳои мудҳиш бар ин ҷониб чира мешуд, дастгиру ташвиққунандаи банда ба идомаи кор будааст. Муаллиф барои ҳамкорӣ ва дастгирӣ аз дӯсти азиз Ҳасани Қарибӣ бениҳоят сипосгузор аст.

Инчунин ҳангоми навиштани китоб аз нақду роҳнамоии устодон Абдунабӣ Сатторзода ва Абдулқодири Рустам фаровон истифода шудааст, ки муаллиф ба ин устодони гиромиқадр миннатдории худро дар ҳамин ҷо арз мекунад.

*Рӯзҳо аз сари мо, аз дили мо мегузаранд...*
***Лоиқ***

## *ПАНҶРӮД*

Панҷрӯд дар дунёи форсизабонҳо яке аз маъруфтарин деҳаҳост, зеро он зодгоҳи падари шеъри форсии тоҷикӣ Одамушшуаро Устод Рӯдакӣ аст ва табиист, ки мо – панҷрӯдиҳо аз ин хеле ифтихор мекунем. Аз он сабаб ки ҳикояти ман бевосита ба ин деҳа ва сокинонаш низ рабт хоҳад дошт, мехоҳам дар бораи ин гӯшаи муқаддаси Ватан каме маълумот бидиҳам.

Панҷрӯд, воқеъ дар дараи Киштӯд, яке аз деҳаҳои шӯрои деҳоти Рӯдакӣ буда, дар замони баччагии ман тақрибан 300 буна ва зиёда аз 2000 сокин дошт. Деҳа дар ду соҳили рӯди кӯҳии Уреч, дар баландии 1500 метр аз сатҳи баҳр, шаст километр ҷанубтар аз маркази ноҳия – шаҳри Панҷекат ҷойгир шудааст. Дар маркази деҳа дар канори рости рӯд, ягона ҳамвории калоне ҳаст, ки дар он мақбараи Устод Рӯдакӣ, китобхонаву чойхона ва мактабу фурӯшгоҳи деҳа ҷойгир шудаанд.

Мақбараи Устод, ки соли 1958 дар остонаи ҷашни 1100-солагии шоир бино шудааст, ҷузъи маҷмӯаи бузурге буда, он осорхона, китобхона, чойхона ва боғи сабзу хуррам дорад. Дарвозаи асосии маҷмӯа хеле зебо бино шуда, дар пештоқаш ба ду хат – кириллӣ ва форсӣ «Абӯабдуллоҳ Рӯдакии Самарқандӣ» навишта шуда буд. Баъд аз бозсозиҳои солҳои охир дидам, ки нисбаи «Самарқандӣ»-ро аз номи Устод дар пештоқи дарвоза ҳазф кардаанд. Шояд ин натиҷаи сиёсатҳои ибнулвақти им-

рӯза бошад. Вале ноҳияҳои Панҷекату Айнӣ ва Масчо таърихан ҳамеша аз ноҳияҳои Самарқанд будаанд, ки дар натиҷаи «табартақсим»-и Шӯравӣ, онҳо тобеъи вилояти Ленинобод (ҳоло Суғд)-и Тоҷикистон шудаанду Самарқанд ба Ӯзбакистон расидааст.

Хонаҳои сокинони деҳа дар ёнаҳои ду тарафи дарё, ки батадриҷ боло меравад, то зери кӯҳдоман ҷойгир шудаанд. Пас аз хонаҳои охирин бевосита тали доманакӯҳ сар шуда, боло меравад ва ба кӯҳҳо мепайвандад. Ин доманакӯҳҳои кӯҳпайванд аз се тараф деҳаро мисли девор иҳота кардаанд. Ягона самти бедеворӣ деҳа самти ғарбӣ буда, роҳи мошингарди деҳа низ аз он сӯст, ки деҳаро ба маркази ноҳия ва дунё мепайвандад. Деҳаро аз самти шимолу шарқӣ кӯҳи Офтобрӯя, аз самти шарқ кӯҳи Ковонаву Шерзод ва аз самти ҷануб кӯҳи Соя иҳота кардаанд.

Калонсолони деҳа ҳикоят мекарданд, ки дар гузашта гузарҳои Сойи Нова, Қалъаи Кӯҳна ва Уффор аз қисматҳои маскунии деҳа будаанд. Он замонҳо, аз сабаби он ки таъмини ғизо сахт будааст ва мардуми деҳа аз ҳар ваҷаби замини корам истифода мекардаанд, дар мавзеъҳои Сари Пулаку Пирӯзу Роҳи Боло ва Даҳани Ночу Сучоту Роҳи Таг хонаи истиқоматӣ намесохтаанд, зеро ин заминҳо барои кишт будаанд. Хонаҳояшонро дар ёнаву теппаҳо, ки камтар барои кишоварзӣ ба кор меомад, месохтаанд. Баъдтар, вақте колхоз дар даштҳои Марғедар замин кушод ва ба мардум низ аз он ҷо замин доданд, масъалаи кишти зироат ҳалли худро ёфт ва дар киштзорҳои пешина низ хона сохтаанд. Дар ҳоли ҳозир тамоми ин гузарҳои деҳа маскунӣ гаштаанд. Заминҳои деҳа аз тариқи панҷ ҷӯй, ки сетояш аз болотари деҳа ва дутои дигар аз васати деҳа, аз рӯдхонаи Уреч об мегиранд, обёрӣ мешавад.

Он замон Панҷрӯд яке аз деҳаҳои колхози Рӯдакӣ буд. Колхоз истилоҳи русӣ буда, дар забони форсии тоҷикӣ низ истифода мешуд, ки маънояш хоҷагидории умумӣ ё ҷамъиятӣ аст.

Инчунин ҳамсоядеҳаҳои Артуч, Мадовра, Якахона, Кулолӣ, Зери Ҳисор, Некнот, Шашқат ва Кошона низ ҷузъҳои ин колхоз ва аксари сокинони ин деҳаҳо аъзои ин хоҷагӣ буданд. Колхози Рӯдакӣ муассисаи кишоварзие буд, ки асосан ба тамокукорӣ, боғдорӣ ва чорводорӣ машғул буд. Ғайр аз ин, колхоз заминҳои лалмӣ дошт, ки дар онҳо ҷаву гандум мекориданд. Мардуми деҳа соле ҳашт-нӯҳ моҳ дар мазрааҳои колхозӣ кор мекарданд ва танҳо се-чор моҳи зимистон нисбатан озод мешуданд. Музде, ки колхоз ба кормандони худ медод, зиёд набошад ҳам, барои рӯзгузаронии сода кифоят мекард.

Сокинони Панҷрӯд дар назди хонаҳояшон замин доштанд, ки қисман аз боғҳои себу нок иборат буда, дар қисми дигари ин заминҳо анвоъи зироати ғизоӣ кишт мекарданд, ки эҳтиёҷоташонро таъмин менамуд. Дар моҳҳои зимистон, ки кори колхоз кам мешуд, меваи боғҳои худро ба бозорҳои Марву Чорҷӯй ва Бухорову Тошканд ва гоҳе Ишқободу Олмаото бурда мефурӯхтанд ва даромад ба даст меоварданд. Ҳамин тавр, ин заминҳои наздиҳавлигӣ, аз як сӯ, хонаводаҳои мардумро бо сабзавот таъмин намояд, аз сӯи дигар, фурӯши меваи он даромаде медод, ки мардум камиҳои дигари рӯзгорашонро аз он ҳисоб буд мекарданд. Ғайр аз ин, ҳамаи сокинон чорвои хонагӣ доштанд, ки хӯроки он аз заминҳои наздиҳавлигӣ буд ва он дар навбати худ, хоҷагиҳоро бо гӯшту шир таъмин мекард. Ба назари ман, ин заминҳои наздиҳавлигӣ бештар аз музди меҳнати колхозӣ ба мардум даромад медоданд ва бори рӯзгорашонро мекашиданд.

Мардуми деҳа меҳнатдӯст буданд. Ин меҳнатдӯстӣ тавъам бо суннатҳои устувори бобоӣ ва сиёсати ҳукумати давр боис шуда буд, ки мардум бештар дар деҳа пойбанд шуда, камтар аз паи омӯзиш ва илму фан мерафтанд. Илова бар ин, сиёсати «сабти ном дар ҷои истиқомат»-и давлати вақт иҷозаи муҳоҷират намедод, дар натиҷа мардум ба истилоҳ дар як мамнӯъгоҳе

мезистанд. Тибқи сиёсати сабти ном дар ҷои истиқомат, ё ба истилоҳи он замон роиҷ – «прописка», дар Иттиҳоди шӯравӣ мақомот муҳоҷирати мардумро шадидан назорат мекарданд ва тағйири ҷои истиқомати шаҳрвандон фақат бо иҷозати мақомот имконпазир буд. Хатмкардагони мактаби деҳа ба мактабҳои олӣ дохил шуда, онро хатм кунанд ҳам, аксаран, бо роҳхат ба зодгоҳ фиристода мешуданд. Барои онҳо маскун шудан дар шаҳрҳо ё идома додан ба таҳсил кам муяссар мешуд.

Умуман, ҷомеаи Панҷрӯдро метавонем ҷомеаи суннатӣ ном барем, ки дар он танзими ҳаёт аз рӯйи расму русум ва урфу одат амалӣ мешавад. Одамон дар ин ҷомеа бештар дар ҳалқаи қавму авлод зиндагӣ мекунанд, ки он яке аз омилҳои пойбанд мондан ба ин расму русум мебошад.

Дар чунин ҷомеае инсон пойбанди як қатор урфу одатҳо аст, онҳоро муқаддас мешуморад ва ҳеч гоҳ ба шикастани онҳо даст намезанад. Зимнан, расму русум дар ҷомеа дар замонҳои гуногун зери таъсири шароити зист пайдо мешаванд. Масалан, серфарзандӣ дар Панҷрӯд замоне расм шудааст, ки маргумири кӯдакон ба сабаби шароити бади беҳдошт зиёд будааст. Ҳатто, дар байни мардум мақоле ҳаст, ки мегӯяд: «Як фарзанд фарзанд нест». Ё, падидаи маҳдуд зистани сокинони деҳа ва аз муҳоҷирату омезиш бо мардуми берун худдорӣ кардани онҳо, маҳсули замони турктозӣ ва хатарзо будани дунёи берун будааст.

Дар чунин ҷомеаи суннатгаро ақли салим ҳукмфармоӣ мекунад ва ба фарқ аз тафаккури мантиқӣ, падидаҳоро таҳлил намекунад, ба ботини онҳо наменигарад ва маҷмӯи рафтору кирдори роиҷро бе таҳлилу баррасӣ қабул намуда, иҷрои онро аз ҳамагон талаб мекунад.

Ҳамин тавр, сокинони Панҷрӯд низ дар замони кӯдакии ман ба тағйири шароит нигоҳ накарда, ба урфу расми бобоӣ арҷ гузошта, дар чорчӯби онҳо зиндагӣ мекарданд.

Замони баччагии ман сокинони деҳа ҳама ба ҳамдигар қарин буданд, меҳру муҳаббат доштанд ва доим аз ҳоли ҳам хабардор, гӯё дар як оилаи бузурге мезистанд. Аслан, сокинони деҳа тақрибан ҳама бо ҳамдигар робитаи хешу пайвандӣ доранд. Фикр мекунам агар дуруст таҳқиқ шавад, мисли насли инсон, ки аз як момову (Ҳавво) бобо (Одам) ҳастанд, ҷадди ҳамаи сокинони Панҷрӯд ҳам рафта, ба сулолаи Устод Рӯдакӣ мепайвандад.

Хонаи мо дар гузари Қалъаи Кӯҳна дар қисмати ғарбии деҳа ҷойгир шудааст. Пас аз он фақат ҳотаи аммаам аст, ки аз болои он ҷӯи Тарноваҳо мегузарад. Баъд аз он ҷӯй, тали Чингреза оғоз шуда, боло меравад ва ба Кӯҳи Соя мепайвандад. Баҳорон, баъд аз Наврӯз, вақте ба мо иҷозат медоданд, ки шабҳо дар берун, дар рӯи кат бихобем, садои форами оби ҷӯйборе, ки аз ҷӯи Тарноваҳо ба хонаамон мефуромад, моро алла мегуфту субҳҳо чаҳ-чаҳи булбулоне, ки ҳар баҳор дар шохҳои дарахтони сафедор маъво мегирифтанд, аз хоб бедор мекард. Ҳанӯз ҳам дилам барои он замону макон гум мезанад.

Дар деҳаи мо Наврӯзро пуршукӯҳ ҷашн мегирифтанд. Ҳар сол мо – баччаҳо рӯзи аввали ин идро бесаброна интизор мешудем. Дар болои хонаи мо дар шафати тали Чингреза ҳамворие ҳаст, ки онро Хирманҷой меноманд. Як нафар аз сокинон рӯзи аввали Наврӯз ба ин баландӣ баромада, дойра мезад ва мардумро аз омадани Наврӯз хабар мекард. Баъд аз он дар давоми як ҳафта ҳар рӯз духтарон бо сарулибоси нави наврӯзӣ ба Хирманҷой меомаданд ва дойразаниву сурудхонӣ мекарданд. Баччаҳо гурӯҳ-гурӯҳ мувофиқи синну сол ҷамъ шуда, чиликбозӣ мекарданд. Ба мо дар Наврӯз ҳатман либоси нав мехариданд ва як ҳафта, ки ҳамаи ҷавонони деҳа дар ин ҷой базму бозиҳои наврӯзӣ мекарданд, аҳли деҳа барои баччаҳо дастархон мефиристоданд. Ҷашни Наврӯз то як ҳафта бо ҷӯшу хурӯши хос идома меёфт, вале асари фараҳе, ки он ба дилҳо меовард, дуру дароз боқӣ мемонд.

Дар яке аз рӯзҳои Наврӯз дар масҷиди деҳа «Ҷуфти гов» ном маъракае баргузор мешуд, ки дар он мӯйсафедони деҳа ба деҳқонон барои кишти нав фотиҳа медоданд ва мавсими киштукори онсола оғоз мешуд. Дар кори кишоварзӣ деҳа ба ду гурӯҳ тақсим буд ва ин гурӯҳҳоро саркорон роҳбарӣ мекарданд. Ҳамин саркорону деҳқонон дар ин рӯз дар масҷид ҷамъ шуда, тарзи кору бори кишоварзии имсоларо машварат мекарданд. Тоза кардани ҷӯйҳо, шудгор кардани заминҳо, ба кадом зироат ихтисос додани ин ё он қитъа, тақсими кор байни аъзо ва ғайра дар ҳамин маърака баррасӣ ва ҳал карда мешуд. Баъд аз ин ҳама яке аз пирон хеста, порае аз Қуръонро қироат карда, барои Бобои Деҳқон аз худованд обу ҳавои мусоид ва ҳосили фаровон таманно мекард ва ҳама даст ба рӯй кашида, аз паси кор мешуданд.

Хонатаконӣ яке аз расмҳои наврӯзӣ буд. Модарони деҳ, ки соҳибхона буданд, бо ёрии духтарон, пеш аз иди Наврӯз тамоми бисоти хонаро берун мебаровarданд, фаршу палос ва либосҳоро аз чангу гард метаконданд, дегу косаро тоза мешустанд ва гӯё ғаму кулфати соли рафтаро аз хона берун мекарданд ва бо рӯҳи тоза, зиндагӣ дар соли навро шурӯъ мекарданд.

Баччагии ман дар ана ҳамин «Деҳаи тиллоӣ» гузаштааст.

## *БОБОҶОН*

Бобои Абдухолиқи ман соли 1888 таваллуд шуда, 88 сол умр дида, соли 1976 вафот кардаанд. Он кас писари Зарифи Панҷрӯдӣ, набераи Бобо Ҳусейн будаанд. Номи падари Бобо Ҳусейн низ Абӯҳусейн будааст ва ба ӯ номи падарашро гузошта будаанд. Номи пушти дигарии мо Абулҳасан будааст. Ҳамин тавр, ман писари Абдулҳамид, набераи Абдухолиқ, абе-

раи Бобои Зариф, чабераи Бобо Ҳусейн, кабераи Абӯҳусейн, надидаи Абулҳасани панҷрӯдиям.

Аз қавли бобоям дар «Донишномаи Рӯдакӣ» ривояте сабт шудааст, ки чил нафарро аз хонадони мо аз авлоди Рӯдакӣ зикр карда, номи чанд нафарро, ки бо номи Устод оғози ҳамгун доранд, мисол овардаанд.

Бобои Абдухолиқ шаш писар ва се духтар доштанд. Номи писаронашон Абдулҳомид, Абдулҳамид, Абдунабӣ, Абдулмалик, Абдулазиз ва Абдулмаиз, номи духтаронашон Матлаб, Рафоат ва Исмоат буд, ки аз ин байн ҳоло танҳо амаки аз ҳама хурдиам Абдулмаиз барҳаётанд. Худо бар умрашон бияфзояд ва рафтагонро раҳмат кунад.

Бибии падарии ман Холбибӣ Муҳаммадюсуф ном доштанд. Соли 1972 дар 65-солагияшон вафот кардаанд. Дар кӯдакияшон падарашон фавтидааст ва модарашон, ки Қумрӣ ном доштааст, шавҳар кардааст. Амакашон мулло Абдурасули Закун, ки дар Бухоро амалдор будааст, бибиямро гирифта, калон кардааст. Номи Мулло Абдурасул дар китоби «Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро»-и Садриддин Айнӣ зикр шудааст. Қиссаи ба номи ӯ часпондани лақаби «Закун» ин аст, ки яке аз наздикони ӯро дар Самарқанд ҳукумати Русияи подшоҳӣ зиндон карда будааст. Мулло Абдурасул вакил гирифта, қонунан бегуноҳии наздикашро исбот ва ӯро аз ҳабс озод кардааст. «Закун» талаффузи вайроншудаи вожаи «закон»-и русӣ аст, ки маънояш қонун мебошад. Мардуми Бухоро ӯ бо «закун» наздикашро озод кард гуфта, ба ӯ ҳамин лақабро часпонда будаанд.

Соли 1976 вақте ки бобоям даргузаштанд, ман 9-сола будам. Мо ӯро «Furобоҷон» мегуфтем. Furобоҷон қомати баланд ва мавзун, риши кӯтоҳ ва чеҳраи зебои нуронӣ доштанд. Сарулибосашон ба расми мардони дараи Киштӯд, аз куртаву шалвори сафед ва рӯйпӯши яктаҳ дар тобистон ва ҷомаи гарм дар зимистон иборат буд. Ҳамеша калӯшу маҳсии хиром пӯшида, асо ба

даст гирифта мегаштанд. Хотираҳои ман аз бобоям бештар лаҳзавист. Лаҳзаҳои ширини субҳонахӯрӣ бо он кас, шӯхиҳояшон бо бибиам, аспсавориашон дар хотирам мондааст. Вале аз забони калонсолон дар бораи бобоям баъзе чизҳоро шунидаам, ки онҳоро ҳикоят мекунам.

Дар замони баччагии ман дар Панҷрӯд асп нишонаи дорандагӣ буд. Бо омадани мошин асп аҳаммияти худро ҳамчун воситаи саворӣ аз даст дода бошад ҳам, баъзеҳо асп доштанд. Furbobo ҳамеша асп доштанд ва ин суннат то имрӯз дар хонадони мо нигоҳдорӣ мешавад. Дар дараи Киштӯд аспҳои хонадони мо ҳамеша яке аз беҳтаринҳо буданд. Ман ду аспи Furbobоро ёд дорам, ки ҳарду тозӣ ва машҳур буданд. Яке аспи кабуд бо холҳои тангамонанди сафед ва дувумӣ саманди тиллоранг. Инҳо ҳарду аспҳои тозии саркашу чамуш буданд ва дар тавила нигаҳдорӣ мешуданд ва ба мо иҷозат намедоданд, ки ҳар вақт хоҳем, онҳоро саворӣ кунем. Аспи кабуд ҳанӯз дар замони зиндагии Furbobo мурд, вале аспи саманд баъд аз даргузашти Furbobo ҳам, солҳои дароз ҳамчун ёдгорӣ аз ӯ дар хонадони мо монд.

Ман аз баччагӣ ба аспсаворӣ шавқ доштам. Бешак, дар муҳаббати ман ба асп ғайр аз аспдории хонадонамон, достонҳои қаҳрамонии устураҳои миллии мо низ нақш доштааст, чунки дар аксари онҳо асп яке аз ёрони бовафои қаҳрамонон ба қалам дода шудааст. Масалан, Рахши Рустам як намоди дӯстии содиқонаи байни аспу соҳибаш буда, хонандаро мафтуни ин ҷонвар мегардонад.

Тобистонҳо аспдорони Киштӯд, аспҳои худро ба чарогоҳ сар медоданд. Ман бо амакбаччаву аммабаччаҳоям, ки низ шавқи аспсаворӣ доштанд, асперо дошта, як ресмончаро ба даҳонаш чун лаҷом андохта, пушти луч савор шуда, табъи дил аспдавонӣ мекардем.

Дар даврахои гуногун, ҳукумати Шӯравӣ борҳо молу мулки одамонро мусодира кардааст. Дар замони ҷанги солҳои 1941-1945 як аспи Бобоҷони маро низ мусодира кардаанд ва қиссаи ин асп хотирмон буд. Мегуфтанд, ки ин як аспи бадхӯй будааст, ки ба ғайр аз бобоям касеро ба наздаш роҳ намедодааст. Бобоям он аспро хеле дӯст медоштаанд ва хоҳиши писаронашонро, ки онро иваз кунанд, намепазируфтаанд.

Ривоят мекарданд, вақте ки марди русе барои мусодира ва бурдани асп омад, ба андоми асп ларза афтод, аз бадхӯиву аъмоли тарсафкани он чизе намонд. Марди рус аспи саркашро ба мисли як хари ром аз оғил бароварда, лаҷом заду савор шуда рафт. Мавлонои Румӣ фармуда:

Чу дил дилӣ нанамояд, ҷигар чӣ суд кунад...

Бузкашӣ дар замони баччагии ман хеле маъруф буд. Аспдорон бо аспҳои худ ҳамеша дар ин маъракаҳо иштирок мекарданд ва аспҳоро ба бузкашҳо, ки онҳоро «човандоз» меноманд, дода, худашон ҳаводорӣ мекарданд. Бузкашӣ як бозии бераҳмона буда, дар он човандозҳо лошаи бузро аз замин бардошта ё аз дасти ҳамдигар дар рафти дави асп кашида гирифта, ба марра расонда, дар ҷои муайяне мепартоянд ва ҷоиза мегиранд. Човандозҳо либоси ғафси махсус мепӯшанд, зеро ин як бозии хатарнок ва осебрасон аст.

Амакам нақл карданд, ки боре бобоям дар як бузкашӣ ба писарашон гуфтаанд, ки аспро бурда ба човандоз диҳад. Писарашон баргашта гуфтааст, ки човандоз дар фалон асп савор буду нахост аспи моро саворӣ кунад. Ин ба иззати нафси бобоям расида, он кас ба синни болояшон нигоҳ накарда, бе либоси махсус ба асп нишаста, ду бор паиҳам барандаи он мусобиқа шудаанд.

Дар солҳои сиюм вазъи хонаводаҳои Панҷрӯд хеле бад будааст. Мардум аз ноилоҷӣ барои ёфтани қути лоямут ба мар-

дикорӣ мерафтаанд. Бобоям як рӯз дар роҳи баргаштан ба деҳ амакбаччаашонро вомехӯранд, ки ҳамроҳи чанд нафари дигар аз деҳ баромада мерафтаанд. Вақте аз мақсади онҳо огоҳ мешаванд, ки ба мардикорӣ равонанд, аз рӯи асп бо як ҳаракати даст писарамакашонро ба пушташон рӯи асп савор карда, «ҳоло ман намурдаам, ки хешбаччаи ман ба мардикорӣ ба дари мардум равад», гуфта ба хона меоранд ва ба ӯ чандто бузу гӯсфанд дода, ба рама чӯпон мекунанд ва мегӯянд:

– Ин чанд сар мол ҳаққи ту, агар хонаат танг аст, ними хонаамро медиҳам, рӯзгоратро ҳамин ҷо обод кун, дари хонаи мардум мардикорӣ нарав!

## *МАРДИКОРӢ*

Мардикорӣ гӯё дар марҳалаҳои душвор ҷони халқҳоро аз гушнамурӣ харидааст. Вале аз ҳикояе, ки дар робита бо Species Бобоҷон ривоят мекунанд, маълум мешавад, ки мардуми мо аз ночорӣ ба он рӯй меовардаанд. Дар асл онро мояи нангу ор медонистаанд.

Солҳои аввали соҳибистиқлол шудани Тоҷикистон низ мардикорӣ, ки ба ибораи дигар онро «муҳоҷирати меҳнатӣ» меноманд, ҷони мардумро харид. Баъд аз фурӯпошии давлати Шӯравӣ ду-се соли аввал мардум чашм ба роҳи таъминоти давлат нишастанд ва чун диданд, ки дигар давлат нотавон ва нони аз донаи ҷорӯбу ҷав пухташуда қобили хӯрдан нест, рӯй ба мардикорӣ ниҳоданд. Ин мардикорӣ иҷборӣ буд ва ин дафъа баръакс мардум сари номус омада, миён бастанд, муҳоҷират карданд ва заҳмату машаққати ғарибӣ ва муздуриро таҳаммул карда, оилаву наздикони худро аз гушнагӣ наҷот доданд. Гӯё ин байти Хоҷа Ҳофиз ин дарди дили мардумро баён мекард:

*Шаҳр холист зи ушшоқ, бувад, к-аз тарафе*
*Марде аз хеш бурун ояду коре бикунад.*

Дар оғоз аксари кулли муҳоҷирон дар бозорҳо ҳаммоливу муздурӣ мекарданд. Ҳаммолон дар даромадгоҳи бозор ҷамъ меистоданд ва ба маҳзи пайдо шудани харидор ба сӯи ӯ давида, хизмати худро пешниҳод мекарданд. Онҳо ҳама аробаҳои калони дучарха доштанд, ки дар он бори харидоронро бор карда, то мошинаш бурда, музд мегирифтанд. Ин ҳаммолӣ ҷони мардуми тоҷикро аз гушнамурӣ наҷот дода бошад ҳам, дар натиҷа моро дар чашми мардуми кишварҳои шӯравии собиқ хеле ҳақир кард.

Боре дар Маскав ба бозори *Лужники* барои дидани як нафар рафтам ва аз теъдоди зиёди ҳаммолони тоҷик дар шигифт афтодам. Вақте ки дар растаи бозор интизори он нафар меистодам, як ҳамдеҳаамро дидам, ки аробаи бузурге дар даст аз паси харидоре зоракунон мерафт, то ӯро ба хизмат бигирад. Ӯ ба сабки ҳаммолон болопӯши гармро ба дохили шалвораш андохта, мӯзаҳои резинии соқбаланд пӯшида буд. Ногоҳ чашмаш ба ман афтид ва зуд нигоҳашро гурезонда, аз раста гузашт ва баъд аз лаҳзае ба саломкунӣ ба наздам омад, ки аллакай либосҳояшро танзим карда буд. Болопӯшро аз рӯи шалвор ба таври маъмулӣ фуроварда ва соқи мӯзаҳоро низ зери шалвор карда буд. Маълум буд, ки аз ҳаммолӣ шарм мекунад, дар ҳоле ки аз назари ман ин кор бадие надошт, ба шарте, ки муваққатӣ ва барои ба даст овардани имконият барои кори беҳтаре бошад.

Хушбахтона, истеъдоди азалии бачаҳои тоҷик имкон дод, ки баъдан, дар зарфи 3-4 сол аксаран дар Русия соҳибкор шаванд ё кори муносиб пайдо кунанд, вале мутаассифона, зеҳнияти ҳақорати дар солҳои аввал пайдошуда, ҳанӯз ҳам дар чашми халқҳои дигар нисбат ба мо – тоҷикон ҳифз шуда, ки озордиҳанда аст.

# ШАРОБХОРӢ

Дар Панҷрӯди замони бобоҳои мо шаробхорӣ вуҷуд надоштааст. Падарони замони бобоям шаробхориро аслан қабул надоштаанд ва шаробхории писаронашонро ҳеч гоҳ таҳаммул намекардаанд. Аксари падарҳои замони падарам худашон шароб нахӯранд ҳам, ба шаробхории писаронашон аз паси панҷа менигаристанд. Ағлаб падарони замони ман бо писаронашон ҳамқадаҳ ҳастанд.

Рӯзе яке аз амакҳоям маро, ки ҳамроҳашон будам, ба мошини тағоям савор карда, ба мавзеи хушобуҳавои истироҳатии Куррабанд, ки 5-6 километр ҷанубтар аз деҳа, дар роҳи Кӯли Калон воқеъ аст, бурданд. Ман дар сари зонуи амакам менишастам, тағоям мошин меронданд. Шояд он замон ман 4-5 сола буда бошам. Дар ин мавзеъ дӯстони амаку тағоям пеш аз мо расида ба пухтупаз ва истироҳат машғул буданд. Амаку тағоям низ ба онҳо пайваста, дастархон густурданд ва ба зиёфатхӯрӣ нишастанд. Ман ба бозӣ машғул шудам, онҳо ҳар замон маро даъват карда, чизе барои хӯрдан медоданд. Тарафи бегоҳ мо боз ба мошин нишаста, ба деҳ сарозер шудем. Онҳо байни худашон суҳбат мекарданд ва баланд-баланд механдиданд. Гоҳ-гоҳ бо ҳам русӣ суҳбат мекарданд. Ман маънои калимаҳои русиро намефаҳмидам, вале онҳо аҷиб садо медоданд. Дар зеҳнам калимаҳои ҷолибашро такрор мекардам.

Вақте ба деҳа расидем, тағоям ману амакамро фуроварда, худашон бо мошин ба хонаашон рафтанд. Амакам ба хона равон шуданд ва ман аз пасашон давида мерафтам. Роҳи хонаи авлодии мо, ки амакам ҳам он ҷо мезистанд, аз кӯтали Усто Сангин боло мерафт. Ман каме ақиб мондам. Вақте расида, аз дарвоза даромадам, Furbоҷонро дидам, ки бо асабоният рӯи ҳавлӣ қадам зада, бо садои баланд касеро дашномборон мекарданд:

– Дафъ шавад, ман аз ҳафт пушти ин хел фарзанд безорам! Ҳаромхӯр, хонаву дарамро ҳаром кард! Ман чӣ хел ба чашми мардум нигоҳ мекунам?! Ҳама мегӯяд, ки писари Абдухолиқ вудка хӯрдааст! Ман аз ин хел писар безорам! Ҳе, вудка сарата хурад! Дар чархи мошинат хок! - Бобоҷон аз хашм якбора асои дасташонро ба тирезаи хона заданд, ки шишаҳои он шикаста, ҷарангос зада рехт. Ман, ки фарзанди эркаи хонадон ва ҳамеша мавриди навозиши бобоям будам, ӯро ҳеч гоҳ асабонӣ надида будам, фақат ҳамин қадар фаҳмидам, ки ҳамон калимаи русии вудкаи дар мошин чанд бор такрор кардаи тағову амакам сабаби хашми Бобоҷон шудааст. Аммо ба гуфти шоир Парвини Эътисомӣ:

*Маро дар кӯдакӣ шавқи дигар буд,*
*Хаёлам з-ин ҳаводис бехабар буд.*

## *БОБОИ СУЛТОНАЛӢ*

Дар доманакӯҳҳои Панҷрӯд ҳамвориҳое ҳастанд, ки онҳоро Хирманҷой меноманд. Яке аз хирманҷоҳои кӯҳи Соя Парпод ва хирманҷои кӯҳи Офтобрӯя Сари Даштӣ ном дошт. Ҳар сол дар яке аз ин доманакӯҳҳо колхоз ҷаву гандуми лалмӣ мекорид. Даравгарон ҳосилро даравида оварда, дар ҳамин ҳамвориҳо хирман мекарданд ва хирманкӯбон онро бо аспон ё барзаговон кӯфта, бод дода, ҷаву гандумро аз хасу коҳ ҷудо мекарданд ва дар ҷуволҳо гирифта, кашонда бурда ба анбори колхоз мерехтанд.

Падари модарам бобои Султоналӣ, солҳои бачагии ман масъули хирмани колхоз буданд. Номи падари бобоям Муҳаммадраҷаб будааст. Ман сари хирман рафтанро дӯст медоштам. Сурудҳои хирманкӯбон хеле форам буд ва ба аспони хирманкӯб савор шудан бароям маъқул.

Хирманкӯбон бо як садои ҳазин «Ҳӯп-ҳӯп, майда-майда кӯб-кӯб»-ро нақарот карда, ягон дубайтии халқиро месароиданд. Масалан:

*Сари сарчашма рафтам ман ба вақте,*
*Ба оби дида бишнондам дарахте.*
*Ҳӯп-ҳӯп, майда-майда кӯб-кӯб,*
*Ҳӯп-ҳӯп, майда-майда кӯб-кӯб.*
*Шамол омад, дарахтам решакан шуд,*
*Мани мискин надорам ҳеч бахте.*
*Ҳӯп-ҳӯп, майда-майда кӯб-кӯб,*
*Ҳӯп-ҳӯп, майда-майда кӯб-кӯб...*

Бобоям шеър зиёд медонистанд ва онҳоро бо ҳамин нақарот, бо як оҳанги ҳазин, ба савти хос месароиданд. Ман садои бобоямро бисёр дӯст медоштам. Ғайр аз ин, худашон шоиртабъ буданд ва мо набераҳоро бо шеъргунаҳои худашон дӯстӣ мекарданд;

ба бародарам Абдулмаҷид, ки як каме сергӯшт ва ранги пӯсташ сафед буд:

*Холахамири бобош,*
*Кулчафатири бобош...*

Ба бародари дигарам Абдуҳалим, ки газгӯшт буд:

*Қоқи бобош,*
*Чоқи бобош...*

Ба ман, ки ба назарашон гӯё пургӯшт менамудаам:

*Ғурраи бобош,*
*Тӯраи бобош...*

- гуфта шеър мебофтанд, ки ба ман калимаи ғурра таҳқиргуна менамуд ва қаҳр мекардам.

Аз қавли он кас дар китоби «Фолклори диёри Рӯдакӣ» шеъри Сайидои Насафӣ:

*Дар дили мо гар намеоӣ, ба чашми мо биё,*
*Аз муҳит андеша дорӣ, бар лаби дарё биё!*
*Хок дар чашмам занад наззора ҳамчун гирдбод,*
*Эй насими пираҳан, аз домани саҳро биё.*
*Синаро чун лола аз доғат чароғон кардаам,*
*Дар чаман баҳри тамошо, эй гули раъно биё...*

сабт шудааст.

Аксаран, ҳамроҳи бобоям пирамарде бо номи Бобои Элдӣ хирманкӯбӣ мекард. Ман баъзан ба онҳо хӯрок мебурдам. Боре, вақте ман ба сари хирман ба хирманҷои Сари Даштӣ рафтам, бобоям ба ман фармуданд, ки ба Бобои Элдӣ дастёрӣ кунам ва худашон ба деҳа фуромаданд. Ман бо Бобои Элдӣ то бегоҳ хирман кӯфта, пеш аз торикшавӣ нону чой хӯрда, барои хобидан дароз кашидем. Бобои Элдӣ ба ман қисса нақл кард. Афсонаи ӯ пур аз деву аҷина ва саҳнаҳои тарснок буд. Ин деву аҷинаҳо ба қавли ӯ дарёро ҳӯрт мекашиданд. Ҳатто метавонистанд ҳамин хирмани гандуми моро ба як бор хӯрда тамом кунанд. Дар ҳамин асно як садои тақ-тақ баромад, ки ба мо наздик мешуд. Бобои Элдӣ сахт тарсида ба ман:

– Ана аҷина омад, чакманро ба рӯят каш, мон хӯрад, як халта-ду халта мехӯрдагист, мон хӯрад, гум шавад, - гуфта сарашро бо ҷома пӯшонда, руст шуд. Маро ҳам ки чакманро ба сар кашида будам, ваҳм зер кард. Садо торафт наздик ва баланд

мешуд. Ниҳоят ба сари хирман расида қатъ шуд. Мо нафасҳоро дарун кашида қатъ кардем. Як садои хиш-хиш баромад, ки дар зеҳни ман саҳнаи хартумашро монда гандумро кашидани девро эҷод кард.

– Элдибой! - садои бобом баланд шуд.

Бобои Элдӣ:

– Э, ин сабил номи маро ҳам медонад, - гуфта пичиррос зад.

– Бобои Элдӣ, бобом омаданд, бобои Султоналиям, - гуфтам ман чакманро аз рӯям партофта.

Бобом ҳунари дуредгарӣ доштанд. Устохонаи муҷаҳҳаз доштанд ва аз чӯб табақ ва дигар ашёи зарурии рӯзгорро метарошиданд. Дар китоби мактабии мо як шеъри бачагона аз шоири бачагон Убайд Раҷаб оварда шуда буд, ки ин тавр сар мешуд:

*Бобои ман Усто Амон,*
*Устои хуби деҳамон.*
*Месозад ӯ ҳар гуна чиз,*
*Сандуқчаву ҷевону миз...*

ва аз ҳунари Усто Амон таъриф мекард, ки гӯё дар васфи бобои Султоналиям суруда шуда бошад.

Бобом ду писару се духтар доштанд. Номи тағоҳоям Шодмонбой ва Муртазо, номи модарам Руҳия ва номи холаҳоям Саломат ва Раҷаббибӣ аст, ки аз ин байн холаи азизу меҳрубони ман Саломат ба раҳмати ҳақ пайвастаанд. Худо рӯҳашонро шод ва умри дигаронашонро дароз гардонад! Худи бобои модариям соли 1914 таваллуд шуда, 78 сол умр дида, соли 1992 вафот кардаанд. Рӯҳашон шод бод!

## *ОИЛА*

Ман 20 декабри соли 1966 ба дунё омадаам. Дар гузашта тоҷикон рӯзи таваллудро ҷашн намегирифтаанд ва аслан ба он хеле аҳаммият ҳам намедодаанд. Фарзанд асосан дар хона таваллуд мешудааст ва шаҳодатномаи таваллудашро ҳар вақт, ки фурсат ёфтанд, мегирифтаанд. Чун, пас аз муддате, моҳҳо ё ҳатто солҳо баъд, барои шаҳодатномаи таваллуд ба идораи сабти ном мерафтаанд, табиист, ки рӯзи дақиқи таваллуд дар ёдашон намемондааст, аз ин сабаб, як санаеро тахминан менавиштаанд. Агар насли ман ва бузургтарҳоро таҳқиқ кунед, мебинед, ки рӯзи таваллуди аксарият тахминӣ якум, панҷум, даҳум, бистум ва дигар рӯзҳои давр муқаррар шудааст. Рӯзи таваллуди банда ҳам, ки бистум аст, шояд аз ҳамин силсила бошад.

Оилаи мо мисли аксари хонаводаҳои дигари деҳа серфарзанд буд. Ҳукумати Шӯравӣ барои таваллуди ҳар фарзанд пул ва медол медод ва модарони серфарзанд аз имтиёзҳое ҳам бархурдор буданд. Тибқи урфу одати дерина, фарзанд барои оила қувваи корӣ ҳисоб мешуд ва падарони серфарзандро «бойу бадавлат» мехонданд. Ин ду омил ба ҳам омада, сабабгори серфарзандии оилаҳо шуда буд.

Дар оила мо даҳ фарзанд будем. Ду хоҳар ва ҳашт бародар. Як хоҳаркалон дорам ва як хоҳари хурдӣ, се бародари калону чор нафар хурд. Мутаассифона, замоне, ки ман ин сатрҳоро менависам, ду бародари калонам ба раҳмати ҳақ пайвастаанд. Худованд зиндагии боқимондагонро бақо бахшад.

Ман бо хоҳари калониам – Ибодат, бародари як зина аз ман калонӣ – Абдуҳалим(р) ва як зина хурдӣ – Абдулҳаким алоқа ва робитаи бештар доштам. Бародари бузургам Абдунаим(р) 6 сол аз ман бузургтар буда, бештар бо ҳамсолону дӯстони худаш алоқа дошт. Абдумаҷид – бародари дигарам, ки ду сол

аз ӯ хурдтар аст, касалманд аст. Бародарони дигари хурдиям Абдуҷобир, Абдураҳим ва Абдушофеъ ва хоҳарам Инобат ба сол аз ман хеле хурдтаранд ва ин фосилаи синнусолӣ ба наздикии мо каме асар гузоштааст. Онҳо ба ман ҳамчун бародари бузург бо эҳтироми хоси панҷрӯдӣ муносибат мекунанд ва фосила нигоҳ медоранд. Муносибати байни одамон дар Панҷрӯд ба синну сол рабти қавӣ дорад. Касони ба сол аз худ калонро ҳатман эҳтиром мекунанд ва фосила нигоҳ медоранд, калонсолон дар навбати худ вазифадоранд, ки барои аз худ хурдтарҳо намунаи одобу ахлоқи нек бошанд.

Падарам мутахассиси заминшинос (геолог) буданд ва корхонаашон дар кӯҳҳои минтақа ба кофтукоби маъданҳои зеризаминӣ машғул буд. Ба фарқ аз дигар мардони деҳа, ки дар колхоз кор мекарданд ё дар мактаби деҳа дарс медоданд, ҷойи кори падарам дур аз хона, дар ноҳияи Айнӣ буд ва аз ин сабаб он кас дар ҳафта панҷ шабонарӯз дар кор буданд ва танҳо рӯзҳои шанбеву якшанбе дар хона ҳузур доштанд. Падарам маоши хуб мегирифтанд ва зиндагиямон хеле хуб буд. Он кас шахси камгап, ҷиддӣ ва босалобат, барои мо фарзандон як намунаи ибрат буданд. Мо ҳама фарзандон, ҳаройина саъй мекардем, ки падар аз мо розӣ бошанд ва ин ангезаи асосии мо барои худдорӣ аз корҳои номатлуб ва саъйу кӯшиш дар корҳои хуб буд. Бадтарин ҷазо барои мо он буд, ки падар аз ягон кори бади мо огоҳ шаванд. Як нигоҳи падар кофӣ буд, ки мо болу пар барорем ё ғарқи обу арақ гардем.

Умуман, нақши шахсияти падар дар оилаи тоҷик, дар тарбияи фарзанд хеле муҳим аст. Ҷомеаи тоҷик падарсолор буда, фитрати азалияш имкон додааст, ки ин омил барои тарбияи оилавии фарзанд ба таври шоёни таҳсин истифода шавад. Модари тоҷик аз падар барои фарзандон намуна месозад ва онро чун як абзори тарбиявӣ хеле муассир истифода мебарад. Воқеан, ин омил барои тарбияи насле, ки давлат ниёз дошт,

хизмати арзанда кардааст ва аз миллати тоҷик як қувваи хуби тавлидкунандаи ашёи хоми мавриди ниёзи давлат сохтааст. Агар имрӯз, ки тақозои замон дигар шудааст, дар оилаи тоҷик донишмеҳварӣ намуна шавад, ба зудӣ модари тоҷик нобиғаҳо ба дунё хоҳад овард!

Модарам ба истилоҳи онзамона «соҳибхоназан» буданд. Тамоми ташвиши рӯзгор ба дӯши эшон буд. То замоне, ки мо дастёр шудем, амаку тағоҳоям ба кори хона ёрӣ мекардаанд. Вақте мо дастёр шудем, модарам корҳои хонаро бештар ба мо фармуда, худашон роҳбарӣ мекарданд.

Хонаи мо дар Панҷрӯд 3-4 сотих замини наздиҳавлигӣ дошт. Дар як кунҷаш боғи себу зардолу доштем ва қисмати дигарашро барои рӯёндани сабзавоту полезӣ истифода мекардем. Аҷиб он буд, ки агар аз ҳамин 3 сотих замин 1-1,5 сотихаш зери дарахтон бошад, аз он 1,5-2 сотихи дигар мо тамоми зироати мавриди ниёзи оилаамонро барои кулли сол таъмин мекардем.

Поруи чорвои хонагиамонро ҳар сол дар як кунҷи замин анбор карда, ба рӯяш хок кашида мемондем, ки он то соли дигар пӯсида тайёр мешуд. Баҳорон, пеш аз ҳама бо фармони падар ва зери назари модарам мо тамоми заминро порупӯш мекардем. Занбарро аз пору пур карда, дар сартосари замин қатор-қатор мерехтем. Барои ман, ки бачаи камқувват будам, порукашонӣ хеле сахт буд. Занбари вазнин аз дастам меафтид ва борҳо ҳадафи сарзаниш қарор гирифтаам.

Умуман, раванди тарбия дар оилаи тоҷик таврест, ки то синни мактабӣ нози бачаро мекашанд ва ноздона парвариш мекунанд. Вале тақрибан, пас аз шаш-ҳафтсолагӣ тамоми корҳои сангинро ба дӯшаш мегузоранд ва аз ӯ ҳамчун як қувваи кории том истифода карда, обутоб медиҳанд. Ин сиёсати хубест, ки ҳам эътимод ба нафси кӯдакро дар хурдӣ намешиканад, ҳам ҳангоми наврасӣ ӯро обутоб дода, ба сахткӯшӣ қарин мегардонад.

Баъд аз порукашонӣ, поруро паҳн намуда, заминро якчанд бор побел мекардем, то ки хок бо пору омехта ва элпа шавад. Дар Панҷрӯд хоки нармро, ки барои кишт омода аст, элпа меноманд. Агар ин хокро ба каф бигиред, он ба даст намечаспад. Сипас, палҳо сохтаву ҷӯякҳо кашида, пиёзу сабзӣ, картошкаву лаблабу, бодирингу помидор, райҳону кашнизу шибит ва дигар зироати мавриди ниёзи хонадонамонро мекоридем. Аз ин замини хурд мо он қадар ҳосили хуб мегирифтем, ки барои тамоми сол мерасид. Ман ёд надорам, ки боре ҳам барои хона аз бозор пиёзу сабзиву картошка харида бошем.

Ин қитъаи замин дар пеши айвони хонаамон ҷойгир буд. Ҷӯяку палҳо ба тарзи хос тарроҳӣ мешуданд, ки аз диданаш кас лаззат мебурд. Инчунин осон шудани обёриву коркарди баъдӣ низ ба назар гирифта мешуд. Байни палҳо роҳрав гузошта, канораш ҷӯяк кашида, лаблабуву шалғам кошта мешуд, ки ҳам ба пал дастрасӣ бошад ва ҳам аз он чизе рӯёнда шавад.

Модарам гулро хеле дӯст медоранд. Дар назди хона як ҷӯяки дароз мекашидем ва модарам дар он гулу ҷорӯбу лӯбиё мешинонданд, гулҳои зебову хушбӯй õнчунон ҳавлиро оро медод, накҳаташон онқадр хуш буд, ки ҳанӯз ҳам аз машомам нарафтааст. Ҷорӯбе ҳам, ки модарам мекоштанд, гули зебое дошт ва хеле хушбӯй буд. Қади ин ниҳолҳои ҷорӯб баланд мешуд ва лӯбиёҳои дар бехи ҳар яки ин ҷорӯбҳои хушбӯй шинондашуда ба он печида, ҳамел-ҳамел мева меандохт. Тирамоҳ ниҳолҳои ҷорӯбҳоро даравида, аз онҳо дастаҳои ҷорӯб месохтанд, ки аз ҷорӯбҳои бозор камие надошт ва ҳар рӯз, ки хонаро ҷорӯб мезаданд, бӯи хушаш дармеомад. Аз ҳамон як ҷӯяки дароз модарам ҳам хонаро бо ҷорӯб таъмин мекарданд, ҳам чанд халтаи хурд лӯбиё мечиданд, ки онро хушк карда, дар тӯли сол дар ғизо истифода мекарданд. Мурчу қаланфур, райҳону шибиту кашнизро низ, ки «бӯгзор» меномиданд, ба андозаи кофӣ хушк ва захира карда, дар ӯғурча мекӯфтанд ва дар халтачаҳо гирифта,

дар сутуни айвон овехта мемонданд, ки барои хушбӯ кардани ғизо дар тамоми сол истифода мешуд.

Тавре ки зикр шуд, дар замони Шӯравӣ занҳоеро, ки мисли модарам, ба кори давлатӣ ва ё корҳои кишоварзии колхоз банд набуданд, «соҳибхоназан», яъне бекор меномиданд. Вале модарам ба истилоҳи худашон барои сархорӣ вақт надоштанд. Шустушӯй, пухтупаз, тоза кардани хонаҳо кори эшон буд. Бо ин ҳама серкорӣ тозагии мо аз назарашон дур намемонд, аз нохуни по то мӯи сар ҳамаро назорат мекарданд, илова бар ин, бегоҳҳо баъзан даъват карда дарсҳои моро ҳам аз назар мегузаронданд. Хеле ҳавсала доштанд!

Албатта, корҳои кишоварзиро мо мекардем, аммо роҳбариву назорат дар набудани падарам аз тарафи модарам анҷом мешуд, ки дар ин корҳо низ таҷрибаву малакаи кофӣ доштанд. Воқеан, ба маънои томаш, соҳибхоназан буданд.

Дар Панҷрӯд падару модароне буданд, ки фарзандони худро бо задан тарбия мекарданд. Ба назарам, бачаҳое, ки аз сӯи волидонашон лат мешаванд, бо ҳисси камбуди эътимод ба нафс бузург мешаванд. Ман боре ҳам зарби задани падар ё модарро эҳсос накардаам... На! Фаромӯш кардам, як бор як шаппотӣ аз падарам хӯрдаам. Ин воқеа ин тавр рӯй дода буд: Ман дар хурдӣ хеле нозпарвард, ба лаҳҷаи панҷрӯдӣ «эрка» будам. Падарам раиси бахши корхонаи заминшиносӣ буданд ва мошини хизматии боркаш доштанд. Рӯзҳои охири ҳафта, ки маъмулан, падарам дар хона буданд, ман лаҳзае аз он кас ҷудо намешудам. Ва рӯзи душанбе, вақти ба кор рафтанашон талош мекардам, ки маро ҳамроҳ баранд.

Боре, вақти ба кор рафтанашон ман то назди мошин аз пасашон давида рафтам. Падарам маро бардошта бӯсиданд ва канори роҳ гузошта, ба мошин савор шуданд. Вақте мошин равон шуд, ман, ки аз падарам ҷудо шудан намехостам, гирякунон давида ба чархи мошин часпидам. Ронанда фавран

мошинро боздошт. Падарам ба шаст аз мошин фаромада, маро аз чарх канда гирифта, як шаппотӣ ба рӯям заданд. Дигар доду фиғони маро ҳадду канор набуд. Падарам ин дафъа маро дар бағалашон то назди дарвозаамон бурда, бӯсида, ором карда монданд ва баргашта рафтанд. Ҷуз ин дигар ҳеч гоҳ падар ё модарам ба ман даст набардоштаанд.

## *ПАДАРАМ*

Чи тавре ки зикр кардам, одатан рӯзҳои корӣ падарам шабонарӯзӣ дар ҷои корашон буданд ва фақат охири ҳафта, рӯзҳои шанбе ва якшанберо дар хона мегузаронданд. Вале як нисфирӯзии корӣ ногаҳон аз дарвоза даромаданд. Боронӣ рӯи дасти росташон буд. Ман аз омаданашон хурсанд шуда, давида ба пешвозашон рафтам. Сари маро навозиш карда, гузашта ба хона даромада нишастанд, вале ҳанӯз ҳам боронӣ рӯи дасташон дар бағалашон буд. Модарам аз пасашон даромада, борониро гирифтанӣ шуда буданд, ки падарам бо дасти чап онро бардошта ба модарам доданд. Дасти росташон докапеч ва хунолуд буд. Модарам якбора ба ваҳшат афтода:

– Чӣ шуд, дастатона чӣ кор кардед? - гуфта пурсиданд.

– Ҳеч чиз, каме харош хӯрд, кас фирист, писари Усто Темура даъват кунад, - ҷавоб доданд падарам. Даврон – писари Усто Темури Самарқандӣ, донишҷӯи Донишгоҳи пизишкии Душанбе, он замон дар таътили тобистонӣ дар деҳа буд. Дар Панҷрӯд як оилаи самарқандиасл зиндагӣ мекард, ки оилаи ҳамин Усто Темур буд. Намедонам кай ва чигуна онҳо ба ин ҷо кӯчида омадаанд.

– Харошхӯрдая докапеч намекунанд, боз дока хунолуд! - ба фиғон идома медоданд модар. Ба берун баромада, касеро барои Даврон фиристоданд ва баргашта, парвонавор дар атрофи па-

дарам чарх мезаданд ва оҳу воҳ мекарданд. Падарам ба саволу фиғони модар эътиное накарда, маро навозиш ва бо ман бозӣ мекарданд.

Даврон ҳамроҳи амакам омад. Модарам бо хоҳиши падар аз ҷайби боронӣ як қуттиро гирифта ба назди падарам гузоштанд ва қайчиву тағораву матоъи суфи сафед ҳам оварда, ба Даврон доданд. Ба саволҳои амакаму Даврон, падарам:

– Дастгоҳ нарангуштамро каме харошид, духтури корхона гуфт, ки ба хона расӣ, духтурро даъват кун, як бор докаро кушода, дору молида, аз нав бандад, - гуфта ҷавоб доданд.

Маро, ки то ҳол дар канори падарам ба зонуяшон такя карда менишастам, модарам аз дастам гирифта ба даҳлез бароварда, таъкид карданд, ки халал нарасонам. Ман аз роғи дар тамошо мекардам. Даврон ба кушодани дока сар кард, падар бошанд дар ҳоле, ки дасти росташон дар ихтиёри ӯ буд, аз амакам ҳолу аҳволи аҳли авлодро мепурсиданд ва саргарми суҳбат буданд. Даврон эҳтиёткорона, қабат - қабат докаи хунолуди шахшударо мекушод. Вақте ки докаро кушода тамом кард, хун қатра-қатра чакидан гирифт ва оҳу воҳи модарам дучанд шуд. Амакам бо чашмони ашколуд нимхез шуда:

– Ангушт аз бех нест-ку?! - гуфта буданд, ки оҳу фиғони модарам якбора боло гирифт. Дастгоҳи пармаи замин, ки заминшиносон бо он дар қаъри замин маъдан мекобанд, нарангушти дасти рости падарамро аз бех бурида буд. Падарам бо норозигӣ ба модарам нигоҳ карданд ва модар ҳиқ-ҳиқ гирякунон аз хона баромаданд. Даврон аз шишача доруи зарди обакиеро, ки аз қуттӣ гирифта буд, ба ангушти падарам мемолид, вале хун таровида бо дору ба тағора мерехт. Ӯ даступо хӯрда, чӣ кор карданашро намедонист.

Падарам:

– Биё ман ангуштамро боло мекунам, доруро гузору зуд банд, - гуфта, ба ӯ ёрӣ доданд. Қабатҳои аввали дока шилтаи

хун мешуданд, вале қабатҳои болоӣ сурх гарданд ҳам, таровидани хунро нигоҳ доштанд. Даврон дар зери обу арақ монда буд. Падарам оромона аз ӯ миннатдорӣ карда, барои пагоҳ қарор гузоштанд. Дар як дам хона пур аз хешовандон шуд. Занҳо ҳама бо чашмони ашколуд, мардҳо бо қиёфаҳои пурдард сар мечунбонданду изҳори афсӯсу ҳамдардӣ мекарданд. Ягона касе, ки лабханд мезаду ангор, дардеро эҳсос намекард, ҳамин падарам буданд.

## *ШАРОБ ВА ПАДАРАМ*

Гарчанде ин воқеа аз ҷиҳати замонӣ хеле баъд рӯй додааст, дар ҳамин ҷой оварданаш ба назарам муносибтар намуд.

Дар замони Шӯравӣ дар мағозаҳо шишаи об фурӯхта намешуд. Дар шишаҳо асосан машрубот фурӯхта мешуд. Фақат як - ду намуд оби маъданиро дар шишаҳо мефурӯхтанд, ки хеле бадтаъм буданд ва касе онҳоро намехарид. Барои ошомидан дар деҳот оби рӯду ҷӯйбор, дар шаҳрҳо оби лӯлаи ошхона истифода мешуд.

Одамон бо истеҳзо мегуфтанд, ки дар олами сармоя ҳама чиз фурӯхта мешавад, ҳатто об! Ва на ҳама ба ин бовар мекард. Мегуфтанд, охир, об дар табиат фаровон аст, кадом беақл онро мехарад? Сар мечунбонданду ба хулоса меомаданд, ки ин найранги савдогарону ҳаннотон аст, аввал обро аз худ мекунанд ва баъд мефурӯшанд. Ба ҳоли мазлумони рӯи дунё, ки сармоядорон бо зулм ба онҳо ҳатто обро бепул намедиҳанд, дилсӯзӣ мекарданд. Дар натиҷаи баҳс ба хулоса меомаданд, ки беҳтарин кишвари дунё ҳамин кишвари худамон аст.

Рӯзе бо мошин падару модарамро ба осоишгоҳи Зумрад, ба шаҳри Исфара мебурдам. Падарам изҳори ташнагӣ карданд. Дар нимароҳи байни Хуҷанду Конибодом як бозори нав сохта

буданд, ки хеле серодам буд. Мо аз мошин фуромада, бозорро чарх задем ва ҳини баргаштан ман чанд шиша об харидам. Вақте ба мошин нишастем, яке аз онҳоро ба падарам дароз кардам.

– Чист? - пурсиданд он кас.

– Об, - гуфтам ва мошинро гирон карда, ҳай кардам. Падарам шишаро кушода нӯшиданд ва «худоро шукр» гуфтанд. Дар Панҷрӯд баъди нӯшидани об шукр кардан ба худо ҳатмист. Шӯхиям боло гирифта:

– Нӯшидед? - гуфта пурсидам.

– Ҳа, раҳмат, - ҷавоб доданд падар.

– Саратон чарх назад? - шӯхиро идома додам ман.

– Барои чӣ? - пурсиданд бо шубҳа ба ман нигариста падарам.

– Охир ин спирт дорад, - ба шишаи дасташон ишора кардам ман.

– Наход?! - садои падарам боло омад. Ман базӯр хандаамро фурӯ бурда ба сӯи падарам нигоҳ кардам ва фаҳмидам, ки чӣ шӯхии аҳмақонае кардаам. Ранги рӯи падарам сап-сафед канда буд. Ҳар гоҳ ки ин воқеаро ба ёд меорам, дилам ба ёди падар гум мезанад ва ин байти Шайх Саъдӣ ба забон меояд:

*Ман он наям, ки ҳалол аз ҳаром нашносам,*
*Шароб бо ту ҳалол асту об бе ту ҳаром.*

## *МАКТАБ*

*Ки чун сар барорӣ ба чархи баланд,*
*Зи мактаб ба майдон ҷаҳонӣ саманд.*

***Низомии Ганҷавӣ***

Хонданро ман дар хона аз хоҳару бародарони калониям, ки дар синфҳои болоӣ мехонданд, ёд гирифта будам.

Ман, ки табиатан кунҷковам, аз онҳо ҳарфҳоро мепурсидам ва ҳамаи ҳарфҳоро шинохта гирифта будам. Вақте ба синфи як рафтам, аз ҳамсинфонам каме пеш будам. Онҳо нав бо ҳарфҳо шинос мешуданд, вале ман аллакай хонда метавонистам. Ёд дорам, он замон як рӯзномае бо номи "Ҳақиқати Ленинобод" чоп мешуд. Номи ин рӯзнома бо ҳарфи «*л*»-и бузург навишта мешуд ва аз паси он дар ду сатр боқии ном меомад. Ман онро «*Лҳақиқати Ленинобод*» мехондам, ки боиси завқи ҳама мешуд. Падару модарам маро бо ифтихор ба меҳмонон нишон медоданд, ки бибинед писари мо ҳанӯз ба мактаб намераваду хонда метавонад. Ҳама аҳсант мегуфтанду ман боз бештар шавқманди хондан мешудам.

Ман дар шашсолагиям ба мактаб рафтам. Мактаби миёнаи деҳаи Панҷрӯдро хондаам, ки замони мактабхонии ман онро мактаби рақами 27 меномиданд. Мо – бачаҳо, рашк мекардем, ки Устод Рӯдакӣ ҳамдеҳаи мост, вале мактаби деҳаи Кулолӣ ба номи устод Рӯдакист. Ба қавле, замоне як нафар зодаи деҳаи Кулолӣ корманди масъул будааст ва маркази ҷамоату мактаби даҳсоларо дар деҳаи худаш сохта, номи Устодро ҳам ӯ ба мактаби деҳаааш гузоштааст. Баъдҳо, кулолиён мактабашонро ба номи як ҳамдеҳаи худашон гузоштанд ва панҷрӯдиҳо фурсатро ғанимат дониста, зуд мактаби деҳаро ба номи бобояшон гузоштанд ва «ҳақ ба ҳақдор расид». Ин таърих дар қиссаи «Рӯдакӣ. Зиндагӣ ва марги дигар»-и нависанда Қодири Рустам хеле ҷолиб ба қалам дода шудааст.

Дар замони Шӯравӣ аз синни ҳафтсолагӣ ба мактаб мегирифтанд. Ман ҳанӯз ҳафтро пур накарда будам, вале хеле ба хондан ва мактаб рафтан шавқ доштам, аз ин сабаб волидон иҷозат доданд, ки синнам нарасида бошад ҳам, ба мактаб равам. Падару модарам шаҳодатномаи таваллуди маро ба мактаб надоданд, шояд фикр мекарданд, ки агар ба ҳафт нарасиданам ошкор шавад, маро аз мактаб берун мекунанду ман дилшикаста

мешавам. Муаллимамон доим аз ман талаб мекарданд, ки зоднomaатро биёр, вале волидон боз ҳам зодномаамро намедоданд ва ниҳоят рӯзе падарам фармуданд:

– Ба муаллим гуй, ки худи падарам меоранд.

Муаллим дигар напурсиданд ва ман соли аввалро хондам. Шаҳодатномаи таваллудамро соли дигар, ҳангоме ки ба синфи дувум рафтам ба мактаб доданд. Вақте муаллимон диданд, ки соли ман нав ба синни мактаб расидааст, маро бурданду аз нав дар синфи якум ҳамроҳи бачаҳое, ки нав ба синфи як рафта буданд, шинонданд. Ман, ки хондану навиштанро ёд гирифта, ҳамаи дарсҳои синфи якро гузашта будам, дигар хондан дар ин синф бароям ҷолиб набуд, бархостаму рафтам ва дар синфи дувум ҳамроҳи ҳамсинфонам нишастам. Маро мебурданду дар синфи якум мемонданд, аммо ман боз меомадаму ҳамроҳи ҳамсинфони худам менишастам. Ёдам ҳаст, бори охир муаллим аз гӯшам кашола карда, маро ба синфи як бурданд, вале пас аз лаҳзае бо чашмони ашколуд баргашта, ба ҷои худам нишастам. Чун диданд, ки ман исрор кардам ва нисбат ба шарикдарсон фаъолтару пешсафтар низ будам, дигар маро ба ҳолам гузоштанд ва ман бо ҳамсинфони аввалии худам хонданро идома додам.

Баъдҳо, дар мактаб маро, ки дар дарсҳо каме фаъол ва аз ҳамсолон пешсафтар будам, муаллимон ба дигарон намуна нишон медоданд ва баъзан баҳои баланде, ки ба он сазовор набудам, мегузоштанд. Дар натиҷа, ман ба дониши худам аз будаш зиёд эътимод доштаам, ки ин дар аввалин имтиҳони дохилшавӣ ба мактаби олӣ маълум ва ба ман дарс шуд.

Соли дувуми таҳсилам, дар мактаби деҳа саҳнае аз «Мактаби кӯҳна»-и устод Садриддин Айниро ба намоиш гузоштанд. Чун ман бачаи хурдҷусса ва лоғарандом ва ба тасвири устод мувофиқ будам, нақши Садриддини хурдсолро ба ман супурданд. Асосан, нақши ман аз он иборат буд, ки худро ба канор кашида, мисли соя дар девор нақш шавам, то чӯбдасти мактабдор, ки

баччаҳоро мезад, ба ман нарасад ва дар чеҳраам ҳисси тарс пайдо бошад. Намоиши кӯтоҳе буд, вале хеле муассир ва аз сӯи тамошобинон хеле хуб қабул шуд.

Бо супориши муаллим ҳамаи «ҳунармандон»-е, ки дар намоиш бозӣ мекарданд, бояд китоби «Мактаби кӯҳна»-ро мехонданд. Шояд ин аввалин китоби хондаи ман бошад. Вале ин китоби хурд маро мафтун сохт ва роҳи бебозгашти китобхониро бароям боз кард. Саҳнаҳо ончунон устокорона навишта шуда буд, ки дар назар ҷилва мекард, гӯё ин ҳамаро на ин ки мехондӣ, балки тамошо мекардӣ. Муқоисаи мактаби кӯҳна бо мактаби деҳа таассуротро дучанд мекард. Ин китобак ба дараҷае маро шефтаи китобхонӣ кард, ки ба ибораи модарам, «кирми китоб» шудам ва баччагиям дар дунёи пурсеҳр ва асроромези достону қиссаву афсона гузашт. Китоб барои ман сандуқчаи сеҳрноке буд, ки дохилаш пур аз дӯстону душманон ва ҳодисаҳои ҳаяҷонангез буд. Дар тасаввурам гоҳе худро Самаки Айёр медидаму гоҳе Рустами Дастон. Дигар саргузашти Ятиму Одина, Самаки Айёру Гулливер, қаҳрамонҳои «Шоҳзода ва Гадо»-ву достонҳои «Шоҳнома» ва ғайра олами кӯдакии маро рангин мекарданд. Оҳ-оҳ, чӣ неъмати бузургест китоб!

Чандин бор муаллимон ба ман барои хуб хондан қаламе ё дафтаре ҷоиза додаанд, ки ин маро хеле рӯҳбаланд мекард. Баъдҳо фаҳмидам, ки ин «ҷоиза»-ҳоро падарам ба муаллимон медодаанд, то пайт ёфта, ба ман дода, маро ба хондан ташвиқ кунанд ва ҳамин корро барои дигар хоҳару бародаронам низ карда будаанд.

Хониши даҳсола дар Шӯравӣ ройгон ва ҳатмӣ буд. Мисли ҳар чизи дигари ройгон, сифати ин таҳсил низ на он қадр баланд буд. Ба назари ман, барномаҳои мактаб бештар ба азёдкунӣ аҳаммият дода, қобилияти андеша рондан ва таҳлилу тадқиқро дар хонанда ривоҷ намедоданд.

Сатҳи дониши муаллимон низ на чандон баланд буд. Ёд дорам, дар синфи нӯҳум мо дарси алгебра мехондем. Мафҳумҳои синус, косинус, тангенс, котангенс ва мисли инҳо хеле ҷолиб садо диҳанд ҳам, ман дар ҳалли муодилаҳои онҳо ҳеҷ чиз намефаҳмидам. Аслан китоби дарсӣ пур аз ин формулҳо ва кори мо онҳоро ба дафтарамон рӯбардор кардан буд. Ман чизеро, ки нафаҳмам, ба хотир гирифта наметавонам, вале агар мавзӯъ ба ман фаҳмо бошад, дигар ҳеҷ гоҳ аз ёдам фаромӯш намешавад. Барои ҳамин боре аз муаллим, ки дар тахтаи синф менавишт, пурсидам:

– Муаллим, агар Шумо ба мо фаҳмонда диҳед, ки ҳамин мафҳумҳо чистанд ва чиро ифода мекунанд, мо мисолҳоро осон ҳал мекунем.

Муаллим дар як даст китоб, дар дасти дигар бӯр, ба сӯи ман баргашту гуфт:

– Агар ман медонистам, ҳамин ҷо омада муаллимӣ мекардам?

– Ин хел бошад, ман ҳеҷ гоҳ ин фанро ёд намегирам, - гуфтам ман.

– Метавонӣ нахонӣ, - гуфт муаллим ва ба навиштанаш дар тахта идома дод. Ӯ дигар ҳеҷ гоҳ аз ман чизе напурсид. Ҳамин тавр, имкони зуҳури нобиғаи математикӣ дар ниҳоди ман пинҳон монд.

Албатта, омӯзгорони хубе ҳам доштем. Рӯзе муаллими адабиёт дар оғози дарс ба байни синфхона омада, бо табассуми роздор, дақиқае хомӯш ба мо нигоҳ карда истод. Баъд аз диққати ҳамаро ҷалб кардан, бо садои форам шеър хонд:

*Омад бари ман,*
*Кӣ?*
*Ёр.*
*Кай?*

*Вақти саҳар.*
*Тарсанда зи кӣ?*
*Зи хасм.*
*Хасмаш кӣ?*
*Падар.*
*Додам-ш ду бӯса.*
*Бар куҷо?*
*Бар лаби тар.*
*Лаб буд?*
*На!*
*Чӣ буд?*
*Ақиқ.*
*Чун буд?*
*Чу шакар.*

Мо ҳама моту мабҳут шуда, аз ин кори ғайримаъмулии устодамон лаҳзае хомӯш мондем. Муаллим пурсид:

– Ин шеъри кист?

Касе ҷавоби дуруст дода натавонист. Пас аз ҳама ҷавобҳоро рад кардан, устод бо ангушт ба сӯи тиреза нишон дод. Мо ҳама ҳайрон ба ҳам нигоҳ мекардем. Табассуми роздор ва ангушти ишораи омӯзгорамон гӯё шахшуда буд ва лаҳзае пас мо якчанд нафар якбора «Рӯдакӣ!» гуфта дод задем. Ангушти муаллим ба сӯи мақбара нигаронда шуда буд. Ӯ бо қаноат сар такон дода, тасдиқ кард.

Муаллим он рӯз моро ба мақбараи Устод Рӯдакӣ бурда, байтҳои дар дохили он ба хати ниёкон навиштаро хонд ва гуфт, ки ҳар як сокини ин диёр бояд ҳадди ақал чанд байти Устодро азёд донад. Ашъоре, ки ман аз Устоди устодон он замон ҳифз кардам, дигар ҳеч гоҳ фаромӯш нашуд.

Чизи номатлуби дигаре, ки дар мактаби мо мушоҳида мешуд, ин буд, ки натиҷаи кори муаллимон ба баҳои хонанда

вобаста буд. Агар хонанда охири сол баҳои ғайриқаноатбахш бигирад ва дар синфаш монад, муаллимон гап мешуниданд ё ҳатто ҷазо медиданд. Натиҷа чунин мешуд, ки онҳо хоҳу нохоҳ ба хонанда баҳое гузошта, ӯро ба синфи болоӣ мегузаронданд. Аз ҳамсолони ман чандин нафар то охир хондану навиштанро ёд нагирифта бошанд ҳам, мактабро хатм карданд.

Инчунин, аксари падару модарон умуман бо мактаб ҳамкорӣ намекарданд ва донишандӯзии бачаҳо дар хона фақат ба шавқи худи онҳо вобаста буд.

Ғайр аз ин, барномаи мактабҳои тоҷикӣ хеле заиф буд. Инро дар қиёс мегӯям. Масалан диктанависиро мо аз синфи 4-5 сар мекардем, ҳол он ки дар мактабҳои русӣ аз синфи 1-2 оғоз мекарданд. Айнан ҳамин тавр, иншонависиро дар мактабҳои русӣ аз синфи 4-5 оғоз кунанд, мо фақат аз синфи 9 сар мекардем. Сабаби ин фарқ то ҳол ба ман нофаҳмост. Умуман, мактабҳои миёнаи тоҷикии шӯравӣ дар рушди шахсии хонанда чандон муассир набуданд ва саводи додаашон ҳатто барои хондани қарору дастурҳои ҳизби коммунист на ҳамеша ба кор мерафт.

Бояд фикр бикунем, ки чаро мактаби кӯҳнае, ки мо аслан тангу тор меҳисобем, Айниву Дониш ва садҳо нобиғаи дигарро дод, ки мислашон аз мактаби нав кам баромад?

## *САҒИРАПАРВАР*

Замони мактабхонии мо дар мактабҳои Шӯравӣ расме буд, ки давлат соле як бор ба бачаҳои бесаробон сарулибос медод. Шояд ин расми хуб бошад, вале ростӣ хеле ба шеваи бад анҷом мешуд. Як ҳамсинфи мо модар надошт, мегуфтанд, ки дар кӯдакӣ модараш аз дунё гузаштааст. Ҳар сол ба ана ҳамин ҳамсинфи мо як сарупо либосро ба синф оварда,

ӯро ба назди тахта хонда, дар ҳузури ҳама мепӯшонданд. Бачаи бечора ҳар сол, вақти ин амал гиря мекард.

Дар Панҷрӯд кӯдакони бе падару модар мондаро «сағира» меноманд ва ҳама бо дилсӯзӣ бо онҳо муносибат мекунанд, ки худи ҳамин муносибат ба он бачаҳо хеле сахт мерасид. Бовар дорам, худашон мехостанд, ки ба онҳо низ ҳамчун ба ҳамсолони дигарашон муносибат карда шавад. Ҳамин сарулибоспӯшонии хориовар дар ин маросим хеле барҷаста ва дар ҳузури ҳама ба намоиш гузошта мешуд. Ман ин маросимро хеле бад медидам, вале баъдан донистам, ки дар Шӯравӣ муносибати хеле бадтаре ба бачаҳо низ вуҷуд доштааст.

Дар Шӯравӣ ибораи «душмани халқ» рӯи кор буд. Онро ба касоне мечаспонданд, ки ба баъзе гуноҳҳои вазнин, аз ҷумла хиёнат ба Ватан айбдор мешуданд. Дар бораи он ки чӣ касоне душмани халқ эълон мешуданд ва исботу додгоҳи онон чӣ гуна баргузор мешуд, бисёр навиштаанду гуфтаанд ва ҷои баҳсаш ин ҷо нест.

Фарзандони ана ҳамин одамон низ «фарзанди душмани халқ» дониста мешудаанд ва инро доим ба онҳо ёдрас мекардаанд. Масалан, дар мактаб пеш аз саршавии дарс он кӯдакро ба пеши қатор бароварда, рӯбарӯи аҳли синф рост карда, «ҳайфи ту!» мегуфтаанд ва ҳама ба сӯяш туф мекардаанд. Хушбахтона, замони мактабхонии мо вақти ин қабил аҳмақиҳо гузашта буд.

Боре дар филме дидам, ки муаллима бачаҳоро қатор карда, аз байнашон талабаеро пеш хонд ва як торсакӣ ба рӯяш зада, галстуки пионериро аз гарданаш кашида гирифт ва «ту ҳам мисли падару модарат душмани халқӣ!» гуфт ва сипас ба бачаҳо фармон дод:

– «Ҳайфи» ту! бигӯед. Бачаҳо баробар бо овози баланд се бор «Ҳайфи ту!» гуфтанд ва пас аз он бо дастури муаллима ба рӯи он талаба туф карданд.

Худоё, инсон, он ҳам муаллим ва он ҳам зан (!) метавонад ин қадр бераҳм бошад?!

Тақдири баъдии ин баччаҳо хеле талхтар будааст. Аксари онҳо дар мактабу урдугоҳҳои ГУЛАГ талаф шудаанд, онҳое ҳам, ки аз он «дӯзах»-ҳои рӯи замин зинда баромадаанд, дигар ҳеч гоҳ қобили эътимод дониста намешудаанд, доим зери шубҳа мемондаанд ва ҳар кадом парвандаи махсус доштаанд. Ростӣ, дасти одам аз навиштани ин сатрҳо меларзад. Охир он кӯдаки маъсум чӣ гуноҳ дорад?! Ӯ, ки падару модар ва замону макони ба дунё омаданро интихоб накардааст!!!

## *КӮЛИ КАЛОН*

*Боз гардондам инони умр бо хайли хаёл,*
*Хотироти кӯдакӣ омад ба истиқболи ман.*

Доманакӯҳҳои Соя ва Офтобрӯя, аз тарафи ғарб ва шарқ Панҷрӯдро иҳота карда, мазрааи лалмии колхоз ҳисоб мешуданд. Соле кӯҳи Соя корам бошад, соли дигар кӯҳи Офтобрӯя корам мешуд ва дар кӯҳи корам чаридани чорворо иҷозат намедоданд. Мардуми деҳ ҳама чорвои хонагӣ доштанд ва чарогоҳҳои атрофи деҳ барои чаридани чорво камӣ мекард. Ғайр аз ин, боду ҳавои деҳа дар тобистон гарм шуда, барои чорво муносиб набуд. Аз ин сабаб, ҳар сол тобистонҳо, чанд хонавода ба кӯҳҳои дуртар ба овул мерафтанд. Баҳорон яке аз амакҳоям дар мавзеъе, ки Кӯли Калон ном дошт, каппа мезад ва чорвои хонагии аҳли хонадони моро он ҷо бонӣ мекард ва мо баччаҳоро ба он ҷо дастёрӣ мефиристоданд.

Ҳамагӣ аз наздикону хешовандонамон тақрибан 50-60 сар гов ҷамъ мешуд. Аз рама ҳамин миқдор бузҳоро низ ҷудо карда, ба мо медоданд ва мо аз аввалҳои июн то охири август ин чорво-

ро он ҷо бонӣ мекардем. Маро аз нӯҳ-даҳсолагӣ ҳар тобистон барои ёрӣ ба он ҷо мефиристоданд, ки масъули чарондани бузҳо будам.

Мавзеи Кӯли Калон дар баландии 2000 метр аз сатҳи баҳр, 18-20 километр ҷанубтар аз Панҷрӯд, дар як ҳамворие, дар қаторкӯҳҳои Фон ҷойгир шудааст. Ин мавзеи зебоест, ки панҷ кӯли нисбатан бузург ва кӯлҳои зиёди хурдтаре дорад. Ин кӯлҳо дар байни ҷангали кӯҳӣ, дар иҳотаи кӯҳҳои сарбафалак ҷойгир буда, ин мавзеъ ҷои дӯстдоштаи сайёҳону кӯҳнавардони шӯравиву хориҷӣ буд.

Калонсолон нақл мекунанд, ки пештар ҷангалҳои ин ҷо он қадр анбӯҳ буд, ки аз дохилаш ба душворӣ мегузаштанд. Баъдан одамон дарахтҳои ин ҷоро бурида, ҳезум ва чӯби хонасозӣ карда, ин ҷангалро нобуд кардаанд. Солҳои пеш, дар замони шӯравӣ, дар кӯҳҳои ин ҷо конҳо канда, маъдан истихроҷ мекардаанд ва дар корашон ангишт ниёз доштаанд. Қисми зиёди ҷангалҳои Кӯли Калонро ана ҳамин кӯҳканҳо бурида, барои кокс - ангишт истифода кардаанд.

Солҳое, ки ман дар ин ҷо ба сар мебурдам, дар ҷангал танҳо коҷҳои сарсабз, ки ҳезум намешуданд ва буттаҳо монда буданд. Ба тадриҷ одамон дарахтҳои сарсабзро ҳам тар бурида, ҷангалро боз ҳам холитар карданд.

Ҳукумат ҷангалбонҳо гузошта буд, ки доим бо ин дарахтбуррон дастбагиребон мешуданд, вале мардум боз ҳам чашми онҳоро хато карда, дарахтҳоро мебуриданд, зеро ки ин ягона роҳи таъмини ниёзашон ба ҳезум буд. Ба назари ман, агар давлат дар деҳот фурӯши ангиштсангу ҳезум ва маводи сохтмони манзилро ба роҳ мемонд, барои ҳифзи табиати зебои кӯҳҳо чораи муассиртаре мебуд.

Замони баччагӣ ва бузбонии ман дар ин ҷо лаби кӯлҳо пур аз хаймаҳои кӯҳнавардон ва сайёҳони минтақаҳои дурдасти шӯравӣ ва хориҷӣ буд. Умуман, кӯҳҳои Фон табиати нотакрору

тасхиркунандае доранд. Шоир ва овозхони машҳури рус Юрий Визбор суруде бо номи «Кӯҳҳои Фон» дорад, ки мисраи аввалаш: «Ман диламро дар кӯҳҳои Фон мондаам» буда, дар васфи ҳамин кӯҳҳо сурудааст, ки дар паҳнои Шӯравӣ машҳур буд.

Ин ҷо иқлими ноустуворе дорад. Рӯздармиён борон меборад, дамои ҳаво метавонад то нисфирӯз сахт гарм бошад ва ними дигари рӯз шадидан сард шавад. Фақат дар се моҳи тобистон қобили будубош аст, вале ҳатто дар миёнаи тобистон низ баъзан барфу жола меояд.

Ана дар ҳамин мавзеъ зери офтоби сӯзону сардиҳои шадид тобистонҳои баччагии ман бо бузбонӣ гузаштааст. Ҳар саҳар соати 4-5 маро бедор мекарданд, то бузгаларо ба кӯҳи Работ барам. Як ними нонро ҳам ҳамроҳ медоданд. То бегоҳ бузҳоро дар кӯҳ мечарондам ва бегоҳ онҳоро ҷамъ карда меовардам. Буз ҳайвони чолоку шумест, ки ба касногузартарин ҷойҳои кӯҳ мебаромад ва ман маҷбур будам, ки аз паси он ба ҳамаи он кӯҳҳои душворгузар бароям.

Кӯҳи Работ резҳо дорад, ки саросар аз сангреза иборатанд. Баромадани ин резҳо хеле душвор аст, як қадам ба боло монӣ, лағжида, се-чор қадам ба поён меравӣ. Баъзан, маҷбур мешудам, чаҳорпо гавак кашида, боло равам, сангҳои нӯгтез ангуштонамро хуншор мекарданд. Бачча, ки будам, сахт монда мешудам, аз ҷойҳои хатарнок, ки мегузаштам, сахт метарсидам, на як бору ду бор аз хастагӣ ба дод омада, гиря кардаам, вале касе ба додам намерасид, зеро дар ҳоли ҳамаи бузҳоро саривақт ҷамъ карда наовардан бо чеҳраи турши зани амакам ва ғур-ғури ӯ рӯбарӯ мешудам, ки он хеле бадтар аз ҳар азобе буд. Дарки масъулият ва тарс аз хашми янгаам маро маҷбур мекард, ки ҳар рӯз ин душвориҳоро аз сар гузаронам ва ҳамеша бузҳоро таври лозим чаронда, биёрам. Орзу мекардам, ки мисли ҳамсолонам таътилро дар деҳа гузаронам ва ба бозиҳои ширини кӯдакии онҳо шарик бошам.

Ростӣ, як бор аз муносибати бади зани амакам қаҳр карда, асоро ба санг зада шикаста, чӯпониро партофта, ба деҳа рафтаам. Вале баъд аз чанд рӯз бо исрори модарам ва аз шарми рӯи падарам баргашта ва он сол низ вазифаамро то охир иҷро кардаам.

Хуллас, тобистонҳои кӯдакӣ сахтӣ бисёр кашидам, вале агар, аз як сӯ, масъулиятшиносӣ омӯхта бошам, аз сӯи дигар, сахткӯшӣ бароям якумрӣ одат шуд.

## *ҶАМШЕДБОЙ*

Ман тақрибан дар синфҳои 5-6 мехондам. Рӯзе дар лаби ҷӯй оббозӣ мекардем, ки об як шиша овард. Ҷобир ном бачча онро дошта гирифта, «водка, водка» гуфта, ба мо нишон дод. Ин воқеан шишаи арақ буд, ки касе онро холӣ карда, ба ҷӯй партофта буд. Даҳони шиша бо пробка (сарпӯш) баста буд ва Ҷобир онро ба мо нишон дода, «бинетон, даҳонаш муҳкам, водка дорад» гуфта, шӯхӣ мекард. Мо ҳам шӯхии ӯро ҳамроҳӣ карда, «биё мехӯрем», гуфта ба бозӣ ҳамроҳ шудем. Ӯ садояшро паст карда, бо дасташ даҳонашро пӯшонда, «хап, ҳеч кас нафаҳмад» гуфт. Ин шарти бозӣ буд. Мо бояд бо пайравӣ аз баъзе ҷавонон, ки дар иди моҳи май ҳамин тавр ростӣ аз мӯйсафедони деҳа арақхӯрӣ мекарданд, пинҳонӣ «водка» мехӯрдем.

Мо даҳони шишаро кушода аз ҷӯй об пур кардем ва боз пробкаро ба даҳонаш хаста муҳкам кардем. Ин шиша дигар аз шишаи пури арақ фарқе надошт, даҳонаш ҳам баста буд. Ҷобир, ки соҳиби шиша ҳисоб мешуд, онро зери пираҳанаш дар бағал пинҳон кард. Мо бо пешниҳоди ӯ, ки боре арақхӯрии гурӯҳеро дида будааст, қарор кардем, ки ба боғоти болои деҳа рафта, аз

дарахтони зардолу ғӯра канда, ба пайравӣ аз калонсолон газак карда, «водка»-амонро бихӯрем.

Вақте аз роҳи Қалъаи Кӯҳна боло мерафтем, аз пешамон Ҷамшедбой ном ҳамсояписар, ки се-чор сол аз мо калонтар буд, баромад.

– Куҷо мераветон?-пурсид ӯ. Ӯ баччаи беозоре буд ва синнаш калонтар бошад ҳам, мо ӯро ба бозиҳои худ шарик мекардем.

– Водкахӯрӣ, - гуфт Ҷобир. Ҷамшедбой бовар накарда:

– Чӣ хел водка? - гуфта пурсид. Ҷобир ангушт ба лаб гузошта, «тсс» гуфта, ба ӯ наздик шуд ва пироҳанашро каме боз карда, шишаи арақро нишон дод ва бо ишораи сар Ҷамшедбойро низ даъват ба ҳамроҳӣ кард. Ҷамшедбой моту мабҳут ба мо нигарист ва дар чеҳраҳои мо қаноатмандӣ аз дороиямонро дида, ҳамроҳи мо равон шуд. Ҳама ҷастухез карда, давида мерафтем, вале сухан намегуфтем, то ки касе аз калонҳо аз ниятамон огоҳ нашавад. Вақте девори охирини хонаҳо ақиб монд, Ҷамшедбой давида, ба Ҷобир наздик шуд ва:

– Балота гирам, аз куҷо ёфтӣ? Те як бор бинам, - гуфта хоҳиш кард. Ҷобир бо хавотир зери чашм атрофро аз назар гузаронида, шишаро аз зери пироҳанаш бароварда ба Ҷамшедбой дод. Ҷамшедбой шишаро гирифта ба ваҷд омад ва:

– Ба худо, рост будааст, водка! Рафтем, боғи мо, - гуфта, пеш даромад. Мо ҳама аз болои девори боғи онҳо даромада, дар рӯйи алаф зери дарахти зардолу нишастем. Чанд ғӯра канда, дар байн рӯйи санг гузоштем. Ҷамшедбой сарпӯши термоси кӯҳнаи дар боғашон бударо ёфта овард. Шишаро кушода, «ҷом»-ро ба гардиш даровардем. Ҷамшедбой аввалин ҷомро нӯшида «пуф-пуф, ваҳ чи хел бадхӯр» гуфта, ғӯраро ба даҳонаш андохта «газак» кард. Ҷамшедбой, ки аз мо калонтар буд, мо боварӣ доштем, ки ӯ қаблан арақ хӯрдааст ва ҳарфу ҳаракатҳояш

барои мо намунаи ибрат буданд. Мо ҳама бо хандаву шӯхӣ аз ин тарзи «водка»-хӯрии ӯ пайравӣ мекардем. Баъд аз ҷоми севум забони Ҷамшедбой печидан гирифт. Бо нӯшидани ҷоми дигар аз гулӯи ӯ ғайр аз садоҳои «ъм-ъм» ҳарфе намеомад ва нигоҳаш ҳам беҳушгуна менамуд. Мо аз ҳоли ӯ тарсида, ҳарчанд «Ҷамшедбой, шӯхӣ бас, ин водка не, ин об» гӯем ҳам, ӯ ба худ намеомад. Гӯё Хоҷа Ҳофиз ин байти худро дар тасвири ҳоли ӯ суруда буд:

*Мекашем аз қадаҳи лола шароби мавҳум,*
*Чашми бад дур, ки бе мутрибу май мадҳушем.*

Агар касе Ҷамшедбойро масхара карданӣ шавад, ӯро «Ҷаъшебой» садо карда мегурехт. Одатан, ӯ аз ин хеле ба хашм омада, аз паси гӯянда давида, агар ӯро дарёбад, ҷазо медод. Ман ду қадам дуртар рафта, ӯро бо он номи бадмедидааш садо кунам ҳам, ӯ вокунише нишон надод, тамоман маст шуда буд. Мо дар таҳлука афтидем, машварат карда, ба хулосае омадем, ки ӯро ба хонаашон бурда расонем. Аз ду китфаш бардошта, кашола карда, то пушти даричаи хонаашон бурда монда, гурехта хона ба хона рафтем. Бегоҳ дар сари кӯча бо тарсу ларз ҷамъ шудем, ки Ҷамшедбой ҳушёр аз дари ҳавлияшон баромада омад ва:

– Росташа гӯетон, водкая аз куҷо дуздидетон, ваҳ, ҳолиям сарам дард мекунад, - гуфт. Зоҳиран, ӯ низ арақхӯрии касеро дида буд, вале ҳамин бо мо «арақ хӯрдан» таҷрибаи нахустинаш буд, ки арақро аз об фарқ накарда қариб моро аз тарс гурдакаф карда буд. Ба қавли Низомии Ганҷавӣ:

*Ҳадиси кӯдакию худпарастӣ,*
*Раҳо кун, к-он хаёле буду мастӣ.*

## *БОБОАШӮР*

Рамаҳои колхози Рӯдакӣ зимистон ба даштҳои Ӯзбакистон мерафтанду тобистон ба чарогоҳҳои худамон, ба Тоҷикистон бармегаштанд. Роҳи баргашти онҳо аз даштҳои Дизак ба чарогоҳҳои Кӯли Калону Кӯли Аловуддин ва Искандаркӯл аз канори деҳаи мо мегузашт ва чанд рӯз дар кӯҳҳои атрофи деҳа таваққуф мекарданд ва мо баччаҳо ба назди онҳо сайри кӯҳ мерафтем. Як сол, вақте ман дар синфи 6 ё 7 мехондам, ин молҳо омаданду дар як мавзее бо номи Теғаи Малахгардон, ки дар кӯҳи Офтобрӯя аст, мечариданд. Ман ва чанд баччаи дигар, ки ба чӯпонҳои рама робита доштем, барои сайру тамошо ба сари он рама рафтем. Амаки Абдуҳомиди ман, сардор ва падари яке аз он баччаҳо – Бобоашӯр чӯпони ин рама буданд. Ин мавзеъ, ки дар баландӣ ҷойгир буд, дар фасли баҳор сабзу хуррам ва сайрбоб буд. Ғайр аз ин чӯпонҳо сагу хар доштанд, ки барои мо баччаҳо харсавориву бозӣ бо сагбаччаҳо хеле маъқул буд.

Дар деҳаи Панҷрӯд Субҳони Полвон ном марди нонвое буд, ки нонҳои хеле хушмаза мепухт, нонҳояш хурд, вале бисёр хуштаъм буд. Амаки хурдии ман – Абдулмаиз, ки ҳамроҳи мо мерафтанд, аз ин нонвойхона даҳ дона нон хариданду мо саворaву пиёда озими кӯҳ шудем. Мо баъд аз нисфирӯзӣ расидем, ки рама аз чаро баргашта, дар атрофи қӯш хобида буд. Чӯпонҳо барои худашон чой омода мекарданд. Хӯроки чӯпонҳо асосан аз чойу нон иборат буд. Барои мо ҳам ҷой густурданд ва ҳама гирди як дастархон нишастем.

Ман дар мактаб шогирди аввал будам ва ҳама наздикон, аз ҷумла, амакҳову тағоҳоям, махсус дар назди дигарон, аз ман мепурсиданд, ки хонишам чӣ гуна аст ва баҳоҳоям чананд. Ман ҳам бо ифтихор мегуфтам, ки баҳоҳоям «панҷ»-анд ва онҳо бо ифтихор байни худашон ба ман таҳсин мегуфтанд, ки дар мактаб аз ҳама пешсаф ҳастам. Албатта, онҳо мехос-

танд маро рӯҳбаланд бикунанд, вале ман ки бачча будам, аз ин «ифтихор»-и онҳо курта-курта гӯшт мегирифтам.

Писари чӯпон – Бобоашӯр, ки ҳамроҳи мо омада буд, Бобокалон ном дошт. Сари Бобоашӯр, ба гуфти ҳолдонҳо кал будааст ва ӯ соле дувоздаҳ моҳ як кулоҳи зимистонии сарбозии шӯравиро пӯшида ин «айб»-ашро пинҳон мекард. Ӯ инчунин ҷомаи пахтагии гармро, ки маъмулан фақат дар зимистон мепӯшанд, ҳеч гоҳ аз танаш дур намекард. Касе ӯро бе ин кулоҳи кӯҳнаи фарсудаву ифлос ва он ҷомаи аз чирк ранги аслияш номаълум, надидааст. Ӯро дар ғайбаш Кали Ашӯр низ мегуфтанд.

Аъмоли ӯ хеле ба Қорӣ Ишкамбаи Устод Айнӣ шабоҳат дошт. Мегуфтанд, ки ӯ пули зиёд дорад, вале касе намедонад, ки пулҳояшро дар куҷо нигоҳ медорад. Баъзеҳо бар ин бовар буданд, ки ӯ пулҳояшро дар ғорҳо пинҳон мекунад, баъзеи дигар мегуфтанд, ки дар остари ҳамон ҷомаи ҳамешадартанаш ҷой карда, ҳамроҳи худаш мегардонад.

Дар хӯрдан низ аз Қори Исмат монданӣ надошт. Ҳамин ҳоло агар дигарон дар пиёла чой нӯшанд, у нимкосаеро то нимаш қанди сафед рехта, аз рӯяш чой пур карда, як нонро аз он нонҳои хуштаъм пора карда, дар он нимкоса тар карда монда буд ва нони дигарро ду пора карда, нимашро ба даҳонаш халонда, нимаи дигарашро қат карда, дар дасташ нигоҳ медошт, то ба маҳзи холӣ шудани даҳон онро низ ба он ҷо бихалонад. Як нони дигарро аз рӯи нонҳои дар байн истода гирифта, дар наздаш, рӯи дастархон гузошта буд ва бо он дасти дигараш аз гӯшаи он дошта меистод, то касе онро нагирад. Ҳамин тавр, дар ҳоле, ки дигарон нонро шикаста дар пеши ҳама як буридаӣ гузошта буданд ва онро ҳам кам-кам мехӯрданд, ӯ аз он даҳ нон сетоашро дарзамон соҳибӣ карда буд. Чашмонаш ҳарисона ҳаракати дасти дигаронро дунбол мекарданд. Ба фикрам, агар дасти дигаре медошт, рӯйи он чанд нони дигар мегузошт, то

касе ба онҳо низ нарасад. Ин саҳна тақрибан яке аз он саҳнаҳое буд, ки ман дар «Марги судхӯр» хонда будам.

Бобоашӯр умуман савод надошт. Писари калонии ӯ Бобоараб ҳамсинфи ман буд, Бобокалон писари хурдии ӯ, ки ҳамроҳи мо омада буд, аз ман ду синф поёнтар мехонд. Писаронаш низ бештар ба касби падарашон шавқ доштанд ва саводашон аз ӯ бештар набуд.

Замоне ки гирди дастархон нишаста будем, амакам, тибқи одат аз ман вазъи хонишамро пурсиданд. Чун охири моҳи май, яъне поёни соли таҳсил буд, дарсҳо тамом шудаву мо чоряки охирини солро ҷамъбаст карда будем, амакам пурсиданд:

– Хайр, чоряки охирро чӣ хел ҷамъбаст кардӣ?

– Ҳамааш панҷ! - бо ифтихор гуфтам ман.

Ду-се нафаре, ки дар атрофи дастархон буданд, ба ман офарину аҳсант гуфтанд. Намедонам аз чӣ бошад, ки ин таърифҳо ба Бобоашӯр писанд наомаданд ва вай, дар ҳоле, ки даҳонаш пур аз нон буд, баргашту ба ҳозирон бо норозигӣ гуфт:

– Чӣ ин қадар ӯро таъриф мекунед? Бобокалони ман ҳам шеър медонад! Савод надоштани писарони Бобоашӯрро ҳама медонистанд. Яке аз ҳозирон аз Бобокалон баҳоҳои ҷамъбастияшро пурсид. Бобоашӯр нагузошт писараш ҷавоб диҳаду гуфт:

– Бобокалон, ҳамон шеърата бихон!

Ҳама ҳайрон шуданд, ки Бобокалон ҳам шеър медонистааст. Он замон дар Панҷрӯд расм буд, ки ҳар кас порае аз шоирони бузург, махсусан аз Устод Рӯдакӣ бидонад, вале ин ки Бобокалон ҳам шеър медонистааст, ҳамаро ба тааҷҷуб овард ва аз ӯ хоҳиш карданд, то бихонад.

Барои ман бисёр ҷолиб буд, ки Бобокалон кадом шеърро аз ёд кардааст, зеро медонистам, ки ӯ аслан хондану навиштанро наметавонист. Ӯ аз ҷояш хест, қоматашро рост гирифт, гулӯ тоза карду бо садои баланд ва оҳанги хос ин шеърро хонд:

*Кал рафт ба масҷид.*
*Фаҳш* дод ба мулло,*
*Табарҳоро тез кунед,*
*Сари* калро пӯст канед.*

Садои қаҳ-қаҳи нишастагон фазоро тарконд.

Бобоашӯр бо ифтихор ба ҳозирон нигоҳ мекард, бечора зоҳиран маънии шеърро нафаҳмида буд.

## *КОЛХОЗ*

Чун дар ҳикояти мо чандин бор аз колхоз ёд шуд, бад нест сайри таърихие ба пайдоиши он бикунем, бахусус, ки ин шакли моликият дар ҳаёти мардуми мо падидаи нав буда, таъсири амиқе ба зиндагиву фарҳанг гузоштааст.

Колхозҳо (хоҷагиҳои ҷамъиятӣ) охири солҳои бистум, аввали солҳои сиюми асри гузашта ташкил шудаанд. Қарори ташкил кардани колхозҳоро ҳукумати Шӯравӣ дар пайи лағви «Сиёсати нави иқтисодӣ» содир карда буд.

Вақте дар Русия болшавикҳо инқилоб карда, ҳокимиятро ба даст гирифтанд, кишвар дар натиҷаи ҷанги якуми ҷаҳонӣ, аз ҷиҳати иқтисодӣ дар ҳоли баде қарор дошт. Ба ҳукумати навтаъсис лозим меомад, ки якбора дар чанд ҷабҳа биҷангад. Ҷанг бо Лаҳистон, ҷанг бо Ҷопун ва ҷанги дохилӣ сарфи зиёд металабид. Аз ин сабаб, ҳукумат сиёсати Коммунизми ҳарбиро тайи солҳои 1918-1921 ҷорӣ карда буд, ки тибқи муқаррароти он, деҳқонон маҷбур буданд тамоми ҳосили худро ба давлат

*. Вожаҳои «фаҳш» ва «сар» дар мисраъи дувум ва чорум иваз шудаанд, зеро овардани он узви бадан, ки дар асл аз сӯйи Бобокалон хонда шуда буд, аз рӯи одоб нест. *Муаллиф*.

биспоранд. Ин сиёсат соҳаи кишоварзиро ба нобудӣ кашид ва дар натиҷа ба зиддият ва шӯришҳои деҳқонон овард. Аз ҳамин сабаб, Ленин – раиси Шӯрои Комиссарҳои халқ, ки ҳукумати марказӣ ба ҳисоб мерафт, дар кунгураи даҳуми ҳизби коммунист қарори Сиёсати нави иқтисодиро, ки дар асл бо доктрини коммунистӣ мухолиф буд, қабул ва ҷорӣ кард. Ин сиёсат дар солҳои 1921-1927 рӯи кор буд ва моликияти хусусӣ дар соҳаи кишоварзиро иҷозат медод, дар ҳоле, ки доктрини марксизм вуҷуди моликияти хусусиро қатъан иҷозат намедиҳад. Тибқи ин сиёсат, кишоварзон метавонистанд қисми маҳсулоти тавлидкардаашонро дар ихтиёри худ нигоҳ доранд, ки дар натиҷа хоҷагиҳо рушд карда, соҳаи кишоварзии ба нобудӣ расида барқарор гардид.

Вале аз рӯзи пайдоишаш, кишвари Шӯравӣ аз сӯи олами сармоя дар инзиво қарор дода шуда буд. Ҳеч сармоядору бонк омода набуд, ки дар ин кишвар маблағгузорӣ кунад ва Иттиҳоди Шӯравӣ торафт аз кишварҳои дигар, ки босуръат саноатӣ мешуданд, қафо мемонд. Барои Сталин – роҳбари шӯравӣ пули зиёд лозим буд, ки кишварро саноатӣ кунонад. Чун иқтисоди кишвар кишоварзӣ буд, ӯ қарор кард, ки ин сармояро ҳамин соҳа бояд бипардозад. Ӯ фармон дар бораи ҷамъиятикунонии воситаҳои истеҳсолот ва заминро содир кард, ки сабабгори бадбахтии бештари тамоми халқҳои сокини Шӯравӣ гашт.

Аз як сӯ, мубориза беамоне зидди заминдору сармоядорон ва босаводон ба роҳ андохта шуд, ки дар натиҷаи он миллионҳо нафарро ба Сибир бадарға карданду куштанд. Ин мазлумон қувваи созанда ва пешбарандаи ҷамъият буданд, таҷрибаи мудирияти иқтисод ва танзими ҳаёти ҷомеаро доштанд. Танҳо гуноҳашон ин буд, ки замину сармоя доштанд ва саводнок буданд. Сиёсати дурбинона ва хирадмандона метавонист аз таҷрибаи онҳо барои ободии кишвар суди бамаротиб бештаре ба даст орад. Аз сӯи дигар, хоҷагиҳои ҷамъиятиеро,

ки бо мусодираи замин ва олоти меҳнат сохта буданд, водор ба он карданд, ки тамоми маҳсулоти рӯёндаи худро ба давлат биспоранд, ки ин низ сабабгори қаҳту гушнагии бесобиқа ва марги миллионҳо нафар гашт, ки ба номи «голодомор» ё «гушнамурӣ» маъруф аст.

Ҳикоят мекунанд, ки он замон, як писарбаччаи панҷрӯдӣ, ки ҳанӯз барҳаёт аст, бо дастури модараш ба назди раиси колхоз омаду гуфт:

– Модарам хоҳиш карданд, ки як тоқӣ гандум диҳед, ба хоҳарам атола пазем, ки аз гушнагӣ варам кардаасту мисли бародарам, ки дирӯз мурд, мемирад.

Раис пурсид:

– Бародари мурдаатро чӣ кор кардед?

– Гӯр кардем, - ҳиқ-ҳиқ аз гиря нафасгир шуда гуфт кӯдак.

– Рав, ба очаат гӯй, ки ин ҳам мурад, қатори ҳамон бародарат гӯр мекунед! - бо зарда ҷавоб дод раис.

Бечора раис, гӯё агар ғами он духтари бадбахтро мехӯрд, бо аҳли авлодаш ба Сибир бадарға шуданаш яқин буд.

Солҳои шуми бисту сии асри гузашта дар саросари шашяки рӯи замин аҳвол ҳамин будааст. Миллионҳо одамон бо ҷабр қурбони он сиёсати беамони наслкушӣ шудаанд.

Ба ҳамин қимати миллионҳо ҷони инсонӣ Сталин дар муддати нисбатан кӯтоҳ – даҳ-дувоздаҳ сол, тавонист кишварро саноатӣ кунад. Барои ӯ ва низоме, ки созандааш ӯ буд, ҳаёти инсон ва фоҷиаи иҷтимоӣ арзише надошт ва нақли қавли ӯ, ки гуфта буд: «Қатли як нафар ҷиноят ва қатли ҳазорон нафар омор аст», исботи ин фикр аст.

Ин ҷо дар ҷавоб ба таънаи баъзе миллатгароҳои рус, ки гӯё Русия тоҷиконро мехӯронд, бояд гуфт, ки дигар ташхис додани ин, ки ба баҳои ҷони ҳазорон ҳазор тифли маъсуми тоҷик Русия саноатӣ шуд ё бо баҳои ҷони ҳазорон ҳазор «кулак»-и халқҳои

дигар Иттиҳоди шӯравӣ сохта шуд, корест бемаънӣ ва тавҳин ба рӯҳи он ҳама қурбоншудагон!

Ҳамин колхози Рӯдакӣ низ ҳосили он солҳост, ҳанӯз ҳам мардум медонанд, ки заминҳои колхоз моли кӣ буданд, барзагову аспу юғу омочи кӣ мусодира ва ҷамъиятӣ шуда, асоси колхозро ташкил кардаанд.

Дар замони баччагии ман колхоз муассисае буд, ки аксари мардуми деҳот аъзои он буданд. Вале воқеият ин буд, ки мардум расман саҳмдори ин хоҷагиҳо бошанд ҳам, дар асл моликияти хоҷагиро моли худ намеҳисобиданд, балки ба он ҳамчун моликияти бесоҳиб муносибат мекарданд. Онҳое, ки ба моликияти колхоз дастрасӣ доштанд, дар дуздӣ ва азхуднамудани он ибо намекарданд. Дар ҳолати ошкор шудани дуздиву фасод аз сӯи мақомоти назораткунанда, аксаран бо ришва аз ҷавобгарӣ халос мешуданд.

Иқтисод дар Шӯравӣ нақшавӣ буда, хоҷагиҳо вазифадор буданд, то тамоми маҳсулоти истеҳсолкардаашонро бо нархи таъиншуда ба давлат бисупоранд, ки ин дар кормандон барои иҷро кардани нақша ангеза эҷод намекард. Дар ҳолати иҷро нашудани нақша масъулон ҷазо медиданд. Ин амр онҳоро водор мекард, ки изофанависӣ ва оморсозӣ кунанд. Ҳамин тавр, иқтисоди нақшавии шӯравӣ дар соҳаи кишоварзӣ як низоми фасодзада ва дурӯғ буд, ки ба камбуди маводи ғизоӣ овард ва давлат маҷбур шуд, барои вориди гандум аз хориҷа маблағҳои калон сарф кунад.

Одамон тибқи фарҳанги суннатӣ ба моликияти шахсӣ эҳтиром қоил буданд. Вале ин шакли моликияти ҷамъиятӣ фарҳанги мардуми моро, ки ҳаромхӯриро гуноҳ медонистанд, комилан тағйир дода, фарқи ҳалолу ҳаромро аз миён бурд.

Дар деҳа замони баччагии ман Кампири Робиа ном пиразане мезист, ки то охири ҳаёташ нафақаи таъинкардаи дав-

латро нагирифт ва ғайр аз ин иҷозат ҳам надода буд, ки ба хонааш барққашӣ кунанд. Ӯ гуфта буд, ки ман ба давлат кор накардаам, ки аз он нафақа гирам, он барои ман ҳаром аст. Пули барқро ҳам пардохта наметавонам, фардо дар он дунё чӣ ҷавоб медиҳам. Ҳамин тавр, ин пиразан то охири умр бо қуте, ки аз замини худаш ба даст меовард, бо қаноат зист.

Қаноат ва ҳалолхӯрӣ қаблан ҷузъи афкори ҷомеа будааст, ки бо пайдоиши «моликияти бесоҳиб» тағйир ёфта, луқмаи ҳалоли мардумро ҳаром кард.

Намедонам, сабаб хотираи мардум аз он забти беинсофонаи моликияти бобоёнашон буд, ё нафси бад, вале як иддае, ки он солҳо рӯйи кор буданд, беибо моликияти ҷамъиятиро тороҷ мекарданд. Намехоҳам бигӯям, ки дар ҷомеаи қабл аз колхоз дуздиву ҳаромхӯрӣ набудааст. Вале қабл аз колхоз моликият соҳиб дошт ва дуздиву ҳаромхӯрӣ наметавонист ин қадр густарда пахн шуда, ҷузъи фарҳанги ом бишавад. Албатта, на ҳама ба дуздӣ даст мезаданд. Он вақт ҳам зиёд буданд нафароне, ки имону эътиқод доштанд, ки ҳаромхӯрӣ гуноҳ аст.

Вале нуктаи қобили таваҷҷуҳ ин аст, ки онҳое ҳам, ки аз дуздиву ҳаромхӯрӣ ор мекарданд, амали табаҳкоронро нодида мегирифтанд, дар тӯю маъракаҳои онҳо иштирок мекарданд ва дар хӯрдани моли ҳароми онҳо шарик мешуданд. Аз ин метавон хулоса баровард, ки ҳарому дурӯғ ором-ором дар ҷомеаи шӯравии тоҷик – ин миллати некройу некпиндор ва озода роиҷ ва маъмул мешуд.

Ба назар чунин менамояд, ки коммунизм ҳамчун мафкура дар назария дилкашу ҷолиб бошад ҳам, дар амал ба табиати инсон созгор набудааст. Ҳамин изофанависӣ, оморсозии дурӯғин ва фасоди густарда дар охир яке аз сабабҳои суқути ногузири кишвари абарқудрати Шӯравӣ шуд.

# ҲИКОЯТЕ АЗ ҶАВОНӢ

Ёд дорам, он сол падарам хона бино мекарданд. Дар дашти Марғедар ба мардум заминҳои наздиҳавлигӣ дода буданд, ки ба оилаи мо ҳам як порча расида буд. Тибқи расми роиҷ, ба ҳар падари тоҷик се чиз фарз аст: ба писар номи некӯ гузоштан, ӯро зан додан ва барояш хона сохтан. Падарам дар фикри соҳиби хона кардани ҳар як фарзандашон буданд ва сохтмони ин хона қадаме буд дар иҷрои ин фариза.

Қисса кӯтоҳ, он сол ман дар сохтмони қабати дувуми ҳамин хона, ки аллакай ошёнаи зераш сохта шуда буд, дастёрӣ кардам. Устои чӯбкор, усто Раҳмонқул аз деҳаи Қумоқи ҳамсоя буд. Мардуми Киштӯд сабки махсуси хонасозӣ доранд. Қариб ҳамаи хонаҳо як гуна сохта мешуданд. Як айвони дароз ва аз дохили он вобаста ба талаботи соҳибхона якчанд дар хона.

Баданаи ин иморатҳо хеле мустаҳкам сохта мешавад. Ҳатман дар хонасозӣ заминларзаро ба ҳисоб мегиранд. Мегӯянд, ки сохтори ин хонаҳо ба заминларзаи шадид тобовар аст. Саравал тарҳи хона комилан аз чӯб сохта мешавад. Аввал синҷҳои поёнро мегузоранд, сонӣ дар ин синҷҳо комак бароварда сутунҳои асосиро амудӣ барқарор мекунанд. Ва як рӯз ҳашари синҷбардорон даъват карда, сарсинҷҳоро дар сари ин сутунҳои аслӣ устувор мекунанд. Пас аз ин тамоми ин тарҳро бо каҷсутунҳо муҳкам мекунанд ва ҷолиб ин аст, ки дар сохтани ин бадана умуман аз мехи оҳанӣ истифода намекунанд, таҳсинҷу сарсинҷро ба ҳам бо сутунҳо комак бароварда, васл мекунанд, фақат ҷо-ҷо он ҳам мехи чӯбӣ истифода мекунанд, ки мегӯянд ин равиш муқовимати биноро ба заминларза боло мебарад. Баъд дар болои синҷҳо болорҳои чӯбинро гузошта, устувор мекунанд. Ҳамин тавр, баданаи хонаро комилан аз чӯб месозанд ва баъд аз ин кори лойгарӣ сар мешавад, ки байни ин сутунҳоро хишти лойӣ чида, аз рӯяш андова мекунанд.

Албатта, хиштчиниву андова хеле кори пурзаҳмат аст. Аммо панҷрӯдиҳо дар корҳои хиштчиниву андова ҳашар даъват мекунанд. Дар ҷойҳои мо ҳашар расми хубест, ки ҳаққу ҳамсоя ва хешу табор ҷамъ шуда, корҳои пурзаҳмати соҳибхонаро ба таври дастаҷамъӣ дар як рӯз анҷом медиҳанд.

Баъд аз ин ҳама, устои чӯбкор вассаҳоро мечинаду боз ҳамдеҳагонро ҳашар даъват карда, бомро сиёҳпӯш мекунанд. Ва навбатро боз ба устои чӯбкор медиҳанд, то болои бомро пӯшонад. Дар гузашта, ки шифер набуд, болои бомро гилпӯш мекардаанд, то ки об нагузаронад.

Хулоса, он тобистон ман ҳунари усто Раҳмонқулро тамошо карда, шоҳиди ҳунари муҳандисии хонасозии суннатии маҳаллӣ шудам ва ин ҷузъиётро ба он хотир ҳикоя кардам, ки расми хонасозии суннатии бобоӣ сабт бошад.

Мо ниҳоятан хонаро шиферпӯш кардем. Усто пас аз итмоми кор чанд рӯзе наомад. Як бегоҳ падарам аз амакам хоҳиш карданд, ки усторо бегоҳ ба хона даъват кунанд. Бегоҳ усто ҳамроҳи шогирдаш омад. Падараму амакам бо устову шогирдаш гирди дастархон барои хӯроки шом нишастанд. Модарам хӯроки шомро ҳозир намуданд ва ман дастархончӣ будам.

Пас аз хӯрок, модарам ду бастаро, ки яке бузургтар ва дигаре хурдтар буд, ба ман доданд. Ман бастаҳоро ба хона даровардам, ки амакам хеста, бастаи бузургтарро пеши устову он дигариро пеши шогирдаш бурда гузоштанд. Ба расми панҷрӯдӣ, ба усто сарупо ё ҷомаеро дар миёнбанд баста ҳадя мекунанд. Баргашта берун баромадам, ки модарам як бастаи хурдакакеро, ки ба рӯймолча печонида шуда буд, ба ман дода ишора карданд, ки инро ҳам бибарам. Баргашта он бастаи дохили рӯймолчаро пеши падар гузоштам. Падарам оромона рӯймолчаро боз карданд ва бандчаҳои пулро берун оварда:

– Хӯш, усто, ҳаққатона гӯед, чанд? - гуфта пурсиданд.

Усто:

– Чӣ, ман барои пул кор кардам, магар? Як хона пӯшондам. Ҳеч кори арзишманде накардаам. Ба худатон ва фарзандҳотон насиб кунад, - гуфта, ҷавоб дод ба падарам.

Падарам:

– Не, барои пул неву лекин ҳаққатона гиред охир, ош шавад, - гӯён як миқдор пули ҳисоб кардаашонро пеши усто гузоштанд.

Усто ба пул эътиное накарда, сӯи дигар рӯй тофта, нишаста буд. Ба назари ман ҳолат ногувор намуд. Гумон мекардам, ки усто аз пешниҳоди падарам нороҳат аст.

Падарам:

– Гиред, ба хизмататон розӣ шавед, ҳазор сӯм, ҳаққу ҳалол, - гуфтанд.

– Як тинатон ҳам ба ман даркор нест. Пулатон ба худатон насиб кунад, - гӯён усто пулро баргардонда ба пеши падарам гузошт. Ман, ки бори аввал шоҳиди чунин ҳисобукитоб мешудам, сарфаҳм намерафтам, ки чаро усто ноз мекунад ва пули корашро гирифтан намехоҳад.

Падарам бо табассум аз бандчаҳои пули наздашон чанд донаи дигар ҳисоб карда рӯи он пулҳо ҳамроҳ карданд ва боз назди усто гузоштанд, ва:

– Ана дуруст шуд, сад сӯми дигар, гиреду розӣ шавед, - гуфтанд. Усто бо оҳанги мулоимтар:

– Гуфтам, ки пулатон ба худатон насиб кунад! - гӯён бо дасташ пулҳоро андаке ба сӯи падарам тела дод. Падарам бо табассуми саволомез ба сӯи амакам нигоҳ карданд. Амакам:

– Усто, хуб шуд, гиред, розӣ шавед! - гуфтанд. Усто ба гапи амакам эътиное надода аз падарам:

– Чӣ тавр ҳисоб кардед? - гуён пурсид, зоҳиран, ӯ то ҳол пулро аз сабаби камияш нагирифта будааст, ноз мекардааст, то маблағи дилхоҳашро пешниҳод кунанд.

– Чилучор рӯзи корӣ, ҳар рӯзе 25 сӯмӣ, - ҷавоб доданд падарам.

Ва илова карданд:

– Усто Бозор хонаи ҳамсояро сохт, барои ҳар рӯзи кораш 23 сӯмӣ гирифт, ман барои шумо 25 сӯмӣ ҳисоб кардам, ки хурсанд шавед.

– Устои дигарро бо ман муқоиса накунед, кори мана бинеду кори дигарона, - гуфт усто.

– Охир, барои ҳамин 23-сӯмӣ нею 25-сӯмӣ ҳисоб кардам, - гуфтанд падарам.

Усто:

– Гуфтам-ку, пулатон ба худатон насиб кунад, як хона пӯшондам аз шири модар ҳалол, ба наслҳотон насиб кунад, - гӯён боз ҳам пулро бо нӯги ангушташ андаке ба сӯи падарам тела дод. Ин дафъа амакам ба падарам «пулро ба ман диҳед», гуфта нимхез шуданд. Падарам пулҳоро бардошта ба амакам доданд. Он пулҳоро ҳам диҳед, гуфтанд амакам. Падарам пулҳои боқимондаро, ки наздашон рӯи дастархон меистод, низ ба амакам доданд. Амакам чолокона аз он пулҳо чанд коғази дигарро ҷудо карда ба бастаҳои қаблӣ ҳамроҳ карданд ва:

– Ҳазору саду чил сӯм, усто, гиред розӣ шавед! - гӯён ба усто дароз карданд.

Усто:

– Чанд? - гуфта пурсид. Амакам такрор карданд. Ӯ даст дароз карда, пулро гирифта ба ҷайбаш андохту:

– Насиб кунад, - гӯён даст ба рӯй кашид ва филфавр аз ҷояш хеста, бухчаи наздашро гирифта, ба берун баромад...

## *АБДУЛАҲАД*

Баъд аз он, ки хонаро шиферпӯш кардем, якчанд дона шифер зиёдатӣ монда буд. Он рӯз ману падарам ҳавлиро ба тартиб меовардем. Ҳанӯз то вақти наҳор зиёдтар аз ним соат

монда буд, ки Абдулаҳад – писараммаи падарам аз дарвоза даромад. Мувофиқи расми маъмул, баъд аз салому аҳволпурсӣ, падарам ӯро ба як пиёла чой даъват карданд. Мо ба рӯи тахт-кат, ки дастархонаш доим омода ва то омадани меҳмон бо як пардаи ҳарир рӯйпӯш меистод, баромада нишастем. Охир, мардуми Панҷрӯд ба хонаи ҳамдигар мисли хонаи худашон, ҳар вақт ки хостанд, мераванд ва ҳеч гоҳ пешниҳоди «як пиёла чой»-ро рад намекунанд. Аз ин сабаб дар хонаҳо дастархонҳоро ҷамъ намекунанд, балки барои меҳмони хондаву нохонда омода нигоҳ медоранд.

Вақте мо сари хон нишастем, Абдулаҳад гап сар кард:

– Абдулҳамид, писари тағо, ман бо як кори муҳимме наздатон омадам, агар корамро буд кунед, хурсанд мешавам. Шумо ба ман писари тағо, наздиктарин касед. Агар дар ин дунё ба наздикон такя накунӣ, ба кӣ такя мекунӣ? Худатон медонед, ки ман аз баччагӣ сағир мондам, бо азоби зиёд калон шудам. Хуб медонед, ки худораҳматӣ аммаатон бо чӣ машаққате моро тарбият карданд, - садояш ларзид. Баъд шаммае аз ранҷу кулфати дар хурдсолӣ кашидааш нақл карду як пора нонро ба даҳон андохта, ба қиссаи ҷавонӣ ва зангирияш гузашт. Зани аввалиашро сифат карду аз марги нобаҳангомаш афсӯсу надомат баён кард ва ҳатто овозаш ларзида, наме ҳам дар дидагонаш пайдо шуд. Баъд ба қиссаи зангирии дувумбораваш пардохту гуфт:

– Ҳар мард дар ҳаёташ бояд фарзанди накӯ ба дунё биёрад, номи хуб диҳад ва ӯро хонадор кунад. Ин ҷо аз пиёла чойро бо садои баланд ҳӯрт кашиду ба суханаш идома дод.

– Шукри худо, аз ин зан ба ман даҳ фарзанд ато кард!

Дар суханаш инҷо оҳанги ифтихор эҳсос мешуд. Гӯё, хизмати бузурге ба одамият карда бошад. Мо, тоҷикон дар назди башарият масъулияти хосе ба ӯҳда гирифтаем, фикр мекунем, ки агар ҳар падар даҳто фарзанд накунад, тухми инсон аз дунё пок мешавад.

Абдулаҳад ба сухан идома дода, аз таваллуд то ба камол расидани ҳар фарзандашро ҳам баён кард. Ба сари зангирии писаронаш расида, хонадор кардани ду писари аввалинашро бо ҷузъиёти том ва тавсифи хонаводаҳои арӯсон гуфт. Хӯроки наҳор ҳам омода шуд ва ман онро оварда рӯи дастархон гузоштам. Падарам:

– Ба хӯрок нигоҳ кунед, Абдулаҳад, - гуфта муроот карданд.

– Аввал Шумо, Шумо бузурги авлоди моед, «Об аз хурд, хӯрок аз бузург» гуфтаанд, - ҷавоб дод Абдулаҳад.

Ин масъала, ки кӣ бояд аввал хӯрдани ғизоро сар кунад, дар Панҷрӯд як масъалаи бисёр муҳим аст. Баъзан сари ин масъала баҳсҳое ба амал меояд, ки хӯрдани ғизоро хеле ақиб меандозад. Хушбахтона, ин ҷо вақт хеле коҳилона ҳаракат мекунад ва одамон ниёзе ба шитоб надида, сари баҳсҳои ба назарашон хеле муҳим чӣ қадр лозим бошад, вақтро дареғ намедоранд.

Падарам дар идомаи баҳс исрор накарда:

– Хайр, гиред, - гӯён даст ба табақ бурданд.

Амаки Абдулаҳад ба болиш такя зада, ба хӯрдани оши палав оғоз кард, вале ин ба суҳбат карданаш халал намерасонд. Ҳамоно, қиссаро аз ҷои канда шудааш идома дод ва гуфт:

– Ду келин дар як хона рост намегиранд, ҳавлиямон ҳам хеле калон нест. Хислатҳои занҳои писаронашро ҳам як-як баршумурд. Муносибати онҳо бо модаршӯяшон – зани худашро ҳам баён намуд. Ба истилоҳ «бистарафшонӣ» мекард. Аз он бармеомад, ки ин се оила дар як ҳавлӣ дар фазои тоқатфарсое бо ҷангу ҷидол ва хархашаи ҳаррӯза зиндагӣ мекунанд.

– Аз ҳамин сабаб, ният кардам, ки дар ҳамин қитъаи замин, ки ба ман соли гузашта доданд, кулбае бино карда, якеашро ҷудо кунам. Албатта, аз ҷузъиёти моҷарои заминҷудокунӣ низ моро ба тафсил хабардор кард. То ба охир расидани ошхӯрӣ қиссаи сохтмони хонаи навро низ, ки кораш то марҳалаи

пӯшиши бом расида буд, бо ҷузъиёти густарда нақл кард. Дасташро пок карда истода:

– Писари тағо, барои рӯйпӯш кардани бом, дуто шифер намерасад, ман омадам, ки ҳамин ду шиферро аз шумо қарз кунам, - гуфта, ниҳоятан баъд аз кулли он тафсилот, ки ба ин ду шифер рабти ногусастанӣ дошт, мақсадашро баён кард. Падар, ки дар тӯли ин ҳама вақт фақат як бор, ҳини муроотӣ хӯрок лаб кушода буданд, ба ман:

– Хез, рафта ба Абдулаҳад ду шифер те, - гуфтанд.

Худашон, пиёлаи чойи наздашонро нӯшида:

– Хезед, Абдулаҳад, шиферҳоро гиреду рафта боматонро пӯшонед, - гӯён даст ба рӯй кашида, бархостанд.

## *ФОЛБИН*

Хурофот бештар зодаи ҷаҳолати инсон ва тарси ӯ аз падидаҳои табиист. Одамон аз сабаби он ки омилҳои ба вуҷуд омадани офатҳои табииро намедонистанд, онро ба қувваи фавқуттабиӣ нисбат медоданд. Масалан, мегуфтанд, ки соле, ки дар осмон ситораи думдор бароyad, соли наҳс аст ва ҳатман бадбахтӣ меорад. Ё ҳамин гирифтани офтобро фоли бад медонистанд. Ба дуохониву тумор барои шифо ёфтан бовар доштанд.

Бибии модариям мегуфтанд, ки тақдири ҳар кас рӯзи таваллуд шуданаш дар пешонияш навишта шудааст ва аз он ҷои гурез нест. Ба шубҳаи ман, ки мегуфтам пешонӣ китоб нест, ки ҳамаи ҳаёти одамро дар он навишта шавад, мегуфтанд, ки он бо хати хурд навишта мешавад ва ҳатман ҷойгир мешавад. Баҳсу шубҳаи бештар ғазаби бибиямро меовард, ки ҳатто метавонистанд аз хонаашон пеш кунанд.

Дар замони шӯравӣ сатҳи хурофот каме поён буд, вале баъд аз фурӯпошӣ сатҳи таассубу хурофот боло рафт ва ҳоло

бо вуҷуди пешрафти илму дастрасӣ ба интернет, ҳамчунон боварҳои хурофотӣ дар паҳнои Шӯравии собиқ, бахусус Осиёи Миёна хеле ривоҷ доранд.

Вале баъзан иттифоқоте меуфтад, ки ҳатто илми рӯз аз тафсираш оҷиз аст.

Боре тобистони соли 1991, пас аз баргаштанам аз Ҳинд ҳамроҳи бародарам Абдуҳалим барои муҳиме бо мошини падарам ба бозори Панҷекат рафтем. Ман ронандагӣ мекардам. Роҳи бозгаштан, вақте ки аз деҳаи Сӯҷина мегузаштем, Абдуҳалим ба ман як хонаро нишон дода гуфт, ки ин хонаи як фолбин аст, ки фолҳояш дуруст мебароянд. Ман, ки ба шарлатанҳо бовар надорам, ӯро ба масхара кашидам, ки ба ин гуна фиребгарон бовар мекунад. Ӯ воқеаи аҷиберо бароям нақл кард.

Чанд сол пеш ҳамроҳи ҳамсинфаш Мурод ба назди ин фолбин рафта будааст. Онҳо ҳамроҳ рафта бошанд ҳам, асосан бародари ман Абдуҳалим ба фолбин кор доштааст. Мурод ҳамин тавр бо ӯ ҳамроҳ рафтааст. Он замон аз издивоҷи Абдуҳалим чанд сол гузашта бошад, ҳам фарзанд наёфта буд ва мехостааст аз фолбин хоҳиш кунад, ки пешомади ӯро фол бинад. Вале фолбин ба ӯ хеле аҳаммият надода, ба Мурод часпидааст ва ба ӯ саволи зиёд додааст. Муродро фол дида, ба ӯ гуфтааст, ки ӯ рӯи ду издивоҷро мебинад. Вақте Мурод ба ғазаб омада, ҷавоб додааст, ки ӯ оиладор аст ва нияти ҷудо шудан ё аз нав зан гирифтан надорад, фолбин ба ҳарфи ӯ аҳаммият надода, ба ӯ бо исрор тавсия додааст, ки чанд зиёратгоҳро дар ҷануби кишвар зиёрат кунад. Абдуҳалим мегуфт, ки мо барои ман рафта бошем ҳам, фолбин ба ман кам аҳаммият дода, ба Мурод сахт часпид ва то дами дарвозааш гусел карда, гаштаю баргашта бо исрор хоҳиш мекард, ки зиёрати он бузургонро фаромӯш накунад. Мурод аз назди фолбин хеле асабонӣ берун омада, ҳарфҳои ӯро ҷиддӣ намегирад.

Ман Мурод ва аҳли оилаи онҳоро хуб мешинохтам. Мурод набераи ҳамон Бобои Элдӣ буд, ки бо бобои ман хирманкӯбӣ мекард ва ман бо падари ӯ як сол дар Заврон кор кардаам.

Воқеан, пас аз муддате Мурод сари кадом масъалаи хурде бо занаш ҷанҷол карда, сари хашм ӯро талоқ дод. Баъд аз кардааш пушаймон шуда, занашро дубора никоҳ карда гирифт, ки ин дар Панҷрӯд ба ҳама маълум аст. Абдуҳалим, ки бо Мурод робитаи дӯстии наздик дошт, пешгӯии фолбинро ёдовар шуда, Муродро ташвиқ мекунад, ки ба зиёрати он мазорҳои фолбин тавсия дода биравад ва назре бикунад, вале Мурод ҳамоно парво накардааст.

Бо гузашти муддати кӯтоҳи дигар Мурод ба сисолагӣ нарасида, як рӯз сари хӯроки шом, бе ҳеч маризие, дар сари дастархон сарашро ба зонуи модараш гузошту ҷон дод, ки Абдуҳалим онро ба ҳамон фоли фолбин ва беэътиноии ӯ рабт медод.

## *ҚИССАИ ҚАБУЛ ШУДАНАМ БА ДОНИШГОҲ*

Соли охири мактаб ман қарор кардам, ки барои хондан ба факултаи шарқшиносии Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе хоҳам рафт. Чун шавқам ба соҳаи забону адабиёт бештар буд ва дар ин факулта забонҳои хориҷӣ омӯхта мешуданд, беҳтарин гузина бароям ҳамин факулта менамуд. Ман дар дилам орзуи дипломат шудан доштам ва ба андешаи ман, донистани забони хориҷӣ ин имконро ба ман медод, ки ба орзуям бирасам. Сабаби дигари ин шуъбаи донишгоҳро интихоб карданам ғурури баччагиям низ буд. Он солҳо ин шуъбаи донишгоҳ хеле шуҳрат дошт ва довталабони зиёд ба он ҳуҷҷат месупурданд, ки ба як ҷой 10-15 нафар рост

меомад. Ман, ки тасаввурам дар бораи дониши худам хеле бештар аз асл буд, мехостам душвортарин қулларо фатҳ кунам.

Соли 1983 мактаби миёнаро хатм кардам ва барои дохил шудан ба Донишгоҳ ба Душанбе омадам, вале аз имтиҳони аввалин, ки иншо буд, баҳои «ду» гирифтам. Худам вақте ки иншоро менавиштам, донистам, ки баҳои қаноатбахш нахоҳам гирифт, зеро мавзӯъро хуб намедонистам. Дигар аз он ғурури беҷо чизе намонд.

Чун ман замони таҳсил дар мактаб талабаи аввал ва пешсаф будам ва ба фикри худам, аз дигарон бештар имкони донишҷӯ шудан доштам, ҳам эътимодам ба худам аз ҳад боло буд ва ҳам дигарон маро бисёр қобил мешумурданд, қабул нашуданам ба Донишгоҳ ба ман хеле таъсир кард.

Вале чизе ки маро бештар азият медод, он буд, ки фикр мекардам бовари падарамро ба худам аз даст додам, ҳарчанд падарам ба ман аслан ҳеч чиз нагуфта буданд.

Аз Душанбе баргаштаму дар корхонае, ки падарам кор мекарданд, ба кор даромадам. Он солҳо падарам раиси як бахши корхонаи заминшиносӣ воқеъ дар деҳаи Заврон буданд. Ва он як соле, ки дар Заврон кор кардам, кулли китобҳои дарсии лозимаро гаштаю баргашта хондам.

Вақте ки тобистони дигар барои ҳуҷҷатсупорӣ ба Душанбе омадам, падарам аз тағоям хоҳиш карданд, маро роҳнамоӣ кунанд, то ман имсол ҳатман ба Донишгоҳ дохил шавам. Вақте ба Душанбе омадем, тағоям бо хеши дигарамон Султонмурод, ки устоди донишгоҳ буданд, машварат карданду ба ман тавсия доданд, ки ба факултаи шарқшиносӣ ҳуҷҷат насупорам, чун ба он факулта қабул шудан бисёр душвор буд, зеро барои ҳар ҷой имсол ҳатто аз солҳои пешин бештар довталабон ҳуҷҷат супорида буданд. Натиҷаи соли гузаштаро дида, онҳо фикр мекарданд, ки ман омодагӣ ва лаёқати лозимаро барои дохил шудан ба он факулта надорам. Ин ҳам маро бисёр нороҳат ме-

сохт, зеро ҳарчанд ман исрор кардам, ки мехоҳам дар факултаи шарқшиносӣ, дар шуъбаи забони форсӣ таҳсил бикунам, онҳо ҳукм карданд, ки ман бояд ҳуҷҷатҳоямро ба факултаи филологияи тоҷик бисупорам. Озмуни факултаи филология хеле камтар, барои ҳар ҷой 4-5 нафар довталаб дошт, ва имкони дохилшавӣ ба он ҷо бештар буд. Ман, ки як баччаи 17-сола будаму ҳанӯз иродаи ба калонсолон гап гузарондан надоштам, ночор ҳукми онҳоро пазируфтаму ҳуҷҷатҳоямро ба факултаи филологияи тоҷик супурдам. Аз ин тасмим бисёр нороҳат будам ва ба худам гуфтам: ба факултаи филология бо баҳои баланд дохил хоҳам шуд, то собит бикунам, ки лаёқати дохил шудан ба факултаи шарқшиносиро ҳам доштам, вале дар факултаи филология таҳсил намекунам! Дар факултаи филология ба андешаи онвақтаи ман муаллимони забон ва адабиёти тоҷикро барои мактаб ва донишгоҳҳо тайёр мекарданд, ки ман ҳеч гоҳ фикри муаллим шудан надоштам, чун бовар доштам, ки ин кори ман нест. Муаллимӣ сабру таҳаммули зиёд мехоҳад, дар ҳоле, ки ман аслан он таҳаммулро надоштам. Дар муддати якуним - ду моҳе, ки то имтиҳонҳо боқӣ монда буд, боз ҳам дар пайи омодагӣ ва мутолиа шудам. Ҳамаи китобҳои дарсиро, ки дар муддати як сол хонда будам, бори дигар такрор кардам, ки муҳтавои онҳо комилан дар зеҳнам ҳифз шуда буд. Дӯсти ҳамхонаам Сайфуллоҳ китобро боз мекарду сари мавзӯеро мехонд ва ман он мавзӯъро бе китоб идома медодам, албатта, муҳтавои мавзӯъро ба лафзи худам баён мекардам, вале намунаҳои шеърро ҳифз карда будам.

Имтиҳонҳо сар шуданд. Имтиҳони якум иншо буд. Довталабонро бо муқоисаи шиносномаву варақаи имтиҳонсупорӣ, рӯзи муайян, дар синфхонаҳо менишонданд ва зери назорати як ё ду нафар устодони донишгоҳ иншоро аз зеҳн ва ҳофизаи худ менавиштанд. Истифода аз китоб ё манбаъҳои дигар мамнӯъ буд.

Вақте ба синфхона даромадем, дар рӯи мизи устод чанд лифофа мехобид. Устод довталаберо даъват карда, хоҳиш карданд, ки як лифофаро интихоб кунад. Онро боз карданд ва номи мавзӯъҳои дар он бударо ба тахтаи синф навиштанд. Се мавзӯъ буд, ки ҳар кас метавонист мавзӯи дилхоҳашро интихоб кунад. Ман дар мавзӯи осори устод Рӯдакӣ иншо навиштам. Пас аз ду-се рӯз натиҷаи имтиҳон маълум мешуд. Ман аз иншо баҳои «чор» гирифтам. Он барои ман баҳои қонеъкунанда набуд, чун ман азм доштам, ки ҳамаи имтиҳонҳоро бо баҳои «аъло» (5) бисупорам. Вале ҳусни хатам, ки хуб набуд, ҳадс задам, ки эҳтимолан, ба ҳамин далел ба ман баҳои чор гузоштаанд, чун яке аз меъёрҳои баҳо дар кори хаттӣ ҳусни хат ҳам буд. Дигар даъво накардаму ба ҳамин чор ҳам қаноат кардам. Имтиҳони дигар аз адабиёт буд. Иншо имтиҳони забон ҳисоб мешавад ва имтиҳони дувум имтиҳони адабиёти бадеӣ буд. Варақаи имтиҳон ва шиносномаро нишон дода, ба синфхона даромадам. Он ҷо чанд тан довталабон нишаста буданду омодагӣ медиданд ва дар рӯ ба рӯи мизҳои довталабон чанд миз гузошта буданд, ки паси онҳо устодон нишаста, имтиҳон мегирифтанд. Ман ҳам билетро гирифта, нишастам ва саволҳоро хондам ва дидам, ки бароям ҳеч душворие надоранд. Се савол буд. Ҷавобҳоямро ба гунаи тезис ё сарфасл ёддошт кардаму вақте навбатам омад, дар рӯ ба рӯи муаллими имтиҳонгир нишаста ҷавоб додам. Вақте ҷавоби ҳар се саволро гуфтам, устод саволи иловагии дигаре ҳам дод, ҷавоби онро ҳам додам. Чун барномаи мактаби миёнаро хуб аз худ карда будам, дар ҷавоб додан ба саволҳо душворӣ пеш наомад. Устоди имтиҳонгир аз ҷавобҳои ман ба ваҷд омада, бо садои баланд:

– Баҳои шумо панҷ! - гуфт. Як нафар аз устодон байни мизҳои имтиҳонгирӣ мегашт ва рафти корро назорат мекард. Ман баъдан донистам, ки он кас устод Сатторзода будаанд, ки ҳамон сол раиси комиссияи қабули шуъбаҳои забон ва адабиё-

ти донишгоҳ будаанд. Устод Сатторзода ба устоди имтиҳонгир гуфтанд:

– Ба як саволи дигар ҷавоб диҳад, - ман розӣ.

Аз ин радду бадал ва чун муаллим бо садои баланд эълон кард, ки баҳои ман панҷ аст, таваҷҷуҳи дигар устодон ҳам акнун ба мизи мо ҷалб шуда буд. Устод Сатторзода хоҳиш карданд, ки аз Сайидои Насафӣ шеъре бихонам. Ҳамзамон, устоде, ки дар мизи паҳлуӣ менишаст, хондани шеъре аз Бадриддин Ҳилолиро хоҳиш кард. Ҳарду ҳамзамон савол доданд. Иттифоқан, ман мухаммаси Сайидоро, ки ба ғазали Ҳилолӣ баста буд, аз ёд карда будам. Фаҳмидам, ки ин омади кор аст. Дар посух ба ҳарду савол, ман ҳамон мухаммасро бо садои баланду бурро хондам:

*Ниқоб аз рух барафкандӣ, намуди рӯи зеборо,*
*Зи ғайрат доғ кардӣ дар чаман гулҳои раъноро,*
*Ба дил дорам мани шӯридахотир ин таманноро,*
*«Ба чашми лутф агар бинӣ гирифторони шайдоро,*
*Ба мо ҳам гӯшаи чашме, ки расво кардаӣ моро!»...*

Устодон фаҳмиданд, ки ман бо як тир ду нишон задам, яъне якбора ба ҳарду савол ҷавоб додам, каф заданду таҳсин гуфтанд. Устод Сатторзода ба муаллими ман ишораи қаноат карданд. Устоди имтиҳонгир ҳам бо ифтихор аз он, ки ман сари ӯро хам накардам, баҳои «аъло»-ро гузошту баргаи имтиҳонро ба ман дод. Ман берун омадам ва ба ҳама ҳамсинфону дӯстоне, ки барои дастгирии ман омада буданд, бо ифтихор варақаро нишон додам! Одамони зиёде, ки мунтазири берун омадани наздиконашон истода буданд, варақаи имтиҳони ману шодии маро дида, ба ҳамдигар мегуфтанд, ки «панҷ гирифтааст!» Ба ман ҳолати ҳаяҷону ифтихори аҷибе даст дода буд.

Имтиҳони охири мо аз забони хориҷӣ буд. Ман дар мактаб забони олмонӣ хонда будам. Вақте рӯзи имтиҳони забони

хориҷӣ ба синфхона ворид шудам, касе аз довталабон набуд. Аксари баччаҳо дар мактаб забони инглисӣ хонда буданд ва дар утоқи дигар имтиҳон месупурданд. Дар синфхона ду устоди имтиҳонгир – як зан ва як мард нишаста буданд. Ман билет гирифтаму нишастам. Муаллима, ки бекор нишаста буданд, наздам омада, пурсиданд:

– Саволҳоро фаҳмидед?

Ман саволҳоро хондаму тарҷума кардам ва устод таҳсин карданд. Росташ, он саволҳо хеле сода буд ва ҳатто барои ман, ки дар забони олмонӣ дониши зиёде надоштам, душвор набуд. Олмониро дар ҳадди саволу ҷавоби муқаддамотӣ медонистам, чанд шеър ҳам аз рӯи китоби дарсии мактаби миёна ҳифз карда будаму то ба ҳол қисман дар ёд дорам. Вақте омада нишастаму ба саволҳои билет ҷавоб додам, чанд саволи осони дигар аз қабили «Номат чист?» «Чандсолаӣ?» ва ғайра ҳам доданд, ки ба осонӣ ҷавоб гуфтам. Он гоҳ варақаи имтиҳонҳои маро диданд, ки баҳоҳои «хуб» ва «аъло» гирифтаам. Ин устодон ҳам ба ман баҳои «панҷ» гузоштанд! Албатта, баҳоҳои баланди имтиҳонҳои қаблӣ муассир буданд. Ҳамин тавр, ман як «чор» ва ду «панҷ» гирифта будам ва балли аттестат ё миёнгини он 4,8 буд, ки дар ҷамъ 18,8 бал мешуд. Аз байни довталабони факултаи филологияи тоҷик ман аввал будам. Акнун он қасде, ки доштам, бароварда шуд, ман собит кардам, ки метавонам донишҷӯ бошам. Бо ин баҳоҳо ман метавонистам ба факултаи шарқшиносӣ ҳам дохил шавам.

Баъд аз имтиҳонҳо рӯзеро барои эъломи натиҷаҳо таъйин мекарданд ва дар ҳузури довталабону наздикони онҳо, ректор, декани факултаҳо ва дигар масъулон, натиҷаи имтиҳонот ва қабул шудану нашудани довталабонро эълон мекарданд. Довталабон ва наздикони онҳое, ки қабул нашуда буданд, метавонистанд ҳамон ҷо бо натиҷаҳо шинос шаванд ва ба саволҳояшон ҷавоб гиранд.

Ман ҳамроҳи дӯстонам Сайфулло ва Воиз ба ҷаласаи эълони натиҷа рафтем. Толоре, ки нишастем, пуродам буд – довталабон аксар бо падару модар, хешу табор, дӯстону ҳамсинфон ҷамъ омада буданд. Ҷаласа оғоз шуд. Ректор суханронӣ карда, дар бораи миқдори довталабон, ҷараёни имтиҳонҳои қабул ва натиҷаи онҳо маълумот дод. Ман аслан гӯш намекардам ва бо дӯстонам саргарми суҳбат будам. Толор ҳам пуродам ва пурсадо буд. Овози ректор пасттар буд ва мо, ки дуртар нишаста будем, ман нашунида мондам, ки номи маро мегирифтаанд. Дӯстон ба ман гуфтанд ва ман аз ҷоям бархостам. Ректор ба ҳозирон эълон карданд, ки ман аз имтиҳонҳои қабул болотарин балли умумиро ба даст овардаам. Аҳли толор кафкӯбӣ карданд. Бори дувум буд, ки ба ман кафкӯбӣ мекарданд. Воқеан ин пирӯзӣ буд! Ман ҳаяҷонзада меистодам, ки ректор афзуданд:

– Мо метавонем шуморо ба факултаи шарқшиносӣ гузаронем, оё розӣ ҳастед? Ман дар ҳоли ҳаяҷон ва чун қаблан қаҳр карда будам, хитоб кардам:

– Не!

Намедонам, шояд ректор ин посухи маро нашуниданд ё шояд фикр карданд, ман саволашонро дуруст нафаҳмидам, ки дубора саволро такрор карданд. Ин ду ҳамсинфам аз ду тарафи домони ман кашида, маро ташвиқ мекарданд:

– Розӣ шав, розӣ шав, ту, ки шарқшиносӣ мехостӣ! Туро мехоҳанд ҳамон ҷо гузаронанд, розӣ шав!

Бахти ман хандида буд, ва фақат вақте хандид, ки ман тамоми саъю кӯшишро ба харҷ додам. Беҳуда нагуфтааст, ки «Аз ту ҳаракат, аз ман баракат». Ин маъниро шоир Парвини Эътисомӣ низ хеле муҷаз баён кардааст:

...Ҳиҷоби заъф чу аз ҳам гусаст, азм қавист.

Ман ҳам сар такон додаму эъломи ризоят кардам. Ҳамин тавр, тақдир орзуи маро қисман амалӣ кард. Ба ҷои гурӯҳи забони форсӣ ман донишҷӯи гурӯҳи забони урдуи факултаи

шарқшиносӣ шудам, дар ҳоле, ки аслан намедонистам, забони урду чӣ забонесту дар куҷо ба он ҳарф мезананд.

## *ДУШАНБЕ*

Солҳои донишҷӯии ман, яъне солҳои ҳаштодум Душанбе бештар як шаҳри русӣ буд. Қисми аъзами сокинони Душанбе мардуми рус ва русзабонҳо буданд. Ҳатто худи тоҷикони муқими Душанбе русӣ ҳарф мезаданд, аз укдаи ҳақорат ба забони модарӣ ҳарф заданро ор медонистанд. Дар шаҳр корхонаҳои саноатии зиёд фаъолият мекарданд, ки аксари муҳандисони онҳо аз шумори ғайритоҷикҳо буданд. Агар корхонаи наве сохта мешуд, муҳандисони онро аз Русия ё ҷумҳуриҳои дигар мефиристоданд, гӯё мардуми тоҷик нокора ва қобил ба омӯзиш набуданд. Номи кӯчаву хиёбонҳо, навиштаҳои болои дари корхонаву муассисаҳо ҳама русӣ буданд. Хиёбони марказӣ, боғи маркази шаҳр, Донишгоҳи давлатӣ ва бисёр муассисаҳои дигар ба номи Ленин буданд. Ба ғайр аз як-ду кӯчаи ба номи тоҷикон – қаҳрамонони шаҳиди Ҷанги бузурги Ватанӣ ва се-чаҳор кӯча ба номи шоирон, дигар ҳамаи кӯчаву хиёбонҳо номҳои ғайритоҷикӣ доштанд. Номи ин кӯчаҳо ба гӯшу забони тоҷикон намечаспид магар, ки барои суроғаҳо, номи кӯчаву хиёбонҳоро намегирифтанд. Бештар маҳаллаҳоро номбар мекарданд, масалан, хонаи мо дар наздикии бозори Саховат, ё ду кӯча боло аз чойхонаи Роҳат ва ғайра. Ин тарзи суроғадиҳӣ ёфтани манзилро душвор кунад ҳам, мардум аз ҳамин ривол истифода мекарданд. Латифае ҳам буд, ки мегуфт: «Хонаатон куҷост? Назди хонаи Аҳмад. Хонаи Аҳмад куҷост? Назди хонаи мо». Баъд аз тағйири номҳо ҳоло мебинам, ки одамон номи кӯчаву хиёбонҳоро бештар истифода мекунанд ва

бо ифтихор хонаи мо дар хиёбони Айнӣ, ё кӯчаи Лоиқ Шералӣ гуфта, нишонӣ медиҳанд.

Он замон Душанбе як шаҳри музофотӣ дар Иттиҳоди шӯравӣ буд. Қисмати хурди марказӣ ва шимолу ғарбии он бо биноҳои панҷ ва аҳёнан нӯҳошёна ба шаҳр монанд бошанд ҳам, қисмати азими шаҳр аз ҷиҳати меъморӣ бештар як деҳаи бузургро мемонд.

Баъдан дар замони истиқлол касб кардани кишвар русзабонҳо шаҳрро тарк карданд ва ба ҷои онҳо деҳотиён шаҳрро пур карданд, ки аз ҷиҳати одобу ахлоқ низ Душанбе як деҳаи комил гашт. Ман мушоҳидаҳои худро дар бораи одоби шаҳрнишинӣ дар як ёддошти мухтасар навишта будам, ки дар поён меорам.

Давлати Шӯравӣ батадриҷ маҳалҳои нави маскунӣ месохт ва онҳоро бо рақам номгузорӣ мекард. Мисли ин ки аз аввал нақшаи сохтмони шаҳр дар харита ба қитъаҳо ҷудо шуда рақамгузорӣ шуда будааст, ки масъулон сари худро бо номёбӣ гаранг накарда, ҳамон рақамҳоро ҳамчун номи маҳалҳо истифода мекарданд. Масалан, дар қисмати шимолу ғарбии шаҳр маҳалаҳои 82, 91, 102, 103 ва ғайраро ҳамагӣ чанд сол пеш аз омадани ман ба Душанбе сохта будаанд. Ҳамдарсони донишгоҳии мо, ки муқими Душанбе буданд, нақл мекарданд, ки чанд сол қабл ин минтақаҳо ҳама пахтазор будаанд.

Соли аввали донишҷӯии ман, бинои нави Донишгоҳи давлатӣ дар лаби рӯди Душанбе ба истифода дода шуд. Мо имтиҳонҳои қабулро дар бинои кӯҳнаи донишгоҳ воқеъ дар маркази шаҳр супорида, аввалин донишҷӯёне будем, ки аз соли аввал хонданро дар ин бинои нав оғоз кардем. Дарсҳо ба фарқ аз мактаби миёна, ба таври ҷуфт мегузаштанд. Як фанро мо дар ду нишасти 45 дақиқаӣ, ки дар байн танаффуси 15 дақиқаӣ дошт, мехондем ва ҳар рӯз се-чор ҷуфт дарс доштем.

Бинои нави донишгоҳ хуштарҳу барҳаво сохта шуда буд. Мегуфтанд, ки мувофиқи нақша баъд аз сохта шудани ҳамаи

биноҳои донишгоҳ пеши рӯдхонаи Варзоб ва Лучоб, ки аз ду тарафи бинои Донишгоҳ ҷорӣ буданд, баста мешавад ва Донишгоҳ дар иҳотаи кӯли сунъӣ мемонад. Аз сабаби дар байни ду рӯд ҷойгир будани бино, номи макони донишгоҳ дар забони донишҷӯён «ҷазира» буд. Ман панҷ соли донишгоҳро дар ҳамин ҷазира хондаам.

Хобгоҳи мо дар канори ҷанубии шаҳр дар маҳалли Гипрозем, хеле дур аз донишгоҳ воқеъ буд. Намедонам, бо кадом мантиқ донишгоҳ ва хобгоҳро дар ду қисмати мухталифи шаҳр, хеле дур аз ҳам сохта бошанд. Гӯё ин хобгоҳро махсус, ҳарчӣ дуртар аз донишгоҳ сохта буданд, то ки донишҷӯён фикр накунанд, ки хондан кори осон аст.

Хобгоҳи мо як бинои чорошёнаи фарсудае буд, ки ҳар ошёнааш як дастшӯӣ ва як ошхонаи умумӣ ва тақрибан 20 ҳуҷра дошт, ки донишҷӯён чоркасӣ дар ин ҳуҷраҳо мезистанд. Таъмири дару девори утоқҳо ба гардани худи донишҷӯён буд, қисматҳои истифодаи умумӣ - роҳраву зина ва дастшӯйхонаву ошпазхона солҳо рӯи таъмирро надида дар ҳоли хеле бад қарор доштанд. Вале донишҷӯёни мисли ман аз деҳот омада, чора надоштанд ва зиндагӣ дар ин хобгоҳ барояшон ягона гузина буд.

Чойхонаи «Роҳат» ҷои дӯстдоштаи мо донишҷӯён буд. Чойхона соли 1958 дар канори хиёбони марказии шаҳр бино шуда, намоди фарҳанги тоҷикист. Дар тӯли солҳо чойхонаи «Роҳат» яке аз биноҳои рамзии шаҳри Душанбе шуд ва номи ин чойхона ҳатто барои касоне, ки аз музофоти кишвар боре ҳам ба пойтахт наомадаанд, ошност.

Фазои чойхона дар замони донишҷӯии ман як фазои воқеан роҳат буд. Бинои асосии он дар канори хиёбони марказӣ воқеъ буда, ба таври нотакрор зебо сохта шудааст. Он ду ошёнаи боз ва ҳавлии фарох дар пушт дошт, ки бо фаввораву наққошиҳои миллии тоҷикӣ ба ҳар сайёҳе пойтахти тоҷиконро муаррифӣ мекард. Дар пушти бино ба сабки чойхонаҳои суннатӣ ҳавлие

сохта буданд, ки сарсабз буд ва тахткатҳои бо кӯрпачаву такяболишҳои тоҷикӣ муҷаҳҳаз дошт. Дар ин тахткатҳо доим мӯйсафедон ва нафақахӯрон гурӯҳ-гурӯҳ шоҳмотбозӣ мекарданд. Дар дарахтҳои ин ҳавлӣ қафасҳои парандаҳои хушовоз овехта буданд, ки бо садои дилнишин ба фазо рӯҳи хос мебахшиданд.

Он замон чойхонаи «Роҳат» махсусан барои касоне, ки дар музофот зиндагӣ мекарданд ва наздиконашон дар донишгоҳҳои Душанбе мехонданд, ҷои вохӯрӣ буд. Ҳар касе, ки фарзанд ё наздикашро хабаргирӣ меомад, ба чойхона омада, соате менишаст ва ҳатман шиносеро ёфта, аз ӯ суроғаи наздикашро мегирифт.

## ОДОБИ ШАҲРНИШИНӢ

*Ба он меандешам, ки ин ҳама бадрафторӣ, ки дар хиёбонҳои пойтахт ҳамарӯза шоҳидаш мешавем, аз куҷост?*

*Дар бораи рафтори зишти ҳамшаҳриён нисбат ба ҷинси латиф ё арбадаву зӯргӯии авбошонаи рониандаҳои наклиёти мусофиркаш ба мусофирон зиёд навиштаанд. Лаҳни пур аз сақату дашном, садои баланду гӯшхарош, ифлос кардани кӯчаву хиёбон, гаппарониҳои беҳаёона ба хонумон аз сӯи як идда ҷавонон ҳамаро ба сутӯҳ овардааст.*

*Дар ҷомеаҳои пешрафта расм шудааст, ки агар мушкиле ҳаст, он тахти омӯзишу баррасӣ қарор бигирад, то бо беҳтарин шева ҳал карда шавад. Мо ҳам бояд саъй бикунем ин падидаро баррасӣ кунем. Ва агар решаҳои мушкилро пайдо кунем, мутмаинан дар ҳаллаш комёб хоҳем шуд. Мо набояд дар рӯёрӯи мушкилоти ҷомеа бетараф бошем, зеро дер ё зуд асари он ба мо низ хоҳад расид.*

*Ба андешаи банда, мушкили имрӯзаи пойтахт набуди фарҳангу маданияти шаҳрнишинӣ мебошад. Маъмулан, дар пойтахтҳо ин рафторҳои зиштро мушоҳида намекунем. Балки ҳамин рафторҳои зиште, ки ҳамарӯза дар Душанбешаҳр шоҳидаш мешавем, ҳатто дар шаҳрҳои хурдтар низ аҳёнан ба назар мерасанд.*

*Одатан, дар шаҳр ҳарими шахсии нафар пайваста шикаста намешавад, гӯшҳо аз шунидани дашному сақат озод, чашм аз дидани ифлоскорӣ роҳат, рӯйу бадани хонумон аз нигоҳҳои лесанда канор мемонанд. Шаҳрнишинон одатан, мувофиқи як расму одати тавофуқшудае зиндагӣ мекунанд, ки ҳеҷ кас ба ҳарими шахсии дигаре дахл намекунад.*

*Маданияти шаҳрнишинӣ ҳамин ҳамзистии роҳатро тақозо мекунад. Асоси ин ҳамзистиро ҳамон риояи дахлнопазирии ҳарими шахсӣ ташкил медиҳад. Яъне озодии ҳар кас дақиқан он ҷо қатъ мешавад, ки озодии нафари дигар оғоз бишавад. Кас, чуноне ки наметавонад каси дигарро тела диҳад, айнан ҳамин тавр наметавонад ба самъу зеҳни каси дигар низ халал ворид кунад. Мавзеъҳои мавриди истифодаи умум аз қабили порку хиёбонҳо ва пиёдагарду ҷӯйборҳо ҷузъи як хонаи умумӣ ҳисоб шуда, рафторҳои ношоям ва ифлос кардани онҳо мамнӯъ мебошад. Ин қоида ба он хотир риоя мешавад, ки худи нафар низ дар навбати худ аз дигарон ин интизорро дорад, ки ҳарими шахсияш дахлнопазир бошад ва дар шаҳри тозаву озода будубоши роҳатафзо дошта бошад. Ҳамин тавр, худи ашхос дар риояи дахлнопазирии ҳарими шахсии якдигар манфиатдор буда, аз рӯи худ назорат мебаранд ва як одоби ҳамзистии шаҳрнишинӣ рӯи кор меояд.*

*Дар деҳот бошад, маданияти ҳамзистӣ таври дигар амалӣ мешавад. Одатан, дар деҳот ҳама ҳамдигарро ме-*

шиносанд ва одоб ба хотири шарм аз нафари шинос риоя мешавад. Дар ҷавонӣ одамон истихрола аз он мекунанд, ки калонсолон айб мекунанд, ё ба падару модар арз мекунанд ва ҳамин зеҳният ҷой уфтода, як худнигоҳдорӣ ва одоби қобили қабул муқаррар мешавад. Барои ҳамин, вақте мо ба деҳот сафар мекунем, он ҷо ҳам як одоби қобили қабулро мушоҳида мекунем, вале пай намебарем, ки унсури риояи ин одоб дар асоси дахлнопазирии ҳарими шахсӣ набуда, ба хотири айб кардани дигарон аз корҳои нолоиқ худдорӣ карда мешавад.

Вале вақте нафаре аз деҳот ба шаҳр меояд, аз он назорате, ки одат карда буд, халос мешавад. Ва чун дар атроф он чашмҳои шиносро намебинад, як бепарвоие эҳсос мекунад ва фикр мекунад, ки дигар ҳар амале равост. Ин аст, ки ба духтари мардум гап мепартояд, бо садои баланд, бо лаҳни пурхакорат гӯшҳоро кар мекунад, ҳар ошғолеро ҳар ҷое хост, мепартояд ва ғайра.

Рӯзе ҳамдеҳаеро дидам, ки бо лаҳни дуруштт ва «ту-ту» ба нафари аз худаш калонсол суҳбат кард. Пурсидам, «фалонӣ, чаро ин гуна суҳбат мекунӣ?» Гуфт: «ин ҷо ҳама ҳамин тавр суҳбат мекунанд». Гуфтам, агар падарат ин амалатро бинанд чӣ? Сурх шуд ва маъзарат хост. Омода набуд зери нигоҳи шинос дар ин ҷо ҳам, ки «ҳама ҳамин тавр суҳбат мекунанд», беҳурматона суҳбат кунад.

Албатта, ҳардуи ин фарҳанг дар кул ҷоиз аст, дар ҷузъ касонеро ҳам вомехӯрем, ки аз деҳот бошаду дар одоб хеле шаҳрнишин ва баръакс.

Пойтахти кишварҳо одатан ҷои ҳузури зиёиён ва рушди фарҳанги миллат мебошад. Одатан рисолати пойтахтҳо эҷоди фарҳанги воло ва паҳн кардани он дар кулли кишвар

*аст, ки онро шаҳрисозӣ меноманд. Паҳн кардани ин фарҳанг ба тадриҷ бо омадурафти шаҳрвандон аз деҳ ба шаҳр ва баръакс амалӣ мегардад. Вале чун дар бист соли охир ба Душанбе омадан ҳасту баргаштан нест ва яку якбора теъдоди омадагон хеле бештар аз бошандагони шаҳр буд, раванди деҳотисозӣ ба ҷои шаҳрисозӣ ба амал омад.*

*Ба эътиқоди банда, решаи ин ҳама зиштӣ бархӯрди ин ду фарҳанг аст, ва роҳи ҳалли ин мушкил рӯшангароӣ ва маърифатноккунонии ҷомеа аст, то дар дуртарин деҳотамон низ «шаҳрнишинон» тарбия бишаванд.*

Ин ёддоштро ман соле қабл навишта будам ва ба наздикӣ асари нависандаи португалӣ – Жосе Сарамаго – «Кӯрӣ»-ро хондам. Хулосаи ӯ чунин аст: «Фикр намекунам, ки мо кӯр шудем, балки кӯр будем ва кӯр мондем. Кӯроне, ки мебинанд. Кӯроне, ки мебинанд, вале намебинанд». Ӯ инсониятро «кӯр» меҳисобад ва ба «бино шудан» даъват мекунад. Хондани ин асари боарзишро ба хонандаи азиз тавсия менамоям.

## МОҶАРОИ ПИСАРХОЛА

Баъзе устодони донишгоҳ дар замони Шӯравӣ хеле сахтгир буданд. Ба фарқ аз имрӯз, баҳои донишомӯзро фақат дар асоси донишаш мемонданд. Ришваву фасод қариб вуҷуд надошт. Як рӯз як писархолаам, ки дар Донишгоҳи политехникӣ мехонд, ба ман муроҷиат кард, ки мусоидат бикунам, то аз донишгоҳ хориҷ нашавад. Моҷаро аз қавли ӯ ин буд, ки устоде ба ӯ қасд гирифтаву мехоҳад ӯро аз донишгоҳ хориҷ кунад. Мегуфт, он муаллим ҳамшаҳрии дӯсти наздики ман – Мирзо асту ҳатман гапи Мирзоро дар замин намемонад. Таваллову зорӣ

мекард Мирзоро хоҳиш кунам, то бо он устод гуфтугӯ карда, ҳадди ақал ӯро барои аз нав имтиҳон супурдан розӣ кунад.

– Мирзо метавонад, ҳатман метавонад, чун онҳо ҳарду аз як ҷо ҳастанд, ҳамдигарро бояд бишносанд! - ваҷҳ меовард ӯ. Ман бо Мирзо аз замони донишҷӯӣ шиносоӣ доштам ва воқеан бо ҳам хеле дӯсти наздик будем. Аз сабаби он ки ман ба Мирзо барои худдорӣ аз корҳои номаъқул, баъзан «насиҳат» мекардам, ӯ маро шӯхиомез «роҳбари маънавӣ» меномид.

Ин Мирзо дар шаҳр бисёр маъруф буд ва аксарият ӯро мешинохтанд. Зоҳиру сураташ ҳам бисёр хотирмон буд. Қаду қомати баланд дошт ва бо риши кӯтоҳу мӯйҳои дароз мегашт, лақабаш Риш буд. Баччаи аҳли дӯстиву рафоқату улфат буд ва аз ин рӯ, рафиқу ошнои зиёд дошт. Каме шуҳрати гарданкашӣ ҳам дошт. Ман ҳам фикр кардам, ки ин кор ҳатман аз дасти Мирзо бармеояд!

Муроҷиат кардам, Мирзо гуфт:

– Намешиносамаш, хайр мерем, шинос мешем.

Мо секаса ҳамроҳи Мирзову писархолаам ба донишгоҳ рафтем. Писархолаам то пушти дари утоқи муаллим моро раҳнамоӣ карду худаш берун интизор монд. Мирзо дарро тақ-тақ заду интизори ҷавоб нашуда ворид шуд ва назди мизи муаллим рафт, ман ҳам аз пасаш. Мирзо бо як *лаҳни кӯчагӣ* пурсид:

– Мумкинай, малим?

Устод дар посух гуфт:

– Шумо аллакай даромадед.

Рост мегуфт, чун Мирзо дарро зада бошад ҳам, мо иҷозатро мунтазир нашуда, ворид шуда ва ба назди мизи ӯ расида будем. Мирзо курсиро кашиду нишаст ва ба ман ҳам бо сар ишора кард: «Бишин». Мирзо худашро шинос кард:

– Малим, ма Мирзои Риш, ай Данғараам, бачаи фалонӣ.

Муаллим гуфт:

– Ман ҳам аз Данғараам, вале туро нашинохтам, падаратро ҳам.

Ва пурсид:

– Чӣ хизмат?

Мирзо бо ҳамон лаҳн гуфт:

– Малим, мо барои як студентут омадем, ай имтиҳони худут мушкил доштай, барои ҳамин пешут омадем.

Зоҳиран, танҳо донишҷӯе, ки имтиҳони ин устодро насупорида буд, ҳамин писархолаи ман буд, ки муаллим билофосила пурсид:

– Барои Салоҳиддинов?

Мирзо тарафи ман нигоҳ кард, сар такон додам: «Худаш». Муаллим дафтари ҳузури донишҷӯёнро боз карду сафҳаеро ба мо нишон дод, ки дар радифи номи писархолаам ҳарфи «н», яъне «набуд», қатор буд. Гуфт:

– Ӯ умуман ба дарсҳои ман намеомад, хеле беҳурматӣ мекард, ман ҳеч гоҳ ба ӯ баҳо намегузорам.

Мирзо дасте ба ришаш бурду гуфт:

– Малим, мо фаҳмидем, ки ӯ ягон номаъқулӣ кадай, ки худут иқа сахтуш гирифтаӣ, мо ҳам барои ҳамин омадем, я балош буку бачча ай институт хориҷ нашава.

Муаллим гуфт:

– Гӯш кун, ҳамин модари ман бемор шуд. Бемори вазнин. Духтари як ҳамсоямон парастор аст. Ҳамин духтар чандин моҳ модари маро нигоҳубин ва парасторӣ карда, ба навъе, аз марг наҷот дод. Ана аз ҳамин хонавода як писар дар ҳамин донишгоҳи мо мехонд. Дарсҳои маро аз худ карда натавонист. Ман ба ҳамин бачча баҳои «ду» мондам. Модарам аз ман илтимос кард, ки ба ҳамин бачча «ду» намонам, рӯи хотири хоҳараш, ки модарамро аз марг наҷот дод, ёрӣ кунам. Ман ба ҳамон бачча ёрӣ накардам, аз институт хориҷ шуд.

Яъне ин муаллим на танҳо сахтгири гузаро буд, балки ноодам ҳам буд. Баъд аз ин Мирзо нафаси чуқуре кашиду бо як ҳаракати аҷиби дастҳову ангуштон, ки хоси ӯ буд, аз ҷо бархост. Маълум буд, ки ӯ ба хашм омадааст. Вақте ӯ бархост, муаллим фикр кард, ки Мирзо ба қасди таҳдид мехезад. Каме курсиашро ақиб карду гуфт:

– Агар мезанӣ, бизан!

Қиёфаи Мирзо, бо ришу мӯи дароз каме ҳаросафкан буд, вале ин замон осори хашм ҳам дар чеҳрааш пайдо шуда буд.

– Агар ҳатто бизанӣ, ман ба ҳамин бачча баҳо намемонам! - қарори муаллим қатъӣ буд.

Мирзо қоматашро рост карду тарафи муаллим нигоҳ кард ва ангушти ишоратащро сӯи ӯ теғ карда гуфт:

– Э, тура худо бизана! Агар ба касе, ки модарта наҷот додай, ёрдам накада бошӣ, тура худо бизана!

## *МАҲАЛГАРОӢ*

Мо мардуми тоҷик дар замони пеш аз Шӯравӣ ҳам аҳли як миллат набудаем, бештар аҳли маҳал будаем. Аз мушоҳидаҳои навишташуда дида мешавад, ки дар аморати Бухоро ва хонигариҳои дигари минтақа одамон худашонро бухорӣ, самарқандӣ, фарғонӣ, хуҷандӣ ва ғайра муаррифӣ мекардаанд.

То вақте ки ҳукумат дар дасти сулолаҳои ғайритоҷик буд, ин маҳалпарастӣ таъсири чандоне дар ҷомеа надоштааст. Вале ба маҳзи ба масъулият расидан, намояндагони маҳалли ба қудрат расида, доди маҳалгароиро додаанд. Мутаассифона, ин падидаи манфур ба ҳадде дар ҷомеа ҷой афтодааст, ки ҷузъи афкори умум шуда, ҳатто зиёиёну нухбагон низ ба он мубтало гаштаанд.

Дӯст доштани зодгоҳ ва маҳалли зисти худ амри табиист ва ҳеч бадие надорад, ба шарте, ки кас нисбат ба минтақаҳои

дигар хусумату бадбинӣ надошта бошад. Вале ба қавли маъруф, талу теппаҳои маҳалли худро аз кӯҳҳои минтақаи дигар боло гузоштан, ифрот аст ва сабаби парокандагӣ ва набуди ваҳдат дар кишвар мешавад, ки метавонад оқибатҳои пешгӯинашавандае ба бор орад.

Соли аввали донишҷӯӣ (1984) дар Душанбе шоҳиди падидаҳои аҷибе шудам. Ҳамсинфони ман Сайфуллоҳ ба шуъбаи иқтисодии Донишгоҳи давлатӣ ва Воиз ба Донишгоҳи политехникӣ дохил шуда буданд. Хобгоҳҳои ин ду Донишгоҳ дар маҳаллаи 33-уми пойтахт дар назди гузари гӯштфурӯшон дар канори ҳам ҷойгир буданд. Ин ду бино дар масофаи тақрибан сад метр аз ҳам қарор доштанд ва тирезаҳои як тарафи онҳо ба ҳам нигоҳ мекард.

Як бегоҳ баъд аз дарс ман меҳмони Сайфуллоҳ шудам. Замоне аз берун садои доду ғирев баланд шуд. Вақте аз тиреза ба берун нигоҳ кардем, дидем, ки аз тирезаҳои бинои муқобил машъалҳои оташ ба ҳавлӣ партофта мешуд. Дуруст нигоҳ кунам, ҷавонон аз ҳарду бино рӯзномаҳоро оташ зада ба замин мепартофтанд ва ин машъалҳо ҳавлии байни биноҳоро нимрӯшан мекарданд. Ин саҳнаи аҷибе буд. Дар ҳавлии нимрӯшан ҷавонони зиёд занозанӣ мекарданд ва фазо пур аз доду фарёд буд.

Сайфуллоҳ бо норозигӣ «боз сар шуд» гуфта, сар ҷунбонд. Ман, ки намедонистам чӣ мегузарад, аз ӯ тафсил пурсидам. Аз нақли ӯ маълум шуд, ки сари ҳар чанд вақт, ҷавонони зодаи Бадахшон бо ҷавонони зодаи Кӯлоб дар ин ҷо ҷанг мекардаанд. Гоҳ аз ин ва гоҳ аз он тараф ҷангхоҳҳои бо ҷӯбу оҳан мусаллаҳ ҳозир шуда, ба тарафи дигар дашному тавҳин мегуфтаанд ва намояндагони тарафи дигар барои ҷавоб додан берун меомадаанд ва ба ҳам меовехтаанд.

Ман аз Сайфуллоҳ пурсидам, ки мушкили байни онҳо чист, чаро ба ҳам хусумат доранд? Ӯ ҳам, ки сабабашро намедонист, бо «онҳо девонаанд» гуфтан, хулоса кард.

Вале албатта, ин ҷавоби ӯ зеҳни кунҷкови маро қонеъ накард. Баъдан ман бо таҳпурсӣ муайян кардам, ки ин ҷавонон аксаран ҳамдигарро нашиносанд ҳам, онҳоро дар зодгоҳашон чунин таълим медодаанд. Донишҷӯёне, ки барои таътил ё баъди хатми Донишгоҳ ба зодгоҳ бармегаштаанд, ба онҳо дар бораи муҳорибаҳо ва ғалабаҳои худ аз рӯи тарафи дигар нақлҳо мекардаанд ва наврасонро дар рӯҳияи душманӣ ба тарафи дигар, «қаҳрамонӣ» ва «дифоъ аз обрӯи маҳалли худ» тарбия мекардаанд. Масалан, Варқа аз Душанбе баргашта, ба наврасони бадахшонӣ аз ҷангҳояш бо кӯлобиҳо ба ҷавонон нақл карда, дар қалби онҳо эҳсоси душманиро алайҳи кӯлобиҳо бедор мекардааст. Ё, Сайҷаъфар дар зеҳни наврасони кӯлобӣ тимсоли ғалабаи кӯлобиҳо бар бадахшониҳо шуда, онҳоро ба муҳорибаҳои беамони баъдӣ омода мегардондааст.

Вақте ин ҷавонон ба Душанбе меомадаанд, ба ҷои донишомӯзӣ, рисолати аввалини худро дар муҳофизати номуси маҳалли худ аз саркӯб кардани тарафи дигар медонистаанд. Ин аст, ки вақте ду нафар бо сабабе пархош кунанд, шиор медоданд ва тамоми ҷавонони маҳаллашон ба по мехестанд. Ин саҳна тақрибан саҳнаҳои задухӯрдҳои асри сангро ба ёд меовард. Саднафарӣ аз ду тараф мусаллаҳ бо сангу чӯб ба ҷони ҳам дармеафтоданд.

Одатан, ин муҳорибаҳо бо дахолати милиса пешгирӣ мешуд. Вале ҳатто дар ин ҳол чандин нафар ба ёрии пизишкон ниёзманд мешуданд.

Яке аз хусусиятҳои ахлоқи ҷомеа дар Душанбе ва умуман дар Шӯравии собиқ ин буд, ки шаҳрвандон бо милиса ҳамкорӣ намекарданд. Ҳамкорӣ бо милисаро ор медонистанд. Худи ин падида хеле ҷолиб аст ва баррасии махсус мехоҳад. Тибқи ин фарҳанг, ҳамкорӣ бо мақомоти қудратӣ бадтарин амал ҳисобида шуда, касони ба он «муттаҳам»-шударо «буз» меноми-

данд. Ҷавонон «буз» шуданро ба шаъни худ ор дониста, ҳеч гоҳ ихтиёрӣ бо мақомоти тафтишотӣ ҳамкорӣ намекарданд. Аз ин сабаб омилҳои ин кашокашиҳо аксаран ошкорнашуда мемонданд ва пешгирии лозима низ ба таври шоён сурат намегирифт.

Баъдан, дар пурсуҷӯйҳо ба чунин натиҷа расидам, ки қариб дар тамоми маҳалҳо ҷавононро дар рӯҳияи маҳалгароӣ тарбия карда, ба Душанбе мефиристодаанд. Умуман, донишҷӯён дар донишгоҳҳо ҳам бештар дар ҳалқаи ҳамшаҳриёни худ мезистанд ва ба намояндаҳои маҳалҳои дигар бо нобоварӣ ва ҳатто бо хусумат нигоҳ мекарданд. Ин падидаи ғашовар то пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ дар ҳадди хонагӣ монд, вале дар аввалин фурсат меваи талхи худро дод, ки ҷанги шаҳрвандӣ ва хушунатҳои онро ба бор овард.

Дар баъзе маҳалҳо дар овони баччагӣ дар қалби баччаҳо тухми нобоварӣ ва душманӣ ба маҳалли дигарро мекоштаанд, дар ҳоле, ки ман то ба Душанбе омаданам аслан аз чунин чизе хабар надоштам. Худамро на намояндаи як маҳал, балки як миллати сарбаланд меҳисобидам. Ростӣ, ба мо дар мактаб ҷуғрофияи Тоҷикистонро дарс намедоданд ва ман тасаввур ҳам надоштам, ки Тоҷикистон инчунин маҳалҳои зиёд дорад. Барои ман Тоҷикистон фақат ҳамин Панҷрӯд ва он маркази дунёву маҳалли муҳорибаҳои хаёлии ман аз «Шоҳнома»-и безавол буд.

Ҳар кас хонадони худ, деҳа, шаҳр, кишвари худро дӯст медорад ва онро тавсиф мекунад, ки ҷои тааҷҷуб надорад. Ин маҳалгароӣ нест. Бад дидани маҳалли дигар, паст ҳисобидани сокинони он, бо шубҳа ба онҳо нигаристан, эътимод накардан фақат ба хотири аз маҳалли дигар будани онҳо маҳалгароист! Ҳар маҳал лаҳҷаву урфу одати худро дорад. Бо истеҳзо ба лаҳҷаву урфу расми маҳалли дигар муносибат кардан маҳалгароист!

# *ТОҶИКИСТОН*

Тоҷикистони шӯравӣ кишвари ба таври сунъӣ сохтаи болшавикон аст. Солҳо пеш аз вуқӯъи инқилоби коммунистӣ қисми сарзаминҳои Осиёи Миёна аллакай аз сӯи Императории Рус забт шуда буданд.

Дар натиҷаи мағлубиятҳои пайдарпай, амири Бухоро маҷбур шуда буд, ки 23 июни соли 1868, мувофиқи аҳдномаи Зирабулоқ бекигариҳои Самарқанд, Панҷекат, Катта-Қӯрғон ва Ургутро ба Русия супорад.

Солҳои 1864-1875 русҳо дар натиҷаи ҷангҳои пайдарпай шаҳрҳои Тошканд ва Хуҷандро забт карда, дар ниҳоят соли 1876 бо забти Қӯқанд, хонигарии онро барҳам дода, бо зӯрӣ сарзаминашро пурра ба кишвари худ ҳамроҳ карда буданд.

Ҳукумати Русияи подшоҳӣ ба заминҳои ҳосилхези Осиёи Миёна ҳамчун ба манбаи таъмини корхонаҳои кишвараш бо ашёи хоми кишоварзӣ нигоҳ мекард ва дар аввалин фурсати муносиб бо ҳар роҳу восита заминҳои минтақаро ғасб ва ба кишвари худ ҳамроҳ мекард.

Ҷанги Императории Рус бо Туркия дар солҳои 1877-1878 идомаи ғасби сарзаминҳои Осиёи Миёнаро ба таъхир гузошта бошад ҳам, қисмати боқимондаи Аморати Бухоро ва хонигарии Хоразм дар ҳоли дастнигар аз Императории Рус ба сар мебурданд. Амири Бухоро расман мустақил бошад ҳам, бе иҷозати императори рус қадаме бардошта наметавонист. Мувофиқи ҳамон аҳдномаи «Зирабулоқ», амир муваззаф буд, ки тамоми сиёсати хориҷияшро бо давлати рус мувофиқа кунад. Муносибати ҳақиронаи амири Бухоро дар муқобили Императории Русро Аҳмади Дониш дар «Рисолаи манғития»-и худ бо танзи сазовор хуб тасвир кардааст.

Аз рӯзҳои аввали инқилоб болшавикҳо дар он қисмати бузурги Осиёи Марказӣ, ки ҷузъи Императории Рус буд, Ҷумҳурии мухтори Туркистони шӯравиро таъсис доданд.

Соли 1920 артиши сурх бо баҳонаи ёрӣ ба инқилобиёни маҳаллӣ, Аморати Бухоро ва хонигарии Хоразмро ҳам забт карда, Ҷумҳуриҳои халқии шӯравии Бухоро ва Хоразмро таъсис дод, ки ин воқеа дар китоби «Фитнаи инқилоби Бухоро»-и устод Муҳаммадҷон Шакурӣ муфассал ба қалам дода шудааст.

Солҳои 1924-1925 тақсимоти ҳудудӣ-миллӣ гузаронда, ҷумҳуриҳои миллӣ ташкил карда шуд, ки баъдан ин ҳодиса ба номи «табартақсим» маъруф шуд. Масъулон гоҳе аз рӯйи ғараз, гоҳе нодонии ҷуғрофиву этникӣ, дар тақсими ҳудуд он қадр ба ҳарҷу марҷ роҳ доданд, ки халқҳои тӯли асрҳо дар якҷоягӣ зиндагӣ дошта, дар ду сӯи марзҳои ҷумҳуриҳои навташкил монданд. Масалан, водии Зарафшон, ки мардумони бумии он – тоҷикон дар тӯли ҳазорсолаҳо, аз саргаҳи рӯди Зарафшон то Самарқанду Бухоро якҷоя зиндагӣ мекарданд, дар ду сӯи марз, ним дар Тоҷикистону ним дар Ӯзбакистон монданд. Худи табиат ин водиро тарзе офаридааст, ки қисматҳои поёнобу болооби он фақат дар якҷоягиву ҳамоҳангӣ метавонанд барои зист мувофиқ бошанд. Тақсимоти марзӣ ноҳияҳои Панҷекат, Айнӣ ва Масчои имрӯзаро дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва навоҳии поёноби Зарафшонро дар ҳудуди Ӯзбакистон муқаррар кард.

Вале, бо вуҷуди ин, дар тӯли ҳафтод соли ҳокимияти шӯравӣ тамоми фаъолияти иҷтимоӣ-иқтисодии се ноҳияи болооби ин водӣ, ки ба Тоҷикистон дохил буданд, ба Самарқанду Бухорову Марв – марказҳои табиӣ-таърихии минтақа, ки акнун ба ҷумҳуриҳои Ӯзбакистону Туркманистон шомил мешуданд, вобаста буд, зеро аз ҷиҳати ҷуғрофӣ осонтарин ва наздиктарин роҳҳо ба ҳамин шаҳрҳо васл буданд.

Ин «табартақсим» дар бадани ҳамаи халқҳои минтақа ҷароҳати ҳамеша хуншор гузошт ва ғайр аз ин ки ҳамзистии таби-

ии мардумро халалдор кард, зери муносибати байни ин халқҳо бомби замонӣ ҳам гузошт, ки баъдан мо шоҳиди таркишҳояш шудем.

Назарияи марксизм-ленинизм бунёди атеистӣ дошт ва сарони инқилоби сурх бо такя ба иттилои ҷамъовардаи пажӯҳишгарони қаблии рус тоҷиконро ҳамчун мазҳабитарин қавми маҳаллӣ ва душмани идеолоҷии худ мешинохтанд. Аз таҷрибаи таърихӣ огоҳ буданд, ки фарҳанги ин миллат мисли дарахти муқтадирест, ки решаҳо ва шоху баргаш тамоми соҳаҳои зиндагиро печонда гирифтааст ва ҳар ки ба ин сарзамин омадааст, дар ниҳоят дар ин фарҳанг ҳазм ва аҳли он шудааст. Ба ин сабаб, беҳтарин гузинаро барои худашон ҳамкорӣ бо пантуркизм, ки он замон дар минтақа нуфуз пайдо карда буд, дониста, вуҷуди миллати тоҷикро инкор ва марказҳои фарҳангии онро ба шаҳрҳои музофотӣ дар ҳайати ҷумҳуриҳои дигар табдил доданд. Босаводону нухбагонашро нобуд карданд, хаташро тағйир доданд, то аз гузаштаи худ огоҳӣ надошта бошад. Оммаро тавассути барномаҳои «маҳви бесаводӣ» ба хати нав «саводнок» намуда, пайваста талқин мекарданд, ки «шумо дар гузашта ҳеч будед». Ин барномаҳо саводи сатҳӣ диҳад ҳам, қобилияти андеша ва таҳлилро намедод, аз ин сабаб мардум бо уқдаи ҳақорат ва худкамбинӣ бузург мешуданд. Биноан табиист, ки одамон аз асли худ хабар надоштанд, ба ҳамаи ин ҳазён бовар мекарданд ва касе савол намедод, ки агар мо ҳеч будем, ин ҳама шоиру нависандаву мутафаккир ва ин фарҳанги беназир аз куҷост?! Аз ҳамин метавон хулоса баровард, ки «табартақсим», тағйири хат ва барномаҳои заифи мактабҳои тоҷикии Шӯравӣ махсус ва бо ҳадафҳои ғаразнок роҳандозӣ шуда буданд.

Манфиати турктозонаи пантуркистон низ дар он марҳала бо манфиати исломҳаросонаи болшавикон мувофиқ омад. Пантуркистон аз фурсати муносиб истифода карда, номи миллати бумиёнро тағйир доданд ва фарҳанги ҳазорсолаҳо офаридаи

соҳибони ин сарзаминро ба номи худ навиштанд, ки то ҳол касе аз ғасбгарони ин сарзамин ин найрангро ба кор набурда буд.

Дар натиҷаи ин тақсимоти ноинсофона, ба мо тоҷикон аз сарзамини паҳновару ҳосилхези бобоиямон як гӯшаи дурдасту ноoбод ва кӯҳистонии он расид, ки имрӯз бо номи Тоҷикистон шинохта мешавад. Вале ҳатто ҳамин кӯҳпораи ноoбод низ ба осонӣ ба даст наомад, барои ба даст овардани ин як порча замин, барои сохтани кишвар барои соҳибони аслии ин марзу бум, фарзандони фарзонаи миллати ман ҷонбозиҳо карданд ва ниҳоят аксаран бо иттиҳоми миллатчигӣ қурбон шуданд.

Аҷибаш ин буд, ки минтақаҳои ба тоҷикон додашуда гӯё махсус интихоб шуда буданд. Як порча аз водии Фарғона, порчаи дигар аз водии Зарафшон ва як порча аз Бухорои шарқӣ, ки табиатан ба воситаи кӯҳҳо аз ҳам ҷудо буда, байни ҳам роҳи бевосита надоштанд. Дар тӯли солҳои ҳокимияти шӯравӣ ҳам байнашон роҳи хуб сохта нашуд ва ин минтақаҳо шомили як кишвар бошанд ҳам, дар асл дар ҳолати аз ҳам гусаста зиндагӣ мекарданд, ки яке аз сабабҳои асосии адами ваҳдати миллӣ ва рушди марази маҳалгароӣ дар Тоҷикистон шуд.

Ҳадафи асосии дастандаркорон маҳалҳоро дар инзиво гузошта, аз байн бурдани забони форсии тоҷикӣ буд. Сабаби забони худро хуб ҳифз карда тавонистани мардуми болооби Зарафшон он буд, ки Самарқанд ва Бухоро шаҳрҳои тоҷикон буданд ва забону фарҳанги худро нигоҳ дошта буданд. Вале дар қисмати водии Фарғонаи Тоҷикистон, ки аз ҷиҳати ҷуғрофӣ ба қисматҳои дигари Тоҷикистони ба таври сунъӣ сохташуда роҳ надошт ва бештар бо Тошканд ва дигар шаҳрҳои Ӯзбакистон равуо дошт, таъсири забони ӯзбакӣ бамаротиб бештар буд ва ба забони мардум садама зад.

Аз шаҳрҳои ҳазорсолаҳо ба мардуми ман тааллуқдошта, аз марказҳои сиёсию иҷтимоӣ ва адабию фарҳангии таърихиямон, ки заминаи асосии ташаккули миллати воҳиди тоҷик

буданд, яке ҳам ба мо нарасид. Дар натиҷа, барои кишвари ба таври сунъӣ барои мо тоҷикон сохташуда, як деҳаро пойтахт интихоб намуданд.

Рисолатҳои пойтахт хеле муҳим буда, он созандаи ҳувияту фарҳанг, тафаккури миллӣ, ваҳдати сокинони маҳаллу музофотҳои мухталифи кишвар аст. Шаҳри Душанбе дар замони Шӯравӣ ба маънии томи ин сухан пойтахти миллии тоҷикон нашуд, он бештар як шаҳри русӣ буд ва аз ин сабаб рисолатҳои мазкури худро ба пуррагӣ иҷро карда натавонист. Ин буд, ки дар ин кишвари ба таври сунъӣ ва бадтарин навъ сохташуда, ягонагӣ ва ваҳдати миллӣ ба вуҷуд наомад ва ин чиз дар солҳои аввали истиқлол яке аз сабабҳои асосии сар задани ҷанги шаҳрвандии хонумонсӯз дар кишвар гардид.

Гарчанде солҳои 70-80-ум нишонаҳои умедбахши дар Душанбе ба ҳам омадани намояндагони минтақаву маҳалҳои гуногуни Тоҷикистон ба мушоҳида мерасид, аммо бо касофати фурӯпошии Иттиҳоди Шӯравӣ ва ҷанги шаҳрвандӣ дар солҳои 90 ин раванд қатъ гардид ва нотамом монд.

## *ХИЗМАТИ САРБОЗӢ*

Дар ҳоле, ки дар Шӯравӣ донишҷӯёнро ба хизмати сарбозӣ намегирифтанд, ба бахти ман дар соли 1984, ки соли аввали дар Донишгоҳ хонданам буд, қоидаи нав рӯйи кор омад ва давлат қарор кард, ки донишҷӯён низ ба хизмати сарбозӣ ҷалб шаванд. Ягона истисно барои донишгоҳҳои пизишкӣ дар назар гирифта шуда буд, ки ин қарор донишҷӯёни онҳоро аз хизмат озод мекард. Аслан, барои омӯзиши забони хориҷӣ низ фосила дар байни таҳсил зараровар аст, вале он вақт факултаи мо ҳам шомили феҳристе шуд, ки донишҷӯёнаш бояд барои сарбозӣ бираванд. Он замон артиши шӯравӣ дар хоки Афғонистон буд,

эҳтимолан, шояд ба ҳамин далел ниёз ба сарбозон бештар шуда бошад.

Хизмати сарбозӣ барои ҷавонон дар Шӯравӣ ҳатмӣ буд. Баччаҳоро аз ҳаждаҳсолагӣ барои ду сол ба хизмат мегирифтанд. Шояд барои мутобиқ кардан бошад, аксаран баччаҳоро барои хизмат ба шароити иқлимии мухолифи ҷои зисташон мефиристоданд. Масалан, аскарбаччаҳои Осиёи Миёнаро ба Сибир ва Шарқи Дури Русия, ки иқлимаш сард аст, мефиристоданд, баччаҳои он ҷоро бошад, ба ин минтақаҳо интиқол медоданд. Дар артиш бештар ба сарбозон сафорой, қадамзанӣ ва дигар корҳои ташрифотиро меомӯзонданд. Намедонам аз чи сабаб бошад, ки ҳунарҳои размӣ аз қабили каратэву самбо ва ғайра омӯзиш дода намешуданд, шояд аз он метарсиданд, ки ин баччаҳо баргашта, сафи авбошонро зиёд кунанд.

Баҳори соли 1985, вақте соли аввали таҳсилро ба поён мерасондам, ман ҳам барои сарбозӣ даъват шудам. Ман моҳи сентябри соли 1984, яъне аз оғози соли таҳсил ба Душанбе омада ва дар тӯли нӯҳ моҳи аввали донишҷӯӣ ба хонаамон нарафта ва падару модарамро надида будам. Чунки он замон роҳи заминӣ аз тариқи ағбаи Анзоб фақат дар фаслҳои гарм боз буд ва дар зимистон рафту омад ба Панҷекат аз тариқи парвоз ва ё ба василаи қатор аз тариқи Самарқанд имконпазир буд, ки вақт ва харҷи зиёд металабид. Ман ҳамин тавр, бе дидору хайрухуш бо хонавода ба хизмати аскарӣ рафтам. Ду соли дигар ҳам бар ин фосилаи дидор бо аҳли хонавода афзуда шуд ва дар маҷмӯъ ҳудуди 3 сол хонавода ва пайвандонро надидам, фақат падар ва амакамро дидам, ки ҳикояи он хоҳад омад.

Мо наваскаронро аз фурудгоҳи кӯҳнаи Душанбе, бо парвози ҳаштсоата ба вилояти Амур дар Шарқи Дури Иттиҳоди Шӯравӣ бурданд ва бо қатор ба қисми низомии омӯзиши ронандаҳои тонк расонданд. Ҳамаи мо 175 нафар наваскарро, ки бо як ҳавопаймои «Ту-154» аз Тоҷикистон омада будем, ба

ҳамин қисми низомии омӯзишӣ оварданд, вале дар давоми як моҳи аввал аксари ин наваскарони аз Тоҷикистон омадаро ба қисмҳои дигар, махсусан ба қисмҳои сохтмонӣ ва қисмҳои ёридиҳанда фиристоданд. Мо фақат 3 нафар аз Тоҷикистон дар ин омӯзишгоҳ мондем ва ҳар рӯз аз дигар қисматҳои Шӯравӣ ба омӯзишгоҳ наваскар меоварданд, ки бештарашон бачаҳои рус, белорус ва укроин буданд. Чи тавре ки арз шуд, қисми низомие, ки моро барои омӯзиш бурданд, барои таълими ронандагони тонкҳои сабук ихтисос ёфта буд. Ба мо дар ин омӯзишгоҳ ронандагии тонк ва сохти онро ҳам меомӯзонданд. Шаш моҳ мо дар ин қисми низомӣ омӯзиш дидем ва пас аз он, ба қисмҳои ҳарбӣ барои хизмати асосӣ фиристода шудем.

Пас аз хатми омӯзиш, моро ба қисмҳои низомӣ фиристоданд, то тонкҳои ҷангиро ронандагӣ кунем. Ман ва ду русбачаро ба вилояти Хабаровск фиристоданд. Дар он ҷо моро ба як маҷмӯае бурданд, ки барои тақсими сарбозҳо ихтисос дода шуда буд. Мо ба як салони бузург ворид шудем. Ин толори хеле калон пур аз сарбозу афсарон буд. Мисли ин ки ҳамаи сарбозони дар он толор бударо дар ихтисосҳои гуногун омӯзиши шашмоҳа дода, барои идомаи хизмат ба қисмҳои низомӣ фиристода буданд. Мо се нафар, ки ронандагии тонк хонда будем, аз қайд гузаштем ва дар гӯшае нишастем. Ин толори бузург ба як бозори пурғавғо шабоҳат дошт. Афсарони зиёд меомаданд ва аз миёни он сарбозон аскарбачаҳои барои қисми низомияшон даркориро пайдо мекарданду сабти ном мекарданд ва мебурданд. Замоне як капитан ворид шуду пурсид, ки ронандаҳои тонк куҷоанд? Сӯи мо нишон доданд, омад ва номҳои моро пурсид. Чун аз ном ва зоҳири ман маълум буд, ки ман аз миллати рус нестам, ӯ ба ман таваҷҷуҳе нишон надода, он дуро гирифту бурд ва сабт кард. Ин замон боз як капитани дигар ворид шуд ва бо садои баланд пурсид, ки:

– Ронандагони тонк куҷоанд?

Он касе, ки сабти ном анҷом медод, сӯи ман нишон дод. Ӯ пештар омаду пурсид:

– Куҷост?

Он яке бо ишора ба ман гуфт:

– Ин аст.

Афсар бо дашномҳои қабеҳ дод зад:

– На, ман «чурка» (русҳо зодагони Осиёи Марказӣ ва Қафқозро дағалона ҳамин тур меномиданд, ки маънои аҳмақро дорад) намехоҳам, ман ронандаи тонк мехоҳам.

Гуфт:

– Ҳамин ронандаи тонк аст, 3 нафар буданд, як нафар монд. Афсар пурсид:

– Он ду нафари дигар куҷо ҳастанд?

Гуфт:

– Ду нафари дигарро гирифтанд, - ва ба сӯи афсари қаблӣ ишора кард.

Ин афсар ба он афсаре, ки он ду танро интихоб карда буд, хитоб кард:

– Колябин, ту чаро ҳардуро бурдӣ ва ҳадди ақал якеро барои ман нагузоштӣ?

Афсаре, ки машғули сабти номи он ду тан буд, табассуми истеҳзоомезе кард ва ҷавоб надода, ба кори худ идома дод. Вақте афсари тозарасида аз ӯ хост яке аз он ду танро барои қисми ӯ бидиҳад ва манро ба ҷои ӯ бипазирад, афсари аввал қабул накард ва гуфт:

– Кузмин, сабти асноди инҳо анҷом шуд, ту ҳамон якеро, ки монда, бигир ва агар иддаое дорӣ, дар ҷои дигар бигӯ.

Капитан Кузмин, дар ҳоле, ки хеле асабонӣ шуда буд ва дашном медод, ба сӯи ман мисли саг аккос зад:

– Кӣ ҳастӣ?

Ман исмамро гуфтам, гуфт:

– Миллатат чист?

Гуфтам:

– Тоҷик.

Бо асабонияту нороҳатӣ гуфт:

– Бо ман биё.

Ноилоҷ исм ва асноди маро сабт кард ва бо худаш бурд. Ӯ хеле норозӣ аз он буд, ки ба ӯ як «чурка» расид. Ман, тамоми ин муддат, бо истеҳзо муносибати ӯро дунбол мекардам. Ӯ намедонист, ки ман ронандаи хубам ё бад. Барояш миллатам муҳим буд, на қобилиятам!

Мо ба қисми ҳарбие омадем, ки бояд он ҷо давраи асосии хизмати сарбозиро мегузарондем. Ин қисми низомӣ дар ҳашт километрии марзи Чин воқеъ буд ва дар канори роҳҳое, ки мо қадам мезадем, ҳар ҷо-ҳар ҷо навишта буданд: «Сарбоз, ҳушёр бош, то марзи давлатӣ ҳашт километр аст». Ба қавли афсарон, ин қисми низомӣ дар муқоиса бо маҳалли омӯзиши муқаддамотии мо, ҷое хеле муҳим ва хатарнок буд. Мегуфтанд, ки солҳои шаст дар танише, ки миёни Чин ва Шӯравӣ гузашта буд, сарбозони чинӣ вориди қаламрави Шӯравӣ шуда, теъдоди зиёди сарбозонро дар шаби хобашон кушта буданд. Намедонам, ки ин гуфтаҳо ҳақиқат дошт ё барои ҳушёр кардани мо мегуфтанд.

Моро ба баталиони алоқа оварданд ва ҷои хоб, ошхона, майдони машқ, пойгоҳи тонку мошинҳо ва ғайраро бароямон нишон доданд. Рӯзи дигар боз моро ба пойгоҳи тонкҳо burданд ва мошинҳоямонро мушаххас карданд. Аслан, мо барои ронандагии тонк омӯзиш дида будем, вале вақте ба ин қисми низомӣ омадем, ба мо зиреҳпӯш (БТР) доданд, ки дар поя ё платформи ҳамон тонк сохта шуда буд, вале ба ҷои аслиҳа дохилаш пур аз таҷҳизоти радиову алоқа ва вазифааш таъмини алоқа барои фармондеҳон дар ҳолати ҷанг буд. Исми он ПУМ (Пункт управления мобильный), буд, ки ба забони тоҷикӣ Марказ фармондеҳии сайёр гуфтан мумкин аст. Дар сурати сар

задани ҷанг, фармондеҳи дивизия, ки зери дасташ 8-10 ҳазор афсару сарбоз буд, аз тариқи ҳамин мошини мо амалиёти низомиро идора мекард, чун ин мошин таҷҳизоти заруриро дошт, зиреҳпӯш ва тасмачарх буда, метавонист аз ҷойҳои душворгузар ҳаракат кунад. Мошинҳои махсуси муҷаҳҳази дигар низ буданд, ки дар атрофи мо меистоданду бо ҳам васл мешуданд ва дар маҷмӯъ, низоми алоқаи махфии низомӣ шакл мегирифт, ки вобаста ба талаби фармондеҳ ӯро бо ҳама қисмҳои низомии зердасташ ва роҳбарони болодасташ бо алоқаи махфӣ васл мекард.

Ин зиреҳпӯшҳо аз назари ман ба унвони ронанда, хеле бадсохт буданд ва зуд-зуд вайрон мешуданд ва ду мушкили бузург доштанд, ки яке ба танзимоти системи сӯхт марбут буд ва дигараш – ба танзимоти ҷаъбаи данда. Рӯзе набуд, ки онҳо вайрон нашаванд. Албатта, аз назари сарбозоне, ки корашон алоқа буд, ин зиреҳпӯшҳо хуб буданд, чун таҷҳизоти онҳо хуб кор мекард. Вале худи мошин зуд-зуд хароб мешуд.

Мотори он дизелӣ буд ва ҳамоҳангии миёни помпи сӯхт ва мотор доим барҳам мехӯрд. Ман ба ронандагӣ шавқ доштам ва дар як соли дар Заврон кор карданам, бо трактору мошинҳо зиёд машғул шуда будам, аз сохт ва кори техника огоҳ будам ва дар он шаш моҳи омӯзиш роҳҳои рафъ кардани мушкилоти ин зиреҳпӯшро хуб фаҳмида будам.

Рӯзе аз рӯзҳои аввали хизматамон ба мо гуфтанд, ки бояд зиреҳпӯшҳоро барорем ва машқ кунему корҳои тоза кардан ва сервисро анҷом диҳем. Мо ба порк рафтем ва ман пеш аз гирон кардани мотори тонк, аввал ба ҳамон ҷойи заъфи сӯхт нигоҳ кардам ва дидам, ки дар танзимот ихтилоф эҷод шудааст. Аввал помпро боз кардам ва чархаи моторро сари ҷояш овардаму такти аввали ҳардуро танзим кардам. Як помпи дастӣ ҳам дошт, ки бояд аввал тавассути он худи помпро бо сӯзишворӣ пур мекардӣ ва он гоҳ бо аввалин ҳаракати калид мотори тонк

гирон мешуд. Вале агар ин кор анҷом намешуд, бо як-ду калид задан батериҳо, ки хеле кӯҳна буданд, аз кор меуфтоданд. Аз нав пур кардани батериҳо вақти зиёд металабид. Ман, ки инҳоро медонистам, аввал ҳама танзимотро дуруст кардам ва баъд калид задам ва мотори зиреҳпӯши ман гирон шуд. Онро берун овардам ва ҳамроҳ бо ёрдамчӣ, ки ҳар ронанда як ёрдамчӣ ҳам дошт, корҳои назофат ва сервисро анҷом додем. Ротаи мо дорои ду зиреҳпӯш буд – яке таълимӣ ва дигаре – ҷангӣ. Дувумиро ҳам берун овардем ва танзиму назофат кардем. Дар паҳлуи боксҳои (гараж) мо зиреҳпӯшҳои он ду нафаре буд, ки ҳамроҳи ман аз омӯзишгоҳ омада буданд ва онҳо гирон намешуданд. Вақте ки афсарон барои бозбинӣ омаданд, диданд, ки ҳарду зиреҳпӯши мо гирон шудаву кор мекунанд ва он ду бошад, гирон намешаванд. Колябин, ки он ду сарбозро интихоб карда ва ба ман бо истеҳзо бархӯрд карда буд, назди мо омад, даври зиреҳпӯшҳои мо гашту рафта ба сарбозонаш дӯғ зад, то зудтар зиреҳпӯшҳоро гирон карда, корҳоро анҷом бидиҳанд. Дар ин лаҳза фармондеҳи ротаи мо омад ва аввалӣ бо хитоб ба ӯ гуфт:

– Кузмин! Ин зиреҳпӯшҳои ту чӣ тавр гирон шуданд?

Кузмин гуфт:

– Намедонам.

Колябин гуфт:

– Ба он сарбозат бигӯ, биёяд ва зиреҳпӯшҳои моро ҳам бубинад.

Ин Кузмин фикр карда буд, ки манзури ӯ он шогирд – ёвари ман аст ва ба ӯ гуфт:

– Бирав, мошинҳои онҳоро ҳам бубин.

Сарбоз рафт ва пурсид:

– Чиро бубинам?

Ба ӯ гуфтанд, ки бинад чаро онҳо гирон намешаванд.

Вай гуфт:

– Ман наметавонам.

Ба ӯ гуфтанд:

– Пас чӣ гуна он дуро гирон кардӣ?

Сарбоз гуфт:

– Ӯ медонад, - ва ба ман ишора кард.

Колябин ба ман бо пӯписа гуфт:

– Биё ин ҷо, ту он зиреҳпӯшҳоро гирон кардӣ? - гӯё ман ҷинояте карда бошам, -чӣ тавр гирон кардӣ?

Ман гуфтам:

– Танзим кардам ва гирон шуд.

Пурсид:

– Чӣ тавр танзим кардӣ?

Ман тавзеҳ додам.

Вай гуфт:

– Бубин, инҳо чаро гирон намешаванд?

Нигоҳ кардам, ки ронанда вақти танзими мотор назми помпро вайрон карда буд. Афсар омаду пурсид, ки мушкил дар чист? Барояш тавзеҳ додам ва мушкилро гуфтам. Ӯ гуфт:

– Ба тартиб бигӯ, чӣ кор бикунад?

Роҳнамоӣ кардам ва ба ҳамон тартиб, ки гуфтам, танзим карданд ва бо аввалин старт, хушбахтона, батериҳо ҳанӯз нашишта буданд, мотор ба кор даромад.

Акнун, Кузмин ба Колябин бо истеҳзо менигарист.

Дигар аз забони онҳо «чурка»-ро нашунидам.

Пеш аз ба хизмати сарбозӣ рафтан, бачаҳои аз хизмат баргашта ба мо аз таҷрибаи сарбозиашон ҳикояҳо мекарданд ва машварат медоданд, ки агар ба хизмат равем, чӣ гуна рафтор намоем. Ҳама ба як овоз ҳушдор медоданд, ки аз рӯзи аввал шарму тарсро канор гузошта, аз иҷрои фармонҳои собиқадорон саркашӣ кунем вагарна, моро тарсу ҳисобида, ба мо бештар корҳои ифлосро, аз қабили шустани дастшӯйиҳо ва фарш мефармоянд ва умуман, дар артиш касонеро, ки мутеъ бошанд, ҳурмат намекунанд. Мегуфтанд «агар як бор латтаи фаршшӯиро

ба дастат бигирӣ, ду соли хизматат бо фаршшӯӣ хоҳад гузашт». Баръакс, агар нотарс бошӣ ва ба фишору таҳдид тан надиҳӣ, соҳиби эҳтиром мешавӣ ва хизмат осон мегузарад.

Ин буд, ки мо ба ҳар эроде ё фармоише вокуниш нишон медодем. Ҳатто лозим шавад, занозанӣ ҳам мекардем, вале сар намефуровардем. Ба фаҳми баччагии мо, ин як кори номусӣ буд.

Қисми низомие, ки ман дар он адои хизмат мекардам, аз баталионҳои зиёд иборат буд. Аз тоҷикон ман бо як нафари дигар, ки Мусулмон ном дошт, дар қисми алоқа хизмат мекардем. Дар қисмҳои дигар ҳамагӣ се нафар баччаҳои тоҷик буданду халос. Мо бо ҳамдигар хеле дӯст будем ва доим аз ҳоли ҳамдигар хабар мегирифтем. Дар ҳама кор ба якдигар кумак мекардем. Ҳикояти як иттифоқи ҷолибро, ки бо яке аз ин баччаҳо афтида буд, дар поён хоҳам овард.

Чи тавре ки зикраш рафт, дар артиш собиқасолорӣ роиҷ буд. Сарбозони собиқадор берун аз оинннома ба худашон салоҳиятҳои бештар мегирифтанд. Сарулибосашонро ба завқи худашон мувофиқ мекарданд. На ҳамеша реҷаи рӯзро риоят мекарданд. Кору вазифаҳои худро ба ҷавонсарбозон бор менамуданд ва ғайра. Умуман, қонуншиканӣ дар артиш зиёд рух медод. Инчунин, муносибати байни сарбозон зиёд ба ҷанҷолу занозанӣ мекашид, ки давлат маҷбур шуд барои муносибатҳои хилофи оиннома қонунҳои ҷиноӣ қабул кунад ва ҳатто зиндонҳои махсуси интизомии сарбозӣ ташкил кард.

Ман ҳам як баччаи ҷавону хом ва ба истилоҳи Устод Айнӣ, «як тоҷики аҳмақ» будам ва тибқи ҳамин зеҳният хизмат мекардам. Бе ҳеч сабаби хос пархошҷӯӣ мекардам ва ба ҷавонсарбозон сахтгирӣ раво медидам. Боре як сарбози ҷавонро аз сабаби он, ки дар бошишгоҳ об набуд, барои об фиристодам ва таҳдид кардам, ки бе об барнагардад вагарна лат хоҳам кард. Ба зудӣ об ҳам омаду ман он сарбози ҷавонро фаромӯш карда будам. Ин сарбоз аз тарс гурехта, он шаб ба қисм барнагашт. Рӯзи

дигар вақти сафороии субҳ набудани ӯ ошкор шуд ва баъд аз ҷустуҷӯ ӯро аз зери буттаҳои боғи қисмамон пайдо карданд. Дар пурсуҷӯ маълум шуд, ки ӯ аз таҳдиди ман тарсида, гурехта будааст.

Дар натиҷа, барои ман тафтишот оғоз карданд. Дар ҳоли ба додгоҳи низомӣ фиристода шудани парванда, ба ман ҳукми адои ҷазо дар зиндони интизомии сарбозӣ таҳдид мекард, ки ман онро хеле ҷиддӣ нагирифта будам. Хеле содалавҳ будам, фикр мекардам агар як зарра поён оям, ҳамаи обрӯву номусам мерезад ва нобуд мешавад.

Муовини фармондеҳ оид ба корҳои сиёсӣ-идеолоҷӣ майор Лебедев пешниҳод кард, ки ба падару модарам хабар диҳанд. Ӯ дар ҷамъи афсарон, ки маро муҳокима мекарданд, эълон кард, ки дар Осиёи Миёна зиндагӣ дар аулҳо ба таври қабилавӣ мегузарад ва чунин хабари бад зуд паҳн шуда, боиси сарафкандагии хонадон мешавад. Ҳарчанд ман даъво кардам, ки ба балоғат расидаам ва ба аъмолам худам ҷавоб медиҳам, ба ин нигоҳ накарда, ба хона телеграм фиристоданд.

Ман он замон бештар аз он нороҳат будам, ки амали зиштам ба падарам ошкор мешавад, метарсидам, ки чи гуна ба чашмони падарам нигоҳ мекунам. Фикр намекардам, ки кори баде кардаам. Аслан ба зеҳнам намерасид, ки чи ҷазое маро интизор аст. Нофармониву саркаширо қаҳрамонӣ медонистам.

Падари азизам ҳамроҳи амакам, ки ҳанӯз барҳаётанд, ба қисми низомии мо, ки ҳашт ҳазор километр аз зодгоҳ дур буд, омаданд, ки боиси сарафкандагӣ ва шармандагии ман шуд.

Вақте ки падарам ордени «Ленин»-у «Байрақи Сурхи Меҳнат»-ро ба сари сина овехта, ба қабули фармондеҳи қисми низомӣ омаданд, ӯ дид, ки на бо як авулнишини саҳрой, балки бо як собиқадори хизматнишондода рӯбарӯст, даступо хӯрд ва вақте ба ӯ гуфтанд, ки худаш дар тарбияи ман масъул аст ва агар пас аз якуним соли хизмат ман ҷинояте содир карда бошам, ӯ

ҳам ҷавобгар аст, ларза дар андомаш афтод ва зери обу арақ монда, ваъда дод, ки пас аз муҳлати ками монда, маро сиҳату саломат ба хона гусел хоҳад кард. Дастур дод, парвандаро қатъ карданд ва он хатар аз сари ман рафъ шуд. То ҷое ман медонам, ин ҷоизаҳои падарам фақат ҳамин як бор ба оилаи мо хизмат карданд, вале воқеан хизмати арзандае!

Вале ин ҳодиса ба ман дарс шуд ва баъд аз он ба худам қавл додам, ки беандеша набошам ва ба он ҳама бесарӣ хотима диҳам. Дар давоми муҳлати боқимондаи хизмат, ки тақрибан ним соли дигар буд, дигар ба ҳеҷ фитнае дода нашудам ва аз қонуншиканиву ҷангу ҷанҷол худдорӣ кардам. Агар дар тӯли якуним соли хизмат шибҳиғалабаҳоям ба назарам боиси ифтихор буда бошанд, бо гузашти замон худдориҳои кардаам бароям мояи ифтихор шудаанд. Баъдҳо дар асари безаволи Байҳақӣ хондам, ки ӯ низ бе овардани ҷузъиёт, аз муҷозот шуданаш нақл мекунад ва худашро гунаҳкор медонад ва аз кардааш изҳори пушаймонӣ мекунад. Ман ҳанӯз ҳам аз он ҳодиса эҳсоси шарм мекунам, нақлашро барои он овардам, ки ба ҷавонон дарс шавад.

Ман хизматро моҳи майи соли 1987 ба охир расонда, баргаштам ва таҳсилро дар Донишгоҳ идома додам.

## *ДАР САМАРҚАНД*

Дар замони донишҷӯӣ роҳи мо – донишҷӯёни панҷекатӣ ба Душанбе дар фасли зимистон аз Самарқанд мегузашт. Роҳи гарданаи Анзоб зимистонҳо баста мешуд ва мо ба Самарқанд рафта, аз он ҷо бо қатор ё ҳавопаймо ба Душанбе меомадем. Борҳо роҳам аз тариқи Самарқанд гузаштааст, вале гарчанде Самарқанд дар ҳайати Ӯзбакистон бошад ҳам, ҳеҷ гоҳ чунин ҳиссиёте, ки Ватанро тарк мекунам, надоштам. Аслан,

дар замони шӯравӣ ноҳияи Панҷекат расман тобеи вилояти Ленинобод (ҳоло Суғд) бошад ҳам, тамоми кору бори мардуми ноҳия бо Самарқанд буд. Ба Самарқанд мисли шаҳри худашон рафтуо мекарданд, он ҷо раванд, бо забони худашон гап мезаданд, бисёриҳо хешу табор доштанд. Ҳатто дар Панҷрӯд чунон ки гуфта шуд, як оилаи самарқандӣ зиндагӣ мекард. Ҳеч зарафшонии Тоҷикистон худашро дар ин шаҳри қанд берун аз Ватан ҳис намекард.

Дар Самарқанд ман худро ҳамеша ҳамчун дар хонаи худ ҳис мекардам, дар ҳоле, ки солҳои аввали донишҷӯӣ дар Душанбе эҳсоси роҳат намекардам. Баъдҳо ин ҳиссиётро дар шаҳрҳои Шерозу Исфаҳон низ доштам. Намедонам, ба чӣ сабабе дар ин шаҳрҳо ҳамеша як ҳиссиёти хоссе, ки гӯё ман дар хонаи худ бошам, доштаам.

Дар Самарқанд – шаҳри сирф тоҷикӣ, он замон тиҷорат хеле ривоҷ дошт. Канори хиёбонҳои атрофи Регистон аз мағозаву ошхонаҳо ҷои холӣ надоштанд. Ошхонаву кабобпазиҳои зиёд навъҳои гуногуни хӯроку кабобро ба намоиш мегузоштанд, ки иштиҳои роҳгузаронро меовард. Бозорҳои шаҳр пур аз молҳои гуногун буд. Анбӯҳи одамон ҳамеша дар хиёбону растаҳо равуо ва савдо мекарданд. Ман дар растаҳои атрофи Регистон сайр карданро дӯст медоштам. Лаҳҷаи хоси «самарқандча»-ро гӯш карда, лаззат мебурдам.

Як зимистон мо ҳамроҳи Абдулҳаким баъд аз таътили зимистониро дар Панҷрӯд гузарондан, ба Душанбе бармегаштем. Бозорҳои Самарқанд нисбат ба Душанбе сермолтар буд. Мо ба бозор рафтем, то кафш бихарем. Растаҳои савдогаронро мегаштем ва кафш медидем. Нархи як кафшро пурсидем. Кафшфурӯш гуфт:

– Нуздаҳ сӯм.

– Шонздаҳ, - савдо карданӣ шудам ман.

– Мулло-ака, шонздаҳсӯмӣ биёред, худам мегирам, - гуфт фурӯшанда. Дар Самарқанд ба шахсе, ки номашро надонанд, «Мулло-ака» гуфта, мурочиат мекунанд.

– Агар биёрам чӣ? - мазоҳ кардам ман.

– Биёред, намеёбед, - ҷиддӣ ҷавоб дод савдогар.

– Чанд ҷуфт биёрам мегиред? - ва идома додам шӯхиро - биёрам аз гапатон нагардед?

– Гапи мард якто, - даст дод фурӯшанда.

Мо бозорро чарх зада, ба хиёбон баромадем. Ногоҳ дар канори роҳ як умдафурӯшро дидем, ки мизе гузошта буду аз ҳамон кафшҳо мефурӯхт. Наздик шуда дидем, ки ҳамон кафшҳоро 15 сӯмӣ мефурӯшад.

– Чанд сӯм арзон мекунед? - аҷабам омада пурсидам ман.

– Чордаҳӣ гиред, - гуфт ӯ. Ман ба интихоби кафш андармон шуда, куҷо рафтани Абдулҳакимро надида мондам. Баъд аз фурсате ӯ пайдо шуда маро канор кашиду гуфт:

– Ман рафта гапзанон кардам, даҳ ҷуфт мегирад, - тез-тез нафас кашиданаш аз давиданаш дарак медод.

– Киро гапзанон кардӣ? - сарфаҳм нарафтам ман.

– Ҳамон фурӯшандаро, понздаҳунимӣ, - чашмонаш барқ мезаданд.

Ман ба умдафурӯш рӯй овардам:

– Бисёр гирам чандӣ медиҳед, мулло-ака?

– Чордаҳ ҷои шудаш, ҳамон ҳам барои Шумо! - ҷавоб дод ӯ.

– Агар арзон мекардед, даҳ ҷуфт мегирифтам, - оҳанги рафтан кардам ман. Дар бозор агар нархро арзон кардан хоҳед, ба мол хеле рағбат нишон надиҳед.

– Чандӣ мегиред? - маро раҳо карданӣ набуд умдафурӯш.

– Сездаҳӣ, - ба сездаҳуним розӣ будам ман.

– Майлаш, сездаҳунимӣ гиред, - хости дили маро гуфт умдафурӯш.

Мо даҳ ҷуфт кафшро сездаҳунимӣ харида, ҳамон ҷо понздаҳунимӣ фурӯхта, пули билети қаторро дар як они воҳид кор кардем.

## СОБИРНИЁЗОВА

Чунон ки гуфтам, вақте маро ба шуъбаи забони урду гузаронданд, дар бораи ин забон ҳеч тасаввуре надоштам, гарчанде ки дар Тоҷикистон он замон филмҳои ҳиндӣ хеле машҳур буданд. Филмҳои «Овора», «Боббӣ», «Ҷиммӣ», «Раққоси диско» ва ғайра ҳафтаҳо хонаҳои синаморо аз тамошобин пур мекарданд. Ёд дорам аввалин хархашаи хунин барои билети филми ҳиндӣ дар кинотеатри «Тоҷикистон» ба марг анҷомида, вокунишҳои зиёд ба бор оварда буд.

Забонҳои урду ва ҳиндӣ ба ду хат – арабӣ ва деванагрӣ навишта шаванд ҳам, қаблан як забон будаанд, вале дар асоси кашмакашҳои сиёсию мазҳабӣ тафовутҳои хурде пайдо кардаанд. Ихтилофҳои бар асари моҷарои тақсимоти пурқурбонии соли 1947 ба вуҷудомада сабабгор шуд, ки урду бештар ба истифодаи вожаҳои форсӣ ва ҳиндӣ ба истифодаи вожаҳои санскрит тамоюл пайдо кунад. Вале ин тафовут бештар дар навиштор вуҷуд дорад, дар гуфтор ҳарду як забонанд. Сарфу наҳви ҳарду забон ҳам якест, ки ин фарқи луғавиро боз ҳам камрангтар мегардонад.

Вақте ин ҳақиқат, ки забони ҳиндиро хоҳам донист, ба ман ошкор шуд, як дараҷа қаноатманд шудам, зеро филмҳои ҳиндиро, ки гоҳ-гоҳ синамои сайёр дар Панҷрӯд ба намоиш мегузошт, хеле дӯст медоштам. Махсусан, сурудҳои ин филмҳо хеле гӯшнавозу ҷолиб буданд.

Омӯхтани забони урду аз сабаби он, ки вожаҳои зиёди форсӣ дошт, бароям мушкилие надошт. Фанҳои дигарро ҳам ба

осонӣ ҳазм мекардам, бахусус, ки барномаи донишгоҳ хеле сода буд ва дар асл ба мо ҳамон чизҳоеро омӯзиш медоданд, ки пояашро дар мактаби миёна гузашта будем. Аҳёнан баҳои чор доштам, саъй мекардам ҳама баҳоҳоям панҷ бошанд, зеро ин имкон медод, ки идрорпулии боло гирам.

Як имтиёзи асосии хондан дар факултаи шарқшиносӣ ин буд, ки донишҷӯёнро ба кишварҳои хориҷӣ барои таҷрибаомӯзӣ ва кор мефиристоданд. Дар замони шӯравӣ сафар ба хориҷа ба кам касе муяссар мешуд. Чи тавре ки зикраш рафт, факултаи шарқшиносӣ хеле маъруф буд ва писарони нухбагону амалдорони зиёд дар ин ҷо таҳсил мекарданд. Ҳар сол ба Ҳинд барои таҷрибаомӯзӣ ду нафар донишҷӯи соли чорум – як нафар аз гурӯҳи ҳиндӣ ва як нафар аз гурӯҳи урду бо яке аз устодон фиристода мешуданд.

Дар оғози соли севуми хониш ман имкони ба хориҷа барои таҷрибаомӯзӣ рафтани худамро баркашида дидам ва он ба назарам хеле ночиз намуд. Ягона афзалияти ман ҳамон баҳоҳоям буданд, ки воқеан касе бо онҳо рақобат карда наметавонист. Вале як фармоиш аз боло метавонист тамоми бартариеро, ки ман нисбат ба дигар ҳамкурсон доштам, ба сифр баробар кунад. Агар ҳамин имтиёзи хориҷравӣ набошад, хатмкардагони гурӯҳи забони урду аз рӯи ихтисос кор ёфта наметавонистанд. Дар ҳолати ба хориҷа барои таҷрибаомӯзӣ рафтан имкони ба кори дипломатӣ дохил шудан бештар мешуд. Вазорати хориҷа ва сафоратҳои кишварҳо ҳама дар Маскав буданд. Вагарна, ягона гузина барои хатмкунандагони ин шуъба, тағйир ва такмили ихтисос ба омӯзгории забону адаби тоҷик буд, ки ман аслан худамро дар ин пеша ҳатто тасаввур карда наметавонистам.

Устоди забони урдуи мо муаллима Собирниёзова буданд. Рӯзе аз муаллима пурсидам:

– Муаллима, ҳамин саъю кӯшиши мо барабас нест?

– Яъне чӣ? - ҷавоб баргардонд муаллима ҷилои айнаки зебояшро сӯям тофта.

Тавзеҳ додам. Муаллима дар бораи фоидаи маълумоти олӣ гузорише доду гуфт:

– Ғайр аз ин таҷрибаомӯзӣ меравед.

Ман бо истеҳзо гуфтам:

– Бале, ҳатман яке аз мо меравад.

– Шумо меравед, имкони рафтани Шумо аз дигарон бештар аст, - ғайриихтиёр гуфт муаллима. Ӯ намедонист, ки ба чунин касе мисли ман набояд чизеро ваъда кард, зеро баъд фақат бо иҷро кардани он мешавад аз ман халос шуд. Ростӣ, ман ҳам намедонистам, ки ӯ чӣ ғайрате дорад.

– Мебинем, - гуфтам ман ва дарс идома ёфт.

Миёнаҳои соли чоруми таҳсил байни донишҷӯён миш-миш сар шуд, ки аз Маскав саҳмияи донишгоҳ барои фиристодани донишҷӯён ба хориҷа содир шудааст ва ду нафар бояд ба Ҳинд мерафтаанд ва исм ҳам мебурданд, ки фалониву фалонӣ номнавис шудаанд.

Вақте муаллима ба дарси навбатӣ омад, ман гуфтам:

– Муаллима, Шумо нагуфта будед, ки имкони ба таҷрибаомӯзӣ рафтани ман бештар аст?

– Бале, - оромона ҷавоб дод ӯ.

– Пас, чаро исми дигарон номнавис шудааст? - пурсидам ман бо эътироз.

– Кӣ? Киро номнавис кардааст? - бо шубҳа пурсид ӯ.

– Аз кафедра пурсед, - ҷавоб додам ман. Ҳама ҳамкурсон хомӯш буданд.

– Ғайр аз шумо касе намеравад, Холиқов! Ба дарс халал нарасонед, - каме асабӣ шуд ӯ.

Баъд аз дарс вақте муаллима дар кафедра аз мудир мепурсаду маълум мешавад, ки саҳмия омадааст, хоҳиш мекунад, ки интихоб дар асоси баррасии баҳоҳои донишҷӯён сурат гирад, то

ин ки ҳам адолат риоя шавад ва ҳам гапу калоча зиёд нашавад. Вақте муаллимаро бовар кунонданӣ мешаванд, ки фалонӣ аз соли гузашта нарафта монду шояд як нафар аз духтарон фиристода шаваду ғайра, муаллима сароҳатан эълон мекунад, ки агар қоида вайрон шавад ва адолат риоя нашавад, ӯ ба шавҳараш арз мекунад. Шавҳараш сарҳанги КГБ, хадамоти бехатарии шӯравӣ будааст. Ин истидлоли муаллима чунон дандоншикан буд, ки роҳи маро то Деҳлӣ софу ҳамвор кард, худо аҷдоди муаллимаи азиз ва он сарҳангро биёмурзад.

Қисмат чӣ бозиҳое дорад, мане, ки аслан намедонистам, дар дунё забоне бо номи урду вуҷуд дорад ва аслан ба факултаи филологияи тоҷик ҳуҷҷат супурда будам, инак аз байни 16 довталабе, ки шояд ба сад умед ба ин шуъба дохил шуда буданд, ба хориҷа равон мешудам.

## *БАҲМАНИ 90*

Соли 1990 дар Тоҷикистон воқеаҳои муҳимме рӯй доданд, ки барои сарнавишти кишвар тақдирсоз буданд. Ёздаҳуми феврал дар Душанбе бар асоси овозаҳои паҳншуда, ки гӯё ба гурезагони арманӣ аз Озарбойҷон дар Душанбе хона дода мешавад, тазоҳуроти густардае баргузор шуд. Он сол дар Боку байни озарӣ ва арманиҳо низоъ уфтода буд, ки дар натиҷа, якчанд оилаи арманиҳо гуреза шуда, ба назди хешовандонашон ба Душанбе омада будаанд. Дар шаҳри Душанбе ман бори аввал шоҳиди ин гуна тазоҳурот шудам. Ҳар сол дар идҳо роҳпаймоиҳо баргузор шаванд ҳам, онҳо хусусияти идона ва шод доштанд. Ин тазоҳурот бошад, беназм ва ҷангҷӯёна буд. Мо ба тамошои ин тазоҳурот рафтем. Рӯзи дувуми тазоҳурот ҳамроҳи як нафар ҳамдарсам аз тарафи Фурӯшгоҳи марказӣ ба сӯи майдони назди бинои Кумитаи Марказии Ҳизби Коммунистӣ

омадем. Шишаҳои мағозаҳои канори хиёбони Ленин (Рӯдакии ҳозира) шикаста буданд, як-ду мағоза сӯхта, хокистар шуда буд. Дар рӯбарӯи Фурӯшгоҳи марказӣ мағозаи «Ҷавоҳирот» буд, ки намоди пулу тиллову сарват дар шаҳр буд. Шишаҳои шикастаи тирезаҳои ин мағоза низ аз бесарусомониҳои дирӯза дарак медод. Вақте мо ба майдон расидем, пас аз нисфирӯзӣ буд. Дар майдони назди бинои Кумитаи Марказии Ҳизби Коммунист издиҳоми бузурги одамон ҷамъ шуда, ба наздашон баромадани Қаҳҳор Маҳкамов – котиби аввали Кумитаи Марказии Ҳизб, дар амал роҳбари ҷумҳуриро талаб мекарданд. Он вақт пеши бино панҷараҳои оҳанӣ надошт ва ҳавлии пеши бино то назди зинаҳояш аз одам пур буд. Дар пеши дари даромадгоҳ милисаҳо қатор меистоданд. Аз тирезаҳои ошёнаи дувум тоскулоҳҳои сарбозон менамуданд. Як замон дари бино аз дарун кушода шуд ва аз дохили бино як гурӯҳ одамон бо сарулибоси идорӣ ва галстук баромаданд. Онҳо ду қатор шуда, дар байнашон як роҳрав сохтанд. Аз ин роҳрав Маҳкамов баромад. Ман акси Маҳкамовро дар рӯзномаҳо дида будам, ки ӯ чеҳраи хотирмоне дошт. Вале дидани нафари аввали ҳукумати ҷумҳурӣ бароям ҷолиб буд ва бо иштиёқ сухани ӯро шунидан мехостам. Вақте ӯ намоён шуд, доду ғиреви мардум якбора баланд шуд. Маҳкамов пеш баромада, дасташро бардошта, хомӯшӣ талабид. Ҳамин замон аз тӯда ба сӯяш як калӯш парид. Ҳамроҳонаш зуд пешашро бастанд ва чи тавре ки аз дар баромада буданд, ҳамон тавр баргашта, даромада рафтанд. Шояд сару сардори муайян надоштани тӯда сабаб шуд, ки то ҳол баромада ҳисобот додани Маҳкамовро талаб кунад ҳам, хушунат иҷозат надод, ки ӯ ҳарфашро занад.

Мо камтар истода тамошо кардем. Чун ҳаво сард буд, оҳанги рафтан карда, ба сӯи истгоҳ равон шудем, ки дар роҳ Абдулҳакимро вохӯрдем. Ӯ ваҳшатзада буд ва нақл кард, ки вақте аз рӯи пули кӯчаи Путовский ба боло меомад, зиреҳпӯше бо

суръат гузашта, ба сӯи раҳгузарон шиллик кардааст. Мо ӯро ҳамроҳ гирифта, ба хобгоҳ баргаштем ва давоми ҳодисаро аз телевизор тамошо кардем. Тазоҳуркунандагон автобусҳоро гардонда, роҳро бастанд. Аввал биноро сангборон карда, шишаҳои тирезаҳоро шикастанд ва сонӣ ҳамла карда, ба ошёнаи якум зада даромаданд. Ин вақт зиреҳпӯшҳо пайдо шуда, дар майдон бо суръат пешу пас меронданд ва аз болои сари мардум шиллик мекарданд. Рӯзи дигар эълон карданд, ки аз тири сарбозон 25 нафар кушта ва теъдоди бештар захмӣ шудаанд. Ин воқеа дар забони мардум «Баҳмани навад» ва «Баҳмани хунин» ном гирифт.

Дар асари ин воқеа чордаҳуми феврал роҳбари Ҳизби коммунист Қаҳҳор Маҳкамов, Раиси Шӯрои олӣ Ғоибназар Паллаев ва Раиси шӯрои вазирон Иззатулло Ҳаёев истеъфо доданд, вале Кумитаи марказии ҳизб ва Шӯрои олӣ истеъфои онҳоро қабул накард. Баръакс, моҳи апрел Маҳкамов ба симати Раиси Шӯрои олии Тоҷикистони шӯравӣ интихоб шуд.

Бисту чоруми августи соли навад Шӯрои олии Тоҷикистон Эъломияи истиқлоли кишварро дар ҳудуди Шӯравӣ қабул кард ва сивуми ноябр Қаҳҳор Маҳкамов – Раиси Шӯрои олӣ ба мақоми Раиси Ҷумҳур ва ба ҷои ӯ Қадриддин Аслонов ба мақоми Раиси Шӯрои олӣ интихоб шуд.

Ин аввалин иштибоҳе буд, ки содир шуд. Зиёиёни ташнаи забону фарҳанги миллӣ, Маҳкамови русгароро аз худ ҳисоб намекарданд ва зиддаш ба муборизаи шадид бархостанд. Онҳо аз бетаҷрибагӣ намедонистанд, ки дар сиёсат набояд «киштиро зиёд такон дод», зеро он метавонад ба шӯру қиём биёварад ва вақте мардум ба хиёбон рехтанд, идора кардани тартибот корест сахт ва мушкил. Беҳуда нагуфтаанд, ки яксола ҳокимияти золим беҳтар аз якрӯза ҳарҷу марҷ.

# САФАР БА ҲИНД

Миёнаҳои моҳи августи соли 1991 маро ба шуъбаи кадри Донишгоҳ даъват карда, суроғаву рақами телефон ва номи як нафарро аз Вазорати маорифи Шӯравӣ дар Маскав дода, фармуданд, ки рӯзи 20-уми август ба он ҷо ҳозир шавам.

Баъд аз хайрухуш бо волидон, бародарам Абдулҳаким маро аз фурудгоҳи Хуҷанд ба Маскав гусел кард. Ба фарқ аз хизмати сарбозӣ, ин бори аввал буд, ки ман мустақилона ва танҳо аз Тоҷикистон берун сафар мекардам ва ба ман як ҳиссиёти аҷибе даст дод. Гӯё як қисми дилам канда шуда, дар Тоҷикистон монда буд. Бо як ҳиссиёту ҳаяҷон аз пешомади номуайян парвоз мекардам. Тасаввуроти ман дар бораи Маскав ноқис буд. Ғайр аз соати бурҷи Кремлин, ки ҳар рӯз дар барномаҳои ахбори телевизор нишон дода мешуд, аз Маскав чизи дигаре намедонистам. Он замон Маскавравӣ ба кам касон муяссар мешуд. Дар хаёлам Маскав як шаҳри бузурге метофт, ки дар он ба қавли маъруф, «саг соҳибашро намеёбад». Нигарон будам, бим доштам, ки шояд раҳгум занам, сарсону саргардон шавам.

Фурудгоҳи Домодедовои Маскав он замон нисбат ба имрӯз хеле хурду назарногир буд. Аз ҳавопаймо пиёда шуда, ба берун баромадам ва аз телефони дутина ба рақами вазорат занг задам. Он тарафи хат як нафар хеле муаддабона, ба ман фаҳмонда дод, ки чӣ гуна ба наздаш биёям.

Аз фурудгоҳ бо қатори барқӣ ба истгоҳи гуфтааш расида, ба метро даромадам ва зуд ба ҷои лозим расидам. Дар ҳавопаймо фикр мекардам, ки хеле сарсону саргардон хоҳам шуд, вале метрои Маскав воқеан ёфтани суроғаро осон кард. Он мард маро хуш қабул карду паспортамро гирифта, ба дастам як суроғаро навишта дод ва гуфт, ки рафта дар ҳамин хобгоҳ ҷойгир шавам ва рӯзи дигар ба наздаш биёям. Ин дафъа ёфтани хобгоҳ душвортар менамуд, зеро ғайр аз метро боз ду бор трамвай иваз

кардан лозим меомад. Вале маскавиҳо бо камоли майл ёрӣ мерасонданд. Фикр мекардам, ки хобгоҳ мисли хобгоҳи донишгоҳи худамон дар Душанбе бошад. Вале ин хобгоҳ тозаву озода ва мураттаб буд. Барои ҳар ду ҳуҷрааш якто утоқи дастшӯӣ ва оби гарм дошт. Воқеан, дар Маскав ҷои хубе бароям доданд.

Ҷомадонамро монда, барои хӯроки шом баромадам. Ба ҷои ошхона иштибоҳан, ба аввалин мағоза даромадаму аз ҳайрат шах шудам. Витринҳо пур аз навъҳои ҳасибу гӯшти тозаву равғани зарду ховёр (тухми моҳӣ) ва чизҳои дигар буданд. Рафҳои мағоза пур аз навъҳои гуногуни нону консерву шишаҳои рангоранг буданд. Ман чанд дақиқа лол шуда мондам. Баъд ба худ омада, витрину рафҳоро аз наздик тамошо кардам. Дар мағозаҳои маркази Душанбе даҳ дарсади ин фаровонӣ набуд, дар ҳоле ки ин фақат як мағозаи одии Маскав буд.

Маскав торафт бештар маро тасхир мекард. Одамони бомаданияту хушодоб, нақлиёти муназзаму камодам, мағозаҳои пур аз мол ҳавасамро меоварданд. Орзу мекардам, ки дар чунин шаҳре зиндагӣ кунам. Ман боварӣ доштам, ки ба мақсади аслиям – дипломат шудан хеле наздик шудаам. Баъд аз таҷрибаомӯзӣ дар Ҳинд имкони дар вазорати хориҷа кор кардан пайдо мекардам. Дар хаёлотам худро дипломат медидаму босалобат дар кӯчаҳои ҳамин гуна шаҳри зебо тасаввур мекардам. Ҳамин тавр, як ҳафта дар пойтахти Иттиҳоди Шӯравӣ истода, онро хеле тамошо кардам.

Рӯзи пеш аз парвоз он корманди вазорат мо донишҷӯёнро ҷамъ карда, дастуроти лозимаро дод. Тибқи гуфтаи ӯ, мо бояд ғайр аз паспорти хориҷӣ ҳамаи ҳуҷҷатҳоямонро месупурдем ва ҳатто пулҳои шӯравиро ҳам ҳамроҳамон намебурдем. Ман ҳамроҳам каме бештар аз 300 сӯм пул доштам. Бо роҳнамоии донишҷӯёни дигар, пулҳоямро дар шуъбаи Сбербонк – бонки амонатнигоҳдорӣ, ки дар рӯбарӯи бинои Вазорат ҷой дошт, супурда, дафтарчаи амонатро гирифтам.

Рӯзи дигар санадҳои маро омода карда, бо билет ба дастам доданд ва аз фурудгоҳи Шереметево бо парвоз ба Деҳлӣ фиристоданд. Нафари дувуме, ки он сол барои таҷрибаомӯзӣ дар Ҳинд интихоб шуда буд, Сӯҳроб ном донишҷӯ аз гурӯҳи забони ҳиндӣ буд.

Фурудгоҳи Шереметево махсуси парвозҳои хориҷӣ буда, он замон нисбат ба Домодедово хушсохту барҳаво буд. Ман аробачаҳои борбариро, ки имрӯзҳо дар фурӯшгоҳҳо як чизи маъмулӣ ҳастанд, бори аввал дар ин фурудгоҳ дидам. Таблои бузурге дошт, дар он ҳар замон номи шаҳрҳо ва рақами парвозҳо аз боло ба поён бо садои шарақ-шарақ иваз мешуданд. Бори аввал бо истилоҳи Custom, Passport control ва назири онҳо рӯбарӯ шудам. Дохили фурудгоҳ чанд қаҳвахона дошт, ки нархи як ҷуръа қаҳвааш баробари харҷи чандрӯзаи ман дар Душанбе буд. Мағозаҳои Duty Free дошт, ки аз мағозаҳои шаҳри Маскав ҳам зеботару муҷалло буд, вале дар ин мағозаҳо фақат доллар қабул мекарданд, бо пули шӯравӣ аз ин мағозаҳо чиз харида намешуд. Барои ман ин фурудгоҳ гӯё як дунёи дигар буд.

## *ҲИНД*

Вақте дар Деҳлӣ мо аз бинои фурудгоҳ берун омадем, ман аз гармӣ ва рутубати ҳаво якбора нафасгир шудам ва бо шитоб ба дохили бино баргаштам, ки боиси хандаи корманди сафорат, ки моро пешвоз мегирифт, шуд. Ӯ ба ман дилдорӣ карда гуфт, ки ба мошин нишинам, дохили мошин ҳаво хуб аст. Воқеан, дохили мошин ва биноҳо ҳаво хуб буд, вале ҳавои кӯча чанд рӯзи аввал маро хеле азият мекард. Ором-ором ман ба ҳамаи тафовутҳои байни Деҳлӣ ва Душанбе одат кардам.

Ман ва Сӯҳроб бо пешниҳоди кормандони сафорат, дар гузари Ҳавзи хоси Деҳлии нав табақаи дувуми як виларо иҷора

кардем ва ба донишгоҳ рафта, бо барномаҳои омӯзишӣ шинос шудем.

Дар Ҳинд ба мо пули зиёд медоданд. Якуним ҳазор рупия сафорати Шӯравӣ ва ду ҳазор рупия Консулгарии робитаҳои фарҳангии Ҳинд медод. Иҷорапулиро ҳам сафорат мепардохт. Ғайр аз ин, сафорати Шӯравӣ вақти баргаштан як миқдор доллар ҳам медод, ки мо метавонистем аз мағозаи Duty free-и фурудгоҳ савғотӣ бихарем. Он замон ин ҳама пули зиёд буд.

Дар донишгоҳ барои мо иштироки озод гузошта буданд. Ҳар кадоми мо аз ҳисоби устодони донишгоҳ як сарпараст доштем, ки бояд бо ӯ ҳамкорӣ мекардем. Дар асл дониш омӯхтан аз шавқу хоҳиши мо вобаста буд, агар мо мавзӯе интихоб мекардем, устод дар омӯзиш ба мо кумак мекард. Устоде, ки сарпарасти ман буд, Шафиқ Хан ном пирамарди наҷибе буд. Бо тавсияи ӯ бо нависандаи ҳинду Ҷогиндар Пал ошноӣ пайдо карда, эҷодиёти ӯро омӯхтам. Ӯ асосан дар бораи ҷудошавии Ҳинду Покистон ва фоҷиаҳои ба бор овардаи он – ҷанги шаҳрвандӣ менавишт. Ман аз тасвирҳои ӯ хеле мутаассир шавам ҳам, пай намебурдам, ки як чунин фоҷеае миллати манро дар пеш аст.

Кори дигаре, ки дар рӯзҳои аввали расидан ба Деҳлӣ анҷом додам, сабти ном кардан ба мактаби омӯзиши забони инглисӣ буд. Ин мактаби семоҳа, вале хеле муассир буд. Шеваи тадрис тарзе буд, ки ба мо як соат дарси шифоҳӣ, як соат хаттӣ медоданд. Вале ин ду соатро ончунон шавқовар баргузор мекарданд, ки мо – донишҷӯён дар куҷо будани худро фаромӯш карда, тавону нотавон ба инглисӣ бо ҳам ҳарф мезадем. Муаллима ҳар рӯз мавзӯъҳои навро матраҳ мекард, ки ҷумлаҳои асосии ба ин мавзӯъ рабтдошта дар баргаҳои ба мо тақсимшуда навишта шуда буд. Аввал худаш дар назди мо бо як донишҷӯ дар он мавзӯъ саволу ҷавоб мекард, то ки мо шунавем, баъд моро дунафарӣ тақсим карда, ба муколама вомедошт. Худаш дар байни мо гашта, хатоҳоро ислоҳ мекард.

Мо охири ҳар моҳ имтиҳон супурда, ба зинаи болоӣ мегузаштем ва дар охири моҳи севум воқеан забони инглисии мо хеле хуб шуд. Ман дигар озодона ба инглисӣ ҳарф мезадам, китоб мехондам, шеър гӯш мекардам.

Масъули пазироии мо аз давлати Ҳинд консулгарии равобити фарҳангияшон буд. Ин консулгарӣ дар тӯли тақрибан даҳ моҳ чандин сафари гардишгарӣ ташкил кард ва мо донишҷӯёни хориҷиро ба шаҳрҳои Агра, Гоа, Бомбай тамошо бурд. Ғайр аз ин, ман дӯстони ҳинду пайдо кардам, ки бо онҳо ба Шимла, Чандигарҳ ва шаҳрҳои дигар сафар карда, тамошо кардам ва бо ёдгориҳои таърихӣ ва ҳаёти афсонамонанди мардуми ин кишвар шинос шудам.

Умуман, Ҳинд кишвари афсонавиву дӯстдоштаниест, ки дар васеъ шудани ҷаҳонбинӣ ва рушди шахсии ман нақши бебаҳое бозидааст.

## *МУДИР, ТОЛКУЧКА ВА ДУЗД*

Солҳои охири ҳукумати Шӯравӣ дар кишвар камбуди шадиди коло ҳукмрон буд. Ба ҳадде, ки фурӯшгоҳҳо комилан холӣ буданд. Рафҳои фурӯшгоҳҳоро барои зеб бо консервҳои касмахар пур нигоҳ медоштанд, зеро чизи дигар надоштанд. Дар фурӯшгоҳҳои сарулибос низ ҳол ҳамин буд. Ҳатто пул ҳам дошта бошӣ, ёфтани сарулибосу пойафзоли муносиб номумкин буд. Фурӯшгоҳҳо ҳама давлатӣ буданд. Боқадртарин инсонҳо мудирони анборҳои давлатӣ ва фурӯшандагон буданд. Ҳама пиру ҷавон, вазиру кабир, раису саис дастнигари инҳо буданд, то либосу палоси дилхоҳро дастрас кунанд. Агар бахти касе механдид ва либоси хуберо ба даст меовард, онро боэҳтиёт солҳои дароз мепӯшид.

Ёд дорам, боре сари соли хониш либоси муносиб надоштам. Ҳамсинфам аз тариқи бародараш, ки мудири анбори корхонаи таъмири мошин буд, ба мудири анборе занг зада хоҳиш кард, ки ба ман як костюму брюки хуб ёфта диҳад. Мо бо ҳамсинфам ба он анбор рафтем. Мудир бе ҳеч салому калом, ҳавобаландона:

– Додари Акбар туӣ? - гуфта пурсид. Ва як ҷуфт костюму брюки ранги сафедро бароварда дод.

– Ранги дигар надоред? - пурсидам ман.

Ӯ ба дӯстам, гӯё ман ҳозир набошам, гуфт:

– Бигӯ, ки ҳамин, дигар нест.

Ман пурсидам, ки мумкин аст, пӯшида андозаашро бинам, ӯ бо рӯи турш сар такон дод. Вақте пӯшидам, ин ҷуфт барои ман каме калон буд. Пурсидем, ки андозаи хурдтар надорад, ӯ ин дафъа ба ман муроҷиат карда, даҳонашро накушода, аз байни дандонҳояш ғиҷирос зад:

– Хоҳӣ бигир, нахоҳӣ, калларо гаранг накун!

Ман, ки пеш аз ин хеле саъй карда, ҳеч чизи мувофиқ наёфта будам, бояд интихоб мекардам, бо либосҳои фарсуда ба донишгоҳ равам ё ин ҷуфтеро, ки на рангаш ва на андозааш муносиб буд, бихарам. Ман як сол бо он либоси ғайриодӣ, ангуштнамо дар донишгоҳ таҳсил кардам.

Дар солҳои донишҷӯии ман дар мағозаҳои Душанбе фақат либосҳои истеҳсоли худи шӯравӣ фурӯхта мешуданд. Ин либосҳо ғайр аз он ки он қадр сифати хуб надоштанд, сабки тарроҳияшон низ на ҳамеша дилкаш буд. Аҳёнан дар фурӯшгоҳҳо аз кишварҳои сусиёлистӣ, мисли Лаҳистону Чекословакӣ либос пайдо шавад, навбат барпо мешуд ва зуд тамом мешуд. Мудирони фурӯшгоҳҳо қисми либосҳоро пинҳон карда, баъдан бо нархи гарон ба истилоҳи он замон «аз зери миз» мефурӯхтанд.

Аслан, камбуди сарулибос дар Шӯравӣ мавзӯи хосе аст. Ҳамин либосҳои «ҷинс», кафшҳои варзишии брендҳои маъруф

аслан дастрас набуданд. Касоне, ки либосу кафши хуштарҳи хориҷӣ дошта бошанд, хушбахт ҳисоб мешуданд ва онро бо ифтихор мепӯшиданд.

Вақте мегуфтанд, ки дар Амрико шалворҳои «ҷинс»-ро ҳамчун либоси кори сиёҳ мепӯшанд, ҳама ҳавас мекарданд, ки як рӯз ҳам бошад дар Амрико коргари кори сиёҳ бошанд. Мардум он қадр муштоқи либоси хориҷӣ буданд, ки вақте як сол ниҳодҳои савдои шӯравӣ аз Покистон либоси рӯй ворид кард, одамон ҳама аз он хариданд. Дар пушти ин болопӯш бо ҳарфҳои калон «TABANI» навишта шуда буд. Душанбе ба таври хандаовар шаҳри «TABANI»-ҳо шуда буд. Ҳар куҷо нигоҳ кунед, дар пушти одамон бо ҳарфҳои калон ин ном навишта шуда буд. Хурду калон аз ин болопӯш мепӯшиданд.

Дар замони донишҷӯии ман дар Душанбе ҳар ҳафта рӯзҳои якшанбе як бозори ғайриқонунӣ бо номи «толкучка» амал мекард. Ин ном дар забони русӣ ду маъно дорад, яке ҷои серодам, дигаре бозори колои дасти дувум, ки ҳарду ҳам ба ҳамин бозор дуруст мегирифтанд. Дар ин бозор ҳама гуна либосу кафши хориҷӣ харидуфурӯш мешуд. Касоне, ки барояшон сафари хориҷа муяссар мешуд, аз он ҷо ҷомадонҳои худро аз коло пур карда меоварданд ва баъдан дар ин бозор фурӯхта, пул мекарданд. Он солҳо инчунин дар Душанбе теъдоди зиёди донишҷӯёни афғонистонӣ таҳсил мекарданд, ки онҳо низ ба таври қочоқ молу коло меоварданд ва дар ин бозор мефурӯхтанд.

Он солҳо ман дар хобгоҳи донишҷӯён зиндагӣ мекардам. Дар байни донишҷӯён ҳамеша дар бораи нарху наво ва молу колои мавҷуди ин бозор суҳбатҳо мешуд. Баъзе аз донишҷӯён дар ин бозор савдо ҳам мекарданд. Ман як-ду бор ба ин бозор рафтаам. Ин бозор дар қисмати «Гипрозем»-и шаҳр, бевосита дар рӯи роҳи мошин баргузор мешуд. Одамони зиёд, он қадр зиёд, ки доим ба ҳам дакка мехӯранд, колои фурӯшӣ дар даст, равуо мекарданд. Яке кафшҳоеро дар даст ба ҳама нишон дода,

«Адидас» - гуфта мегашт, дигарӣ шалвор дар китф, ба қиёфаи одамон нигариста, «ҷинси Левис» гуфта, молашро тарғиб мекард. Харидорон фурӯшандаҳоро нигоҳ дошта, молашро медиданд ва ҳамон ҷо савдо мекарданд. Дар ин бозор ҳеч растае ё дӯконе вуҷуд надошт. Як анбӯҳи одамон ҳама дар ҳоли равуо ба хариду фурӯш машғул буданд.

Амир ном як ҳамкурси ман ҳар ҳафта дар ин бозор либос мефурӯхт. Ӯ аз донишҷӯёни афғонистонии шиносаш ду-се ҷуфт либоси хориҷӣ гирифта, дар тӯли ҳафта пӯшида мегашт ва рӯзи якшанбе онҳоро тозаву дарзмол карда, мисли либоси нав ба фурӯш мебаровард. Агар либосе ба фурӯш биравад, пулашро ба дӯсти афғонистониаш дода, боз ба ҷояш либос гирифта, то рӯзи якшанбеи дигар пӯшида мегашт. Ҳамин тавр, Амир дар байни ҳамдарсон ҳамчун баччаи хушсарулибос маъруф буд.

Вақте мо ба Деҳлӣ расидем, чизи аввалине, ки моро моту мабҳут кард, фаровонии молу коло буд. Ошёнаи аввали тамоми биноҳо фурӯшгоҳ буданд. Ин фурӯшгоҳҳо пур аз анвои мол буданд. Нархи онҳо ҳам барои мо, ки пули хуб мегирифтем, дастрас буд. Дигар мо гоҳ-гоҳ растагардӣ карда, табъи дилу завқ чизҳои лозимиямонро харидорӣ мекардем. Ман, ки дар Ватан ҳеч гоҳ либоси дилхоҳ намеёфтам ва агар ёбам ҳам, тавони харидашро надоштам, барои худам ду-се ҷуфт либосу кафши хуб гирифтам ва либосҳои «шӯрави»-ямро, ки ба худам маъқул набуданд, дур андохтам. Ва аз он пас ҳар чанд ҳафтае либосҳои нав ба нав мехаридаму бо завқ мепӯшидам.

Сӯҳроб, ки ҳамроҳи ман аз Тоҷикистон омада буд, низ маро доим дар растагардӣ ҳамроҳӣ мекард ва либосу кафшҳои нав ба нав мехарид, вале боре ҳам онҳоро намепӯшид ва бо ҳамон либоси аз Ватан пӯшида омадааш мегашт. Бегоҳ он либосҳои кӯҳнаашро мешуст, ки шаб бихушканд ва рӯзи дигар боз онҳоро мепӯшид. Ман ҳайрон шуда, аз ӯ пурсидам, ки чаро он ҳама

либоси зеборо, ки мехарад, намепӯшад? Ӯ гуфт, «инҳо барои Ватананд, он ҷо мепӯшам».

Вақти баргаштан, барои худу наздикон боз ҳам либосу савғои зиёд харидем. Агар бағочи ман ду ҷомадон шуда бошад, бағочи Сӯҳроб ду баробари ман буд, зеро ӯ тамоми сол мол андӯхта буд ва ҳанӯз ҳам бо он либосҳои овардааш мегашт.

Пас аз баргаштан, рӯзе дар хиёбон, вақте аз мошин пиёда мешудам, ӯро дидам. Ғамгину маъюс буд. Ҳол пурсидам, бо ҳасрат гуфт:

– Асло напурс, хонаро дузд зад, бетурсук (либоси зер) мондем.

Дар танаш ҳамон либосҳои қадимияш буд.

## ЧӢ ГУНА БА ТИҶОРАТ РӮЙ ОВАРДАМ

Дар Иттиҳоди шӯравӣ донишгоҳҳои Маскав, Ленинград, Боку, Ереван, Тошканд ва ғайра низ шуъбаҳои шарқшиносӣ доштанд. Якчанд нафар донишҷӯёни шуъбаҳои шарқшиносии ин донишгоҳҳоро низ ҳар сол ба мамлакатҳои шарқ барои беҳтар омӯхтани забон ва шиносоӣ бо кишвари мавриди омӯзишашон мефиристоданд. Он сол мисли мо аз аксари ин донишгоҳҳо низ донишҷӯён ба Ҳинд омада буданд. Мо ҳама якдигарро мешинохтем, зеро аввалан, мо ҳама ба ҳам муаррифӣ шуда будем, сониян, дар ҳафтаҳои аввал зуд-зуд ба сафорат мерафтем ва якдигарро медидем.

Аз ҷумлаи ин донишҷӯён ду нафар, яке аз донишгоҳи Тошканд ва дигаре аз Боку диққати маро ҷалб карданд. Инҳо байни пойтахтҳои Непалу Ҳинд – Катманду ва Деҳлӣ равуо ва тиҷорат мекарданд. Кунҷковиям боло гирифту аз онҳо пурсида-пурсида, ҷузъиёти корашонро фаҳмидам. Онҳо аввал як сафар ба Катманду рафта, нархҳои онҷоро омӯхтаанд, ки чӣ чизҳоро

аз Деҳлӣ ба он ҷо бурда, бо фоида фурӯхта мешавад. Замони баргаштан чизҳое ҳам, ки дар он ҷо нисбатан арзон будааст, ҳамроҳашон оварда, дар Деҳлӣ фурӯхтаанд. Ҳамин тавр, чизҳои хурд, ба мисли батарейкаву чароғак ва ғайраро аз Непал дар ҷомадонҳояшон меоварданду ин ҷо пул карда, чизҳои дигареро бо мувофиқати қаблӣ бо дӯкондорони он ҷо мебурданд. Ҳамин хел як кори хубе ташкил карда буданд. Таъриф мекарданд, ки даромади хубе доранд. Ба назарам, онҳо истеъдоди савдогариро аз қабл доштанд.

Баъд ҳодисаи дигаре рӯй дод, ки дар назари аввал назарногир бошад ҳам, зеҳнамро як муддат машғули фикри тиҷорат кард. Рӯзе ҳамроҳи Сӯҳроб дар кӯча мерафтем, дидем, ки як мошини «Мерседес»-и хеле зебо истодааст. Ранги ин мошин дар офтоб ҷило медод, сохташ бошад он қадар зебо буд, ки зеҳни ҳардуи моро тасхир кард, онро тамошо мекардему гирдаш мегаштем. Аз ҳамдигар дар назди он мошин чанд акс ҳам гирифтем. Ман ба Сӯҳроб гуфтам:

– Сӯҳроб, агар ман ягон вақт мошин бихарам, ҳамин хелашро мехарам. Инро бин, чӣ қадар зебост!

Сӯҳроб бо оҳанги тамасхур гуфт:

– Ҳм, медонӣ, қимати он чанд аст?

Ман бо якраҳагии хоси худам гуфтам:

– Фарқ надорад, қиматаш чанде бошад, пайдогар, ки шудам, мехарам.

Вай гуфт:

– Нархи ин мошин аз даҳ ҳазор доллар бештар аст ва фақат бо доллар харида мешавад, бо пули мо намешавад, ҳеч вақт наметавонӣ!

Гапаш рост буд. Дар кишвари мо ҳатто мошинҳои истеҳсоли ватанӣ аслан дар фурӯши озод набуд, чӣ расад ба «Мерседес». Мошинҳои тавлиди худи кишварро аҳёнан ба корхонаву муассисаҳо медоданд, ки кормандони пешсафашонро қадр кунанд

ва ба ин васила дигаронро ҳам ба беҳтар кор кардан ташвиқ кунанд. Ин нафарон маблағи мошинро ба бонк супурда, мошинро аз анборҳо дарёфт мекарданд. Яъне дар Иттиҳоди Шӯравӣ ҳеч фурӯшгоҳе, ки дар он мошин фурӯхта шавад, вуҷуд надошт.

Раиси Ҷумҳури Амрико Роналд Рейган дар бораи Иттиҳоди шӯравӣ латифаи дӯстдоштае дошт:

Як нафар ба намояндагии ширкати мошинбарорӣ меояд ва мошин харидан мехоҳад. Намояндаи ширкат мегӯяд:

– Барои харидани мошин бояд навбат истед, - ва дафтарашро дида илова мекунад:

– Вале навбататон баъд аз ду сол мерасад.

Нафар розӣ мешавад ва маблағ пардохта, аснодро мегирад. Намояндаи ширкат мегӯяд:

– Хуб, баъд аз расо ду сол дар ҳамин рӯз биёед.

Нафар дафтарчааашро кушода варақ мезанад ва мепурсад:

– Бибахшед, то нисфирӯзӣ ё баъд аз он?

Намояндаи ширкат бо тааҷҷуб мепурсад:

– Чӣ фарқ дорад, чаро мепурсед?

– Охир, устои лӯлакаш ваъда кард, ки дар ҳамон рӯз то нисфирӯзӣ ба хонаам меояд, - ҷавоб медиҳад нафар.

Ин латифа, албатта, бофта аст. Дар Шӯравӣ ҳеч намояндагие набуд, ки ҳатто солҳо навбат истода, мошин харида шавад. Вале аз ҷиҳати маънӣ, камбуди мол ва ташкили бади хизматро дар Шӯравӣ дуруст ифода мекунад.

Ман ба худам меандешидам, ки чаро як нафар дар Ҳинд метавонистааст ин мошинро бихараду ман дар Шӯравӣ наметавонистаам? Охир, Шӯравӣ абарқудрат аст, Ҳинд қобили қиёс бо Иттиҳоди шӯравӣ нест?! Чаро пули дигар кишварҳо қобили табдил ба якдигар ҳаст, вале пули кишвари мо дар ҳеч куҷо қабул намешавад? Чанд рӯз фикрам машғули ҳамин мавзӯъ шуд. Сари ин масъала фикр мекардаму меандешидам, ки роҳи пайдо кардани пул корест, ки он ду нафар мекунанд;

яъне, ҳар қадар бихоҳӣ, пул пайдо карда метавонӣ, фақат бояд ақлро кор фармуду заҳмат кашид.

Ва воқеаи севуме, ки маро ба кори тиҷорат таҳрик дод, ин буд, ки замоне, ки мо дар Ҳиндустон будем, аз Тоҷикистон се бор гурӯҳи сайёҳон омад. Рӯзе духтаре аз сафорат ба ман гуфт, ки аз Тоҷикистон як гурӯҳ сайёҳон омадаанд. Ман, ки бисёр дилтангу пазмони ватан шуда будаму он рӯзҳо фақат шеъри маъруфи «Читҳи айи ҳе ватан се» («Нома омад аз ватан»)-ро гӯш мекардам, фавран ҷойи онҳоро пурсидам ва ба диданашон шитофтам. Ба осонӣ он гурӯҳи сайёҳонро дар меҳмонхонаашон пайдо кардам. Бо онҳо шинос шудаму худро муаррифӣ карда, гуфтам, ки донишҷӯ ҳастам. Барои онҳо, ки на забони англисӣ медонистанд ва на ҳиндӣ, гардишу муомилаву харид дар бозорҳо мушкил буд. Ман, ки забону маконро балад будам, дар вақтҳои холигиям ба онҳо роҳнамоӣ ва тарҷума мекардам. Ҳамин тавр, бо онҳо дӯст шудам ва ин дӯстӣ бо аксарашон то ҳоло идома дорад.

Аз миёни онҳо яке бо номи Музаффар, ки аз Исфара буд, аз ман пурсид, ки оё ин ҷо мешавад чархи мошин харид? Ман ҷавоб додам, ки фурӯшгоҳҳои зиёди чархи мошин ҳаст, ҳатман суроғ мекунем. Ҳамроҳ ба яке аз ин фурӯшгоҳҳо рафтем ва вақте фурӯшанда фаҳмид, ки колоро барои Шӯравӣ мехоҳем, ба мо фаҳмонд, ки бояд ба ширкаташон муроҷиат бикунем, зеро ин кори содиротист. Он гоҳ Музаффар, ки замони сафарашон ба поён мерасиду 1-2 рӯз бештар намонда буд, аз ман хоҳиш кард, ки вақти баргаштанам ба ватан, ки то он ҳам 2 моҳи дигар монда буд, чандто қарордод биёрам, то ӯ битавонад аз Ҳинд чархи мошин бихарад ва ваъда кард, ки ду дарсад суд барои ман ҳам дар назар хоҳад гирифт. Чун ҳиндуҳо дар тиҷорат хеле таҷрибадор буданд, якчанд ширкат пешниҳоди қарордод доданд ва эъломи омодагӣ карданд, ки дар ҳоли мувофиқат заҳмати содиротро ба дӯш мегиранд. Ин пешниҳодҳоро ман муваффақият

медонистам, дар ҳоле, ки дар тиҷорат ин як кори маъмулии рӯзмарраӣ буда, то ба иҷро расиданаш хеле роҳ будааст. Ман ҳисоб мекардам, ки агар барои теъдоде, ки Музаффар мехост, қарордод имзо шавад, ба ман низ даромади хубе хоҳад расид ва шояд он «Мерседес»-и даҳҳазорро ҳам тавонам бихарам!

Дар Шӯравӣ, ки тиҷорат мамнӯъ буд, ман ҳам ҳеч гоҳ ҳатто дар гӯшаи хаёлам фикре надоштам, ки ба тиҷорат машғул шавам. Вале акнун ором-ором бо алифбои ин шуғл шинос мешудам ва фикр мекардам, ки ба осонӣ мешавад ин корҳоро кард. Ба назарам хеле осон менамуд. Фикр мекардам фақат бояд қарордод бибандиву дигар пой рӯи пой бишинию суд бигирӣ. Хулоса, гаштаму ширкатҳои лозимаро пайдо кардам ва пешқарордодҳоро омода карда, вақти баргаштанам ба Ватан, онҳоро ҳамроҳам овардам.

## *БОЗГАШТ АЗ ҲИНД*

Баъди итмоми барномаи омӯзишӣ, миёнаҳои моҳи июл ман аз Донишгоҳи Ҷавоҳирлал Неҳруи Деҳлӣ мураххас шудам ва ба намояндагии «Аэрофлот» ягона ширкати ҳавопаймоии Шӯравӣ рафта, билетамро, ки таърихаш боз буд, барои рӯзи дигар сабт карданӣ шудам. Ин идора хеле беназм буд ва ҳиндуе, ки мудири он буд, беэътиноёна «ҷой нест» гуфт. Ман, ки пеш аз ин ҳам бо чанд нафари дигар барои ҷой даъво карда будам, ба ӯ тохтам:

– Ин ширкати ҳавопаймоии кишвари ман аст ва ту масъулӣ, ки ба ман – шаҳрванди ин кишвар хизмат кунӣ!

Ин вақт корманди сафорат, ки масъули мо донишҷӯён буд, омад. Асли моҷароро фаҳмида ба ҳинду амр кард, ки билети маро сабт кунад. Ҳинду сарашро хорида-хорида билети маро сабт намуда, сӯи ман дароз кард. Ман бо кароҳат билетро ги-

рифта, бо ваҷоҳати ғолиб сӯи баромадгоҳ равон шудам. Ӯ чизе гуфтанӣ буд, вале ман гӯш накардам, қарор нест, ғолиб ҳарфи мағлубро гӯш кунад! Дафъаи дигар бидонад, ки бо ман чӣ гуна муомила кунад!

Вале ӯ корашро карда буд. Ӯ билети маро беҷой сабт карда буд, ки фақат дар ҳоли холӣ мондани ҷое дар ҳавопаймо, маро савор мекарданд. Бечора, ӯ мехост ба ман фаҳмонад, ки ҷой нест, вале ба ҷаҳолати ман бархӯрда буд, ки дар ниҳоят боиси сарсонии худам шуд. Дар натиҷа, намояндаи сафорат маро чанд рӯз фурудгоҳ бурду овард, то ниҳоят, ба ман низ дар ҳавопаймо ҷой расид.

Мақсади ниҳоии парвоз Маскав бошад ҳам, он дар Тошканд менишаст ва хоҳишмандонро мефароварду мусофир мегирифт. Ман, билетам то Маскав бошад ҳам, дар Тошканд пиёда шудам.

Бо Музаффар қарор карда будем, ки ман роҳи баргашт дар Тошканд пиёда шуда, ба ӯ занг мезанам ва ӯ мошин мефиристад. Ҳамин тавр ҳам шуд ва ман бо мошини фиристодаи ӯ мустақим аз Тошканд ба Исфара рафта, он қарордодҳоро ба Музаффар супурдам. Музаффар қарордодҳоро ба муҳосиботаш дод ва онҳо ҳисобу китоб карда, ба хулосае омаданд, ки ин муомила барояшон маъқул ба сарфа нест. Он ҳама нақшаҳои ман ва «Мерседес»-ам нақше бар об шуд.

Вале чун ман барои расондани ин қарордодҳо ба Исфара, ба хонаи Музаффар-ако рафта будам, бо корҳои ӯ ошно шудам. Ӯ, ки қаблан раиси корхонаи «Таджикавтосервис» будааст, он корхонаро шахсӣ кардааст ва чанд корхонаи дигар низ сохтааст, ки яке корхонаи бозсозии чархи мошин, дигар корхонаи собунпазӣ буд. Ӯ корхонаҳояшро ба ман нишон дод ва ду-се рӯзе, ки ман дар меҳмонии ӯ будам, бо корҳояш шинос шудам ва тиҷорат торафт бароям ҷолибтар мешуд.

Ӯ маро роҳнамоӣ ва ташвиқ мекард, то ман низ ба тиҷорат машғул шавам. Ба ман китобчае дод, ки дар он намунаи асно-

ди бунёди ширкат навишта шуда буд. Ин сафар ба Исфара ва роҳнамоии ӯ сабаб шуд, ки ман ба ин фикр биуфтам, ки дар Душанбе ширкати худро таъсис диҳаму пайи тиҷорат равам ва риштаи дипломатияро, ки то он замон ҳамаи орзуву омоли ман бо он пайваст буд, дар сандуқчае муҳкам карда, канор гузорам.

Рӯзи 19 августи соли 1991 барои гирифтани ҳуҷҷатҳои худ ба Маскав рафтам. Маскав борониву сард буд. Одамон ҳам туршрӯву ношод метофтанд. Мисли дафъаи гузашта, хеле зуд тариқи қатори барқиву метро ба бинои Вазорат расидам. Вақте иҷозат пурсида, ворид шудам, ҳамон марди хушвохӯрди порсола, маро бо ҷиготи овезон:

– Чӣ даркор? - гуфта пешвоз гирифт.

Ман худамро муаррифӣ кардам, сар ҷунбонду хеста аз сандуқ ҳуҷҷатҳои маро гирифта, як-як варақ зада диду ба дастам дод ва:

– Ана гиред, метавонед равед, - гуфт.

– Ман дар куҷо меистам? - ҳайрон шуда пурсидам ман.

– Мо дигар барои шумо ҷой намедиҳем, ба вазорати маорифи ҷумҳурии худатон муроҷиат кунед, - гуфт ӯ ва чеҳрааш тиратар шуд.

– Бибахшед, ман интизор будам, ки пули билетамро ҳам медиҳед, - гуфтам ман. Қоида ҳамин буд, бояд пули билетро медоданд ва бо ҷои хоб таъмин мекарданд.

– Ба вазорати маорифи ҷумҳуриятон муроҷиат кунед! - хитоб кард ӯ.

Ноилоҷ сӯи дар гаштаму як бори дигар сӯяш нигоҳ кардам, ки:

– Ман ба Шумо ҳамаашро гуфтам, - бонг зад ӯ, шояд фикр кард, ки боз чизе гуфтанӣ ҳастам, дар ҳоле ки ман фақат мехостам мутмаин шавам, ки ин ҳамон касест, ки соли гузашта хеле меҳрубон буд. Ёди он ҳиндуи корманди «Аэрофлот» уфтодам,

ки худро шаҳрванди шӯравӣ ва соҳибимтиёз дониста, ба сараш дӯғ зада будам.

Хушбахтона, он дафтарчаи пасандоз, ки пеш аз сафар ба Ҳинд пулҳоямро гузошта будам, ҳамроҳам буд, ки зиёда аз 300 сӯм пул дошт. Худоро шукр мекардам, ки ин дафтарча пешам ҳаст, агар набуд, чӣ кор мекардам. Ин ҷо ҳеч касро намешиносам. Ҳоло хуб, ки пули билетро метавонам аз дафтарчаи пасандоз бигирам. Сӯи бонк шитофтам ва дафтарчаро ба зани хазинадор дароз кардам, гирифта, диду бо суол ба сӯям нигарист. Гуфтам:

– Мехоҳам пул гирам.

– Фоидаи яксоларо ман ба дафтарчаатон навишта медиҳам, вале пулро рафта аз ҷумҳурии худатон мегиред, - гуфт хазинадор.

– Не, ба ман ҳозир пул даркор, - гуфтам асабӣ шуда.

– Тибқи қоидаи нав аз ин пас шаҳрвандони ҷумҳуриҳо дар ҷои истиқоматашон хизмат мегиранд, - гуфт ӯ. Ва ба қайд кардани фоидаи ҷамъшуда ба дафтарча сар кард.

– Ман пуламро ҳамин ҷо супорида будам, дафтарчаро бинед, муҳрашро бинед, чаро маро ҷои дигар мефиристед, пуламро диҳед, пули худамро, фоидаатон даркор нест! - торафт оташин мешудам ман.

Садоям баландтар буд магар, ки як мард аз даруни хазина баромада омад ва бо садои нарм пурсид:

– Чӣ шуд?

Ман воқеаро гуфта додам. Гуфтам, ки ман ҳатто барои билети баргаштан пул надорам. Ӯ пурсид, ки шаҳрам куҷост, куҷо бармегардам?

– Душанбе, Тоҷикистон, - гуфтам ман.

– Билет чанд сӯм меистад?

– 92 сӯм, - ҷавоб додам ман.

Ӯ дафтарчаро гирифта, даромада рафт ва пас аз лаҳзае баргашта:

– Мувофиқи қоида Шумо бояд аз ҷои истиқомататон пул гиред, мо ҳолати Шуморо фаҳмида, ба таври истисно 92 сӯм пули билетро медиҳем, бақияашро ҳам дар дафтарчаатон навишта медиҳем, рафта аз шаҳри худатон мегиред, - гуфт. «Ба ҳамин ҳам шукр кардан лозим, агар ҳаминро ҳам надиҳанд, чӣ хел бармегаштам», - гуфта розӣ шудам.

Аз бонк баромада, бо димоғи сӯхта ба трамвай нишастам, то чизе бихӯраму роҳи фурудгоҳро пеш гирам, зеро ғайр аз 92 сӯм пули билет дар киса пули казоие надоштам, охир ман ба умеди он омада будам, ки чанд рӯзе бароям ҷой медиҳанд, пули билетамро медиҳанд. Мехостам бори дигар он шаҳри ормониро тамошо кунам. Вале дигар ин он шаҳри пешина набуд, шаҳри ошуфта ва сард буд.

Дар кӯча ва нақлиёт одамон ҳама бо чеҳраҳои гирифта, ошуфта метофтанд. Борон сим-сим меборид. Фазо он фазои як сол пеш набуд. Вақте трамвай аз назди бинои вазорат мегузашт, дидам, ки дар канори бино зери дарахтон тонке истода буд ва ду сарбози мусаллаҳ дар наздаш меистоданд. Каме пас, назди бинои дигаре низ зиреҳпӯше меистод ва якчанд сарбоз дар атрофаш бо Калашников меистоданд. Ман фикр кардам, ки шояд машқи ҳарбӣ мегузаронанд. Чун димоғам сӯхта буд, ба атроф хеле аҳаммият надода, зуд чизе хӯрдаму ба фурудгоҳ шитофтам.

Кассаҳои фурудгоҳ дар ошёнаи дувум буданд. Фурудгоҳ он қадр серодам буд, ки одамон дар рӯи зинаҳо, дар фаршҳо куҷо, ки рост ояд, нишаставу хобида буданд. Ба ҳар касса сафҳои беохири одамон навбат истода буданд. Одамон ҳама хаставу ғамгин менамуданд. Фазои фурудгоҳ сарду бенур буд. Ман ба як касса навбат истодам. Одамон ҳар замон аз навбат баромада рафта, дар аппаратҳои фурудгоҳ будану набудани билетро

медиданд. Ман ҳам ба каси аз пасам навбат гирифта ишора кардам, ки ҳозир меоям ва рафта, ба дастгоҳ номи Душанберо ворид кардам. Билет «сифр» нишон медод. Хуҷанд, Самарқанд, Тошкандро низ ворид кардам. Ҳама ҷо сифр нишон медод. Бовар накардам, «наход имрӯз ҳама ноомад насиби ман шавад», аз дил мегузарондам ман. Навбатам, ки расид сарро халонда:

– Душанбе, як билет, - гуфтам, паспорту пулро дароз карда.

Як дам ба дастгоҳаш нигоҳ карду:

– Нест, - гуфт ва илова кард:

– Наздиктарин парвозе, ки билет ҳаст, баъд аз як ҳафта.

Хуҷанду Самарқанду Тошкандро ҳам пурсидам, ҳол ҳамин буд. Аслан, сари калобаро гум кардам. Имрӯз куҷо ки наравам, корам омад намекард. Аз бебарории кор хаста шуда будам. Рӯҳафтода шудам, бетафовут будам, ҳеч чиз ҳис намекардам. Аз як дастгоҳ ба дастгоҳи дигар мегузаштам, дар яке номи Хуҷандро ворид мекардам сифр нишон медод, дар дигарӣ номи Душанберо, ҳамин тавр намедонам чанд бор такрор ба такрор номи шаҳрҳоро ворид мекардам. Боре Самарқандро ворид кардам ки «1» нишон дод. Ба чашмонам бовар накардам. Бори дигар зер кардам боз ҳам «1» нишон дод.

Башаст давида ба касса расидам ва ба навбат нигоҳ накарда, сарамро халонида:

– Самарқанд, якто, - гуфта дод задам.

– Нест, - гуфт билетфурӯш.

– Ҳаст, ҳаст, бинед, ман ҳозир дидам, аппарат як нишон дод, - ман ин имкониятро ба ҳеч ваҷҳ аз даст додан намехостам.

– Ҳозир дидам, пеш аз шумо пурсида буданд, - норозиёна ба дастгоҳаш нигоҳ кард ва:

– Бале, пайдо шудааст, - гуфту паспорту пулро гирифта ба навиштан сар кард. Сарамро берун кашида, аз навбат узр хостам ва гуфтам:

– Як билет пайдо шуд, агар намерасидам, аз ҳамин ҳам мемондам, бибахшед, - намедонам қиёфаам чӣ гуна буд, вале наздик истодагон хандиданд. Худо имрӯз ба ханда ҳам мерасондааст!

Парвоз баъди нӯҳ соат буд. Кунҷеро пайдо кардаму мисли дигарон чанд варақ рӯзномаро паҳн карда, дар рӯи фарши бетонӣ хобидам.

Рӯзи дигар, вақте ки ба бинои фурудгоҳи Самарқанд даромадам, дидам, ки одами бисёре дар назди телевизор ҷамъ шуда бо шавқ тамошо мекунанд. Хиёбонҳои Маскав ва ҳамон тонку зиреҳпӯшҳоро нишон медоданд. Наздик шуда, пурсидам гуфтанд, дар Маскав Кумитаи давлатии ҳолати фавқулода кудатои низомӣ кардааст.

Солҳои 80-уми асри бист дар Иттиҳоди шӯравӣ буҳрони иҷтимоӣ-иқтисодӣ ба авҷи худ расид. Соли 1985 Михаил Горбачёв Дабири Кулли Ҳизби коммунистии Иттиҳоди шӯравӣ интихоб шуд ва сиёсати бозсозиро пеш гирифт. Дар он марҳала фақат ислоҳоти иқтисодӣ барои рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар назар дошта шуда буд. Дар солҳои баъдӣ ду омил – уфти нархи нафт ва фоҷиаи Чернобил сабабгори боз ҳам шадидтар шудани буҳрон дар кишвар гардид.

Аввали соли 1987 Кумитаи марказии Ҳизби коммунист ба қарор омад, ки ислоҳоти фарогире пеш гирифта шавад. Дар натиҷа, дар ҳаёти иҷтимоӣ озодии баён ва дар соҳаи иқтисодӣ соҳибкории инфиродӣ иҷозат дода шуд. Солҳои 1988-1989 вазъияти сиёсӣ-иҷтимоӣ якбора вахим шуда, дар ҷумҳуриҳо афкори истиқлолхоҳӣ боло гирифт. Вазъият ба тадриҷ аз назорати Ҳукумати марказӣ хориҷ мешуд. Аз ин сабаб Горбачев барои ба эътидол овардани вазъ, матни қарордоди таъсиси Конфедерасиони байни ҷумҳуриҳои Шӯравиро пешниҳод кард.

Як гурӯҳ мақомдорони баландпояи Иттиҳоди шӯравӣ бар зидди сиёсати бозсозӣ ва барои пешгирӣ аз имзои қарордоди

Конфедерасионӣ, Кумитаи давлатии ҳолати фавқулодаро таъсис доданд, ки аз 18 то 21 августи соли 1991 амал карда, ноком шуд. Мақсади онҳо барканор кардани Горбачёв аз қудрат ва ба эътидол овардани вазъ дар кишвар буд. Онҳо ба Маскав қувваи низомӣ ворид карданд, ки ба муқобилияти мардум рӯбарӯ шуд ва ба тарафи мардум гузашт. Муовини Раиси ҷумҳури Шӯравӣ, вазири амният, вазири корҳои дохила, вазири мудофиа ва чандин мақомдорони олии кишвар аъзои ин кумита буданд, ки ба ҳабс гирифта шуданд, вале пас аз як сол озод карда шуданд. Ин охирин кӯшиши ҳифз кардани Иттиҳоди ҷумҳуриҳои шӯравӣ буд, ки ба нокомӣ анҷомид ва дере нагузашта, раисони ҷумҳуриҳои Русия, Белорус ва Укроин қарори барҳам додани кишварро имзо карданд. Ман рӯзи 19 августи соли 1991 иттифоқан шоҳиди ҳамин воқеаи таърихӣ дар шаҳри Маскав будам. Мутаассифона, акси садои ин кудато то Тоҷикистон ҳам расид ва оқибатҳои фоҷиадоре ба бор овард, ки ҳикояашро дар поён меорам.

## *ШӮРАВӢ*

Солҳои аввали асри 20 шароити иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар қораи Авруосиё хеле бад шуда буд. Ҷанги якуми ҷаҳонӣ иқтисоди аксари кишварҳои минтақаро ба буҳрони шадид мувоҷеҳ карда буд. Паст будани маош, шароити сангини кор ба корпартоиву тазоҳуроти густардаи коргарон дар ин кишварҳо сабаб мешуд.

Дар Импературии Русия шароите пеш омада буд, ки пояҳои ҳокимият суст шуда, нуфузи болшавикон афзоиш ёфта буд. Пас аз Инқилоби феврали соли 1917 подшоҳ сарнагун шуда, Ҳукумати муваққатӣ рӯи кор омада буд. Болшавикон аз бемасъулиятии Ҳукумати муваққатӣ истифода карда, бо ташвиқу тарғиб

дар кумитаҳои сарбозии қисмҳои низомӣ нуфузи зиёд пайдо карда буданд. Дар кишвар як навъ духокимиятӣ ба вуҷуд омада буд, ки ниҳоят ба инқилоб овард. Октябр-ноябри соли 1917 инқилоби болшавикӣ дар Импературии Русия ғалаба кард ва болшавикон Ҳукумати муваққатиро сарнагун карда, ҳокимиятро ба даст гирифтанд. Дар натиҷаи ин инқилоб дар қаламрави Импературии Рус ҷумҳуриҳои Шӯравии Русия, Укроин, Белорус ва Қафқоз ташкил карда шуданд. 30 декабри соли 1922 қарордоди таъсиси Иттиҳоди ҷумҳуриҳои шӯравии сусиёлистӣ байни ҳамин ҷумҳуриҳо имзо шуд. Дар марҳалаи аввал, дар Осиёи Миёна Ҷумҳуриҳои мухтори сусиёлистии Туркманистон ва Туркистон дар ҳайати Русия ташкил карда шуданд. Солҳои 1924-1925 тақсимоти ҳудудӣ-миллӣ гузаронда, Ҷумҳуриҳои сусиёлистии Ӯзбакистон ва Туркманистон таъсис дода шуд, ки Тоҷикистон ҳамчун Ҷумҳурии мухтор дар ҳайати Ӯзбакистон ташкил шуд. Дар натиҷаи мубориза ҳои ҷоннисоронаи фарзандони миллати тоҷик, ниҳоят дар таърихи 5 декабри соли 1929 Ҷумҳурии шӯравии сусиёлистии Тоҷикистон таъсис дода шуд, ки ман дар ин бора қаблан ҳикоят карда будам.

Тибқи назарияи Карл Маркс ва Фридрих Энгелс – асосгузорони коммунизм, инқилоби коммунистӣ бояд дар тамоми дунё якбора ба вуқӯъ меомад. Инқилобчиёни рус ҳам дар марҳалаи аввал ҳамин гуна шиор медоданд ва ба ҳаракатҳои инқилобии кишварҳои дигар кумак мекарданд. Коргарон дар мамлакатҳои дигар аз инқилоби Русия рӯҳбаланд шуда, ҳаракатҳои инқилобхоҳии оммаро таҳрик медоданд. Сармоядорони кишварҳои дигар аз инқилоби рус ба тарс уфтода, роҳҳои пешгирӣ аз инқилоб дар кишварҳои худро меҷустанд ва ногузир барои беҳтар кардани шароити иҷтимоии коргарон мекӯшиданд.

Сармоядорони кишварҳои хориҷӣ аз рӯзи аввал коммунистон ва ҳукумати шӯравиро душмани ашаддии низоми худ

қабул карда, кишвари шӯравиро дар инзиво (изолятсия) қарор доданд. Олами сармоя бар зидди ин кишвар ба таври бесобиқа муттаҳид шуда, то шикаст додани он мубориза бурд. Ин мубориза ба «мусобиқаи таслиҳот» оварда расонд, ки ба иттифоқи назари коршиносон, сабаби асосии бӯҳрони молӣ дар кишвар шуд. Инчунин, Иттиҳоди шӯравӣ барои дастгирии кишварҳои сусиёлистӣ маблағҳои зиёд сарф мекард, ки бори молии сангине бар дӯши буҷҷаи кишвар буд. Ғайр аз ин, низоми иқтисодии бе моликияти хусусӣ рақобат ва ангезаро аз байн бурда, сабабгори рукуд ва бӯҳрони амиқи молӣ шуд, ки ин омилҳо дар ниҳоят ба шикасту барҳамхӯрии кишвари Шӯравӣ овард. Нухбагони шӯравӣ назарияи коммунистиро ҳамчун догм қабул карда, то охир пойбанди он монданд ва натавонистанд барои ҳифзи кишвар чораҳои муассир андешанд. Сабаби асосии фурӯпошии ин кишвари абарқудрат, пеш аз ҳама, омилҳои иқтисодӣ буданд.

Дар натиҷа 8 декабри соли 1991 сарони ҷумҳуриҳои Русия, Украин ва Белорус ҳамчун муассисони кишвар, қарордоди барҳам додани Иттиҳоди шӯравиро имзо карданд, ки 26 декабр Шӯрои Ҷумҳуриҳои Шӯрои олии Иттиҳоди шӯравӣ Эъломияи ин барҳамхӯриро қабул кард. Қарордоди мазкур таърихи расмии барҳамхӯрии Иттиҳоди шӯравиро сабт кард, дар асл бошад, то ин дам тамоми ҷумҳуриҳо истиқлоли худро эълон карда буданд.

Рӯзи кории ҳаштсоата, маоши муносиб, шароити зиндагиву беҳдошти қобили қабул барои кормандон дар кишварҳои олами сармоя зери таъсири инқилоби рус ва тарси сармоядорон аз вуқӯъи чунин инқилоб дар кишварҳояшон ба вуҷуд омадаанд. Инқилоби рус дар таърихи кишварҳои шӯравӣ нақши муҳим бозида бошад ҳам, таъсири он дар ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодии кишварҳои олами сармоя камтар набуд.

Ҳамин тавр, дар аввали асри бист сармоядорони кишварҳои хориҷӣ зери таъсири инқилоби рус шароити кору зиндагии

коргаронро беҳтар карда бошанд ҳам, роҳҳои нави истисморро кашф кардаанд. Агар дар он замон сармоядор бевосита соҳиби корхона буда, риски муфлисшавии корхона ба худаш ва ҳамаи молу мулкаш таҳдид мекарда бошад, акнун ӯ дар паси гурӯҳи молӣ пинҳон ва дар ҳама ҳол аз хатар эмин аст. Ғайр аз ин, дар олами сармоя ҳама барои сарватманд шудани ҳамин гурӯҳҳои молӣ кор мекунанд. Оммаи одамон бо гирифтани қарзҳои бонкӣ зиндагиашонро обод мекунанд. Хона, мошин, ҷиҳози хона ва ғайраро бо қарзҳои бонкӣ мехаранд. Бонкҳо бошанд, ба ҳамин гурӯҳҳои молӣ тааллуқ доранд.

Аз байни ин қарзҳо воми маскан (ипотека) абзори махсуси сармоядорон барои дар итоат ва хизмат нигоҳ доштани омма аст. Одатан, маоши одамон барои харидани маскан намерасад, зеро қисми зиёди маошашон барои пардохти молиёту бима сарф шавад, боқӣ харҷи зиндагӣ мешавад. Ва онҳо барои харидани маскан қарзи дарозмуддат гирифта, онро ҳар моҳ кам-кам аз маоши худ пардохт мекунанд. Одатан, вомӣ маскан барои 30-40 сол гирифта шуда, одамро ба ҷои кор пойбанд мекунад. Агар вом ҳар моҳ ба таври муназзам пардохт нашавад, бонк фавран хонаро гирифта, ба фурӯш мегузорад ва пули худро мерӯёнад. Ҳамин тавр, ҳаёти одамон дар олами сармоя асосан барои пардохти қарзҳо сарф мешавад, ки агар аз як сӯ, корхонаҳоро бо қувваи кории доимӣ таъмин кунад, аз сӯи дигар, сарвати гурӯҳҳои молиро афзун мекунад. Дар ин низом аксари афроди ҷомеа худашон надониста, бо камоли майл барои соҳибони корхонаҳо кор мекунанд ва торафт сарвати онҳоро бештар мегардонанд ва дар натиҷа ин низом ногузир боиси нобаробарии иҷтимоӣ мешавад. Дуруст аст, ки низоми коммунистӣ короии худро исбот карда натавонист, вале низоми сармоядорӣ низ ба баробарӣ ва адолат дар ҷомеа мусоидат намекунад.

Идеяи коммунистӣ дар марҳалаи пайдоишаш зеҳнҳои мутафаккирони тамоми дунёро тасхир карда буд, зеро волотарин ақлҳои инсоният ҳамеша дар орзуи сохтани як ҷомеаи боадолат будаанд. Дар солҳои аввали инқилоб одамони зиёде аз кишварҳои дигар бо шавқ ба кишвари Шӯравӣ барои сохтани ҷомеаи ормонӣ меомаданд. Яке аз чунин касон, ки шефтаи идеяи коммунистӣ ва сохтани ҳаёти шоиста барои ҳамаи аъзои ҷомеа буд, нобиғаи инглис – Бертрад Россел низ дар ҳайати як намояндагӣ аз сӯи ҳукумати Инглис бо ихлос ба кишвари Шӯравӣ ташриф овард. Россел то омаданаш ба Маскав он қадр ҳаводори идеяи коммунистӣ буд, ки худаш ашрофзода бошад ҳам, бо сабаби тарафдори идеяи сусиёлизм буданаш, муносибаташ бо доираҳои аъёну ашрофи кишвараш хеле бад шуда буд. Ӯ дар ин сафари кӯтоҳи худ падидаҳои зиёдеро дид, ки ӯро аз тарзи иҷрои ин идеяи ормонӣ аз тарафи болшавикон дилсард карданд. Масалан, ӯ дид, ки пешвоёни инқилоб баробариву бародарии инсонҳоро шиори худ эълон карда бошанд ҳам, аз ҳамон рӯзҳои аввал дар қасру кӯшкҳои аъёну ашрофи қаблӣ ҷой гирифта, барои худ зиндагии шоҳона бунёд гузоштаанд. Махсусан, дар вақти боздид аз деҳаҳои рус ҳоли зори деҳқонону мардуми одиро дида, бо шукӯҳу ҷалоли ҳаёти навдавлатон муқоиса карда, китоби «Назария ва амалияи болшавизм»-ро навишт. Инчунин, ӯ мушоҳида кард, ки дар кишвар системаи тоталитарӣ ҳукмрон буда, озодиҳои маъмулии инсон аз қабили озодии эътиқод, озодандешӣ ва ошкорбаёнӣ шадидан саркӯб мешаванд. Ӯ ба хулоса меояд, ки ҳукмронии идеолоҷӣ дар ҷомеа ногузир ба тоталитаризм мебарад ва дар он адолат, озодӣ ва баробарӣ ҷой дошта наметавонад. Ӯ мегӯяд: «Идеолоҷӣ яке аз абзорҳои рамасоз аст». Ақли инсон ва озодии андешаву баёнро муҳаррики рушди ҷомеа донистa, болшавизмро низ мисли калисо, монеа дар роҳи пешрафт меҳисобад.

Инчунин, нависандаи инглис Ҷорҷ Урвелл то охир тарафдори идеяи сусиёлистӣ монда бошад ҳам, дар бораи иҷрои бади он аз сӯи болшавикон дар Русия ду китоб – «Деҳкадаи ҳайвонот» ва «1984»-ро навишт, ки хеле маъруфанд ва моҳияти сохти Шӯравиро барҷаста инъикос кардаанд. Хулосаи Ҷорҷ Урвел чунин аст, ки дар кишвари Шӯравӣ ҷамъият боз ҳам табақотӣ буда, «ҳама баробар, вале баъзеҳо баробартаранд». Ин нобаробарӣ дар сиёсати миллии давлат низ ҷой дошт, ки аксари муҳаққиқон ба ин камтар аҳаммият додаанд, дар ҳоле, ки маҳз марказгурезии дар асари ҳамин сиёсат дар ҷумҳуриҳо бамиёномада, яке аз омилҳои асосии пошхӯрии кишвар гашта буд. Тибқи сиёсати миллӣ, тамоми миллатҳои сокини кишвар «бародар» буданд, вале миллати рус «бародари бузург» номида мешуд.

Идеяи коммунистӣ барои халқҳои маҳаллии Осиёи Миёна шинос набуд. Онҳо ҳукумати Шӯравиро, ки сарбозон ва коргарони роҳи оҳани рус дар Бухоро инқилоб карда, сохта буданд, ҳамчун ҳукумати ғайр қабул мекарданд. Коргарону деҳқонони маҳаллӣ моҳияти ин идеяро хуб сарфаҳм намерафтанд ва худро соҳиби ҳокимият намедонистанд. Ҳукумати шӯравӣ баробарӣ ва бародарии халқҳоро шиори худ карда бошад ҳам, дар асл ин ба ҳамон баробарии «баъзеҳо баробартаранд» монанд буд. Масалан, ҳизбу ҳукумати марказӣ ба намояндаҳои халқҳои маҳаллӣ камтар эътимод мекарданд. Дар ҷумҳуриҳои миллӣ шахси аввали ҳизб, ки амалан роҳбар ҳисоб мешуд, аз ҳисоби нафарҳои намояндагони миллӣ таъин карда шавад ҳам, ҳатман муовини ӯ аз миллати рус интихоб мешуд, ки Кремлин бештар ба ӯ эътимод дошт. Инро нухбагони миллатҳои таҳҷоӣ нишонаи нобоварӣ талаққӣ карда, дар байнашон норизоӣ пайдо мешуд, ки дар ниҳоят яке аз омилҳои марказгурезии нухбаҳои ҷумҳуриҳо ва дар натиҷа, омили фурӯпошии Иттиҳоди шӯравӣ шуд.

Албатта, низоми Шӯравӣ хубиҳои зиёд, аз қабили таҳсилот ва беҳдошти ройгон дошт, ки дар бораи он зиёд гуфтаанду навиштаанд. Ман ин ҷо дар бораи як падидаи ҷолиб ҳикояе меоварам. Иттиҳоди шӯравӣ дар ҷомеа ашрофзодагӣ ва имтиёзҳои ирсиро аз байн бурд. Дар ҷомеа табақаи аъёну ашроф вуҷуд надошт. Раисон ва роҳбарон гарчанде «баробартар» буданд ва имтиёзоте аз қабили мошини хизмативу маоши болотар доштанд, вале салоҳияту масъулияташон аз сӯи мардум назорат мешуд. Ҳар кас метавонист ба амалдор рӯирост эрод бигирад ва аз рӯяш шикоят кунад. Чоплусӣ ва тамаллуқ дар баробари амалдорон дар Шӯравӣ роиҷ набуд. Албатта, аз корхона то корхонаву аз минтақа то минтақа вазъи ин масъала метавонист каме фарқ дошта бошад. Масалан дар Русия тамаллуқу чоплусӣ дар муқобили амалдорон наздик ба сифр бошад, дар Осиёи Миёна ин падида каме бештар ба чашм мехӯрд, вале на ба ҳадди имрӯз, албатта. Аммо баъди истиқлол руасо гӯё соҳиби ҷону моли мардум шуданд ва хушомадзаниву тамаллуқ дар муқобили онҳо авҷ гирифт.

Солҳои аввали ба тиҷорат машғул шуданам, мо бахши корхонаи ресандагии ноҳияи Восеъро бо таҷҳизоти барқ муҷаҳҳаз мекардем. Муҳандиси барқи ширкати мо Бобокалонов ном марди тоҷики русзабон ва хулқу атвораш ҳам русӣ буд. Ӯ ҳамчун мутахассис ба нақша роҳбарӣ мекард. Барои ёрӣ аз мардуми маҳаллӣ 7-8 нафарро ба кор гирифта будем, ки дар қатори ману Исмоил ба корҳои тахассусии барқкашӣ ба ӯ ёрӣ мекарданд.

Раиси хоҷагие, ки тарафи қарордоди мо буд, гоҳ-гоҳ омада, рафти корро назорат мекард. Ӯ марди қоматбаланди босалобат ва калонгир буд. Вақте ӯ дар сари кор пайдо мешуд, коргарони маҳаллӣ корро партофта, ба саломаш шитоб мекарданд. Майдони кори мо хеле калон буд. Бобокалонов, ки ғайр аз рустабъ будан, дар кор низ хеле муназзам ва сахтгир буд, аз корро партофта ба дастфишории раис давидани зердастонаш

нороҳат мешуд. Боре худаш бо дастони аз равғани кабел сиёҳ, бо раис дастфишорӣ карда, дастҳои ӯро олуда кард ва ба ӯ гуфт:

– Акнун ман дастҳоямро як ҳафта намешӯям!

– Чаро? - пурсид раис бо кароҳат ба дастони олудаи худ нигариста.

– Чунки дастонам ба дастони табарруки Шумо расиданд, - ҷавоб дод Бобокалонов.

## *ВОҚЕАҲОИ СОЛИ 91*

Тобистони соли 1988 конфронси 19-уми Ҳизби коммунисти Иттиҳоди шӯравӣ як қатъномаи ислоҳотӣ қабул карда буд, ки он як қатор ислоҳоти сиёсӣ-иҷтимоӣ, аз ҷумла озодии баёнро кафолат медод. Дар асари ҳамин ислоҳот дар Тоҷикистон ҳаракатҳои мардумӣ ва расонаҳои мустақил арзи вуҷуд карда буданд. 25 феврали соли 1990 интихоботи Шӯрои олии Ҷумҳурии шӯравии сусиёлистии Тоҷикистон баргузор шуд, ки дар он намояндаҳои зиёиён, рӯҳониён ва демократҳо низ соҳиби чанд ҷой шуданд. Ин вакилон фаъолони ҳаракатҳои мардумии дар натиҷаи ислоҳот бавуҷудомада буданд.

Моҳи марти соли 90 кунгураи Шӯрои олии Иттиҳоди шӯравӣ моддаи 6 сарқонуни кишварро, ки султаи Ҳизби коммунистиро таъмин мекард, бекор кард. Дар натиҷа, ҳаракатҳои мардумӣ дар Тоҷикистон иттиҳодияву ҳизбҳои сиёсии худро сабт карданд, ки бузургтаринашон ҳаракати «Растохез», Ҳизби демократ, Ҳизби наҳзати исломӣ ва ҷамъияти «Лаъли Бадахшон» буд, ки аз зовияи мухолифат ба Ҳизби коимунист ва низоми коммунистӣ амал мекарданд.

Қаҳҳор Маҳкамов ҳамчун намояндаи Ҳизби коммунист аз кудатои низомиён, ки 19-21 августи соли 1991 дар Маскав баргузор шуд, тарафдорӣ кард. Баъди нокомии ин кӯшиши табаддулот

мухолифони Маҳкамов тазоҳуроти густарда ташкил карданд. Ин тазоҳурот аз тазоҳуроти «Баҳмани навад» фарқ дошт. Онро намояндагони Ҳизби демократ роҳбарӣ мекарданд. Мардум нисбатан оромона майдоннишинӣ мекарданд ва намояндагонашон дар дохили бино – дар маҷлиси Шӯрои олӣ талабҳои онҳоро матраҳ мекарданд.

Ман чунин тазоҳуротро дар як соли дар Ҳинд буданам борҳо дидаам. Намояндагони анҷуманҳо ва ҳизбҳои мухолиф тарафдоронашонро ба майдон бароварда, талабҳои онҳоро ба гӯши ҳукуматдорон мерасонданд ва ҳаққашонро талаб мекарданд. Майдони пеши қасри Раиси ҷумҳур дар Деҳлӣ хеле фарох буд. Баъзан дар он издиҳоми бузург ҷамъ мешуд, ки ман ин теъдоди одамро фақат дар ҳамон ҷо дидаам. Вале ҳеч гоҳ тазоҳуркунандагон ба беназмӣ ва хушунат даст намезаданд. Роҳбарони тазоҳурот суханронӣ мекарданд ва шиор медоданд, мардум бо кафкӯбӣ ё ғирев дастгирии худро изҳор мекард. Намояндагони тазоҳуротчиён бо намояндагони мақомот музокира карда, ба тавофуқ мерасиданд ва натиҷаро ба мардум фаҳмонда ба тазоҳурот хотима медоданд ё агар мақомот барои иҷрои талабҳои мардум фурсат хоҳад, муҳлат муқаррар мекарданд. Ҳамин тазоҳуроти рӯзҳои 29-31 август дар Душанбе ба он тазоҳуротҳои дар Ҳинд дидаам монанд буд.

Мухолифони Маҳкамов барои тарафдорӣ аз ГКЧП ва воқеаи баҳманмоҳи хунин ӯро шадидан танқид карда, истеъфои ӯ ва манъи фаъолияти Ҳизби коммунистро талаб мекарданд. Ин ҷаласаи маҷлиси Шӯрои олӣ аз тариқи телевизор намоиш дода мешуд. Чанд рӯзе, ки ин ҷаласа давом кард, одамон аз назди телевизорҳо дур намешуданд ва бо рағбат рафти ҷаласаро тамошо мекарданд. Худи муколамаи байни тарафҳо ҷолиб сурат мегирифт ва чанд чиз аз ин ҷаласаҳо вирди забонҳо шуд.

Масалан, курсии нишасти вакили мардумӣ Тоҳири Абдуҷаббор дар назди микрофони шашум буд, ки ӯ ҳар лаҳза хеста,

пешниҳодҳо мекард ва фикрашро дар бораи масъалаи баҳс иброз мекард. Ногуфта намонад, ки ӯ пешниҳодҳои беҳтаринро медод ва таърих исбот кард, ки ҳар ҳарфаш саривақтӣ буд ва фақат аз зовияи ҳифзи манфиатҳои миллӣ ҳарф мезад. Намедонам, аз чӣ сабаб ӯ ба лаҳҷаи эронӣ суҳбат мекард. Қисми зиёди вакилони маҷлис коммунист ва шӯравигароҳо буданд ва аз суханрониҳои Тоҳир хушашон намеомад. Аз ҷумла, садри маҷлис ба ӯ имкони сухан кардан намедод ё микрофонро хомӯш мекард, ки тамошои ин ҳама барои ҳангоматалабон хеле ҷолиб буд. Мардум агар пургӯии касеро қатъ карданӣ шаванд, «микрофони шашро хомӯш кун», гуфта мазоҳ мекарданд. Ё ба ҷои «мешавад» «мише - намише» гуфта, лаҳҷаи ӯро талха медоданд.

Чашмакзании Тӯраҷонзодаро ба сӯи садри маҷлис наворбардори телевизион хеле хуб ба навор гирифта буд, ки онро гаштаю баргашта ҳамчун исботи дурӯягии ӯ пахш карданд, ки ин ҳам сарусадои зиёд ба бор оварда буд.

Маҳкамов пеш аз истеъфо додан:

– Ман ҳанӯз ҷавонам, монед кор кунам, - гуфт.

Яке аз мухолифон ба Маҳкамов бо истеҳзо:

– Як бор мард шавед, истеъфо диҳед, - гуфт.

Ниҳоят Маҳкамов:

– Хайр ман меравам, вале шумо пушаймон мешавед, - гуфта истеъфо дод.

Иҷрокунандаи вазифаи Раиси ҷумҳур тибқи қонун Қадриддин Аслонов таъин гардид. 9 сентябри соли 1991 иҷлосияи ғайринавбатии Шӯрои олии Тоҷикистон «Изҳорот дар бораи Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро қабул карда, Тоҷикистонро кишвари мустақил эълон кард.

Дар Иттиҳоди Шӯравӣ солҳои охир расм буд, ки вақти аз кор рафтани мақомдорони баландпоя ба онҳо тухфае медоданд. Масалан, ба сардори корхона иҷозат медоданд, ки мошини

хизматияш ё хонаи истиқоматияшро шахсӣ кунад. Замони ба истеъфо рафтани Қаҳҳор Маҳкамов моликияти хусусӣ иҷозат шуда буд, аз ин сабаб ба ӯ иҷозат доданд, ки бинои нотамомеро дар маркази шаҳр, дар кӯчаи Фотеҳ Ниёзӣ шахсӣ кунад. Маҳкамов бо Шукуров Амир ном соҳибкор робитаи дӯстӣ дошт. Аз сабаби он ки ин соҳибкор ҳам корхона ва ҳам пул дошт, Маҳкамов ҳуқуқи хариди ин биноро ба ӯ вогузорид ва худаш ҳамчун муовини раиси ҳамин ширкат ба кор даромад. Хонанда бояд ин воқеаро ба ёд гирад, зеро моликияти ин бино баъдан ба ман тааллуқ гирифт, ки ҳикояашро дар бобҳои баъдӣ хоҳам овард.

## *ПИРӮЗИИ РАҲМОН НАБИЕВ*

24 ноябри соли 1991 интихоботи Раиси ҷумҳур баргузор шуд, ки довталабони асосии он Раҳмон Набиев ва Давлат Худоназаров буданд. Дар ин интихоботи воқеан озод Раҳмон Набиев баранда шуд. Набиев собиқаи дарози роҳбарии ҷумҳуриро дошт ва маъруф буд, аз ин сабаб, нухбагони шӯравӣ – коммунистон ва ҳамаи онҳое, ки дар замони шӯравӣ амалдор буданд, аз ӯ тарафдорӣ карданд. Давлат Худоназаровро зиёиён, ҳаракати «Растохез», Ҳизби демократ, ҷамъияти «Лаъли Бадахшон» ва Ҳизби наҳзати исломӣ пуштибонӣ мекарданд. Васоити ахбори давлатӣ ба тарафдорӣ аз Набиев ва рӯзномаҳои озоди «Чароғи рӯз», «Адолат» ва дигар нашриёти мухолифон ба тарафдорӣ аз Худоназаров кор мекарданд. Тарғиботи Худоназаров хеле густардаву муассиртар бошад ҳам, маъруфияти Набиев боло гирифт ва ӯ дар интихобот баранда шуд.

Дар асл ин интихобот баҳси кӯҳнаву нав буд. Ин давраи бедории мардуми тоҷик буд. Одамон бо иштиёқ аҳволоти сиёсиро дунбол мекарданд. Ҳама бесаброна баромадани рӯзномаҳоро

интизор мешуданд. Бо ҳам баҳс мекарданд, аз ин ё он довталаб тарафдорӣ мекарданд, ба оянда бо умед менигаристанд. Озодандешӣ ва ошкорбаёнӣ ҳукмфармо буд. Падар тарафдори Набиев бошад, писар аз Худоназаров тарафдорӣ мекард. Ба раъйи ҳамдигар арҷ мегузоштанд.

Довталабон ситод ташкил карда буданд ва тарафдорони маъруфи худро ҷамъ карда, ба минтақаҳо барои тарғибот мефиристоданд. Ҳикоят мекарданд, ки нафаре аз Душанбе ҳамчун узви ҳайати тарғиботчиёни Худоназаров ба деҳааш рафт. Падараш, ки садри деҳа буд, ҳайатро меҳмон кард ва ба онҳо сароҳатан эълон кард:

– Ман шуморо ҳамчун меҳмон бо ҷону дил қабул дорам, вале раъйамро ба довталаби шумо намедиҳам!

Коршиносон ба иттифоқ ин интихоботро озодтарин раъйдиҳӣ донистаанд, вале мухолифон натиҷаи интихоботро қабул накарда, ба тазоҳурот даст заданд. Дар натиҷаи тавофуқи мухолифон бо ҳукумати тозаинтихоб, ба роҳбарони мухолифон ба шарти ба хушунат даст назадан, кафолати масуният дода шуд ва дар натиҷа дар кишвар як оромии сунъӣ барқарор шуд. Қонуни манъи рафту омад ҷорӣ карда шуд, ки тибқи он зиёда аз се нафар ҷамъ шудан ва пас аз соати муайян дар хиёбонҳо равуо кардан мамнӯъ буд. Вале ба зудӣ ин оромӣ халалдор шуд.

## *ДУ МАЙДОН*

23 марти соли 1992 Раиси Шӯрои олӣ Сафаралӣ Кенҷаев дар ҷаласаи ин ниҳод вазири корҳои дохилӣ – зодаи Бадахшон – Мамадаёз Навҷувоновро шадидан танқид карда, истеъфои ӯро талаб кард, ки ин аз тариқи телевизион намоиш дода шуд. Дар натиҷа, рӯзи 26 март ба қонуни манъи таҷаммуъ нигоҳ накарда, ҷамъияти «Лаъли Бадахшон» дар назди кохи

Раиси ҷумҳур аз ҳисоби мардуми Бадахшон тазоҳурот ташкил карда, истеъфои Раиси Шӯрои олӣ Кенҷаевро талаб кард. Аз ин фурсат истифода бурда, мухолифон тарафдорони худро ба майдон хонданд. Аз ин ба баъд мухолифон дар майдони Шаҳидон, ҳамон майдоне, ки фоҷиаи хунини баҳманмоҳи навад рух дода буд, моҳҳо хайманишинӣ карда, ҳаёти пойтахт ва кишварро фалаҷ гардонданд. Онҳо натиҷаҳои интихоботи Раёсати ҷумҳуриро тақаллубӣ номида, талаб мекарданд, ки раъйдиҳӣ аз нав баргузор шавад. Ман он вақт, баъди баргаштан аз Ҳинд, дар соли охири донишгоҳ мехондам ва дар рӯ ба рӯи чойхонаи «Роҳат» иҷоранишин будам. Барои ба донишгоҳ рафтан, роҳам аз дохили ин майдон, ки пур аз хаймаҳо буд, мегузашт. Баъзан, аз канор истода, тамошо мекардам ва ба ҳарфҳои нотиқонашон гӯш медодам. Ин тазоҳурот аз тазоҳуроти дар Ҳинд дидаи ман комилан фарқ дошт. Ин ҷо ҳеч кас фикри мусолиҳа ва музокира надошт.

Қорӣ Қиёмиддини «ғозӣ» ба назди микрофон мебаромад ва фиғон меандохт: «Во, дино, во шариато, Қуръон зери пой шуд, шариат аз даст рафт, марг ба кофирон!» ва мардум ба навҳа ҳамроҳ мешуданд. Шиори дигаре, ки ин рӯҳонӣ медод, ҷолиб буд ва шунавандаро ба таъаммул водор мекард. Пас аз навҳа ӯ шиор медод «Марг ба Амрико!» ва мардум ғулғула меафканданд «Золимин, золимин, марг ба найрангатон, Хуни шаҳидони мо мечакад аз чангатон!», ки дақиқ нусхаи шиорҳои инқилобии Эронро ба хотир меовард.

Дигарӣ мебаромаду эълон мекард: «Бас аст Маскавро хӯрондан! Мо фақат пахта ва тиллои худамонро бо нархи ҷаҳонӣ фурӯшем, роҳҳоямонро ба ҷои асфалт аз тилло месозем!» ва чашмони ҳозирон барқ мезад! Дар ҳоле, ки Тоҷикистон аллакай кишвари алоҳида ва соҳибистиқлол буд.

Бозор Собир мебаромаду «Азизон, ҳар кӣ аз ағбаи Анзоб он сӯст, ӯзбак аст, манғит аст, дафъ шавад! Шумо бо инҳо нав му-

бориза оғоз кардед, ман 25 сол мешавад, ки бо инҳо меҷангам!» гуфта, фитна меандохт, тӯда «Меҷангем, дафъ шаванд!» гуфта шиор медод. Ростӣ, ин шоири миллат аз ҳамон фитратҳоест, ки ӯро «бояд кушт ва дар маргаш гирист». Ӯ мехост фоҷиаи «табартақсим» ба сари миллат овардаро тақвият диҳад. Мехост қисми шимолии кишварро ҷудо ва дафъ кунад. «Равед, хонаҳои хуҷандиҳоро рӯйхат кунед ва кашида гиред», беибо дастур медод ӯ.

Шиори «меҷангем»-и онҳо лофи ҳавоӣ набуд. Онҳо гурӯҳҳои шибҳинизомӣ ташкил карда буданд. Ҷавонони ин гурӯҳҳо ба пешониашон латтаи сафед, ки дар он «фидоӣ» навишта буданд, баста, дар рӯи роҳи мошингарди пеши чойхонаи «Роҳат» машқи низомӣ мекарданд. Вақти бо низом қадам задан, ҳамон шиори «Золимин»-ро бо мароми хос мехонданд. Дар дасташон коктейлҳои Молотов, бо низом қадам зада, аз майдон мегузаштанд. Иштиёқи қудратхоҳияшон он қадр боло гирифта буд, ки чашми ақлашонро кӯр карда буд ва ба ҳар хунхорие тайёр буданд. Ин хирасарон мехостанд бо ҳама: «кофирон», шимолиҳо, русҳо, ӯзбакон яку якбора биҷанганд. Дар байни онҳо аз факултаи мо низ чанд нафар буданд. Ман чандин бор саъй кардам бо онҳо суҳбат кунам. Фаҳмонданӣ мешудам, ки тазоҳурот бояд оромона баргузор шавад. Ниёз ба ҷангу кушокушӣ нест. Вале онҳо ба ман «ҳоло сабр кун, мо ғалаба кунем, худат ба тарафи мо мегузарӣ», мегуфтанд.

Шодмон Юсуф – раиси Ҳизби демократ пешниҳод кард, ки русҳои муқими Тоҷикистон гаравгон гирифта шаванд. Ба қавли дигар, гӯё ӯ гуфта будааст, ки агар Русия ба корҳои Тоҷикистон дахолат кунад, русҳои дар Тоҷикистонбударо дар ҳоли гаравгон мегузорад. Дақиқ намедонам ӯ чӣ гуфта буд, вале сад дар сад медонам, ки ғайр аз ҳамин ҳарфи аблаҳонаи ӯ, ҳеч кас ба русзабонон на лафзӣ, на дар амал таҳдиде накарда ва озоре нарасонда буд. Вале мутаассифона, бар асари ҳамин гуфтаи ӯ

матбуоти Русия мақолаҳои ҷавобӣ чоп карда, тухмати зиёд ба тоҷикон заданд, ки гӯё русҳоро мекушанд, занҳои русро таҷовуз мекунанд ва аз ин қабил дурӯғҳо, ки дар натиҷа афсарони рус садҳо сарбозҳои тоҷикро, ки дар артиш хизмат мекарданд, бо азобу шиканҷа куштанд.

Шахс бояд ҷавобгари ҳар ҳарфи худ бошад. Вақте касе мехоҳад раҳбарии ҷомеаро ба даст гирад, ин масъулият ба маротиб боло меравад. Вақте қудрати тӯда дар ихтиёраш аст, бояд хеле боэҳтиёт бошад, зеро тақдири ҳазорон нафар аз ҳарфи ӯ вобаста аст.

Чизи ҷолиби дигаре, ки чандин бор шоҳид шудаам ин буд, ки як гурӯҳ аз майдон мехестанд ва чандсад метр дуртар рафта саф меоростанд ва бо низом қадам зада омада, ба майдон медаромаданд. Сардорашон пеши микрофон рафта «Мо, дусад нафар, шаби дароз нахобида, пиёда роҳ гашта, аз ноҳияи Бохтар ба ёрии шумо омадем!» гуфта хабар медод. Тӯда «Зинда бод!, Зинда бод!» гуфта рӯҳбаланд мешуд. Ҳамин тавр, дар давоми рӯз чандин маротиба намояндаҳои ҳар ноҳия ба сафи майдоннишинон «афзуда», онҳоро рӯҳбаланд мекарданд ва онҳо бо садои дучанд «Истеъфо! Истеъфо!» гуфта ғирев мебардоштанд.

Раиси ҷумҳур, шояд аз воқеаи хунини баҳманмоҳ панд гирифта буд, ки барои пароканда кардани тазоҳурот аз қувва истифода накард. Аслан, Раҳмон Набиев дар рафти ин моҷаро заъфҳои худро ба намоиш гузошт. Ӯ собиқаи роҳбарии ҷумҳуриро дар солҳои қаблӣ дошта бошад ҳам, бештар нақши як мудирро иҷро карда омада буд. Ҳамеша дастнигари Маскаву Тошканд буда, мустақилият надоштааст ва чун аз ҷиҳати шахсиятӣ низ мулоимтабиат ва моил ба айшу нӯш буд, дар лаҳзаҳои ҳассос тасмимҳои саривақтӣ ва қатъӣ гирифта натавонист. Бесалоҳиятӣ ва саҳлангории ӯ сабаб шуд, ки дере нагузашта, Вазорати корҳои дохилӣ худро бетараф эълон кард ва Горди Раиси ҷумҳур ба мухолифин пайваст, вале дар ҳар ҳол,

ин ду амал, хиёнати рӯирост ба миллат аз сӯи сардорони ин мақомот буд, ки то ҳол баҳои ҳаққонӣ нагирифтааст.

Зери фишори тазоҳуротчиён Сафаралӣ Кенҷаев аз раисии Шӯрои олӣ истеъфо дод ва дар натиҷа ба тарафдории ӯ ва Набиев дар майдони Озодӣ, намояндагони вилояти Кӯлоб ва вилояти Ленинобод бар зидди тазоҳуроти майдони Шаҳидон тазоҳурот ташкил карданд. Раиси ҷумҳур аз ҳисоби онҳо горди мусаллаҳ ташкил кард ва ба онҳо 1800 адад Калашников тақсим кард.

Низомиёни рус, намедонам барқасдона ё тасодуфан, ба тазоҳуркунандагони мухолиф дар майдони Шаҳидон аслиҳа доданд. Ман шахсан шоҳиди он будам. Рӯзе ҳамроҳи бародарам Абдулҳаким аз дарс бармегаштам, ки ду мошини боркаши рӯйпӯш, аз қисми низомии дивизияи 201-и он замон дар марказ қарордошта баромад. Тазоҳуротчиён он мошинҳоро манъ карда, ҳуҷҷат пурсиданд. Майори рус чӣ ҳуҷҷате нишон дод, ки онҳо қонеъ нашуда, болои мошин баромада диданд, ки он пур аз сандуқҳои аслиҳа аст. Ин замон яке аз роҳбарони майдон расида омад ва ба он майор фармон дод, ки мошинҳоро гардонда ба штаб (ситод) биёрад. Ҷавонони зиёде дар атрофи ин мошинҳо ҷамъ буданд. Вақте мошинҳо гашта ба сӯи қасри Раиси ҷумҳур равон шуданд, хиёбон пур аз одам буд ва онҳо оҳиста-оҳиста мерафтанд. Ҷавонон хез карда, ба болои мошинҳо баромаданд ва дар як лаҳза рӯйпӯши брезентии мошинҳоро лах-лах карданд. Вале чун теъдоди зиёд баромада буданд ва дар рӯи сарпӯши сандуқҳо меистоданд, онҳоро кушода наметавонистанд. Ҳеч кас ҳам ҳозир набуд аз мошин фурояд, зеро ҳама мехостанд дигарӣ фурояду ӯ соҳиби силоҳ шавад.

Майдони пеши кох пур аз хайма буд. Мошинҳоро аз гузаргоҳи пушти бинои ЗАГС ба ҳавлӣ даровარданд. Мо дукаса аз қафои ин мошинҳо давида мерафтем. Дар ҳавлӣ мошинҳо як лаҳза таваққуф карданд. Бачаҳои болои мошин, ки аллакай

брезентро тикка-тикка карда буданд, як сандуқро кушоданд. Аз дохили он автоматҳои Калашникови наппа-навро гирифта, ба сӯи ҳамроҳонашон дар замин мепартофтанд ва онҳо аслиҳаро гирифта мегурехтанд. Ин сандуқ дар як лаҳза холӣ шуд ва муборизаи кушодани сандуқҳо авҷ гирифт, зеро намуди силоҳ иштиёқи ба даст овардани онро дучанд карда буд. Ин замон он роҳбар расида омад ва дод зад:

– Зуд мошинҳоро ба штаб рон!

Мошинҳо аз аркаи он бино гузашта, ин дафъа босуръаттар ба сӯи қозиёт рафтанд. Вақте мо давон-давон ба он ҷо расидем, онҳо дар даруни дарвозаи панҷарагии қозиёт буданд ва ҳанӯз ҳам муборизаи ҷавонон барои кушодани сандуқҳо идома дошт. Ин замон Мӯсо паҳлавон аз бино баромада, аз камони шикории дасташ ду тир ба ҳаво андохт. Баччаҳо худро аз болои мошин ба замин партофта, гурехтанд. Як бачча аз фурсат истифода карда, сарпӯши сандуқро кушод ва аз он як пулемёти (тирбор) Калашниковро бароварда, ба ёраш, ки дар замин мунтазир буд, партофт ва яки дигареро гирифта, фаромад. Бо фармони Мӯсо паҳлавон касоне, ки дар ҳавлии қозиёт мегаштанд, аслиҳаҳоро аз дасти онон кашида гирифта, худашонро ба дохили бино кашола карда бурданд. Ҳамин тавр, майдони Шаҳидон низ мусаллаҳ шуд.

Дидаю дониста, ба майдони пур аз тазоҳуротчиён бе муҳофизат баромадани ду мошини пур аз аслиҳа ва фавран расида омадани яке аз сардорони тазоҳуротчиён одамро ба тааммул водор мекунад.

Шиорҳои ҳарду майдон торафт оҳанги ҷангҷӯёна пайдо мекарданд, ду майдони мусаллаҳ дар чандсадметрӣ аз ҳам қарор доштанд ва фазо бӯи хун мекард. Ба зудӣ силоҳ ба садо омад. Яке паси ҳам кушторҳо оғоз шуданд. Аввалин шуда, тарафдорони майдони Озодӣ қурбон шуданд. Тазоҳуркунандагони кӯлобиасли майдони Озодӣ ба Кӯлоб баргашта, Фронти халқиро

таъсис доданд ва эълон карданд, ки барои барқарор кардани ҳокимияти қонунӣ мубориза мебаранд.

## ҶАНГИ ШАҲРВАНДӢ

Даштҳои водии Вахшу Кӯлоб пеш аз солҳои сивуми асри бист қамишзору чарогоҳ буда, заминҳояш обёрӣ нашуда ва киштукор намешудаанд. Ҳукумати Шӯравӣ барои таъмини ниёзаш ба масолеҳи кишоварзӣ тасмим гирифт ин заминҳоро ба заминҳои кишт табдил диҳад. Барои ободонии ин сарзамин мардумро аз кӯҳистони Қаротегину Кӯлоб ва Бадахшону Фарғонаву дигар ноҳияҳои шимолии Тоҷикистон ба ин минтақа муҳоҷир карда овардааст. Ва вақти мардумро аз кӯҳистон муҳоҷир карда овардан, онҳоро дар даштҳо ҳамон тавр, ки дар кӯҳистон мезистанд, дар канори ҳаммаҳалҳояшон ҷойгир кардаанд. Дар ноҳияҳои Шаҳртус, Қубодиён, Панҷ, Қумсангир, Бохтар бештар зодагони водии Қаротегин ҷой гирифта буданд. Аз Ховалингу Сари Хосор ва Балҷувон муҳоҷиронро ба заминҳои вилояти Кӯлоб ва ноҳияҳои Вахшу Колхозобод дар вилояти Қурғонтеппа маскун карданд. Дар ҳар кадоми ин ноҳияҳо мардуми минтақаҳои дигар ҳам ҷойгир шуда буд, вале ақаллиятро ташкил медод. Гарчанде ин кор бе ҳеч ғараз анҷом шуда бошад ҳам, дар натиҷаи он мардум боз ҳам дар ҳалқаи маҳалли худ зиндагӣ мекарданд, ки дар ниҳоят омезиши намояндагони маҳалҳо ба амал наомад ва ҳисси маҳалгароиро аз байн набурд.

Дар ҷиноҳи мухолифон исломгароён, ки сардоронашон зодагони Қаротегин буданд, боло гирифтанд. Аз он сабаб, ки теъдоди зодагони водии Қаротегин дар вилояти Қурғонтеппа бештар буд, табиист, ки онҳо дар ин вилоят нуфузи бештар доштанд ва дар маркази вилоят шаҳри Қӯрғонтеппа бар зидди

Фронти халқӣ дастаҳои мусаллаҳ ташкил карданд. Дар роҳбарияти Ҳизби демократ ва Ҳизби наҳзати исломӣ низ аксарият намояндагони ҳамин минтақа буданд. Онҳо дар Душанбе ситоди «Наҷоти Ватан» ташкил карда, қувва ҷамъ карданд ва ба Қӯрғонтеппа ёрии низомӣ фиристоданд. Гарчанде ин мубориза аз зиддияти байни демократҳову коммунистон оғоз шуда бошад ҳам, акнун ба муборизаи байни коммунистону исломиён бадал шуд. Баҳси кӯҳнаву нав ба ҷанги кӯҳнаву кӯҳнатар табдил ёфт.

Ҷанги рӯёрӯи байни Фронти халқӣ ва ситоди «Наҷоти Ватан» аввалин бор 27 июни соли 1992 дар ноҳияи Вахш сурат гирифта, то моҳи ноябр идома ёфт. Ҳамин тавр, ҷанги шаҳрвандӣ дар байни ин ду вилоят, ба навъе байни ду маҳалли Тоҷикистон оғоз ёфт. Бо дидани ваҳшонияте, ки аз сӯи ҷонибҳо анҷом мешуд, зиёиён равобити худро бо онҳо қатъ карданд, зодагони вилояти Бадахшон бошанд, бо боло гирифтани исломгароён дар ҷиноҳи мухолиф, аз онҳо буриданд, вале дар чашми намояндагони Фронти халқӣ, ки ба қудрат расиданд, ҳамеша ҳамчун мухолиф монданд ва дар натиҷа, қувваи бузурги ақлонии миллат аз раванди созандагӣ дар канор монд.

Акнун зодагони Кӯлобу Ленинобод ва ӯзбактабороне, ки дар шаҳри Душанбе ва вилояти Қурғонтеппа маскун буданд, ҳамчун тарафдорони Фронти халқӣ аз тарафи исломгароён таъқиб ва кушта мешуданд. Шаҳрвандони Кӯлобу Ленинободиасл аз вилояти Қурғонтеппа ва шаҳри Душанбе ба вилоятҳои Кӯлобу Ленинобод гуреза шуданд. Зодагони Бадахшону Қаротегин аз сӯи Фронти халқӣ таъқиб ва кушта мешуданд, ки дар натиҷа ба Душанбе гуреза мешуданд. Кишвар пур аз гуреза ва таъқибу куштор буд. Хулоса, рӯзи сиёҳе! Исломгароён вилояти Кӯлобро дар инзиво қарор доданд ва дар он ҷо гушнагӣ сар шуд, ки мардуми зиёд талаф шуданд. Ягона роҳи расондани нон ба Кӯлоб роҳи ҳавоӣ буд, ки асосан мардуми вилояти Ленинобод ба воситаи ҳавопаймо ба он ҷо хӯрок мефиристоданд.

Дар Душанбе ҳам қатлу куштор идома дошт. Додситони кулли ҷумҳурӣ дар террор кушта шуд, ки мегуфтанд ин кори ҷангиёни исломӣ аст. Ин ҷангиён баъд аз ғасби кохи раёсати ҷумҳурӣ, ба бинои Шӯрои олӣ ҳамла карда, вакилони Шӯрои олиро гаравгон гирифта, ба Раиси ҷумҳур Набиев, ки ба қисми низомии рус дар маркази шаҳри Душанбе паноҳ бурда буд, шарт гузоштанд, ки истеъфо диҳад. Ӯ розӣ нашуд ва онҳо як гаравгонро кушта, боқиро баъд аз ду рӯзи шиканҷаву бадрафторӣ озод карданд. Намояндагони миллатҳои дигар аз ин бесарусомониҳо ва хушунат тарсида, аз кишвар рахт мебастанд.

Ин ҷангҳои рӯёрӯй дар тӯли камтар аз шаш моҳ 15-20 ҳазор кушта ба ҷой гузошт. Мутаассифона, дар байни тарафҳо хун уфтод, ки кина ва қасоси он солҳои сол кишварро ба хун кашид. Ин бадбахтие, ки ба сари мардуми мо омад, ҳеч фарди дилсӯзи ин кишварро бетафовут нагузошт. Ман ҳам ҳамеша фикр мекардам, ки чаро ин қисмати талх насиби мо гашт ва чи тавр бояд пешгирӣ кард, то чунин мусибат такрор нашавад. Мулоҳизаҳоямро дар ин бобат, дар ёддошти кӯтоҳе чанд сол пеш навишта будам, ки дар расонаҳо чоп шуда буд. Он ёддоштро бо каме таҳрир ин ҷо меорам.

## АФКОРИ УМУМӢ

*Як масъалае, ки муддатест зеҳнамро машғул медорад, сабабҳо ва омилҳои ба вуқӯъ пайвастани ҷанги дохилии солҳои 90-ум дар кишварамон мебошад. Доим ин рӯйдоди нангин ва касофатборро, ки то имрӯз оқибатҳои манфиашро эҳсос мекунем, бо воқеаҳои ҳамсон, ки дар дигар ҷумҳуриҳои Шӯравии собиқ рух доданд, муқоиса мекунам ва аз худ мепурсам, ки чаро дигарон тавонистанд дар вақташ*

аз чунин ҳодисаҳо пешгирӣ кунанд, вале мо натавонистем? Чӣ бояд кард, то заминаҳо ва сабабҳои такрори онҳо набошанд? Ба гуфти яке аз дӯстон, рӯйдодҳои тақдирсоз ва таъсиргузор ҳатман зарурат ба таҳлил ва вокунишҳо доранд, то хулосаи дуруст бароварда шавад.

Ба назари банда, яке аз сабабҳои асосии ин бадбахтӣ, набудани ҷомеаи шаҳрвандии бар афкори умумӣ, бар манфиатҳои миллии вокеъӣ асосёфта буд. Холигоҳи мафкуравие, ки пас аз пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ дар зеҳни мардум ба вуҷуд омад, бо зеҳниятҳои иштибоҳӣ ва бунёдёфта бар манфиатҳои гурӯҳҳои қудраттолаб пур карда шуд ва ниҳоятан онҳо ба фоҷиа оварданд. Орзуву омоли зиёиён – як гурӯҳи хурди ҷомеа, ки вокеан ва сидқан хоҳони ислоҳоти сиёсӣ, иқтисодию иҷтимоӣ буданд, ба ҷое нарасид, зеро мардум ҳанӯз онҳоро ҳамчун пешсаф намешинохт ва аз ҳадафҳо ва хостҳои онҳо огоҳии дуруст надошт.

Дар натиҷа, боиси таассуф аст, ки он вақт қавмгароӣ, маҳалгароӣ, ҳизбу гурӯҳбозӣ, мансабталабӣ ва қудратхоҳӣ, бар ваҳдат, ватандӯстӣ, миллатдӯстӣ, шоистасолорӣ, мардумсолорӣ ғолиб омаданд ва дар зеҳнҳо ҷой гирифтанд.

Акнун шукр, ки мо ба сулҳу оштӣ, ба ваҳдати миллӣ расидем ва оромиву осудагӣ дар кишвари азизамон дубора барқарор шуд. Вале имрӯз ҳам мо шоҳиди он мешавем, ки маҳалгароӣ, хешу қавмпарастӣ, ришваву ҳаромхӯрӣ барои баъзе аз тоифаҳои ҳамватанонамон ҷузъи ахлоқ ва рафтори рӯзмарраи онҳо шудааст. Нигаронии мо аз он аст, ки бисёриҳо дар ин падидаҳои нангин на танҳо нанге намебинанд, балки бо он хӯ гирифтаанд.

Бар болои ин, ҳанӯз ҳам мафкураи homo soveticus («одами шӯравӣ») дар мағз-мағзи мо ҷой гирифтааст, ки моҳиятан

*қудратхоҳӣ дар муқобили мардумсолорӣ аст ва дар он таъмини некӯаҳволии шаҳрванд меҳвар ҳисоб намешавад. Ба ҷои он, ки манфиати ҳамаи мардум дар маҷмӯъ манфиати миллиро ташкил диҳад, манфиатҳои давлатро ба манфиатҳои шаҳрванд муқобил мегузорем, дар ҳоле, ки манфиати давлатию миллии мо дар марҳалаи кунунӣ чизе ҷуз таъмини амнияти ин марзу бум ва некӯаҳволии ҳар шаҳрванд нест!*

*Ин аст, ки афкори иҷтимоии ҷомеа ниёз ба баррасӣ ва мулоҳиза дорад. Ба ҳамин далел, меҳвари мавзӯъи мо баррасии фаъолияти ҷомеаи шаҳрвандӣ, ташаккули афкори умумӣ ва нақши расонаҳои мустақил дар он аст.*

*Ҷомеаи шаҳрвандӣ ниҳоди иҷтимоии хос аст, ки бо вуҷуди он ки аз лиҳози сохтор мураккаб ва фаъолияташ низ хеле печида аст, рисолаташ дифоъ аз манфиатҳои миллӣ мебошад. Ҷомеаи дорои афкори умумии қавӣ аксари таҳдидҳо ба амният ва рушди кишварро хунсо мекунад. Ҷомеаи шаҳрвандӣ аз иттиҳодияҳои синфӣ, анҷуманҳои касбӣ ва ҳизбу эътилофҳои ҷамъиятӣ иборат мебошад, ки ҳар кадом манфиатҳои худро доранд ва дар маҷмӯъ манфиатҳои миллиро ташкил медиҳанд. Бояд гуфт, ки ҷомеаи шаҳрвандии мардумсолор дар кишварҳои шӯравии собиқ, фақат дар ҷамоҳири соҳили Балтик ташаккулёфта буда, дар боқии онҳо вуҷуд надошт. Солҳои охир дар ташаккули он Гурҷистон ва Украина низ саҳм гирифтаанд.*

*Зиёиён қишри махсуси ҷомеаи шаҳрвандӣ буда, аз тариқи расонаҳо бо ҷомеа дар иртиботи доимианд, манфиатҳои миллиро мушаххас мекунанд ва афкори умумии ҷомеаро ташаккул медиҳанд. Ҷомеашиносон, сиёсатмадорон, рӯзноманигорон, иқтисоддонон, олимон, рӯҳониён, раҳбарони иттиҳодияву эъти-*

лофҳо ва дигар фаъолони ҷомеа созандагон ва масъулони афкори иҷтимоӣ мебошанд.

Афкори умумӣ вокуниши ҷомеа нисбат ба рӯйдодҳо ва равандҳои ҳаёт мебошад, ки ба манфиат ва ниёзҳои он асар мегузоранд. Афкори иҷтимоӣ ҷузъи афкори умумӣ буда, маҳз аз тариқи он таъсиррасонӣ ва назорати ҷомеаи шаҳрвандӣ бар фаъолияти афрод ва давлатмардон амалӣ карда мешавад.

Афкори иҷтимоӣ шаклҳои зиёди афкорро дар бар мегирад: афкори сиёсӣ, ақидатӣ, фалсафӣ, ахлоқӣ, динӣ, иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва ғайра аз ҷузъҳои он мебошанд. Дар ҳар кадоме аз ин соҳаҳо коршиносоне ҳастанд, ки аз сӯи ҷомеа эътироф шудаанд ва онҳо метавонанд дар шаклгирии афкори созгор мусоидат бикунанд. Фақат барои фаъолияти муассири онҳо фазои озоди баён лозим аст.

Созанда ва идоракунандаи афкори иҷтимоӣ зиёиён ва коршиносон буда, ин рисолати худро аз тариқи расонаҳо амалӣ мегардонанд.

Афкори умумӣ дар тарбияи афроди ҷомеа нақши асосӣ дорад. Ба вуҷуд овардан ва тақвият додани афкори умумии дуруст, ҷомеаи моро дар лаҳзаҳои ҳассос аз балоҳо эмин медорад. Масалан, имрӯзҳо ба гурӯҳҳои ифротӣ рӯй овардани ҷавонон асосан аз каммаърифатии эшон маншаъ мегирад. Ҳамон тавре ки ҳало дар зеҳнҳо пас аз пошхӯрии Шӯравӣ бо идеяҳои иштибоҳӣ пур шуда буд, алъон ҳам таблиғоти номатлуб рӯи зеҳнҳои шаклнагирифта ва ноустувор сурат мегирад ва мо шоҳиди натиҷаҳои номатлуби он ҳастем. Дар ҳоле, ки вуҷуди коршиносони варзида ва ватандӯст ва расондани моҳияти навиштаҳои онҳо ба ҷомеа, зеҳнҳои мардумро ба фикри дуруст ҳидоят намуда, аз каҷравиҳо эмин нигоҳ медорад.

Ё, масалан, мушкили асосии иқтисоди кишвар ба адами шоистасолорӣ марбут аст. Вокунишҳои зиёиён дар ин росто нокифоя буда, низ аз сӯи ҷомеа дастгирӣ намеёбанд ва дар натиҷа беасар мемонанд.

Абзори асосии робитаи зиёиён бо мардум инъикоси вокуниши ҷомеа ба рӯйдодҳо ва дар натиҷа, пайдоиши андешаи миллӣ, озодии баён ва вуҷуди расонаҳои мустақил мебошад.

Расонаҳои мустақил ва шабакаҳои иҷтимоӣ паҳнкунандаи навиштаҳои ин коршиносони соҳаҳо ва ташаккулдиҳандаи ҳувияти (менталитет) дуруст дар зеҳни афроди ҷомеа мебошанд. Албатта, вуҷуди рӯзноманигории соҳавӣ зарур аст, то алоқамандон тавонанд ба навиштаҳои мутахассисони соҳаҳо дастрасӣ дошта бошанд. Ҳамин тавр, вуҷуди расонаҳои мустақил ва озодии баён муҳимтарин падида аст, ки бояд аз сӯи давлат ва ҷомеа ҳаматарафа дастгирӣ ёбад. Ҳатто барои ба вуҷуд омадани расонаҳои соҳавӣ субсид (ёрона) низ бояд дод. Агар вазъи молии давлат иҷоза намедиҳад, ки ҳадди ақал расонаҳоро аз молиёт озод намояд, пас ҷомеаро мебояд, ки ба тақдири фардои худ бепарво набошад ва расонаҳоро дастгирӣ кунад. Обуна шудан ё харидани доимии рӯзномаву маҷаллаҳо дар ниҳоят барои ҳар кас ночиз бошад ҳам, дар маҷмӯъ муҳимтарин саҳме дар ҳимояи манфиатҳои миллӣ аст!

Давлат аз тариқи таблиғоту ташвиқот таъсири худро дар ташаккули афкори иҷтимоӣ мегузорад ва дар ин ҳолат як навъ тавозун дар шаклгирии афкори умумӣ риоят мешавад. Чи тавре ки расонаҳои вобаста ва зери таъсири ҳукумат мавқеи онро мушаххас мекунанд, расонаҳои озод назароти дигарандешонаи коршиносонро чоп карда, дар риояи манфиатҳои миллӣ ва ташаккули афкори миллӣ саҳм

мегиранд. Фазои тарс мутаассифона, ошкорбаёниро монеъ мешавад ва набудани расонаҳои мустақил расонидани матлабҳои мутахассисон ба ҷомеаро душвор мегардонад ва тавозун халалдор шуда, афкори иҷтимоӣ дуруст шакл намегирад, дасткорӣ (манипулятсия) мешавад ва манфиатҳои миллиро ҳимоят намекунад.

Аз он ҷо ки давлатмардон низ шаҳрвандони ин кишваранд ва дар ниҳоят аз ҳимояи манфиатҳои воқеии миллӣ манфиатдоранд, бояд озодии баёнро таъмин намоянд, фишору таъқиб барои баёни андеша канор гузошта шавад ва аз коршиносон ҳимоят кунанд. Фишор рӯи расонаҳои мустақил ҳамон халоро дар фазои иттилоотӣ ба вуҷуд меорад, ки аз он душманони миллат ҳатман сӯистифода хоҳанд кард. Вақте муколама байни ҷомеа ва давлат дуруст ба роҳ монда нашуда бошад, сӯтафоҳумҳо пайдо мешаванд ва ба тадриҷ ваҳдати миллӣ халалдор мешавад.

Дар асри интернет дигар роҳи банду фишор муассир нест, зеро ҳар нафаре, ки телефони ҳамроҳ дорад, аксбардор ҳам дорад ва ба сомонаҳои баста низ аз тариқи филтршиканҳо дастрасӣ дорад.

Аз сӯи дигар, фаъолони ҷомеа мебояд ба тақдири фардои миллати худ бетараф набошанд ва матлабҳои худро, пеш аз ҳама, бо дарки масъулият бинависанд. Теъдоди зиёди зиёиёни мо дар хориҷ зиндагӣ мекунанд, ки низ бояд саҳми худро дар ташаккули афкор дар соҳаи худ бигузоранд, зеро ба гуфтаи шоири зиндаёдамон Мастон Шералӣ:

Беватан нест ғарибе, ки кунад ёди Ватан,
Дар Ватан будаи бе ёди Ватан беватан аст!

***Хулоса, озодии баён, дастгирии расонаҳри мустақил, фазои озоди баёни андеша, масъулиятшиносии коршиносон омилҳои ба манфиатҳри миллӣ мусоидаткунанда мебошанд, ки бояд ҳам аз сӯи давлат ва ҳам аз сӯи ҷомеа ҳифз шаванд! Ростӣ, ба сахтӣ мешавад масъалаи дигареро пайдо кард, ки барои амнияти имрӯзу фардои кишвар ин қадр аҳаммият дошта бошад!***

## *ДАХОЛАТИ РУСИЯ ВА ИСЛОМ КАРИМОВ*

Дар охири солҳои 80, бо сабаби бuҳрони фарогир дар Иттиҳоди Шӯравӣ, дар байни зиёиёни рус зеҳнияте ғолиб омад, ки тамоми дороиҳои Русия барои хӯрондани ҷумҳуриҳои Қафқозу Осиёи Миёна сарф мешавад. Ин андеша асоси воқеӣ дошт, вале сабабаш ба заъфи мудирият вобаста буд. Моликияти давлативу ҷамъиятӣ рақобат ва ангезаро, ки омилҳои асосии рушди иқтисод ҳастанд, аз байн бурда, кишварро ба рукуд оварда расонда буд. Тағйироти андаке дар соҳаи иқтисод метавонист кишварро аз буҳрон наҷот диҳад, ки намунаашро имрӯзҳо дар мисоли Чин мебинем.

Ин зеҳният аз тарафи носиюналистҳои рус зиёд тарғиб мешуд ва ба афкори умум сироят кард. Нухбагони рус зери таъсири зиёиён ва афкори умум ба қарори шитобкорона омаданд, ки дар марҳалаи буҳронии кунунӣ бояд бори сангини ҷумҳуриҳо аз дӯши Русия холӣ карда шавад. Муҳтавои ин афкор дар навиштаи Солженитсин «Чӣ тавр Русияро ободо кунем?» дарҷ шудааст. Ӯ дар ин манифести худ ҷумҳуриҳои Осиёи Миёнаро «зершикками Русия» ва «бори сангин» меномад. Ӯ мегӯяд, «агар дар тӯли даҳсолаҳо Русия манбаъҳои ҳаётии худро ба

ҷумҳуриҳо дода бошад, аз ҷудо шудани онҳо мо ҳеч чизро аз даст намедиҳем, балки қувватамонро сарфа мекунем».

Қарори таҷзияи Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шӯравӣ аз сӯи сарони се кишвари славянӣ – Русия, Укроин ва Белорус гирифта шуд. Ҷудоихоҳие, ки одатан импературиҳо аз он ҳарос доранд, аз сӯи худи марказ пеш гирифта шуд. Сарзамине, ки Русияи подшоҳӣ зиёда аз сад сол қабл, бо гаронтарин қимат ба даст оварда буд ва ҳукумати болшавикӣ низ қисми боқимондаи онро ба кишвари худ ҳамроҳ карда буд, ба ҳамин содагӣ аз дасти Кремлин рафт. Баъд аз гузаштани ин ҳама сол зиёиёну нухбагони рус ин халқҳоро ҳатто ҳампаймони худ намедонистанд.

Дар ҷумҳуриҳо пас аз ҷунбуҷӯле, мубориза барои қудрат дар байни гурӯҳҳо сар шуд. Кишварҳои хориҷӣ майдонро холӣ ёфта, ба дахолат ва пиёдакунии нақшаҳои худ оғоз карданд. Нухбагони рус ба зудӣ иштибоҳи худро дарк карданд, ки ҷавоб додани ҷумҳуриҳо фақат халос шудан аз «бори сангин» нест, балки дар таги бинияшон имкони пайдо шудани абарқудратҳои дигар ва мафкураҳои барои кишварашон хатарнок ҳам ҳаст.

Дар масъалаи Тоҷикистон, фаъолияти Ҳизби наҳзати исломӣ ва муваффақиятҳои ба даст овардаи он нухбагони русро зуд ба ҳуш овард, гарчанде ки Ҳизби исломӣ аввал дар Русия таъсис ёфта буд ва Ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистон як шуъбаи он буд. Онҳо дарк карданд, ки пайдо шудани исломи сиёсӣ дар фазои ҷумҳуриҳои собиқи шӯравӣ, ногузир дар Русия «асари домино»-ро ба бор меорад. Бахусус, ки дар ҷумҳуриҳои мусулмони дохили Русия, аз қабили Тотористону Чеченистон бе ин ҳам ҳаракатҳои истиқлолхоҳӣ боло мегирифтанд. Ин буд ки Русия тасмим гирифт дар ҷанги дохилии Тоҷикистон дахолат кунад ва аз ба қудрат расидани исломиён пешгирӣ кунад. Замони пошхӯрии Иттиҳоди шӯравӣ ҷумҳуриҳо тамоми молу мулки дар қаламравашон буда, аз ҷумла артишро миллӣ карданд. Вале Тоҷикистон аз сабаби ҳарҷу марҷҳои рухдода

натавонист артиши дар қаламраваш бударо миллӣ кунад, он ҳанӯз ҳам дар ихтиёри Русия буд. Бо истифода аз ҳамин қувва, Маскав дар Тоҷикистон таъсири бузург дошт. Пас аз омӯзиши вазъ, Елтсин – Раиси ҷумҳури вақти Русия ба чунин қарор омад, ки дар тасмимгирӣ бештар ба мавқеи Ислом Каримов – раиси ҷумҳури онвақтаи Ӯзбакистон такя кунад, зеро манфиатҳои онҳо ба ҳам мувофиқ омада буд.

Ислом Каримов дар марҳалаи пошхӯрии Шӯравӣ аллакай гурги болондидае дар сиёсат буд. Пештар аз ҳама «боди фано»-и Шӯравиро дарк кард ва аввалин шуда, аз байни роҳбарони ҷумҳуриҳои шӯравии собиқ худро Раиси ҷумҳур эълон кард ва зимоми қудратро муҳкам ба даст гирифт.

Вақте дар Тоҷикистон нооромиҳо сар шуданд, фурсатро мувофиқ ёфта, даст ба кор шуд. Аввал хост бо «клан»- и шимол ба тавофуқ бирасад, ки муваффақ нашуд. Шимолиҳо сазовори боварияш нашуданд, маҷбур шуд, ки ҷиноҳи ҷанубии эътилофи «коммунистгароён»-ро дастгирӣ карда, аз ба қудрат расидани миллатгароён ва исломиён пешгирӣ кунад, то баъдан ҳама хостҳояшро бароварда созад.

Мехост дар марҳалаи аввал як ҳамсояи дастнигар ва ҳалқабаргӯш дошта бошад, дар мақомҳои калидии кишвари мо одамони худашро ҷой кунад ва дар аввалин фурсат ин сарзаминро ба кишвари худ ҳамроҳ гардонад. Махсусан, қисми шимолии Тоҷикистон барояш бисёр муҳим буд, зеро роҳҳои оҳану автомобилгарди байни вилоятҳои Фарғонаву Қӯқанду Намангон ва дигар қисматҳои кишвараш аз ҳудуди вилояти Суғди Тоҷикистон мегузашт. Ҳадафаш бо шиорҳои Бозор Собир ҳамсон буд. Барои машрӯъият бахшидан ба нақшааш, ҳамон назарияи мағорзадаи пантуркистии як будани халқи тоҷику ӯзбакро рӯйи даст гирифт. Тибқи ин назария, халқе бо номи тоҷик вуҷуд надошта, ин ду як халқанд, ки қисме бо таъсири ҳамсоягони эронии худ, ки муқими ин сарзамин буданд, забони форсиро ёд гирифта ва

дар рӯзгорашон истифода мекунанд. Дар асл ин чизи наве набуда, ҳамон ҳарфҳои пучи пантуркистони аввали қарни 20 буд, ки ҷавоби сазоворашро зиёиёни тоҷик мисли устодон Айниву Ғафуров дода буданд.

Бо Маскав ҳам гапро пазонд. Хости русҳо соҳиби Бадахшон – минтақаи истротежик шудан буд, ки инро барояшон замонат дод ва онҳоро тарафи худ кашид.

Ҷиноҳи ҷанубии эътилофи коммунистонро ба қудрат овард, ва одамонашро ба мақомҳои калидӣ таъин ва ба амалӣ кардани нақшаҳои нопоки худ оғоз кард.

Корро дар вилояти Ленинобод (ҳоло Суғд) барои тарғиби ба Ӯзбакистон пайвастан оғоз кард. Аз ҳукумати Тоҷикистон тақозо кард, ки дар Бадахшон Шӯрои давлатӣ таъсис дода шавад, ки дар ин ҳол Вилояти мухтори Кӯҳистони Бадахшон ба ҷумҳурии мухтор дар ҳайати Тоҷикистон табдил мешуд, то ба Русия пайвастанаш кори як раъйпурсӣ бишавад (ҳамон коре, ки солҳо баъд Путин дар Крим анҷом дод). Хушбахтона, тираш хок хӯрд, роҳбарияти навинтихоби ҷумҳурӣ аз иҷрои ин нақшаҳои нопоки ӯ пешгирӣ кард.

Воқеан, он солҳо Тоҷикистон дар арафаи пошхӯрӣ қарор дошт. Ғайр аз душмани қавии хориҷӣ, душманони дохилӣ низ доштем, ки ин равандро тақвият медоданд. Роҳбари вақти вилояти Ленинобод Ҳомидов дар ноҳияи Айнӣ, дар роҳи ягонаи байни Хуҷанду Душанбе пулро тарконда, вилояти Ленинободро аз Тоҷикистон ҷудо карданӣ шуд. Маҳмуд Худойбердиев бо ёрии Ислом Каримов ба шимоли кишвар ҳамлаи мусаллаҳона ташкил кард. Фармондеҳони мухолифон дар минтақаи Қаротегин Ҷумҳурии исломии Ғарм ташкил карданд. Бадахшон дар асорати фармондеҳон – зодагони онҷо буд.

Роҳбари тозаинтихоби кишвар Эмомалӣ Раҳмон дар марҳалаи хеле вазнин ва тақдирсоз бо рисолати сангин сари кор омада буд. Кишварҳои дахил ғаразҳои худро доштанд ва

дар пушти гурӯҳҳои шибҳинизомӣ меистоданд. Ин гурӯҳҳо худсариву нофармонӣ мекарданд ва ба истилоҳи имрӯза, ба кишвар хатари «сурияшавӣ» таҳдид мекард. Мақомоти қудратӣ фалаҷ шуда, аз ӯҳдаи таъмини амният намебаромаданд. Кишвар артиш надошт, ки роҳбарияти нави ҷумҳурӣ бо такя ба он пеши роҳи нобасомониҳоро гирад. Тибқи муоҳидаи Бишкек, ки нӯҳуми сентябри соли 1992 аз сӯи сарони ҷумҳуриҳои Шӯравии собиқ имзо шуда буд, тамоми амволи манқулу ғайриманқули дар ҳудуди ҷумҳуриҳо буда, моликияти ҷумҳуриҳо дониста шуд. Вале Раиси ҷумҳур Набиев аз миллӣ кунонидани ҷузъу томҳои артиши Шӯравӣ, ки дар қаламрави Тоҷикистон буд, бо баҳонаи харҷи онро пардохта натавонистани буҷаи кишвар, даст кашида буд.

Барои хунсо кардани чолишҳо, ҳукумати нав маҷбур буд ба ҳамин гурӯҳҳои шибҳинизомӣ такя кунад. Раиси ҷумҳур Эмомалӣ Раҳмон ҷое бо ҷанги тан ба тан, ҷое бо мудирият, ҷое бо гузашт якпорчагии хоки кишварро ҳифз кард, Тоҷикистонро ба истиқлоли воқеӣ расонд ва номи худро дар қатори номи қаҳрамонони миллат сабт намуд. Ӯ дар тӯли солҳои 90 тавонист артишро аз сифр бисозад, Вазорати корҳои дохиливу Кумитаи давлатии амнияти миллиро барқарор кунад ва пояҳои аслии таъмини истиқлоли кишварро таҳким бахшад.

Соли 1999 бо қарори Шӯрои олии кишвар барои ҳамин хизматҳояш ба Эмомалӣ Раҳмон унвони Қаҳрамони Тоҷикистон дода шуд.

Вале Ислом Каримов вақте ба мақсадҳои нопокаш нарасид, дар солҳои баъдӣ ҳар душмание, ки аз дасташ омад, кард. Низоми раводид ҷорӣ кард, роҳҳоро баст, сарҳадро минкорӣ кард, Маҳмуд Худойбердиевро мусаллаҳ карда, ба шимоли кишвар ворид намуд, бо истифода аз тамоми имконот номи Тоҷикистонро дар арсаи байналмилал сиёҳ мекард, ба тамоми тарҳҳои созандаи мо, аз ҷумла сохтмони Неругоҳи барқи

обии Роғун мухолифат мекард... Амалҳои душманонаи Ислом Каримов зидди Тоҷикистон ва хисороти расондаи ӯ бесобиқа аст, ки таҳқиқи алоҳида мехоҳад. Ин китоб бештар хосияти хотиравӣ дорад ва аз ин сабаб, баҳои ҳаққонии аъмоли ӯро ба вақти дигар ё муаллифони донотар вомегузорем.

## *ИҶЛОСИЯИ XVI*

Раёсати Шӯрои олӣ ва Ҳукумати Тоҷикистон 10 ноябри соли 1992 бо як баёнияе истеъфо дода, даъват карданд, ки ҷаласаи Шӯрои олӣ баргузор гардад ва дар он ҳайати нави ҳукумат интихоб шавад.

Таҳти сарпарастии Ӯзбакистон аз 16 ноябр то 2 декабри ҳамон сол дар Хуҷанд ҷаласаи Шӯрои олӣ баргузор шуд, ки дар он Раҳмон Набиев аз мақоми Раиси ҷумҳур истеъфо дод ва низоми президентӣ тағйир дода шуда, Эмомалӣ Раҳмон раиси Шӯрои олӣ ва роҳбари ҷумҳурӣ интихоб шуд. Баъд аз ҷаласа Оши оштӣ дода шуд, ки дар он фармондеҳони ҳарду тараф аҳд карданд, ки ба ҷангу куштор хотима медиҳанд. Вале баъд маълум шуд, ки на ҳама фармондеҳони ҳарду тараф аз хуни ҳамдигар гузашта будаанд.

Қувваҳои исломӣ-демократӣ, ки Душанбе дар дасти онҳо буд, эълон карданд, ки ҳукумати тозаинтихобро ба пойтахт роҳ намедиҳанд ва ҳамин кофӣ буд, ки ҷангу қасосгирӣ идома ёбад. Гурӯҳе бар онанд, ки чунин эълон аз сӯи мухолифин баён нашудааст, дақиқ намедонам сабаб чи буд, вале мутаассифона ин имкони тиллоии сулҳу салоҳ истифода нашуд. Ҳукумати тозаинтихоб рӯзи даҳуми декабр аз роҳи Ҳисор ба Душанбе ворид шуда, шаҳрро аз ҷангиёни мухолиф тоза кард. Қувваҳои Фронти халқӣ аз самти Норак низ ба Душанбе ворид шуданд.

Он вақт ман дар маҳаллаи Зарафшон зиндагӣ мекардам. Ду рӯз аз тарафи Ҳисор хонаҳои мо бомбборон мешуданд. Дӯстам Субҳиддин, ки ба дидани ман омада буд, ба хонааш баргашта натавониста, бо ман монд. Рӯзи дигар пас аз ворид шудани ҳукумати нав, дар маҳаллаи мо нисбатан оромӣ ҳукмфармо шуд ва мо ҳамроҳ пиёда ба хонаи ӯ раҳсипор шудем. Хонаи ӯ дар микрорайони 63 буд ва мо бояд тақрибан аз канори тарафи Ҳисори шаҳр ба канори самти Қурғонтеппаи он пиёда мерафтем, зеро кӯчаву хиёбонҳо аз нақлиёт холӣ буданд. Дар тамоми чорроҳаҳо силоҳдорон меистоданд ва ҳуҷҷатҳои роҳгузаронро тафтиш мекарданд. Дар наздикии хонаи мо дар канори роҳ мурдаи нафаре мехобид, ки кадоме бо суфи сафед рӯяшро пӯшонда буд. Ин мурда аз дирӯз ин ҷо мехобид ва ёрии таъҷилӣ ба зангҳои телефонии мо ҷавоб дода, мошин фиристоданро ваъда кунад ҳам, касе ҷасади ин бечораро аз ин ҷо намегирифт. Вақте ба чорроҳаи аввалин расидем, дидем, ки дар канори роҳ чанд мурдаро болои ҳам тал задаанд. Ҳамин тавр, дар чанд ҷои шаҳр мо ҳамин вазъро мушоҳида карда ба чорроҳаи кӯчаи Неъмат Қаробоев ва хиёбони Дӯстии халқҳо, назди кинотеатри «Тоҷикистон» расидем. Дар ин чорроҳа силоҳбадасти сиёҳҷурдае аз мо ҳуҷҷат пурсид. *Лаҳҷааш* *лаҳҷаи* ӯзбактаборон буд, ба тоҷикӣ хуб гап зада наметавонист. Паспорти ман ҳамроҳам буд, вале паспорти дӯстам дар хонааш буд. Мақсади ба хонаи ӯ омадани мо ҳам, гирифтани ҳамин паспорт буд. Баъд аз паспорти маро дидан, силоҳбадаст ба дӯстам часпид:

– Чаро паспорт нест? Ман аз куҷо мидонӣ помирӣ нестӣ?

Ман, ки шахсиятам муқаррар шуда буд ва фикр мекардам ҳаққи гап задан дорам, гуфтам, ки ӯ помирӣ нест.

– Орҷоникидзеобод? - чашмонашро нимпӯш карда пурсид сарбоз. Ноҳияи Ваҳдати имрӯзаро онвақт ҳамин тавр меномиданд.

– Не, аз Айнӣ, - гуфт дӯстам. Ман, ки то ҳол ҳеч гоҳ ба зоҳири Субҳиддин аҳаммият надода будам, акнун дидам, ки ӯ воқеан ба бадахшониҳо шабоҳат дорад.

– Фарқаш чист, ки аз куҷост? - бо ваҳшату изтироб пурсидам ман.

– Аз ту напурсидам, гап бисёр мезанӣ, шаҳрата тинҷ кун, мора наёрад тинҷкунӣ! - дӯғ зад сарбоз бо лаҳни шикаста.

– Шаҳри мо бе ту ҳам тинҷ буд, - бо думи мор бозӣ мекардам ман. Мили автомат ба синаам рост шуд. Субҳиддин бо дасташ мили автоматро аз синаи ман канор бурда гуфт:

– Хонаи ман дар он тарафи роҳ, илтимос, биёед равем, ман паспортама нишон медиҳам, ё хоҳед, рафта оварда, нишон тиям?

Сарбоз нигоҳи хашмборашро аз ман канда, мили автоматашро поён карду пушташро гардонда рафт. Ба сӯи ҳаракати ӯ нигоҳ карда дидам, ки чуқурии канори роҳ пур аз мурдаҳои талзада аст.

## *ОРОМИИ НИСБӢ*

Силоҳдорони мухолифон ба самти Ромиту Рашт ақибнишинӣ карданд, ки як-ду моҳи дигар пайгирии онҳо ва ҷанг дар он минтақа идома ёфт. Ниҳоят қувваҳои мухолифон ва аксари мардуми Рашту қаротегиниасли сокини вилояти Қӯрғонтеппа ба Афғонистон паноҳ бурданд. Ҷангиёни онҳо ба марзҳои Тоҷикистон ҳамлаҳо мекарданд ва то солҳои 1997 марзҳои кишвар бо Афғонистон, ки аз сӯи марзбонони рус ҳимоят мешуд, ноором буд.

Бо берун ронда шудани мухолифон дар кишвар оромии нисбӣ ҳукмфармо шуда бошад ҳам, як гурӯҳ ҷангсолороне арзи вуҷуд карданд, ки то аввали солҳои 2000 тохтутоз ва бедод мекарданд. Ин гурӯҳҳо қудрат ва нуфуз доштанд ва аз

бесалоҳиятии роҳбарони мақомоти қудратӣ истифода карда, кишварро ба минтақаҳои нуфузи худ тақсим карда буданд ва тибқи мақоли «худам шоҳу табъам вазир» амал мекарданд. Дар он маҳалҳо ба торочи амволи мардум даст мезаданд, дар роҳҳо ғавчӯб гузошта, даркору нодаркор мардумро тафтиш мекарданд, озору азият мекарданд, ба занону духтарон дастдарозӣ мекарданд, хулоса, бедодгариро ба авҷ расонда буданд.

Дар Иттиҳоди шӯравӣ, чи тавре ки қаблан қайд кардам, дар байни мардуми тоҷик серфарзандӣ роиҷ буд. Ин серфарзандӣ сабабгори бекории ҷавонон мешуд. Ҷавонони маҳаллӣ, ки қисми зиёди аҳолии кишварро ташкил мекарданд, имкони амалӣ кардани потенсиали худро надоштанд ва аз ин сабаб ба гурӯҳҳои ҷиноӣ мегаравиданд. Солҳои ҳафтод - ҳаштодум, дар Душанбе гурӯҳҳои ҷиноии хусусияти маҳалдошта арзи вуҷуд карда буданд. Ин гурӯҳҳои ҷиноӣ роҳбарҳои худро дошт, ки аз байни ҷавонони боэътибори он маҳал баргузида мешуданд. Бештар ҷавонони бебоку нотарс ё варзишкорони намоён, мартабаи роҳбариро соҳиб мешуданд. Дар Иттиҳоди шӯравӣ қонуни нонавиштаи «олами ҷиноӣ» амал мекард, ки ба тафаккури ин ҷавонон таъсир мегузошт ва ҷурму ҷиноят ва хилофкориро тарғиб мекард. Ҳатто собиқаи зиндонӣ доштан низ имтиёз ҳисоб мешуд. Тарафҳои ҷанги шаҳрвандӣ барои мубориза зидди ҳамдигар аз ҳамин гурӯҳҳои ҷиноӣ истифода карданд ва аксаран роҳбарони ин гурӯҳҳо фармондеҳони тарафҳо шуданд. Вақте ин гурӯҳҳои ҷиноимаслак яку якбора силоҳ ба даст оварданд ва иҷозаи қонунии истифода аз он барояшон дода шуд, табиист, ки ба қатлу куштор ва дуздиву ғорат ва дигар ҷиноятҳо даст мезаданд. Барои мисол, ман дар поён ду ҳикояро дар бораи Ҳикмат ва Шуха меорам, ки ба хонанда тарзи тафаккур ва шахсияти ин тоифаи ҷавонони кишварро каме ҳам бошад, кушода медиҳад.

Ғайр аз ин, дар тӯли тамоми он солҳо дар минтақаҳои кӯҳистони атрофи Душанбе ва дараҳои Ромиту водии Қаротегин

дастаҳои мусаллаҳи ғоратгар амал мекарданд. Онҳо низ вазъро нооро мекарданд, ба ҷону моли мардум даст мезаданд. Қувваҳои ҳукуматӣ бо онҳо меҷангиданд. Ҳатто дар канорҳои Душанбе зуд-зуд ин даргириҳо иттифоқ меуфтод.

Боре, охири солҳои навад, раиси як ширкати хориҷӣ, ки мо бояд барояш бор содир мекардем, бо хавотир ба ман занг зада пурсид:

– Ҳозир дар ахбор дидам, ки дар Душанбе ҷанг аст?

Ман гуфтам:

– Бале, ин ҳам садояш, - ва гӯшии телефонро назди тирезаи кушода доштам, ки садои тиру тӯпро бишнавад. Он рӯз дар самти шарқии шаҳр амалиёти низомӣ мерафт ва садояш аз офиси мо бармало шунида мешуд. Ӯ садои таркишҳоро шунида, якбора ба таҳлука уфтод. Бечора фикр карда буд, ки пешпардохти фиристодааш сӯхт.

– Пас, тақдири бор чӣ мешавад? - ноумед пурсид ӯ.

– Имрӯз равон мекунем, - гуфтам ман.

– Охир, чӣ тавр? Он ҷо ки ҷанг аст? - нобоварӣ изҳор кард ӯ.

– Ҷанг дар қисмати шарқии шаҳр аст, истгоҳи боргирӣ дар қисмати ғарбӣ, нигарон набош, бегоҳ асноди вагонҳоро мефиристем, мебинӣ, - гуфтам ман. Баъдҳо ӯ чандин бор аз ин суҳбат ёд карда механдид, ки Тоҷикистон кишвари бемисл аст, ҳар кас ба кори худ машғул, як сӯ ҷанг, сӯи дигар тиҷорат, ба ҳам халал намерасонанд. Албатта, ман барои ором кардани он ҳампаймони хориҷӣ чунин вонамуд карда будам, вале дар асл мардуми кишвар аз оғози ҷанг то аввали солҳои 2000 дар ҳоли муҳосира мезист. Ҷони мардум аз дасти фармондеҳони ҷиноятпеша дар азоб буд. Ин ҷо як латифаи воқеиеро меорам, ки бозгӯи ҳоли мардум буд:

Қувваҳои ҳукуматӣ бо кадом гурӯҳи мухолиф меҷангиданд. Деҳае дар тӯли моҳ чанд бор аз даст ба даст гузашт. Хонаи пирамарде дар сари роҳ буд. Ҳар гурӯҳе, ки деҳаро забт кунад, дар

хонаи ӯ маскан мегирифт. Сарбоз аз пирамард ба сӯи рафтаи мухолифон ишора карда пурсид:

– Бобо росташро гӯй, мо нағзем ё онҳо?

Пирамард гуфт:

– Шумо ҳам нағзед, онҳо ҳам нағзанд, лаънат ба мо, ки дар сари роҳ хона кардаем.

Ин латифа маъруф аст ва бозгӯи ҳоли мардум дар он солҳост. Ҳеҷ кас аз дасти ин тоифа дар амон набуд. Дар роҳҳо ҳар куҷо, ки хоҳанд, пост мегузоштанд, ба раҳгузарон хурда мегирифтанд, мардумро азият мекарданд.

Пас аз давраҳои зиёди вохӯрӣ ва гуфтушунидҳо, 27 июни соли 1997 қарордоди сулҳи байни тарафҳо бо миёнҷигарии Русия, Эрон ва Созмони Милали Муттаҳид дар Маскав имзо шуд. Қазоқистон, Туркманистон, Покистон низ дар ин гуфтушунидҳо саҳм доштанд, вале нақши асосиро Русия аз як сӯ ва Эрон аз сӯи дигар, мебозиданд. Тибқи ин қарордод, мухолифин ба кишвар баргаштанд ва сӣ дарсади мансабҳоро дар ҳукумат соҳиб шуданд. Инчунин қувваҳои мусаллаҳи онон ҳамчун як воҳиди низомӣ ворид шуд, ки дар давоми ду-се сол бояд ба сафи қувваҳои кишвар пазируфта мешуд. Фармондеҳони онҳо дар ин муддат, то ба сафи мақомоти қудратӣ ворид шудан, ҳамчунон ба бедодгарӣ ва тохтутоз машғул шуданд, ки рӯзи бе ин ҳам сиёҳи мардумро ба шаби тор табдил доданд. Вале поёни ҳар шаби сиёҳе субҳи сафед аст.

Ин бедодгариҳо то замоне давом кард, ки ин ҷангсолорон он қадр пуррӯй шуданд, ки моҳи феврали соли 2000 мошини раиси Маҷлиси олиро тарконданд ва дар ин таркиш муовини раиси Кумитаи амнияти кишвар ҳалок ва раиси Маҷлиси олӣ захмӣ шуд. Пас аз ин ҳукумат ба тозакунии шаҳр аз ҷангсолорон иқдом карда, дар як ё ду ҳафта дасти онҳоро аз таҷовуз ба номусу ҷону моли мардум кӯтоҳ кард. Бо гузашти муддати на чандон зиёд, қисми ин тоифа ё аз дасти ҳамдигар, ё аз муътодӣ

нобуд шуданд. Қисми дигар ба муддатҳои тӯлонӣ ба зиндонҳо андохта шуданд, зеро ба қавли Одамушшуаро:

*Чун тег ба даст орӣ, мардум натавон кушт,*
*Наздики худованд бадӣ нест фаромушт.*

## ҲИКМАТ

Яке аз се нафар тоҷикбаччае, ки дар хизмати сарбозӣ бо ҳам будем, Ҳикмат ном баччаи кӯлобӣ буд ва дар қисми десантӣ (коммандо) хизмат мекард. Ҳикмат қади баланду расо дошт ва ҷисман хеле қавӣ буд. Чашмони калони барроқи сиёҳ дошт, ки нигоҳаш сӯрохкунанда буд. Мӯи сарашро пок тарошида, риши кӯтоҳ мегузошт. Бар хилофи оинномаи сарбозӣ, шалвори махсус пӯшида, бо як пироҳани раҳдори маллоҳӣ, дар миёнаш корди Калашниковро ба тасма овехта мегашт. Ин тарзи зоҳирӣ мухолифи оинނома буда, фақат хоси ӯ буд ва агар каси дигаре чунин либос пӯшад ва ё риш гузорад, ҳатман ҷазо медид, вале афсарон ба Ҳикмат эрод намегирифтанд. Мегуфтанд, ки фармондеҳи дивизия шахсан Ҳикматро ҳамчун беҳтарин сарбози десант эътироф мекунад ва аз ин сабаб касе ба ӯ эрод гирифта наметавонад.

Умуман, ӯ «фарри» хоси тарсафкан дошт ва ҳама аз ӯ метарсиданд. Овозаи пархошҷӯияш ба ҳадде буд, ки касе ҷуръат надошт ҳатто ба мо – дигар тоҷикбаччаҳо низ даъво бикунад, зеро медонистанд, ки бо ӯ сарукор хоҳанд дошт.

Чунон ки зикр шуд, дар артиши Шӯравӣ падидае ба номи дедовшина (собиқасолорӣ) доштем, ки тибқи он сарбозони собиқадор ба сарбозони навдаъват кор мефармуданд ва ҳар гуна зулмро раво медиданд. Масалан, сарбози собиқадор ба ошхона нарафта, сарбози ҷавонро мефиристод, то ки аз ошхона

барояш хӯрокро ба бошишгоҳ биёрад. Ин гуна муносибатҳо низ хилофи оинннома буд.

Рӯзе як сарбози ҷавон ҳамин гуна аз ошхона бо нону маска берун меояд. Фармондеҳи қисми мо капитан Кузмин, ки афсари навбатдор будааст, нону маскаро аз дасти он сарбоз гирифта ба замин мепартояд ва бо пояш мезанад. Ҳикмат, ки дар он ҷо будааст, инро дида, ба хашм меояд ва бо як зарба Кузминро ба замин парч мекунад.

Чӣ ғавғое бархост! Ин ҳодисаи гӯшношуниде буд! Сарбоз ба афсар даст бардоштааст! Ҳикматро ба боздоштгоҳи сарбозӣ бурданд. Мо хеле нороҳат будем, зеро медонистем, ки ҷазои сангине ба Ҳикмат таҳдид мекунад.

Рӯзи дигар, вақте ки фармондеҳи дивизия аз қазия огоҳ мешавад, Ҳикматро талабида шарҳ мепурсад. Хушбахтона, Ҳикмат русиро хуб медонист ва хеле гапдон низ буд. Ӯ ба ҷенерал қадри нон дар Тоҷикистонро мефаҳмонад ва мегӯяд, ки мардуми мо нонро муқаддас медонанд ва агар нонрезаро ҳам дар замин пайдо кунанд, онро бӯсида, ба ҷои тозае мегузоранд. Ғайр аз ин, ӯ нақл мекунад, ки падари деҳқонаш чӣ тавр дар офтоби сӯзон дар даштҳои тафсон гандум мепарварад ва бо чӣ заҳмате нон мерӯёнад.

Ин расми хуби тоҷикӣ ва гапдонии Ҳикмат ҷони ӯро харид. Ҷенерал аз нақли Ҳикмат мутаассир шуда, гуноҳашро бахшид. Баъдан, Ҳикмат дар ҷанги шаҳрвандӣ яке аз фармондеҳони Фронти халқӣ буд ва ба таври links мармуз кушта шуд.

## *ШУХА*

Солҳои 90 дар ҳаёти кишварҳои пасошӯравӣ ҳамчун даврони беҳокимиятӣ ва равнақи ҷурму ҷиноят сабт шудааст. Дар паи тақсимоти амволи давлатӣ мунокишаҳои

хунини зиёд рӯй доданд, ки каналҳои махсуси телевизион ва рӯзномаҳои ихтисосӣ аз онҳо гузориш медоданд. Саҳнаҳои пурқурбониву пурхун аз филмҳои Ҳолливуд ба кӯчаҳои шаҳрҳои Шӯравии собиқ пиёда шуда буданд.

Ҳаёт дар ҷомеаи Русияи подшоҳӣ суннатҳои аҷибе доштааст. Ҷомеа ба табақаҳо ҷудо будааст. Аъёну ашроф одамони маъмулиро одам наҳисобанд, афсарон низ ба сарбозон бо чашми ҳақорат нигариста, ба онҳо беандоза зулму шиканҷа раво медидаанд. Одамони табақаҳои поёнро бо камтарин ҷурм ҳам ба зиндонҳо меандохтаанд ё бадарға мекардаанд. Табиист, ки ин муносибат вокунишҳое аз сӯи қишри мазлум ба бор меовардааст. Вокуниши мазлумон, махсусан дар зиндонҳо дар тӯли асрҳо ба таври фарҳанги хосе шакл гирифтааст, ки он ба ташаккули табақаи хоси ҷинояткорон боис гардидааст. Гурӯҳҳои ҷиноӣ қоида ва суннатҳои худро доштанд ва тибқи он зиндагӣ мекарданд. Таҳаввулоти ин гурӯҳҳо ва суннатҳои онҳо дар солҳои аввали ташкилшавии ҳукумати шӯроҳо ба ташаккули фирқаи ҷиноии «Дуздон» сабаб шудааст, ки то имрӯз қариб дар тамоми кишварҳои пасошӯравӣ фаъоланд.

Дуздон худро дар байни олами ҷиноӣ нухба меҳисобанд. Онҳо бо сабки хос зиндагӣ мекунанд ва зиндонро хонаи худ медонанд. Ин ҷомеа забони махсус ва хазинаи хоси худро дорад, ки аз ҳисоби пардохтҳои соҳибкорони дар чанги онҳо уфтода, пур карда мешавад. Инчунин дуздон аз дуздиҳои худ қисми муайянеро ба ин хазина месупоранд ва дороии ин хазина барои дастгирии дуздони маҳбус сарф карда мешавад. Дар ҳар шаҳр дузди бонуфузеро барои назорат аз рӯи олами ҷиноӣ таъин мекунанд, ки вазифааш даъвои байни дуздонро ҳал кардан ва ба хазина даромад овардан аст, ки ӯро «Назорагар» меноманд. Дузд, тибқи фарҳанги онҳо набояд оиладор шавад ва ба ҳеч унвон дасташро ба кор намезанад. Онҳо аз касби дуздӣ ифтихор мекунанд ва онро ягона роҳи даромад ва зиндагӣ медонанд.

Ҳамкорӣ бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва масъулони зиндонро хиёнат ба пеша дониста, ва гуфтем касонеро, ки ба чунин амал даст мезананд, «буз» меноманд ва ҳамчун хоин ҷазо медиҳанд.

Ин ҷамъият силсиламаротиби худашро дорад, ки дараҷаи баландтаринаш «Дузди қонунӣ» буда, ба касоне дода мешавад, ки қонунҳои дуздиро ба пуррагӣ риоя кунанд. Хулоса, ин як давлат дар дохили давлат бо қонуну қоидаҳои хоси худаш аст.

Дар аввали ташкилшавии Ҳукумати Шӯравӣ аз сабаби он, ки аъёну ашроф ва босаводон нобуд карда шуданд, табақаҳои поёнии ҷомеа ба мансаб расиданд, ки дар байнашон намояндагони ҷомеаи ҷиноӣ зиёд буданд. Тавассути онҳо бисёре аз суннатҳои зиндагии онҳо ба ҷомеа сироят карда буд. Ин иттифоқ асосан дар Русия афтода бошад ҳам, баъдан оҳиста - оҳиста ба дигар гӯшаю канорҳои кишвар, аз ҷумла Тоҷикистон низ сироят кард.

Замони донишҷӯӣ ману Абдулҳаким дар варзишгоҳи «Динамо» дар ҳайати як гурӯҳ каратэ машқ мекардем. Ҳамроҳи мо як шарикдарси ӯ, аз Донишгоҳи тиббӣ, ки Шӯҳрат ном дошт, низ машқ мекард. Мо ӯро кӯтоҳ «Шуха» меномидем. Машқи каратэ ва дигар намудҳои варзиши ҷангӣ қаблан дар Шӯравӣ мамнуъ буд ва мисли ҳар чизи мамнуъ, ҷавонон ба он бештар алоқа пайдо карда буданд. Мо ҳам бо шӯру шавқ машқ мекардем.

Шуха дар машқ истеъдоди хос дошт. Ӯ миёнақад бошад ҳам, дасту бозуи қавие дошт. Ҷисман хеле обутобёфта ва боқувват буд. Маълум буд, ки пеш аз ҳамроҳ шудан ба гурӯҳи мо, дар ҷои дигар машқ дида буд, зеро дар машқ ва техник низ аз мо хеле пеш буд. Шуха тики ҷолибе дошт, ӯ ҳар замон сарашро ба сӯе такон медод.

Солҳои навад дар паҳнои Шӯравии собиқ ҷурму ҷиноят ривоҷи бесобиқа пайдо карда буд. Тиҷорати хусусӣ, ки нав иҷозат дода шуда буд, бо суръати баланд рушд мекард. Аз сабаби комил набудани қонуну қоида байни соҳибкорон баҳсу даъвои зиёд пеш меомад. Баъзе соҳибкорон барои худашон аз

ҳисоби варзишкорон гурӯҳҳои муҳофизатӣ месохтанд, ки дар ҳолати зарурӣ манфиаташонро ҳимоя кунанд.

Шуха дар як корхонаи тиҷоратӣ ба кор даромада буд. Соҳибкори молики ин корхона ғайр аз Тоҷикистон дар Маскав ҳам тиҷорат дошт. Шуха дар офиси маскавии ӯ кор мекард. Баъдҳо шунидам, ки як ҳампаймони ин соҳибкор дар Маскав маблағи калони ӯро соҳиб шуда, аз баргардондан саркашӣ мекунад. Музокироту машварати мукаррар ба ҷое намерасад. Ба вохӯрии навбатӣ Шуха ҳамроҳи як нафар ҳамкораш меравад. Ҳини суҳбат Шуха аз он мард қотеъона талаб мекунад, ки тааҳҳудоташро иҷро кунад. Он мард ва ҳамроҳонаш ҷавоби таҳқиромезе медиҳанд. Шуха бо омодагии комил ба музокирот рафта будааст. Дар ҷавоб ӯ Калашниковро аз зери ҷома бароварда, як навбат шиллик мекунад, ки дар натиҷа, ду кас дарҷо мефавтанд ва ду-се нафар ҳам захмӣ мешаванд. Шуха гурехта, ба Душанбе омад ва чанде пинҳонӣ гашт, вале ниҳоят ӯро дастгир карда, ба Маскав бурданд ва ҳукми сангине барояш содир карданд.

Баъд аз солиёни дароз Шуха аз зиндони Русия ба зиндони Тоҷикистон интиқол ёфт ва баъд аз муддате ба озодӣ баромад.

Он замон мо бо корхонаи пахтатозакунии ноҳияи Ёвон, ки дар ҳоли сохтан буд, қарордоди ҳамкорӣ доштем. Аз ин сабаб, баъзан ба Ёвон рафтанам лозим меомад. Рӯзе дар канори роҳ чанд нафарро дидам, ки хеле лоғару бадҳол буданд. Аз корманди ёвонӣ пурсидам, ки инҳо чӣ касонанд, ки ин қадр бадҳол менамоянд? Аз ҷавоби ӯ маълум шуд, ки инҳо зиндониёне будаанд, ки аз сабаби маризӣ, маргашон наздик омадааст ва мудирияти зиндони Ёвон раҳояшон мекардааст, то ба пои худашон ба хонаашон рафта, он ҷо бимиранд. Вазъи бади иқтисодӣ ба зиндонҳо ҳам таъсири манфӣ гузошта буд. Маҳбусон аз гушнагӣ лоғар ва аз норасоии доруву шароити

бади будубош ба бемориҳои сироятӣ ва махсусан, касалии сил мубтало мешуданд.

Ман аз ин саҳнаи дидаам хеле нороҳату мутаассир шудам. Ба Душанбе баргашта, кормандонро фармудам маводи ғизоӣ бурда, ба зиндон супурданд, то ки маҳбусони бечора аққалан нони хӯрдан дошта бошанд. Мудирияти зиндон шикоят карда буд, ки ба маҳбусон хӯроки гарм намерасад. Кормандони мо як-ду бори дигар ошпазу масолеҳ бурда, дар он ҷо хӯрок пухта, ба маҳбусон доданд.

Вақте ки Шухаро аз зиндони Русия ба зиндони Тоҷикистон интиқол доданд, ӯ ба ҳамин зиндони Ёвон афтида буд. Аз тариқи дӯстони ҳолдон ман аз ин огоҳ будам. Рӯзе баъд аз озод шуданаш, иттифоқан, Шухаро дар кӯча вохӯрдам ва ба озодӣ баромаданашро табрик гуфтам. Ӯ ғайричашмдошт гарму ҷӯшон аз ман миннатдорӣ изҳор кард. Маҳбусон дар бораи кумаки хайрияи чанд сол пешинаи ман ба ӯ нақл карда будаанд, ки аз ёди худи ман кайҳо рафта буд.

Шуха аз сӯи олами ҷиноии Русия ба ин зиндон ҳамчун «Назорагар» фиристода шуда буд ва пас аз озод шудан яке аз мақсадҳояш барқарор кардани хазинаи дуздон аз ҳисоби соҳибкорони маҳаллӣ будааст. Одатан, дуздон бо ҳар роҳу восита, аксаран бо зӯрӣ, соҳибкоронро ба ҳамкорӣ моил карда, онҳоро боҷдиҳандаи хазинаи худ карда ва аз ин ҳисоб кайфу сафо мекунанд.

Ин хазина аз ҳисоби соҳибкорони ба ин тоифа робитаву таваҷҷуҳ дошта, ё ин ки ба чанги дуздон афтида, пур карда мешавад. Аз ин рӯ, Шуха хайрхоҳии онвақтаи маро шунида, фикр карда буд, ки ман хайрхоҳи олами ӯ ҳастам ва бевосита маро ба ҳамкорӣ даъват мекард. Ман сирфан хайрхоҳона будани мақсади кумакамро ба ӯ фаҳмонда додам ва дигар ӯро надидам.

Шуха ва Ҳикмат намунаи барҷастаи ҷавонони афкори ҷиноӣ ва тамоюл ба хилофкорӣ доштаи он замон буданд. Дар замони

ҷанги шаҳрвандӣ, маҳз ҳамин қабил ҷавонон фармондеҳону ҷанговарони тарафҳо ва гурӯҳҳои мусаллаҳ шуданд. Табиист, ки барои онҳо ҳеч қонуне вуҷуд надошт ва мувофиқи фаҳмишҳои худашон амал мекарданд.

Мегуфтанд, ки баъдҳо Шуха дар олами ҷиноӣ хеле шуҳрат ёфт ва ҳатто ба мартабаи «Дузди қонунӣ» наздик шуда буд. Вале тақдири маъмулии тоифаи ҳаммаслаконаш насиби ӯ ҳам шуд, солҳо баъд, дар натиҷаи кадом фитнаи ҷиноӣ ӯро дар Маскав, дар назди хонааш парронданд.

## *БОНКДОРИИ ШӮРАВӢ*

Бояд тавзеҳи мухтасаре аз низоми бонкдории шӯравӣ бидиҳам, зеро дар марҳалаи аввали ба тиҷорат машғул шуданам, қоидаҳои он низом дар кор муассир буданд. Бо сӯистифода аз имконоти он, дар паҳнои Шӯравӣ кулоҳбардориҳо ва сирқатҳои азиме сурат гирифта буд.

Баъд аз инқилоби сурх, бонкҳо дар аввалин фурсат миллӣ кунонда шуда, кори бонкдорӣ дар инҳисори давлат қарор гирифт. Аслан, тибқи мафҳуми идеологӣ ва иқтисодии шӯравӣ муомилоти пуливу қарзӣ аз байн рафта, бояд ҷои онро тақсимот ба ивази меҳнат (заҳмат) мегирифт. Барои ба ин тарзи муносибат гузаштан, ҳисобдорӣ ва назорати шадид бар меҳнат ва масраф лозим буд. Ин назорат бояд аз сӯи бонк амалӣ мешуд. Ин буд, ки дар замони Коммунизми ҳарбӣ бонкҳо давлатӣ кунонда шуда, шуъбаҳои Бонки ягонаи давлатӣ дар минтақаҳо таъсис дода шуд. Аз байн бурдани муомилоти бонкӣ ва нест кардани муносиботи пул-мол дар натиҷаи сиёсати Коммунизми ҳарбӣ ба таварруми шадид овард.

Дар натиҷаи ин таҷрибаи пуч ошкор гашт, ки Коммунизми ҳарбӣ сиёсати хатост ва ҳукумати Шӯравӣ Сиёсати нави

иқтисодиро роҳандозӣ кард. Сиёсати нави иқтисодӣ низоми бонкиро аз нав зинда карда, имкон дод, ки хоҷагии халқ рушд кунад. Бо ба охир расидани Сиёсати нави иқтисодӣ боз ҳам низоми бонкӣ марказикунонида шуд ва Бонки воҳиди давлатӣ шуъбаҳои минтақавиро таъсис дод, ки ба муштариёни он минтақаҳо хизмат мерасонданд. Стройбонк – бонки сохтмон, масъули сармоягузорӣ дар соҳаи иншоот буд, ки дар асл як ҷузъи бонки давлатӣ буд. Муносибат бо бонкҳои хориҷӣ ба уҳдаи Внешторгбонк – бонки савдои хориҷӣ вогузошта шуда буд. Дар асл ин бонкҳо ҳам шохаҳои ҳамон бонки давлатӣ буданд ва тавлид, пардохт ва тамоми фаъолияти молии корхонаву муассисаҳоро назорат мекарданд. Гардиши байнишуъбаии (МФО) ин бонкҳо ягона роҳи ҳисоббаробаркунии байни тамоми корхонаву муассисаҳои давлатӣ – муштариёни шӯравӣ буд.

Бонкҳо на ҳамеша ҷузъиёти кори соҳаҳоро ба назар мегирифтанд, ки дар натиҷа иқтисоди кишвар торафт ақиб мемонд. Аввали солҳои 80 кӯшиши дигаргунсозии бонкҳо пеш гирифта шуд ва дар асоси шуъбаҳои минтақавии бонки давлатӣ бонкҳои соҳавӣ таъсис дода шуданд. Промстройбонк дар соҳаи саноату сохтмон, Агропромбонк дар соҳаи кишоварзӣ, Жилсотсбонк дар соҳаи иҷтимоӣ таъсис ёфтанд, вале аз сабаби мудирияти ноуҳдабароёна, ин бонкҳо вазъро бадтар карданд. Ҳарҷу марҷи зиёд пеш омад, зеро агар қаблан муштариҳои ҳисоббаробаркун дар як бонк бошанд, акнун муштарии бонкҳои мухталиф буданд ва ҳисоббаробаркунии байни онҳо вақту заҳмати бештарро талаб мекард. Ин ҳарҷу марҷ ба низоъҳои байнисоҳавӣ ва байни муштарӣ боис шуд. Баҳсҳои доманадори идеологиву иқтисодӣ ба миён омад ва афкори умумӣ бар он шуд, ки ба иқтисоди бозорӣ бояд гузашт. Дар натиҷаи ин мубориза҇о охири солҳои 80 бонкҳои аввалини тиҷорпии ғайридавлатӣ таъсис ёфтанд. Ҳамин тавр, ҳафтод сол лозим шуд, то исбот шавад, ки ин низом қобили иҷро нест ва бонкдорӣ бозгаштро ба он тарзи коре, ки

қабл аз милликунонӣ ва инҳисори давлатӣ роиҷ буд, сар кард. Вале ҳанӯз дар ташкил ва тартиби кор норасоӣ ва ноҳамоҳангӣ зиёд буд, ки ҳатто сӯистифода аз он низ зиёд шуд.

Дар давраи гузариши низоми бонкӣ гурӯҳҳои муташаккили ҷиноӣ дар Русия ва дигар ҷумҳуриҳои шӯравӣ санадҳои байнишуъбавии тақаллубӣ сохта, маблағҳои калонеро дуздиданд. Онҳо аз шуъбаи бонк дар як шаҳр ба шаҳри дигар санади тақаллубӣ мефиристоданд, аз суратҳисоби ширкат маблағҳоро гирифта, ғайб мезаданд, ки баъдан дар ҳисоббаробаркунии марҳалавӣ ошкор мегашт. Баъди ошкор шудани ин дуздиҳо бонкҳо чора дида, пеши роҳи онро гирифтанд.

Ғайр аз ин, бонкҳо ҳини кушодани ҳисоби бонкӣ ба муштарӣ дафтарчаи чек медоданд, ки исмаш Чеки маҳдуд (лимитированный чек) буд. Ин дафтарча чекҳои зиёд дошт, ки муштарӣ метавонист ба фурӯшанда маблағи мавриди ниёзро навишта диҳад ва молро таҳвил бигирад. Фурӯшанда он чекро ба бонки худ месупурд ва маблағро дарёфт мекард, бонк дархости маблағро ба шуъбаи бонки муштарӣ фиристода, маблағро талаб ва ҷои онро пур мекард. Дар робита бо ин Чеки маҳдуд як кулоҳбардории ҷолибе сурат гирифта буд, ки нақлашро дар идома меоварам.

## *КУЛОҲБАРДОРӢ*

Соли севуми донишгоҳ, аз дарси ихтисосии ҳиҷо имтиҳон доштем. Муаллифи китобе, ки аз рӯи он дарси ҳиҷо мехондем, Сиёев Бекмурод буд. Шояд бовари кас наояд, вале дар соли севуми донишгоҳ устод Бобомуродов ба мо ҳиҷо меомӯхт. Он ҳам аз забони модарӣ. Яъне ҳиҷо чист, чӣ гуна вожаро ба ҳиҷоҳо тақсим мекунанд ва ғайра. Мавзӯе, ки дар синфи сеи мактаби ибтидоӣ таълим дода мешавад.

Устодони Донишгоҳ вақти имтиҳонгирӣ ба ҳамдигар ёрӣ мекарданд. Он рӯз ғайр аз устод Бобомуродов, устоди дигаре ҳам дар синфхона нишаста, аз шарикдарсон имтиҳон мегирифт ва ба ҳамкораш ёрӣ мекард. Вақте навбати ман омад, ин устоди ношинос холӣ шуд ва ман ба назди он кас нишаста, ба саволҳо ҷавоб додам. Ҷавоб додан ба саволҳо тамоман осон буд. Як ҷумла ва як байт буд, ки бояд онро ба ҳиҷоҳо тақсим мекардам. Устод пас аз ҷавобҳои ман як саволи иловагие ҳам дод ва аз ҷавоби ман хеле хушаш омад. Дафтарчаи имтиҳони маро ба устод Бобомуродов дароз карда:

– Ба ин кас панҷ монед, - гуфт, устоди ёрикунанда иҷозаи дар дафтарчаи имтиҳон имзо гузоштан надошт.

Устод Бобомуродов:

– Не, ман ба ин кас чор мемонам, - гуфт.

– Не, муаллим! Баҳои ин кас панҷ! Ҳаққу ҳалол! Мана, худатон савол дода бинед, - боз исрор кард муаллими ношинос.

Бобомуродов:

– Мана маҳалчӣ мегӯянд, ба ҳамшаҳраш рӯйбинӣ кард мегӯянд, - гуфта ғур-ғур кард.

– Муаллим Шумо аз куҷоед? - пурсидам ман, беихтиёр.

Устоди ношинос худашро дошта натавониста хандида фиристод. Бобомуродов бо қавоқи овезон «панҷ» монда, дафтарчаро ба сӯям тела дод.

Аз синфхона баромада, аз ҳамдарсон пурсида фаҳмидам, ки номи устоди ношинос Бекмурод Сиёев – муаллифи китоби дарсӣ будааст.

Вақте ки ба тиҷорат оғоз кардам, чун нияти бо колои сохтмонӣ машғул шудан доштам, ҳисоби аввалини бонкиямро дар шуъбаи Промстройбонки ноҳияи Роҳи Оҳани шаҳри Душанбе гушодам. Ҳанӯз ҳам тибқи қоидаҳои бонкдории замони шӯравӣ ҳисоби бонкии корхонаҳои сохтмонӣ бештар дар ҳамин бонк боз мешуд. Ба зудӣ бо раиси бонк ошноӣ пайдо кардам ва дӯст

ҳам шудем. Рӯзе раис воқеаи ба гуфташ бесобиқаро бароям нақл кард.

Як нафар муштарии бонк ба яке аз шуъбаҳои бонк ба маблағи сад миллион сӯм чеки маҳдуд дода, бор харидааст ва молро таҳвил гирифта, фурӯхта ғайб задааст. Қазия фақат баъд аз як моҳ, вақте ки он шуъба чекро бо дархост ба бонк мефиристад, ошкор мешавад. Чун дар ҳисоби бонкии харидор маблағ мавҷуд набуд, расвоие барпо мешавад. Ин кулоҳбардор дар пайгард қарор гирифт ва номаш эълон шуд, ки Ҷамшед Сиёев – писари ҳамон устоди наҷиб Бекмурод Сиёев буд. Бо гузашти чанд сол Ҷамшед Сиёев бо кадом роҳе қазияро харида баргашт ва даст ба кулоҳбардории дигаре зад, ки соле вирди забонҳо буд.

Ин дафъа, ӯ ширкати ҳирамӣ (финансовая пирамида) роҳ андохта, сабабгори хонабапушт шудани мардуми зиёд гардид. Пирамида дар асл кулоҳбардорӣ буда, ба ҳисси ҳарисии одам асос ёфтааст. Ӯ ба мардум як теъдод мухҳраро бо қимати боло мефурӯхт ва қарордод мебаст, ки пас аз як ҳафта ин мухраҳоро дар ришта кашида, оварда биспоранд ва маблағи сарфкардаашонро бо изофаи панҷоҳ дар сад дарёфт кунанд. Моҳи аввал ҳамин таносубро нигоҳ дошт ва ором-ором мухлати пардохтро дарозтар ва дарсади фоидаро камтар кардан гирифт. Баъд аз як муддат дар пардохт ба ҳар баҳона таъхир карда, вале фурӯши мухҳраро бештар намуд. Ин тиҷорат бояд ҳадди аксар даҳ-дувоздаҳ моҳ идома карда, дар охир маблағҳои бузургеро ҷамъ меовард ва ташкилкунандагонаш якбора ғайб мезаданд. Вале теъдоди талабкоронаш хеле зиёд шуданд ва қисми онҳо шикоят карданд. Ташкилкунандагони ин гуна кулоҳбардориҳо одатан, маблағи муайянро ҳадаф мегузоранд ва бо ба даст овардани он ғайб мезананд, ки пас аз пошхӯрӣ дар паҳнои Шӯравии собиқ зиёд иттифоқ афтода буд. Вале «қаҳрамон»-и мо пеш аз он, ки фирор кунад, дастгир ва ба муддати тӯлонӣ маҳкум ба зиндон шуд. Нохалаф ба ҷазои сазояш расид, вале пас аз муд-

дате мурдаи падарашро дар хонааш ошкор карданд, ки розаш мармуз монд. Мегуфтанд, ки дар натиҷаи ин кулоҳбардории ӯ чандин оилаҳо аз ҳам пошид, чандин касон, ки барои фоидаи муфт аз бонкҳо бо гарави амвол вом гирифта буданд, бехонаву дар шуданд. Касе надонист, ки марги муаллим аз қасоси қарздорон буд ё устоди бечора бори ин шармандагиро бардошта натавониста, худашро нобуд кард.

## *МУОМИЛАИ АВВАЛ*

Замони ба тиҷорат шурӯъ кардани ман коргузории бонкӣ ҳанӯз ҳам аломатҳои зиёди низоми шӯравиро дошт. Тавре ки арз шуд, дар низоми шӯравӣ бонкҳо тамоми раванди тавлиду масрафро назорат мекарданд ва ҳисобро байни тавлидкунандаву масрафкунанда баробар. Тавлидкунанда метавонист дар Тоҷикистон бошад, масрафкунанда дар Сибир. Ҳамдигарро дидану донистани онҳо ҳатмӣ набуд. Ба тавлидкунанда аз боло нақша фиристода мешуд ва ӯ тибқи нақша колои тавлидкардаашро бор карда, ба суроғаи масрафкунанда мефиристод. Асноди борро ба бонк месупорид ва бонк маблағи ӯро мепардохт. Бонкҳо низоми Ҳисоббаробаркунии байнишуъбавӣ (МФО) доштанд, ки аз шуъбаи он муштарӣ дархости маблағ карда, ҳисобро баробар мекарданд. Санаде, ки байни шуъбаҳои бонкҳо радду бадал мешуд, ёддошти фармоиш (мемориальный ордер) ном дошт. Дар ҳоли каму зиёд будани таносуб, бонкҳо метавонистанд худашон мустақим ҳисобро баробар кунанд ва муштариро дар ҷараён гузоранд.

Вақте ки ман ба тиҷорат оғоз кардам, ғайр аз хоҳиши пул кор кардан, дигар ҳеч донишу малака дар ин соҳа надоштам. Китобчае, ки Музаффар ба ман дода буд, ғайр аз намунаи оинномa ва аснод барои сабти ширкат, намунаҳои қарордоду асноди

дигаррро ҳам дошт ва хеле кӯтоҳу фаҳмо навишта шуда буд, ки ба ман хеле кумак мекард.

Дар муддати як соли аввал кори дурусте аз дастам наомад. Чанд кораки хурду резе кардам, ки суди ончунонӣ надоштанд. Вале ман раҳораҳ корро меомӯхтам ва ҳамеша дар кофтукови роҳкор будам. Он замон ман хеле ба пул ниёз доштам. Оиладор шуда будам, дар хонаи иҷора иқомат мекардам, таъмини рӯзгор ниёз ба харҷ дошт. Хеле мехостам, ки хонае бихарам ва зиндагиро сару сомон бахшам.

Рӯзе аз рӯзҳои баҳори соли 1992 дар назди шуъбаи бонк дӯстонро, ки ҳама мисли ман тоҷири навкор буданд, вохӯрдам. Ҳар кас ба ҳамдигар пешниҳоди харидуфурӯш мекард. Як марде, ки қаблан надида будам, ба ман гуфт, ки барояш дар қатор теъдоди зиёди мили оҳан бор шудаасту ба наздикӣ хоҳад расид. Ман, ки чанд рӯз пеш раиси як корхонаи сохтмониро дида будам ва медонистам, ки ӯ ин молро ниёз дорад, ба ин пешниҳод мароқ зоҳир кардам ва дар бораи андоза ва миқдори мил пурсидам. Ӯ ҳавобаландона эълон кард, ки баъд аз ду ҳафта ду вагони ҳафтодупанҷтоннагӣ барояш ворид мешавад. Арзиши ҳар тон се ҳазор рубл мебошад ва гумон намекард ман ин маблағро дошта бошам. Ман воқеан пул надоштам, вале ҷои онро медонистам.

Ман андозаи он милҳоро низ мушаххас кардам ва фавран рафта ба он раиси корхонаи сохтмонӣ пешниҳод кардам. Нархи ҳар тоннаро чор ҳазор эълон намудам. Вале барои эҳтиёт ба ӯ гуфтам, ки муҳлати таҳвил додани мил ба анбораш чор ҳафта хоҳад буд. Раис сармуҳосибашро даъват кард ва гуфт, ки бо ман қарордод бандад ва маблағи он як саду панҷоҳ тоннаро, ки шашсад ҳазор рубл мешуд, ба ҳисоби бонкии ман гузаронад. Тавофуқ кардем, ки дар ҳоли иҷро накардани ин муомила даҳ дар сад ҷарима хоҳам пардохт. Ҳамин тавр, аввалин қарордоди бузурги тиҷории ман хеле зуд ва сода баста шуд.

Фавран баргашта, он мардро пайдо кардам ва бо ӯ низ қарордод бастам, ки як саду панҷоҳ тонна милро аз ӯ ба нархи се ҳазорӣ мехарам, муҳлати таҳвили бор ду ҳафта аст ва дар ҳоли иҷро накардан, ӯ бист фоиз ҷарима хоҳад пардохт. Ба ҳисоби ман, агар ин муомила анҷом мешуд, ман як саду панҷоҳ ҳазор сум ба даст меовардам. Дар ҳоли иҷро нашуданаш, ҳатто агар пули корхонаи сохтмониро бо ҷаримааш баргардонам ҳам, як чизе ба ман мемонд. Бо ҳарду тараф қарордодҳоро бастам, аз пули ба ҳисоби бонкиям воридшуда қисми фурӯшандаро, ки чорсаду панҷоҳ ҳазор мешуд, ба ҳисобаш гузарондам ва бо ҳаяҷон интизори рӯзи омадани бор шудам.

Вақте ки муҳлати омадани вагонҳо наздик шуд, ҳис кардам, ки он мард аҳдашро иҷро карданӣ нест. Ба дуруштӣ бо ман суҳбат мекард: «Овардани бор осон аст, магар? Интизор шав, ҳар вақт ки омад, худам ба ту хабар медиҳам!» гуфта дӯғ зад. Ман ба ӯ фаҳмонданӣ шавам, ки муҳлати дар қарордод нишондодашуда ду ҳафта аст, бо асабоният ҷавоб медод.

Раиси он шуъбаи бонк марди хубе буд. Чи тавре зикр кардам, ман бо ӯ робитаи дӯстӣ доштам. Назди ӯ рафтам ва қазияро ҳикоя кардам ва асноду қарордодро нишон додам. Ӯ аз муҳосиботи бонк хоҳиш кард, ки ҷузъиёти ҳисобҳои моро биёранд. Вақте ҷузъиётро оварданд ва қарордодро хонд, дид, ки воқеан ман рост гуфтаам. Аз ҳисоби ширкати ман ба ҳисоби он ширкат маблағи гуфтаам гузаштааст. Ӯ ба ман кафолат дод, ки агар он нафар дар рӯзи ваъдакардааш бори маро таҳвил надиҳад, пулҳои маро бо ҷаримааш аз ҳисоби ӯ ба ҳисоби ман бармегардонад. Ман пушти хубе пайдо кардам. Вақте фаҳмидам, ки он мард нияти иҷро кардани қарордодро надоштааст, ба назди раиси корхонаи сохтмонӣ рафтам ва қазияро шарҳ додам. Ба ӯ гуфтам, ки агар бор наёяд, ман маблағро бо ҷаримааш бармегардонам. Ӯ бо истеҳзо ба ман гуфт:

– Фикр кардӣ кори дунё осон аст? Ту ҳанӯз кӯдакӣ, дигар ба ин корҳо машғул нашав ва сари дигаронро ҳам гаранг накун!

Ин ҳарфаш ба ман сахт расид ва ман ба ӯ гуфтам, ки то муҳлати тавофуқ ҳанӯз ду ҳафтаи дигар ҳаст ва ман саъй мекунам вазифаамро иҷро кунам.

– Ихтиёрат, - гуфт ӯ бо лабханд.

Аз утоқи ӯ мисли «гурбаи аз об кашида» берун омадам. Ба иловаи аз даст рафтани фоида, шармандагӣ эҳсос мекардам, ки аҳди худро натавонистам иҷро кунам.

Ёдам омад, ки Фозил ном як дӯстам ба афғонҳо оҳанолот мефурӯхт. Ӯро пайдо карда, хоҳиш кардам, ки ба ман мили оҳан ёфта диҳад, омода будам, ки ҳеч суде надошта бошам, вале қарордодро иҷро кунам. Ҷинси оҳанолоте, ки Фозил дошт, ба дарди ман намехӯрд. Вале ӯ ба ман нафаронеро шинос кард, ки тиҷораташон оҳанолот буд. Онҳо миқдори камтаре тайёр доштанд, вале ваъда доданд, ки агар ман бо пули нақд бихарам, ҳар теъдодеро бароям пайдо мекунанд. Он шаб хобам набурд, хеле нороҳат будам.

Субҳи рӯзи дигар, ки муҳлати дуҳафтаина буд шуд, ман дар назди бонк ҳозир шудам, вале аз он мард дарак набуд. Ба назди раиси бонк даромадам ва арз кардам, ки муҳлат расид, вале он мард на танҳо борро таҳвил надод, балки худаш ҳам нопайдост. Раиси бонк бо қотеъият ба кормандонаш фармон дод, ки пулро бо ҷаримааш ба ҳисоби ман баргардонанд. Ман бо ёрии кормандони бонк асноди тақозои хаттии бозгашти маблағро пур кардам ва бонк маблағи тақозоро ба ҳисоби ман рехт. Ҳини иҷрои ин супориш, он мард пайдо шуд ва маро гирифта, ба назди раис бурд ва хоҳиш кард, ки барояш чанд рӯз муҳлат диҳем, то борро таҳвил диҳад. Раис ба ӯ гуфт, ки пул ба ҳисоби ман рехта мешавад ва агар дар се рӯз борро таҳвил диҳад, маблағ ба ҳисобаш баргардонда хоҳад шуд. Он

мард баъди се рӯз муроҷиат накард, вале ман базудӣ дар авҷи кор афтодам ва ӯро комилан фаромӯш кардам.

Бояд зикр кунам, ки он замон бонкҳо нав аз низоми шӯравӣ берун омада буданд ва бисёре аз усули кори он низом ҳанӯз ҳам роиҷ буд, ки дархости баргардондани пул яке аз ҳамонҳо буд ва бонкҳо дар ҳисоббаробаркунии байни муштариён хеле салоҳият доштанд. Ҳамин тавр, дастҳои ман барои муомилаи нав боз шуданд.

Як миқдор пулро аз бонк нақд гирифта, ба назди он шиносҳои нав шитофтам ва бо онҳо ҳар тоннае 2500 сӯмӣ тавофуқи шифоҳӣ кардам, ки ин барои ман суди бештар дошт. Онҳо ба кор сар карданд ва ҳар рӯз ба корхонаи сохтмонӣ 10-15 тон мил месупурданд. Кори ман гирифтани омор аз анбордори корхонаи сохтмонӣ ва кашондани пули нақд ба онҳо буд. Ҳанӯз муҳлат нарасида, ман ба анбори корхонаи сохтмонӣ бештар аз ваъдаам мили оҳан супурдам. Раиси корхона бо ман ба пуррагӣ ҳисобро баробар кард ва бо раисони корхонаҳои сохтмонии дигар шинос кард. Ман корро ба ҳамин минвол давом дода, маблағҳои калонеро соҳиб шудам.

Тиҷорати маводи сохтмонӣ хуб пеш мерафт, вале ақли кунҷкови ман ба соҳаи хеле фарох роҳ ёфта буд. Ман ғайр аз кунҷковӣ, табиатан одами хеле беқарор ҳам ҳастам. Ҳамин ҳозир ҳам, ки ин сатрҳоро менависам, худамро аз ҳаракат базӯр нигоҳ медорам. Ҷисми ман бояд ҳамеша дар ҳаракат бошад.

Дар аввалҳои кор, ки ба тиҷорати колои сохтмонӣ машғул шудам, табиист, ки бо одамони зиёде ҳамкорӣ мекардам. Бо онҳо суҳбат мекардам ва ба тарзи кору таҷрибаашон ошно мешудам, доим дар суроғи роҳҳои дигари тиҷорат ҳам будам, ки корро беҳтар пеш бибарам. Аз ин сабаб пайваста дар ҳаракату кофтуков будам, агар бо корхонае ё соҳибкоре ҳамкор шавам, шеваи кори он ва роҳҳои ҳамкории бештар бо онҳоро баррасӣ мекардам. Шабу рӯз дар ҳаракат будам. Борҳо шудааст, ки

рӯз дар Душанбе кор мекардам, шаб бо мошин ба роҳ баромада, худамро ба Хуҷанд мерасондам, дар мошин мехобидам, рӯзи дигар дар Хуҷанд кор мекардам ва шаби баъдӣ боз ба Душанбе баргашта, рӯзи дигарро ҳам аз даст намедодам. Рӯзҳои истироҳат ва идро бад медидам. Ончунон сар ба кор фурӯ бурда будам, ончунон бо шавқ кор мекардам, ки як лаҳза ҳам орому қарор надоштам.

Кор торафт васеъ мешуд ва ман ба танҳоӣ ба ҳамаи корҳо намерасидам, аз ин сабаб мувофиқи ниёз корманд мегирифтам. Назрулло ном дӯсте доштам, ки маро бо як ҳамсинфи мактабияш бо номи Исмоил шинос карда буд. Ин Исмоил ҷавони танумand ва ҳузарб буд. Ӯ риш монда мегашт, ки намуди зоҳирияшро хеле муассир нишон медод. Бар хилофи намуди зоҳирияш, Исмоил фарди сода, самимиву нек аст. Ана ҳамин Исмоилро ман ба ҳайси ронанда ва хизматчии ҳамакора ба кор гирифтам, ки солиёни дароз ёрдамчии хубу содиқи ман шуд.

## *ПАДАРАМ БА ДУШАНБЕ ОМАДАНД*

Ҳукумати шӯравӣ ҳанӯз соли 1988 соҳибкориро дар шакли кооперативҳо иҷозат дода бошад ҳам, дар шаҳрҳои Тоҷикистон одамон ҳатто дар аввали солҳои 90 аз ин тағйирот камтар хабар доштанд. Дар деҳот ҳанӯз ҳам мардум гӯё дар замони шӯравӣ мезистанд ва бо қоидаҳои бозору тиҷорат камтар ошно буданд.

Масалан, соле баъд, ки бо тиҷорати таҷҳизоти барқ машғул будам, бо корхонаи ресандагии ноҳияи Восеъ барои бо таҷҳизоти барқ муҷаҳҳаз кардани он қарордод бастам. Ин кори тахассусии пурзаҳмат буд. Ман бо ронандаам – Исмоил ва як нафар муҳандиси ширкатамон – Бобокалонов ду моҳ дар деҳаи Гулдара, дар хонаи дӯсте зиндагӣ кардем. Ин дӯст тибқи расми тоҷикӣ

моро ҳамчун меҳмон қабул карда буд ва ҳеч ҷуброне барои иқомат намепазируфт.

Рӯзе баъд аз ҷаласаи корӣ бо раиси ноҳия ба шаҳри Кӯлоб рафтам. Қарор кардам, ки аз бозор камтар маҳсулот бихарам, то каме ҳам бошад, хиҷолатамро дар ивази заҳмати меҳмондории он хонавода кам кунад. Бозори шаҳри Кӯлоб тақрибан холӣ буд. Ҳамагӣ ду-се нафар сабзавот мефурӯхтанд. Духтаре картошка мефурӯхт. Ним халта картошка дошт.

Ман нарх пурсидам:

– Картошка чандӣ?

– Чорунимӣ, - ҷавоб дод ӯ.

– Арзон мешавад? - тибқи расми бозор савдо карданӣ шудам ман.

– Чорӣ бигирен, - пешниҳод кард ӯ.

– Ҳамагӣ чанд кило доред?

– Даҳ-дувоздаҳ кило, - ҷавоб дод ӯ.

– Агар севунимӣ диҳед, ҳамаша мегирам, - як кори некро дуто карданӣ шудам ман, ҳам картошкаи бештаре ба мизбонон мебарам, ҳам ин духтарро аз заҳмати ин ҷо истодан халос мекунам.

Ҷавоби ӯ маро гиҷ кард:

– Севунимӣ фақат ду кило дода метавонам.

– Чӣ?! Чаро? - бо тааҷҷуб пурсидам ман.

– Охир худам севу ҳафтодупанҷӣ харидам, - ҷавоб дод ӯ.

Мағзи ман як лаҳза аз кор монд. Оҳиста-оҳиста ба даркам расид: ин духтари софу сода, ки аз алифбои савдо хабар надошт, аз арзонкунии ман хулоса бароварда буд, ки чун ман исрор кардам, ҳатто ба зиёни худ ҳам бошад, бояд гузашт кунад. Ба ҳар кило 25 тинӣ ҷамъан панҷоҳ дирам ба зиёни худаш ба ман гузашт карданӣ буд.

Чуноне ки зикр шуд, пас аз муомилаи аввалин, на танҳо пули зиёд ба даст овардам, балки раиси корхонаи сохтмонӣ

маро ҳамчун нафари боэътимод ба раисони дигар низ шинос кард. Ман якбора чанд қарордод бастам ва корам ором-ором боз ҳам равнақ мегирифт.

Он вақтҳо алоқа бо деҳа ва падару модарам мисли имрӯза набуд. Аз ҳоли онҳо зиёд иттилоъ надоштам ва намедонистам, ки онҳо дар чӣ ҳоланд, зеро ба аҳволи худам банд будам. Ният кардам ба зиёрати падару модар ва наздикон биравам. Якбора қарордодҳои зиёд, ки баста будам, мехостам як сафари як ё дурӯза рафта баргардам, то ки назм дар корҳо халал наёбад. Вале рафтан воҷиб буд, чун муддати зиёд аз ҳолашон хабар надоштам.

Бародари хурдиям Абдулҳаким он замон дар Донишгоҳи тиббӣ мехонд ва ҳар тобистон роҳхат гирифта, ба Бемористони шаҳри Панҷекат барои таҷрибаомӯзӣ мерафт. Рӯзе, ки ман ба хонаи падар расидам, нисфирӯзии рӯзи корӣ буд, вале ӯ ба ҷои он ки дар бемористон бошад, дар хона буд. Ман аз дидори ӯ шод шуда бошам ҳам, бо тааҷҷуб пурсидам:

– Ту чаро дар бемористон нестӣ?

– Роҳпулӣ набуд, нарафтам, - гуфт ӯ.

– Чаро аз додом нагирифтӣ? - намефаҳмидам ман. Мо дар оила падарро «додо» мегӯем.

– Он кас аз куҷо гиранд? - зери лаб гуфт ӯ.

Ин вақт падару модар ҳам, ки ба дидорашон муштоқ шуда будам, аз хона баромаданд. Пас аз оғӯшу канор, ба сари дастархон даъват шудем. Одатан, дар оилаи мо вақте касе аз роҳи дур ояд, ҳатман гӯсфанде мекуштанд, хешовандону ҳамсоягон ҷамъ мешуданд ва гарм пазироӣ мекарданд. Ман ҳам интизор будам, ки ҳоло падарам ба яке мегӯянд, ки:

– Рав, Содиқҷонро гӯй, омада гӯсфанда кушад.

Модарам хонаи кадбонуҳои ҳамсоя кас мефиристанд, то биёянду дегҳоро тасфонанд.

Вақте мо бачча будем, дар ҷашну маросимҳо хешовандони дуру наздик як-ду ҳафта пеш ба хонаи соҳибмаърака меомаданд ва то тамом шудани маърака мемонданд. Занҳо хамир мемолиданду нон мебастанд, оши палаву угрову барак ва бисёр таомҳои лазизи дигар мепухтанд. Мардҳо дар замин оташдони махсус сохта, дегҳои калони ошпазиро мешинонданд. Ҳезум мешикастанд, сабзӣ реза мекарданд, гӯшт пора мекарданд. Хона пур аз равуо мешуд. Тамоми мардуми тааллуқдори деҳа рӯзи тӯйҳо дастархон карда, муборакбодӣ меомаданд. Мо баччаҳо, гоҳ сари дег медавидему гоҳ сари оташдон, ба ҳама халал мерасондем. Ҳамаи ин як фазои тантанавии хосро эҷод мекард.

Агар касе аз аҳли хонавода аз сафари дуру дароз ҳам баргардад, хона пур аз хешовандону нишоту равуо ва зиёфат мешуд ва фазо гарм мегашт. Ман ҳам ҳоло як чунин чизеро интизор будам. Чунки ману оилаам анқариб як сол ба хонаи падарӣ наомада будем.

Вале фазо комилан сард буд, касе паи хабар кардани хешовандон набуд. Рӯйи дастархон ғайр аз ду нони обпарида чизе надошт, холӣ буд. Модарам дар як табақ хӯроки чоштро оварданд, ки макарони бирён буд. Ман бо ҳайрат ба ин ҳама менигаристам. Тааҷҷубам боло гирифту пурсидам:

– Чизи дигаре ҳам доред?

Модарам:

– Ҳаминро хӯрем, боз Худо медиҳад, - гуфта ҷавоб доданд. Кунҷковиям боло гирифту рафта, дари яхдонро кушодам. Дар даруни яхдон танҳо як бидончае буд, ки то нимаш ҷурғот доштy халос. Одат карда будам, ки яхдони хонаамон пур аз анвои хӯрданӣ бошад.

Оҳиста-оҳиста ба даркам мерасид, ки аҳволи хона хеле таназзул кардааст. Баргашта, аз модарам пурсидам, ки оё дар оғил гӯсфанд ҳаст? Модарам бо тамкини ҳамешагӣ:

– Рама дур, баргардад, мегирем, - гуфта ҷавоб доданд.

Дигар бароям ҳама чиз равшан шуд. Агар дар хона як сум набошад, ки Абдулҳаким роҳпулӣ карда, шаҳр ба бемористон барои таҷрибаомӯзӣ равад, пас дигараш маълум. Ин як соле, ки ман тиҷорат оғоз кардам, он қадр машғулу саргарми кор будам, ки боре ҳам хабар надоштам, ки ин ҷо чӣ мегузарад?

– Чаро ба ман хабар нафиристодед, ки пул нест? - норозиёна пурсидам.

– Агар мегуфтем, чӣ кор мекардӣ? - савол доданд падарам.

– Ман пул дорам, мефиристодам, - гуфтам.

– Ту аз куҷо пул дорӣ, донишгоҳа нав тамом кардӣ, худата саришта кунӣ, мо хурсанд, - гуфтанд падарам бодиққат ба ман нигариста.

– Не, ман пули зиёд кор кардам, мегуфтед, мефиристодам, - гуфтам ва пурсидам:

– Калиди мошин куҷост?

Ҳоли мошини падарам беҳтар аз ҳоли хона набуд. Чархҳояш кӯҳна шуда буданду аз бебензинӣ чанд вақт гирон ҳам нашуда буд.

Аз бензинфурӯши ҳамсоя бензин овардему бо мошин ба бозори деҳаи Навобод рафта, харид кардем ва хонаро чи тавре ки мебоист, ба тӯйхона табдил додем.

Рӯзи дигар, ман аз волидон хоҳиш кардам, ки ба ман фотеҳа диҳанд, то ки зудтар баргашта, корро идома диҳам. Падарам ғайриинтизор:

– Ҳамроҳ меравем, - гуфтанд.

Ман аз ҳайрат худам надониста:

– Барои чӣ? - гуфтам беихтиёр.

– Меравем, хонаи харидагиатро мебинем, мошинро таъмир мекунем, - гуфтанд.

Хурсандии маро ҳадду канор набуд! Бо мошин меравем! Ман мошини падарамро бисёр дӯст медоштам. Дар он замону макон «Волга»-и мо беҳтарин мошин буд. Ҳамон соли аввале,

ки давлат Волгаро ба падарам барои қадрдонии хизматашон туҳфа карда буд, ман онро як-як дуздида ҳай мекардам. Он бачагӣ ҳанӯз ҳам дар ботинам монда буд.

Ману падарам ва Абдулҳаким ба роҳ баромадем. Тақрибан, як рӯз дар роҳ гузашт, чархҳои фарсудаи мошин гаштаву баргашта мекафиданд. Бегоҳ дер расидем. Дар хонаи наве, ки дар маҳаллаи Зарафшон пеш аз рафтан харида будам, шом хӯрда хобидем.

Субҳи барвақт хеста, омодаи корравӣ шудам, ки падарам боз ҳам:

– Бо мошин ҳамроҳ меравем, - гуфтанд.

– Шумо дирӯз монда шудед, дам гиред, ман бо автобус меравам, - гуфтам, қабул накарданд.

Он рӯз мувофиқи қарори пешакӣ, ки пеш аз рафтан гузошта будам, бояд як фурӯшанда барои мо тахта тайёр мекард ва мо онро кашонда бурда, ба анбори Вазорати сохтмон, ки қарордоди харидуфурӯш доштем, месупурдем. Ман як ёрдамчӣ ҳам доштам, ки корҳои қабули бор, кашондану супоридани онро анҷом медод. Бо фурӯшанда вохӯрда, борро дидему ҳисобӣ карда, ёрдамчиро мондам, ки боркашониро назорат кунад ва аз он ҷо ба Вазорат рафта, бо масъули анборҳояш вохӯрда гуфтам, ки бор аз рӯи қарордод имрӯз ба анборашон кашонда мешавад. Вақте падарам ҳамаи ин корҳоро бо чашми худашон диданд ва ба қонунӣ будани даромади ман бовар карданд, бо табассум гуфтанд:

– Агар ту ин хел кор кардан гирӣ, ҳамаи пули дунёро ҷамъ мекунӣ, баъд, дигарон бечораҳо чӣ кор мекунанд?

Бори аввал дар ин ду рӯзи охир чеҳраи падарам кушода буд ва дар лабонашон табассум сайр мекард. Падари азизи ман, ки ҳама умр дар низоми шӯравӣ кор карда буданд, ба мисли он духтари содаи кӯлобӣ, аз тағйири низом ва алифбои тиҷорат хабар надоштанд, намедонам дар он ду рӯз то роҳу равиши

пулёбии маро донистан, чӣ фикрҳое аз сарашон гузашта буд. Шояд дар он ду рӯз нон ба сахтӣ аз гулӯяшон гузашта бошад. Ҷузъиёти тиҷорати маро пайгирӣ кардани падарам дар ёди ман суҳбатҳои тарбиявии худашон ва модарамро дар боби фарқи ҳарому ҳалол бори дигар зинда кард ва сабақ шуд, ки ҳамеша дар кор парҳезкор бошам, инсофро риоя намоям ва саъй кунам, ки ҳаққи касеро нахӯрам.

Ду рӯз падарам меҳмони ман буданд ва вақте ки ман он касро ба деҳа бурдам, «мошинро бар, он ба ту заруртар аст, бе ин ҳам ин ҷо бекор мехобад» гуфта, мошинашонро ба ман тӯҳфа карданд.

## *ОБХСС*

Вазорати корҳои дохилии шӯравӣ бахше дошт, ки масъули мубориза бо сирқати амволи сусиёлистӣ буд ва номи мухтасари онро ба русӣ ОБХСС мегуфтанд. Ин бахш бештар аз болои низоми савдои шӯравӣ назорат мебурд. Кормандони ин бахши милиса савдогарон ё ба ибораи худашон «ҳаннотон»-ро низ шадидан таъқиб мекарданд, балки онҳоро душмани синфии худ меҳисобиданд. Дар низоми шӯравӣ харидуфурӯш барои даромад гирифтан мамнӯъ буд ва ҷиноят ба ҳисоб мерафт. Дар қатори дуздиву сирқату ришва ҳар гуна фаъолияти иқтисодии шаҳрвандонро «даромади ғайримеҳнатӣ» меномиданд ва он шадидан таъқиб мешуд. Касоне, ки маҳсулоти аз замини наздиҳавлигии худ рӯёндаашонро фурӯхтанӣ шаванд, аз мақомоти маҳал тасдиқнома мегирифтанд, ки ин маҳсулот воқеан дар замини наздиҳавлигияшон рӯёнда шудааст ва баъд метавонистанд онро дар бозор бифурӯшанд. Савдо дар Иттиҳоди шӯравӣ асосан аз тариқи низоми давлатӣ амалӣ мешуд.

Баъд аз пошхӯрии Шӯравӣ вақте ки соҳибкории хусусӣ иҷозат дода шуд, ин бахши милиса Бахши мубориза бо ҷиноёти иқтисодӣ ном гирифт. Вале кормандони он ҳамон кормандони қаблӣ буданд ва мафкураашон ҳамон мафкураи шӯравӣ буд. Онҳо тибқи одат, соҳибкоронро хилофкор меҳисобиданд ва ба корашон халал мерасонданд. Зуд-зуд тафтишот мегузаронданд, хурдагирӣ мекарданд, беасос ба аснод эрод мегирифтанд ва вақти соҳибкорро зоеъ мекарданд. Ёд дорам, боре як мошини боркаши моро нигоҳ дошта буданд ва маро барои бозпурсӣ ба Шуъбаи мубориза бо ҷиноёти иқтисодӣ даъват карданд. Вақте ба саволҳои корманди милиса ҷавоб медодам ва аз куҷову ба куҷо рафтани он борро мефаҳмондам, як корманди дигар даромада гузориш дод:

– Рафиқ сардор, рафта хонаашро дидам, як ҳавлии хеле бузург, даромада натавонистам, вале аз роғи дарвоза нигоҳ кардам, калону навсохта аст. Ин хеле бой метобад, - ва бо сар ба сӯи ман ишора кард. Гап дар бораи ман мерафт.

– Чандошёна аст хонааш? - пурсид сардор.

– Якошёна, вале хеле калон, - ҷавоб дод корманд.

– Мошин ҳам дорад? - боз пурсид сардор.

– Не, дар он ҷо мошин набуд, - ҷавоб дод кормандаш. Ҳамин тавр, бо чанд саволи дигар дороиҳои маро мушаххас карду ба ман нигоҳ карда пурсид:

– Ба ин чӣ мегӯӣ?

– Чӣ гӯям? - ҳайрон шудам ман сарфаҳм нарафта.

– Аз куҷо пул ёфта, хона харидӣ?

– Тиҷорат мекунам, - ҷавоб додам.

– Ҳозир рафта, хоната кофтуков мекунем, - таҳдид кард сардор.

– Чӣ мекобед? - пурсидам ман.

– Баъд мебинӣ! Ҳамаи шумо ҳаннотонро зиндон кардан лозим! - бо мушт ба миз зад ӯ. «Хайрият, нобуд кардан лозим

нест» аз дил гузарондам ман. Ин вақт аз дар як нафар бо либоси низомӣ даромад ва сардор аз ҷояш ҷаста хеста, қад кашид ва дасташро ба чаккаи сараш бурда, саломи низомӣ дод.

– Чӣ гап? - омирона пурсид низомӣ.

– Рафиқ сардор, ана ҳаминро қапидем, як мошин борро кучое бурда, обу лой карданист. Корманди фавриро фиристодам, ҳавлияшро дида омад, хеле калон ва ба даромади як нафар мувофиқ нест, - бо садои бурро гузориш дод сардор. Низомӣ аснодри борро аз рӯи миз гирифта аз назар гузаронд ва:

– Ӯро ҷавоб деҳ ва ба назди ман даро, - гуфту аснодро ба дасти сардор дода, баргашта аз дар баромад. Сардор маро ба берун бароварда, «ҳамин ҷо ист», гуфту ба утоқи дигар даромада рафт. Садои низомӣ аз дохили утоқ меомад, ки мегуфт:

– Чанд бор ба ту гуфтам, ки замона иваз шуд, соҳибкорӣ иҷозат дода шудааст, ба хонаи мардум кор нагир?! Аснодаш дуруст аст, борашро чаро нигоҳ доштӣ?! Корро аз ҷиноят фарқ намекунӣ?! Дафъаи дигар ҷазо мегирӣ!

Сардор бо абрӯйи гирифта баромада, аснодро ба дастам доду ангушти ишораташро сӯям теғ карда, даҳонашро накушода, аз байни дандонҳояш ғиҷиррос зад:

– Хоҳ-нохоҳ, як рӯз ба дастам меафтӣ!

## *«КОРИ ДАВЛАТ»*

Дигар ман, ки соҳиби мошин шудам, зуд-зуд ба дидори падару модар мерафтам. Ҳоли мардуми деҳ рӯз аз рӯз бадтар мешуд. Рафҳои мағозаи деҳ холӣ буданд. Камбуди шадиди маводи хӯрокӣ ҳукмфармо буд. Мардум, дар замони шӯравӣ одат карда буданд, ки орду равған ва дигар масолеҳи мавриди ниёзи аввалия аз сӯи давлат таъмин шавад. Ҳанӯз дарк накарда буданд, ки низоми иқтисоди шӯравӣ аз кор афтод ва

дигар набояд ба умеди таъминоти давлатӣ шуд. Маводи ғизоӣ дар бозорҳо каму беш мавҷуд бошад ҳам, на ҳама имкони харидани онро доштанд. Дигар таваррум он қадр боло рафта буд, ки пули аз фурӯши меваи боғҳояшон бадастомада ба ниёзашон кифоят намекард.

Рӯзе модарам дар бораи ҳоли бади хонаводаи хешовандашон холаи Муқаддам ба ман ҳикоят карданд. Аз гапашон маълум мешуд, ки наберахои кампири Муқаддам на ҳар рӯз нони хӯрдан доранд. Ман аз нақли модарам мутаассир шуда, бо падарам дар ин бора суҳбат кардам. Маълум шуд, ки падарам низ аз вазъи оилаи хола Муқаддам огоҳ будаанд:

– Вақте Муқаддам бо аҳли оилааш нони хӯрдан надорад, хонаи мо серу пур ҳам бошад, чизе аз гулӯ намегузарад, - гуфтанд падар.

Дар давоми суҳбат маълум шуд, ки дар деҳа чунин оилаҳои ниёзманд зиёданд. Ману падарам машварат карда, қарор намудем, ки ба ин оилаҳо кумак бидиҳем. Хурсандии падару модарам ҳадду канор надошт. Ду нафарро масъул кардем ва онҳо дар ҳамкорӣ бо фаъолони деҳ рӯйхати оилаҳои ниёзмандро тартиб доданд, ки тақрибан панҷоҳ оила буд. Баъди тақсим кардани ин кумак, рӯзи дигар ду нафар бо даъво ба хонаи мо омада, ба модарам арз карда буданд, ки писарашон, яъне ман, ёриҳои давлатро аз рӯи инсоф тақсим накардаам. Онҳо фикр мекарданд, ки ман намояндаи давлат ва ёрӣ ҳам аз сӯи давлат бошад. Модари ман ҳам чунин фикр мекарданд ва аз ман хоҳиш мекарданд, ки дар тақсими моли давлат хеле эҳтиёт кунам, то ки ҳам инсофу адолат риоя шавад ва ҳам мардум аз болои ман шикоят накунанд.

Дигар ин барои мо бачаҳо як масъалаи шӯхӣ шуда буд ва ҳар чизеро ба давлат рабт медодем. Масалан, агар модарам хоҳиш кунанд, ки ду-се рӯзе бештар дар деҳ бимонем ва меҳмон бошем, «кори давлат, бояд биравам» гуфта механдидем.

## *ОЧА*

Аввали солҳои 90 ҳоли мардум дар Душанбе ҳам аз ҳоли мардуми деҳот бадтар буд. Дар деҳот мардум мазраа доштанд, мол доштанд, ки ҳадди ақалли қутро барояшон медод. Дар шаҳр бошад, мардум аз ин ҳама маҳрум буданд. Ислоҳоти пайдарпайи пулӣ пасандозҳои мардумро сифр гардонда буд. Сатҳи таваррум он қадр боло рафта буд, ки маоши моҳонаи одамон ба як халтаи панҷоҳкилоии орд ҳам намерасид. Одамон шабу рӯз дар назди корхонаҳои нонпазӣ навбат мепоиданд. Аз як сӯ ёриҳои башардӯстонаи кишварҳои хориҷӣ, аз сӯи дигар хешовандони деҳотии мардуми шаҳрнишин ҷони онҳоро аз гушнамурӣ халос мекарданд. Вале бо вуҷуди ин, мутаассифона, одамони зиёде аз гушнагӣ мурданд.

Ин қаҳтӣ дар тамоми кишварҳои пасошӯравӣ ҳукмрон буд. Ёд дорам, боре як ҳайати давлатии Иттиҳоди Аврупо аз сафар ба Русия ба сабаби қаҳтӣ худдорӣ карда буд. Онҳо эълон карда буданд, ки намехоҳанд дар тӯли сафарашон маводи ғизоии бе ин ҳам ками Русияро хӯранд ва зомини ризқи мардуми гурусна шаванд. Хонандаи закӣ худ метавонад қазоват кунад, ки агар дар Русия вазъ ин гуна буд, пас дар Тоҷикистони ҷангзада чӣ вазъе метавонист бошад?

Як хешдухтари модарам бо аҳли оилааш дар Душанбе зиндагӣ мекард. Падарарӯси ӯ - Нақиб Саид амаки худаш буд. Ин мард безуриёт буда, як писарбаччаро аз хонаи ятимон гирифта, тарбия карда будааст. Номи ин писар Фаррух буд. Фаррух наҳифу сиёҳҷурда буда, зоҳиран, ба ҷӯгиҳо монандӣ дошт. Падархонди Фаррух духтари додари худаш – Ғанӣ Саидро, ки аз тарафи модарияш ба модари ман хешӣ дошт, ба ана ҳамин писархондаш арӯс карда буд. Ин хонумро Оча меноманд. Оча дар лаҳҷаи Панҷрӯд маънои модарро дорад. Модари Оча дар хурдияш фавтида буд ва шояд аз ин сабаб ба ӯ номи мода-

рашро дода бошанд. Дар Панҷрӯд баъзан ба навзодон номи бузургони фавтидаро медиҳанд. Ва баъд ба ӯ «додо», «бобо», «амак», «хола» гуфта муроҷиат мекунанд. Номи Оча шояд аз ҳамин қабил бошад.

Рӯзгори Очаву фарзандонаш хеле ба сахтӣ мегузашт. Ӯ дар бозори «Дӯстӣ» нонфурӯшӣ мекард ва нонвой ҳар рӯз ҳаққи хизматаш ба ӯ ноне медод, ки буду шудаш ҳамин буд.

Фаррух аз ҷавонӣ майхорагиву дайдуӣ мекард. Он солҳо ӯ дигар ба нафарони дайду, ки дар хиёбонҳо зиндагӣ мекунанд, пайваста буд ва дар ду-се рӯз як бор ба хонааш, он ҳам барои ҷанҷолу даъво меомад, мехост хонаро фурӯхта, сарфи арақу ғизои худашу ҳамкешонаш кунад. Фаррух бо дигар оворагардон аз қутиҳои партов барои рӯзгузаронӣ ғизо меёфтанду дар зерзамину рӯи боми хонаҳои мардум рустӣ зиндагӣ мекарданд. Одатан, ин тоифа ба касалиҳои сироятӣ мубтало ё дар кашокашҳои авбошонаи кӯча талаф мешаванд.

Рӯзе Оча гирякунон ба офиси мо омада, арз кард, ки Фаррух чанд рӯз аст, ки нопайдост. Ва хоҳиш кард, ки дар ёфтани ӯ кумак кунам. Ман кормандам Исмоилро ба милисахонаи ноҳияи зисти онҳо фиристодам. Ба зудӣ маълум шуд, ки милисаҳо рӯзе пеш чанд мурдаи бесоҳибро аз сардхона бурда дар як гӯри умумӣ дафн кардаанд. Вале онҳо пеш аз дафн кардан аз ҷасадҳо акс бардошта будаанд. Исмоил Очаро ба милисахона бурд ва ӯ Фаррухро дар акс шинохт. Оча аз милисахона боз бо ашки шашқатор ба офис омада, зорӣ мекард, ки ёрӣ кунам, то ҷасади Фаррухро аз он қабри ҳамагонӣ берун биёранд ва ӯ онро ҷаноза карда, гӯр кунад. Ӯ он қадар афсурдаву пурғусса буд, ки ман натавонистам ҳарфе бигӯям. Боз ҳам Исмоилро фиристодам, бо милисаҳову кормандони қабристон ҷасади Фаррухро берун оварда, ба хонааш бурданд. Оча ҳамон бегоҳ ҷаноза хабар карда, бо иштироки ҳамсоягону шиносҳо ҷасади Фаррухро тибқи урфу расми мусулмонӣ ба хок супурд ва ба қаҳтиву нодорӣ нигоҳ

накарда, бо ёрии ҳамдеҳагон маъракаҳои маъмулро гузаронд. Ин ҳикояро барои он нақл кардам, ки амали ин зан, аз як сӯ, то чи андоза суннатгаро будани мардуми моро нишон диҳад, аз сӯи дигар, намоди матонату истодагарии зани тоҷикро, ки дар тӯли таърих яке аз сабабҳои зинда мондани ин миллат будааст, нишон бидиҳам.

## *ТИҶОРАТИ МИЁНРАВӢ ВА БАРҚ*

Иқтисоди шӯравӣ дар умум ва саноат ҳамчун як ҷузъи он ба таври хос амал мекард. Корхонаву муассисаҳои истеҳсолӣ мувофиқи фармоиш маҳсулот тавлид мекарданд ва ба қимати арзиши аслӣ онро ба давлат месупурданд. Дар иваз давлат маоши кормандон ва ҳазинаҳои истеҳсолотро мепардохт ва маҳсулотро аз тариқи соҳаи савдо ба фурӯш мебаровард. Давлат аз фурӯш молиёт мегирифт ва соҳаҳои иҷтимоӣ, аз қабили маориф, тандурустӣ, фарҳанг ва ғайраро маблағгузорӣ мекард, ки барои шаҳрвандон бепул буд.

Одамон ба маоши гирифтаашон чизҳои мавриди ниёзашонро, ки фақат дар ҳамин низом тавлид шудааст, мехариданд, ки дар асл як низоми табдили мол буд. Яъне тавлидкунанда моли худро намефурӯхт, фоида ба даст намеовард, дар бозор умуман иштирок намекард, балки мувофиқи нақшаи фармоиш мол истеҳсол мекард.

Колхоз маҳсулоти кишоварзӣ тавлид карда, ба давлат месупурд, корхонаҳои саноатӣ молҳои саноатии мавриди ниёзро истеҳсол карда, низ ба давлат месупурданд ва дар ивазаш ба колои истеҳсолкардаи ҳамдигар дастрасӣ пайдо мекарданд. Онҳо бо ҳам мустақим робита надоштанд. Ҳар кадом дар дохили низоми худ, ки аз Маскав то минтақаҳо силсилаи амудӣ дошт, амал мекарданд. Низоми савдои давлатӣ ҳамчун робита

дар байни онҳо буд. Бо пошхӯрии Шӯравӣ хусусияти миёнравии давлат дар байни ин воҳидҳо аз байн рафта бошад ҳам, як муддат корхонаҳо бо инерсияи пешина аз ҳисоби захираҳои худ маҳсулот тавлид мекарданд, вале аз сабаби он, ки робитаҳо бо қабулкунандаҳо гусаста буд, маҳсулот дар анборашон монда буд ва шадидан ба миёнрав ниёз доштанд.

Як вақт ба муассисаи «Барқи Тоҷик» масолеҳи сохтмонӣ фурӯхтем. Онҳо дар пардохт мушкил мекашиданд ва гуфтанд, ки дар рӯёндани қарзҳояшон аз корхонаҳо мушкил доранд. Зеро он вақтҳо анбори корхонаҳо пур аз маҳсулот бошад ҳам, онҳо наметавонистанд онро мисли қабл ба Русияву Украина ва ҷумҳуриҳои дигар, ки ин маҳсулот барои онҳо тавлид мешуд, бифиристанд, робитаҳои иқтисодӣ гусаста буду бисёре аз он корхонаҳо ҳам аз кор монда буданд. Давлат ҳам дигар ҳазинаҳои истеҳсолӣ, аз ҷумла пули барқро пардохт намекард ва корхонаҳо дар назди «Барқи Тоҷик» қарздор шуда монда буданд. «Барқи Тоҷик» барои пардохти қарзаш ба мо нома дод ва мо ба ивази қарзи дар пеши мо доштааш, аз яке аз корхонаҳо маҳсулоти тайёрро гирифта, фурӯхтем ва ғайриинтизор фоидаи бештар ҳам ба даст овардем. Ҳамин тавр, ман ором-ором вориди ин навъи тиҷорат, яъне миёнравӣ барои пардохти қарзи барқи корхонаҳо ба ширкати «Барқи Тоҷик» шудам. Яъне, бар асоси дархости «Барқи тоҷик», мо молҳои мавриди ниёзи онро таъмин мекардем, ин муассиса пеши мо қарздор мешуд ва ба мо феҳристи корхонаҳои қарздорашро медод. Мо аз корхонаҳо рӯйхати молҳои мавҷудашонро мегирифтем ва пас аз омӯхтани талаботи бозор ба он молҳо, аз «Барқи Тоҷик» дархости нома барои ҳисоббаробаркунии сетарафа мекардем ва бар асоси ин нома маҳсулоти ин корхонаҳоро гирифта, ба фурӯш ва содироти он мепардохтем. Ин ҳамкорӣ миёни мо ва ин корхонаҳо, ки ғолибан корхонаҳои шаҳри Душанбе ва баъзе корхонаҳои Хуҷанд буданд, хеле дуру дароз ва пурмаҳсул идома кард.

Маҳсулоти ин корхонаҳо гуногун буданд ва ҳаҷми кор хеле боло буд. Аз ин сабаб, баъзан аз шиносҳо даъват мекардем, то дар фурӯши ин коло ҳамкорӣ кунанд ва барои худашон ҳам фоида ба даст оранд. Масалан, боре як корхона, ки тавлиди дучархаро ба роҳ монда буд, ба мо ба ивази қарзи барқаш ду вагон дучарха дод, ки тамоми донишҷӯёни шинос дар вақтҳои холияшон тӯли чанд моҳ дар бозорҳо дучарха мефурӯхтанд. Бо ин роҳ ҳам кори мо мечархид, ҳам онҳо пули хубе ба даст меоварданд. Бори дигар як анбор тухми мурғро ба ҳамин минвол гирифта, фурӯхтем. Дар ҳамин асно Абдулҳаким Донишгоҳи пизишкиро тамом карда бошад ҳам, ба касби пизишкӣ машғул нашуд. Он замон пизишкон музди кории ночизе дарёфт мекарданд ва ғайр аз ин, ӯ вазифаи худаш медонист, ки ба ман ёрӣ кунад. Ӯ хоҳиши маро, ки мехостам ба пизишкӣ машғул шавад, рад карда, бо исрор дар ширкат ба кор оғоз кард ва ба зудӣ барои ман такягоҳ ва шарики хубе шуд.

Гардишҳои калон ба вуҷуд омада бошад ҳам, пули ба даст овардаамон зуд қурбашро гум мекард. Нарх дар бозор ба таври рӯзафзун боло мерафт, таваррум дар моҳ метавонист сад дар сад боло равад. Масалан, агар имрӯз як дона нон 10 сӯм истад, баъд аз як моҳ нархи он 20 сӯм ва ҳатто бештар ҳам мешуд. Тамоми кӯшиши маро ин таваррум ночиз мекард, пули коркардаам баъд аз муддате ба хоки сиёҳ баробар мешуд.

Ин ҷо бояд як масъалаи муҳимро баррасӣ кунам, ки баояндаи кишвар таъсири амиқ гузошт. Дар натиҷаи таваррум ва ислоҳоти молӣ маоши кормандон ба мизони хандаовар паст шуд. Нафароне буданд, ки ҳатто маошашон ба чор сомонӣ дар моҳ расида буд. Маоши кормандони соҳаҳои иҷтимоӣ, омӯзгорон ва пизишкон ҳатто ба хӯрду хӯрокашон кифоят намекард. Одамон аз ҳисси миннатдорӣ барои хизматашон ба онҳо ёрӣ мекарданд. Оҳиста-оҳиста ин ёрдамҳо хусусияти ҳамешагӣ ва муназзам гирифта, ришваро дар ин соҳаҳо бунёдӣ кард.

Маоши кормандони мақомоти қудратӣ низ аз маоши кормандони иҷтимоӣ бештар набуд. Онҳо қудрати дар дасташон бударо ҳамчун абзор истифода карда, аз мардум ришва ё пора меситонданд. Чун кормандони соҳаҳои иҷтимоӣ ва мақомоти қудратӣ аксари дастандаркоронро ташкил мекарданд, падидаи фасод дар ҷомеа роиҷ гашт, як чизи маъмулӣ шуд ва имрӯзҳо ришва надодан ғайриодӣ менамояд. Ин ҷо хонандаи борикбин ҳатман ба ёди матлаби роиҷ шудани ҳаромхӯрӣ дар ҷомеа меафтад. Бале, барои фасод дар афкори ҷомеа бистари муносиб густурда шуда буд. Мутаассифона, ин падидаи барои кишвар хатарнок ниҳодина шуда, доғе дар пешонии кишвар ва монеаи бузурге дар роҳи рушди он шудааст.

Дар робита бо фасодзадагии ин соҳаҳо тазоди аҷибе ҷой афтодааст. Маоши кормандони онҳо ҳоло ҳам хеле боло нест. Вале ба ин нигоҳ накарда, барои дохил шудан ба риштаҳои ин соҳаҳо дар донишгоҳҳо рақобат сахт аст. Донишҷӯён медонанд, ки баъд аз хатми донишгоҳ маоши расмияшон ба рӯзгузаронӣ кифоят намекунад ва аз қабл ба умеди ришваву пораанд. Яъне ин падидаи нангин ҷузъи афкори умумӣ шуда, дигар касе на аз додан ва на аз гирифтани пора шарм намекунад.

Дар ин муддат давлат се маротиба ислоҳоти пулӣ гузаронд. Бори аввал аз пули шӯравӣ ба рубли русӣ, бори дувум аз рубли русӣ ба рубли тоҷикӣ ва дар ниҳоят аз рубли тоҷикӣ ба сомонӣ гузаштем. Ҳар як аз ин ислоҳот ба кори мо зарба мезад. Дигар ба маҳзи ба даст омадани пул, онро ба арзи хориҷӣ, хона, мошин ва ғайра табдил медодам, вале ҳамон ҳам на ҳамеша муяссар мешуд. Доим сари он меандешидам, ки чӣ гуна гардишро бо арз ба роҳ монам, то ки аз ин таваррум халос шавам.

Як рӯз ҳамкурсам Комронро вохӯрдам ва чун гуфт, ки дар ширкати пахтафурӯшии он замон маъруфи «Зафаробод» кор мекунад, ман зуд ба ӯ пешниҳоди ҳамкорӣ додам.

Мо бо Комрон дар факултаи шарқшиносии донишгоҳ, ӯ дар шуъбаи забони арабӣ, ман – урду баробар хондаем. Вале баъди ба Ҳинд рафтани ман, Комрон як сол пеш аз ман Донишгоҳро хатм карда буд ва мо тақрибан ду-се сол ҳамдигарро надида будем. Комрон, фарзанди устоди фарзона Сорбон, фарди хеле орому ботамкин ва қобили эътимод аст. Дар тӯли ин солҳои душвор ҳамеша яке аз такягоҳҳои ман будааст ва умедворам, ки ман ҳам барояш чунин сифатро адо карда бошам.

Анбори яке аз корхонаҳои бузурги шаҳри Душанбе аз қисмҳои зарурии корхонаҳои пахтатозакунӣ пур буд, вале чун фармоишгари қаблияш дигар маблағгузорӣ намекард, ин маҳсулот рӯи дасташ монда буд. Ана ҳамин қисмҳои эҳтиётиро ман ба Комрон пешниҳод кардам, зеро раиси ин корхона аз мо хоста буд, ки маҳсулоташро бигирем ва қарзашро пеши ширкати «Барқи Тоҷик» соф кунем.

Вақте ман ба Комрон дар бораи миёнравиям байни «Барқи Тоҷик» ва корхонаҳо нақл кардам, Комрон аз ман хост, то қарзи колхозеро ҳам, ки бо онҳо кор мекард, дар назди «Барқи тоҷик» пардохт бикунем. Ин кор барои мо аслан мушкил набуд. Ӯ дар хусуси қарзи он колхоз нома овард, мо ҳам ба «Барқи Тоҷик» нома навиштем, то қарзи он хоҷагиро аз ҳисоби мо кам кунанд. Ба ҳамин сурат, қарзи ин колхоз дар назди «Барқи Тоҷик» сифр шуд ва хоҷагӣ аз мо қарздор шуд.

Рӯзе Комрон боз ҳамроҳи раиси ҳамон колхоз ба наздам омада гуфт, ки вақти кишту кор асту маблағгузорӣ аз сӯи ширкаташон дер мешавад ва хеле хоҳиш кард, то барои колхоз маводи сӯхт бидиҳем. Дасти мо боз буд ва ба миқдори хостааш маводи сӯхт ҳам барояш додем. Ҳамин тавр, қарзи колхоз дар назди мо бештар шуд. Раиси колхоз ваъда медод, ки қарзи моро пардохт мекунад, вале чун пул надошт, наметавонист ин

корро анҷом бидиҳад. Ӯ як миқдор пахта дошт ва ба умеди фурӯхтани он буд, то ин ки қарзҳои моро бидиҳад. Чун ба фурӯши он муваффақ нашуд, рӯзе ба мо пешниҳод кард, ки дар ивази қарзаш он пахтаро бигирем. Ман, ки аслан бо пахта сарукор надоштам, гуфтам, ки ман пахта нафурӯхтаам ва ҳеч таҷрибаву иртибототе ҳам дар ин замина надорам ва беҳтар аст худаш пахтаашро бифурӯшаду пули моро бидиҳад.

Дар ҳамин асно, рӯзе ману Комрон ба Хуҷанд барои бастани қарордоди он қисмҳои эҳтиётӣ парвоз доштем ва дар ин парвоз ду меҳмони хориҷӣ ҳам буданд, ки меҳмони раиси ширкати «Зафаробод» будаанд ва ӯ моро дар фурудгоҳ бо онҳо шинос карда буд. Яке аз онҳо Ричард Лорин ва дигарӣ Ҷон Стед ном дошт. Ричард раиси шуъбаи свиссии ширкати амрикоии «Данавант» ва Ҷон корманди аршади он ва масъули равобит бо Осиёи Миёна будааст.

Ман, ки забони инглисиро балад будам, бо ин меҳмонон суҳбат кардам ва зимни суҳбат фаҳмидам, ки онҳо барои харидани пахта омадаанд ва тиҷораташон пахта аст. Ман ба онҳо ҳикоят кардам, ки як колхоз ба мо дар ивази қарзе, ки дорад, пахта пешниҳод мекунад, вале мо таҷрибаи фурӯши пахтаро надорем. Онҳо бо исрор хоҳиш карданд, ки он пахтаро бигираму ба онҳо бифурӯшам. Қарзи колхоз, ки рӯёнданаш мушкил шуда буд, ман ин фурсатро мусоид ёфтам, зеро ҳисобам бо он колхоз баробар мешуд. Мо ба тавофуқ расидем ва онҳо аз Тошканд барои баррасӣ ва намунагирӣ коршинос фиристоданд. Тарзи кори пахтафурӯшӣ чунин аст, ки қабл аз ҳамлу нақли он, бояд намунабардорӣ ва шиносоӣ шавад. Мо он пахтаро фурӯхтем ва ҳисобамонро бо колхоз баробар кардем. Ин вохӯрӣ ва инглисидонии ман сабаб шуд, ки ором-ором мо қадами аввалро дар муҳимтарин бахши иқтисоди кишвар – тиҷорати пахта гузорем.

## ТИҶОРАТИ «ТИЛЛОИ САФЕД»

Нахи пахта дар иқтисоди дунё ҳанӯз ҳам аҳаммияти истротежик дорад, вале қаблан то кашфи нахҳои сунъӣ, аҳаммияти вижаи истротежик доштааст. Кишварҳои ҷаҳон қисми захираҳои молии миллии худро бо нахи пахта нигоҳ медоштаанд. Кишварҳои абарқудрат ҳанӯз ҳам захираҳои кофии нахи пахта доранд, зеро дар замони ҷанг таъмини артиш бо либосу палос яке аз омилҳои асосии ғалаба аст. Иттиҳоди шӯравӣ заминҳои корами Осиёи Миёнаро асосан ба ҳамин зироат тахсис дода буд. Ҳаёти Тоҷикистон ва мардуми тоҷик ба пуррагӣ вобастаи ҳамин зироат буд. Нақши ин зироат дар иқтисоди Тоҷикистон он қадр бузург буд, ки онро «тиллои сафед» меномиданд ва дар васфаш шеъру достон менавиштанд. Қисми аъзами тавлидоти ҷумҳурӣ аз пахта иборат буд. Аз ин сабаб дар солҳои баъд аз пошхӯрии Иттиҳоди шӯравӣ ҳам, ин зироат асоси даромади арзии кишварро ташкил мекард.

Ҳамин тавр, ман пахтаи он хоҷагиро ба ширкати «Данавант» фурӯхтам ва муомилаи аввалини ман дар тиҷорати пахта анҷом шуд, вале он маҳз ба хотири рӯёндани қарзи мо аз он колхоз сурат гирифта буд ва ман ҳанӯз нияти идомаи ин корро надоштам.

Аз он ду хориҷӣ, ки дар ҳавопаймо шинос шуда будам, якеашон – Ҷон Стэд рӯзе ба Душанбе омад ва хоҳиши вохӯрдан кард. Дар вохӯрӣ маълум шуд, ки ӯ ин дафъа бо мақсади маблағгузорӣ барои рӯёндани пахта ва хариди он омадааст. Ҷон аз ман хоҳиш кард, ки дар ин маблағгузорӣ ширкат кунам. Рӯзи дигар дар Бонки миллӣ, ки ин маблағгузорӣ аз тариқи он амалӣ мешуд, вохӯрии калон ташкил шуд, ки мо – сарони чанд ширкати маҳаллӣ бо намояндагони бонкҳо ва ширкатҳои хориҷии харидори пахта иштирок кардем.

То ин дам дар соҳаи пахта, баъд аз пошхӯрии низоми маблағгузории шӯравӣ, равишеро ҷорӣ карда буданд. Ширкати бозаргонии свисӣ бо номи «Рейнҳарт» харидори нахи пахтаи Тоҷикистон буд ва бонки «Кредит Свис» зери кафолати Бонки миллии Тоҷикистон маблағгузории соҳаро аз тариқи якчанд ширкати маҳаллӣ анҷом медод.

Ширкати амрикоии «Данавант», ки Ҷон намояндаи он буд, низ мехост бо ҳамин равиш қисми пахтаи кишварро бихарад. Инҳо ду ширкати бозаргонии бузурги пахтаи дунё буданд ва намехостанд мустақим бо колхозҳо қарордод банданд, зеро ҳамкорӣ бо хоҷагиҳо дарди сари зиёд дошт. Онҳо бо ширкатҳои маҳаллӣ ва ин ширкатҳои маҳаллӣ дар навбати худ, бо колхозҳо қарордод мебастанд. Рӯйхати ширкатҳо бо қарори ҳукумат тасдиқ шуда, пас аз он кафолати Бонки миллӣ содир мешуд, ки зери он маблағгузорӣ аз сӯи бонки «Кредит Свис» анҷом мегирифт.

Мо бо якчанд колхозҳо қарордоди маблағгузорӣ ва хариди нахи пахта бастем ва дар муқобилаш бо бонки «Кредит Свис» шартномаи қарзӣ ва бо ширкати «Данавант» қарордоди харидуфурӯши пахта баста, ба кор шурӯъ кардем. Ин қарордодҳо бисёртарафа буда, бонки «Кредит Свис» қарздиҳанда, Бонки миллии Тоҷикистон кафил, «Агроинвестбонк» иҷрокунанда, колхозҳо тавлидкунанда, ширкатҳои маҳаллӣ содиркунанда, ширкатҳои «Данавант» ва «Рейнҳарт» харидор буданд. Мувофиқи ин қарордодҳо аввал маблағгузорӣ ба тарви қарз анҷом мешуд ва баъдан пахта бор шуда, он қарз баргардонида мешуд, ки ба истилоҳ, муомилаи фючерсӣ – муомилае, ки дар оянда анҷом мешавад, номида мешуд. Аз ин сабаб, ширкатҳои моро ширкатҳои фючерсӣ меномиданд. Мо ба соҳаи муҳимтарини иқтисоди кишвар ворид шудем, зеро пахта маҳсулоти асосии содиротии кишвар буд ва қисми зиёди аҳолии кишвар дар ҳамин соҳа кор мекарданд.

Соли 1997 соли аввали қарордодҳои фючерсии мо буд. Барои ҳар ҳектар ба мо 300 доллари дар замони руёндан ва 75 доллари барои чидани пахта қарз доданд. Аз руи ҳисоби пешаки, ки дар асоси нархи 1000 доллар барои ҳар тоннаи нахи пахта ҳисоб карда шуда буд, дар ҳоли 2,2 тон ҳосил гирифтан, аз ҳар ҳектар ин қарз бояд пушида мешуд. Ин кор нисбат ба корҳои қаблии мо заҳматталабтар буд. Аз ин сабаб, ман корро тақсим карда, ҳамкоронро дар вазифаҳо масъул кардам ва худам ба онҳо роҳбари мекардам. Абдулҳаким масъули таъминот, Комрон масъули моли, Акрам ном коргари собиқадорро масъули борбари таъин кардам, ки ҳар кадоми онҳо дар зери дасташон гурӯҳи кори доштанд. Ғайр аз ин, муҳандиси кишоварзи ва тими муҳосиботи низ доштем, ки ҳар кадом масъулияту салоҳиятҳои мушаххас доштанд ва мудирияти корро барои ман осон мекарданд.

Он сол дар кишвар ба ҳисоби миёна аз ҳар ҳектар 1,6 тон ҳосил ба даст омад. Сабаби асосии кам шудани ҳосил мудирияти бади колхозҳо буд. Раисони колхозҳо аксаран шахсони тасодуфи ва аз деҳқони дур, дар асари ҷанги шаҳрванди бамансабрасида буданд. Маблағгузориро тибқи барнома сарф накарда, барои ниёзҳои шахсии худ суистифода мекарданд. Агар мо бо даҳ-дувоздаҳ колхоз қарордод дошта бошем, он колхозҳое, ки хуб мудирият мешуданд, аз ҳар ҳектар аз 2 то 2,5 тон ҳосил гирифта буданд, дар ҳоле, ки баъзеи дигар як тоннаи пахта ҷамъ оварданд. Аз бетаҷрибаги, мо аз ин фиребгариҳои раисони бевиҷдони ин хоҷагиҳо дер – дар замони чиниш огоҳ шудем, ки кор аз кор гузашта буд, ва ин як тон ҳам бо саъю кушиши кормандони мо, ки шабу руз дар ин хоҷагиҳо мегаштанду назорат мекарданд, ба даст омад.

Ғайр аз ин, аз моҳҳои октябр-ноябр маҳдудияти барқ дар кишвар ҷори шуд, ки корхонаҳои пахтатозакуни аз кор монданд ва содироти пахта то баҳор ақиб афтод, ки ғайр аз норозигии

хориҷиҳоро ба бор оварданаш, дарсади бонкии қарзро хеле зиёд ба сари мову колхозҳо бор кард.

Фоизи ин қарз дар қарордод солона 25% навишта шуда бошад ҳам, дар асл то ба 40% рафта мерасид. Тарҳи қарордод байни бонки «Кредит Свис» ва Бонки миллӣ мувофиқа шуда буд ва мо ин қарордодҳоро бо суди солонаи 25% розӣ шуда, имзо карда будем, вале баъд маълум шуд, ки он коса зери нимкоса доштааст. Суди қарз охири моҳ баровард карда шуда, ба танаи аслии қарз зам карда мешуд, ки моҳи дигар аз он ҳам суд мерӯид. Ғайр аз ин, пардохтҳои пинҳонии дигаре ҳам буд, ки доим ба танаи қарз изофа шуда, суд зоида, фоизи ниҳоиро пешгӯинашаванда мекард. Воқеан, касе, ки ин тарҳро рехта буд, корномаи Қорӣ Ишкамбаи устод Айниро хеле бодиққат хонда буд ва беибо он ҳама найранги устод накӯҳидаро барои худ дастурамал қарор дода буд. Дар робита бо ин судситонии боло, иттифоқи ҷолибе афтода буд, ки ҳикояташро меорам.

Соле чанд бор дар Бонки миллӣ ва «Агроинвестбонк» бо иштироки намояндаҳои бонки «Кредит Свис» ҷаласа баргузор мешуд ва мо дар ин ҷаласаҳо масъалаҳои худро матраҳ ва ҳал мекардем. Чандин бор мо аз намояндаи ин бонк хоҳиш кардем, ки масъалаи фоизи баланди қарз ва фоида зоидани суди ҳармоҳаро баррасӣ кунад, зеро ин фоизҳо он қадр баланд буданд, ки аз қабл муайян буд, ки ҳар қадр пахта ҳам бирӯяд, чизе дар кишвар намемонад, балки хоҷагиҳову ширкатҳои маҳаллӣ боз ҳам қарздор мемонанд. Алекс – намояндаи бонки «Кредит Свис» доим аз хатар гап мезад ва исбот карданӣ мешуд, ки ҳатто бо ин фоизҳо ҳеч бонке омода нест ба Тоҷикистон маблағгузорӣ кунад.

Муовини раиси «Агроинвестбонк» Горяшенко гуфтанӣ марде буд. Дар як ҷаласае, ки боз гап сари ҳамин вазнинии фоизҳо рафт, ӯ латифаеро нақл кард: «Рӯзе як рус ба назди яҳудӣ рафта, хоҳиш мекунад, ки ба ӯ як сӯм қарз диҳад. Яҳудӣ мепурсад, ки

ба кафолат чӣ мегузорӣ? Рус мегӯяд, ки ҳеч чиз надорам. Яҳудӣ мегӯяд, табари дастат чӣ? Рус розӣ шуда, табарашро кафолат мегузорад. Яҳудӣ мегӯяд, як сӯм медиҳам, баъд аз як сол ду сӯм карда бармегардонӣ. Марди рус розӣ мешавад ва як сӯмро гирифта, рафтанӣ мешавад, ки яҳудӣ мегӯяд, ту ба ман баъди як сол бояд ду сӯм бидиҳӣ, ҳозир як сӯм дорӣ, онро бидеҳ, як сӯми дигарро ёфтанат осонтар мешавад. Марди рус фикр мекунад, ки воқеан, ин ҳарфи мантиқист ва як сӯмро дода, аз назди яҳудӣ мебарояд ва ба худ мегӯяд, чӣ ҷолиб! Табар ҳам нест, пул ҳам нест, боз як сӯми дигар қарздор ҳам шудам, вале мисли ин ки ҳамааш дуруст аст».

Намояндаи бонки «Кредит Свис» то гӯшҳояш сурх шуд. Соли дигар – соли севум, гирифтани фоиз аз фоизро бас кард.

Дар забони русӣ мақоле ҳаст, ки мегӯяд: «Бадбахтӣ танҳо намеояд». Он сол нархи нахи пахта дар бозори ҷаҳонӣ ба гунаи бесобиқа поён рафт ва мо пахтаро ба ҷои 1000 бо қиммати 550 - 600 долларӣ фурӯхтем. Дар натиҷаи ин се омил, он сол мо ҳамагӣ 20-30% қарзро гардонида тавонистему халос.

Раисони хоҷагиҳо ғайр аз кишти пахта зироатҳои дигар ҳам кишт мекарданд ва он зироатҳоро касе маблағгузорӣ намекард. Аз ин сабаб, онҳо аз ҳамин маблағгузорие, ки барои пахта пешбинӣ шуда буд, ба харҷи дигар зироатҳо низ сарф мекарданд. Ва ҳамеша барои маблағи бештар ниёз доштанд. Камбуди маблағгузорӣ боиси коста гардидан дар технолоҷии парвариши пахта гашта, ба кам шудани ҳосил оварда мерасонд.

Ман, ки зуд-зуд аз хоҷагиҳо дидан мекардам, камбудиҳои онҳоро дида, маҷбур мешудам аз ҳисоби худам маблағҳои иловагӣ бидиҳам. Ҳамин тавр, ором-ором ман тамоми сармояи андӯхтаамро ҳам ба хоҷагиҳо додам, ки дар рӯи хоҷагиҳо қарз шуда монд ва дар натиҷа ман тамоми сармояи худамро ба чоҳи бетаге андохта, дар илова аз бонк ҳам қарздор шудам. Хулоса, тибқи мақоли халқӣ:

*Бе дарди саре нишаста будам,*
*Пул додаму дарди сар харидам.*

Ман дар ҳолати гаравгон мондам. На ҷои ақибгардӣ доштам ва на дар идомаи кор чашмандози хубе медидам. Ба пуррагӣ ба ин қарордод вобаста будам. Агар аз ин маблағгузории асиркунанда даст кашам, сармояи тӯли солҳо ба заҳмат андӯхтаамро, ки дар ин кор сарф карда будам, аз даст медодам ва ғайр аз ин, қарздор ҳам мемондам ва ба ҷавобгарӣ кашида шуданам мумкин буд. Дар як ҳолати баде монда будам. Ман, ки ҳамеша дар тасмимгириҳо озод будам, акнун озодии худро аз даст дода будам, нафасгир будам. Соли дувум нархи нахи пахта каме беҳтар шуда бошад, ҳам ба дараҷаи дилхоҳ нарасид. Вале, зарбаи соли гузашта маро ба ҳуш оварда буд. Медонистам, ки охири ин роҳ ба нобудӣ аст. Масъули баргардондани пулҳо фақат ва фақат худам будам.

Раисони колхозҳои пешқадамро ҷамъ карда, бо онҳо маслиҳат кардам, ки сарфакорона маблағгузорӣ карда, ҳосилнокиро боло мебарем. Аз ҳамкорӣ бо колхозҳои ақибмонда, ки раисонаш бештар паи даромади муфт ба ҷайби шахсиашон буданд, даст кашидам. Назоратро пурзӯр карда, бо маблағгузории хеле камтар ҳосили бештар ба даст овардем. Акнун, бояд пеш аз ҳама, аз он қарзи ғуломкунанда халос мешудам.

Роҳбарони ширкати «Данавант» зуд-зуд омада меистоданд ва «мазраа»-ҳову «барда»-ҳои худро хабар мегирифтанд. Ман ҳам яке аз ин бардаҳо будам, ки гӯё қамчин дар даст аз номи онҳо ва барои онҳо кор мекардам. Вақте ба хоҷагиҳо сафар мекардам ва ҳоли зори мардумро медидам, дилреш мешудам, вале чора надоштам, қарордодро бояд иҷро мекардам.

## ИСЁН

Соли чоруми тиҷорати пахта ҳоли мо хеле бад буд. Мо се сол кӯшиш карда бошем ҳам, маблағҳои ба хоҷагиҳо додаи мо барнагаштанд ва илова бар он, мо дар назди сармоягузорони хориҷӣ ҳанӯз ҳам қарздор мондем. Ягона роҳи аз қарз халос шудан, ҳосили хуб ба даст овардан буд, ки барои ин, сармоягузории муназзам ва кофӣ лозим буд. Сармоягузорони хориҷӣ аз тариқи Бонки миллӣ ва «Агроинвестбонк» бо мо кор мекарданд ва аз сабабҳои мушкилоти байни худашон барномаи аз қабл мувофиқашудаи маблағгузориро на ҳамеша сари вақт иҷро мекарданд. Масалан, он сол, вақте тибқи муҳлати озуқадиҳӣ, колхозҳо шадидан ба нуриҳои минералӣ ниёз доштанд, маблағгузорӣ саривақт анҷом нашуд ва дар натиҷа нуриҳои минералӣ саривақт ба хоҷагиҳо нарасид. Ин боис шуд, ки ниҳолҳои пахта шонаҳои аввали худро партофтанд. Ниҳоли пахта аввал дар шохҳои поёнаш шона мебандад ва баъд ба тадриҷ шохҳои болотараш низ гул мекунанд. Гулҳои пахта ба шона монанданд, аз ин сабаб деҳқонони тоҷик гулкунии дарахти пахтаро «шонабандӣ» меноманд.

Агар дар марҳалаи шонабандӣ дар технолоҷии парвариш ихтилоле пеш ояд, гулҳои он қисмати дарахт рехта, холӣ мемонанд. Он сол мо бо айби номуназзам будани маблағгузорӣ 10-15 фоизи ҳосилро аз даст додем. Ман дар назди раисони колхозҳо ҳам сархам шудам. Ростӣ, аз назари ман, ки бе ин ҳам, азоби виҷдон мекашидам, ки зомини ризқи он зану бачаҳои пойлуче, ки дар саҳро зери офтоби сӯзону боду борон кор мекунанд, ҳастам, талаф кардани ҳосили бо ин заҳмат ба даст омада ҷиноят буд.

Вале он сол нисбат ба маблағи тавофуқшуда ширкати мо маблағи хеле камтар қарз гирифта буд, зеро ман мехостам аз қарз халос шавам. Ман тамоми маблағҳои ширкатро сарф кар-

да, ҳосилро то мавсими пахтачинӣ расонда бошам ҳам, дигар маблағ надоштам, ки харҷи чинишро бидиҳам. Барои чидани пахта маблағгузории зиёд лозим мешуд. Агар дастмузди чинакчиён, хирманчиён, маводи сӯхт ва ғайра саривақт пардохта нашавад, ҳосил талаф мешуд. Агар рӯёндани пахта хеле заҳматдор бошад, ҷамъоварии он бамаротиб масъулиятноктар аст, зеро он, ба истилоҳ, «бардоштани ғалбер аз об» аст.

Тасмим гирифтам, бо раиси ширкати «Данавант», ки тарафи қарордод бо ширкати мо буд, вохӯрам. Ман бо ӯ ду масъаларо баррасӣ ва ҳал кардан мехостам. Якум, назм дар маблағгузорӣ бояд риоя мешуд ва маблағҳо сари вақт пардохт мешуданд. Дувум, ба назари ман, он ширкат бояд дар зиён шарик мегашт, зеро соли аввал мо ва хоҷагиҳо зиёни зиёд дида будем, вале онҳо танҳо фоида дида, ҳеч масъулияте надоштанд. Агар кор ҳамин тавр давом кунад, хатари боз ҳам ба қарз ғӯтидани мо вуҷуд дошт. Воқеан, нақши ширкатҳои хориҷӣ дар ин занҷира аҷиб буд. Кафолати баргашти маблағро давлат медод, барои рӯёндани пахта манобеи кишвар сарф мешуд, вале ширкатҳои хориҷӣ аз ин кор фақат суд мебурданд ва ҳеч ҷавобгарие надоштанд. Ба андешаи ман, ин ширкатҳо мебоист ё судашонро бо хоҷагиҳо тақсим мекарданд, ё дар ҷуброни зиён саҳим мебуданд.

Ба офиси он ширкат ба шаҳри Мемфиси иёлати Теннесӣ дар Амрико рафтам. Бо Абдулҳаким, ки дар он ҷо хонишашро дар мактаби пахта ба анҷом мерасонд, ба офиси ширкати «Данавант» рафтем. Ҷаноби Данавант моро дар утоқаш пазируфт. Ман ним соат тамоми вазъи ба вуҷуд омадаро тавзеҳ додам. Фаҳмонда додам, ки тамоми зарфияти тимӣ ва молии ширкати мо ва хоҷагиҳо барои рӯёндан ва содир кардани пахта ба ширкати ӯ равона карда шудааст. Ҳоли баъдиҷангии кишвар ва ҳоли зори деҳқононро низ нақл кардам ва зарарҳои бо сабаби номуназзам иҷро шудани маблағгузорӣ кашидаи мо ва колхозҳоро якояк баршумурдам.

Ӯ ҳарфи маро гӯш кард ва гуфт:

– Кор бо Тоҷикистон барои мо суди кам дорад.

– Чаро? - даступо хӯрдам ман.

– Ҳошияи байни нархи хариду нархи фурӯш хеле кам аст, - гуфт ӯ. Ва илова кард:

– Масалан, дар Замбия мо пахтаро хеле арзонтар мехарем.

Кош инро нагуфта буд. Тавзеҳоти пурэҳсоси ман аз як гӯшаш даромада, аз дигараш баромада буд. Ҳоли зори мазлумони африқоӣ дар назарам ба ҷилва омад. Якбора дилам ба ҳоли зану кӯдакони пойлуче, ки дар саҳроҳои Тоҷикистон пахта мечинданд, даҳчанд сӯхт. Ин кас мехост аз онҳо ғуломони африқоӣ дуруст кунад.

Аз утоқи ӯ хеле election норoҳат берун омадам. Худро лаъиат мекардам, ки гурӯҳи азимеро иборат аз кормандони ширкат ва кулли деҳқонони колхозҳои ҳампаймонам хизматгори хоҷае кардаам, ки мафкураи ғуломдорӣ дорад. Тамоми дороии худро гузоштам, тамоми зарфияти ҳамкоронамро 24 соат истифода кардам, ки аҳдамро иҷро кунам, фикр мекардам, ӯ маро дастгирӣ хоҳад кард, ором-ором вазъ хуб мешавад, кори наҷиберо анҷом медиҳам, ҳоли деҳқононро ба тадриҷ хуб хоҳам кард.

Охир, намояндаи ин ширкат дар назди мо Ҷон буд, ман то ҳол бо он дӯсти азизу меҳрубон кору суҳбат мекардам, ӯ ҳамеша саъй мекард, ки вазъро дар назар бигирад, мушкилоти мову хоҷагиҳоро мефаҳмид. Ҳеч гоҳ инчунин муносибатро ба худаш иҷоза намедод.

Акнун фаҳмидам, ки чаро Ҷон ҳам бо вуҷуди он ҳама дарки вазъ, на ҳамеша метавонистааст ёрӣ кунад. Дар пушти ӯ роҳбараш меистод, ки назараш комилан дигар буд. Раиси ширкати «Данавант» ба Тоҷикистон омада, аз колхозҳо дидан карда бошад ҳам, хеле тиҷорӣ фикр мекард. Дар он сӯи қарордод ба ғайр аз суд чизеро намедид. Ба тақдири ҳампаймонаш ва зану

кӯдакони пойлуч бетафовут буд. Сахт афсурда шудам. Шабу рӯзам бо ин фикрҳо мегузашт. Тамоми роҳи бозгашт аз Амрико Абдулҳаким, ки акнун хонишашро тамом карда, ҳамроҳи ман бармегашт, аз вазъи рӯҳиям нигарон буд.

Хушбахтона, қисми аввали маблағгузории маъракаи чиниш аз сӯи бонки «Кредит Свис» саривақт расид ва ман нафаси сабуке кашидам, вале майнаам дигар оромӣ надошт. Ман бояд роҳи ҳалли масъаларо пайдо мекардам.

Дере нагузашта, як ҳайат аз ширкати «Данавант» ба Тоҷикистон омад. Ман хеле мехостам ба саволоту шубҳаҳои худ аз Ҷон ҷавоб гирам. Вале ин сафар ӯ наомада буд. Ҳайатро Ричард сардорӣ мекард. Ман ба ӯ баъд аз таҳлили вазъ пешниҳод кардам, ки суду зиёни муомила тақсим карда шавад, зеро ҳамаи фоидаро онҳо мебинанд ва мо сол аз сол бештар ба қарз меғӯтем. Дар ҷавоб ӯ хандаи истеҳзоомез ва ҳавобаландонае кард, ки ҳанӯз ҳам аз пеши назарам дур нарафтааст.

Рӯзи дигар ӯ маро ба хӯроки шом даъват кард. Ман Абдулҳаким ва Комронро ҳамроҳам бурдам. Тақрибан як соат Ричардро гӯш кардам, ҳамааш лофу газоф аз собиқаву ривоҷи кораш мезад. Вақте пурсидам, ки пешниҳоди ман чӣ шуд, фаҳмидам, ки ӯ онро ҳатто дуруст гӯш накарда будааст. Баъде ки кормандонаш ба хотираш оварданд, ӯ бо ҳайрат аз ман пурсид, ки ин пешниҳоди ман ҷиддист? Гӯё мехост гӯяд, ки «ақли ман дар ҷояш ҳаст?»

Ман аз ҷоям бархестам ва гуфтам:

– Ман дигар бо шумо кор намекунам! - Ин тасмими ниҳоии ман буд. Ҳама аз ҷой хестанд. Абдулҳакиму Комрон бо таҳайюр ба ман менигаристанд. Абдулҳаким фикр кард, ки ин тасмими ман аз сари хашм гирифта шудааст, магар, ки хоҳиш мекард, ором шавам ва суҳбатро идома диҳам. Ӯ намедонист, ки барои гирифтани ин тасмим чӣ қадр фикр кардаам. Намедонист, ки

пушти ин тасмим ҳайсияту арзишҳои ман истода буд. Намедонист, ки агар ҳама чиз аз даст равад ҳам, ин тасмим ягона роҳи дуруст аст. Боре, аз ин бардагӣ озод бояд шуд!

Ман аз Абдулҳаким хоҳиш кардам, ки пули шомро пардозад ва мизро тарк кардам. Онҳо моту мабҳут монданд. Рӯзи дигар хоҳиши вохӯрияшонро рад кардам ва Комрон бо онҳо вохӯрда, қатъӣ ва ниҳоӣ будани тасмими маро эълон кард. Ба ҳукумат нома навиштанд ва аз чанд роҳ фишор оварданд, ки ҳамкорӣ идома ёбад, вале ман дар тасмимам қатъӣ будам. Ба зудӣ бо ёрии дӯстон қарзи мондаашонро кандам ва ҳамаро аз ғуломӣ озод кардам.

Ин тасмим воқеан исён буд! Ин тасмими ман дар вазъи хеле душвор гирифта шуда буд. Мо дар тангдастӣ қарор доштем ва ин тасмим метавонист оқибати ногуворе пеш орад. Хушбахтона, бахт ёрӣ кард ва мо аз он вазъ саломат берун омадем. Замон нишон дод, ки ин ягона тасмими дуруст буд.

Мо тавонистем дар давоми се сол колхозҳоро ба худкифоӣ расонем, ки онҳо қарзҳои моро пардохтанд ва муомилаи мо бо онҳо ба ҷои маблағгузорӣ, хусусияти харидуфурӯшро касб кард. Ин имкон дод, ки дастҳои ман боз шаванд ва ба тиҷорати пахта дар миқёси байналмилал пардозам.

Дар ниҳояти кор қарзи соҳаи пахтаи кишвар дар назди сармоягузорони хориҷӣ 500 миллион доллар шуда бошад ҳам, бо ифтихор метавонам бигӯям, ки ягон хоҷагии ҳампаймони мо дар он қарз саҳим набуд. Вале ба андешаи ман, дар ин низоми маблағгузорӣ сирқати маблағҳои бузургтар дар байни хоҷагӣ ва ширкатҳо сурат гирифт, ки дар натиҷа ба хоҷагии халқи кишвар зарари бамаротиб зиёдтар расонд.

## *ТАРЗИ КОРИ ШИРКАТҲОИ ПАХТА*

Вақте мо бо колхозҳо дар маблағгузории рӯёндани пахта ҳамкорӣ сар кардем, раисони хоҷагиҳо ба мо пешниҳодҳои аҷибу ғарибе мекарданд. Маблағгузорӣ тибқи нақшаи аз қабл мувофиқашуда анҷом мешуд, вале раисон ҳамеша кӯшиш мекарданд, ки аз нақша бештар маблағ бигиранд. Ҳатто пешниҳод мекарданд, ки расман ба хоҷагӣ маблағи иловагӣ навишта, нимашро бидиҳем ва нимашро ба худамон бигирем. Вақте мо ба ин дархостҳои хилофи қарордод ҷавоби рад додем, раисони баъзе колхозҳо эътироз карданд, мегуфтанд, ки ширкатҳои дигар ба колхозҳои ҳампаймонашон маблағҳои аз нақша бештар медиҳанд ва ҳаққи худашонро мегиранд. Чун ин талабҳо такрор шуд, ман паи таҳқиқ рафтам. Маълум шуд, ки пеш аз мо ин хоҷагиҳо бо ширкатҳои дигар бо ҳамин сабк кор мекардаанд. Маблағгузорӣ тарзе тарҳрезӣ шуда буд, ки дар ҳоли аз ҳар ҳектар 2 тон пахта чидан, ба хоҷагӣ ҳамагӣ панҷ - даҳ дарсад суд меовард. Додани маблағи иловагии дар нақша пешбининашуда, хатари барнагаштани қарзро боло мебурд.

Мо бо яке аз ширкатҳои фючерсӣ додугирифт доштем ва аз ин сабаб бо масъулони ширкат вохӯрдан лозим меомад. Боре ман бо масъули таъминоти ин ширкат ба анборашон рафтам. Додугирифти ин масъул бо кормандони хоҷагиҳо, ки ман шоҳидаш будам, барои ман бисёр чизҳоро ошкор кард. Ӯ беистиҳола аз кормандони масъули таъминоти колхозҳо ришва мегирифт ва ба нақшаи таъминот нигоҳ накарда, ба онҳо бори иловагӣ медод. Ман ин масъаларо бо раиси он ширкат машварат кардам ва дидам, ки ӯ ин равишро қабул дорад ва худаш ҳам аз он истифода мекунад. Ин кор як ҳамоқати маҳз буд, ӯ худаш аз ширкати худаш медуздид. Вақте ман эрод гирифтам, ки дар ҳоли маблағгузории беш аз нақша хатари барнагаштани

қарз боло меравад, дидам, ки ӯ дар баргардондани қарз чандон масъулият эҳсос намекунад, дар байни раисони ширкат ва хоҷагиҳо зеҳнияте роиҷ буд, ки давлат ин маблағҳоро мебахшад. Баъдан дидам, ки ҳамин равиш дар аксари ширкатҳои фючерсӣ истифода мешуд. Аз сабаби ҳамин тарзи кор, аллакай хоҷагиҳо маблағҳои зиёд қарздор шуда буданд ва раисон аз рӯи мақоли «об ки аз сар гузашт, чӣ як вაҷаб, чӣ сад», амал карда, даромади имрӯзаашонро авлотар медонистанд.

Ман бо раисони ширкатҳои фючерсӣ ошноӣ ва муносибати хуб доштам, вале аз ҳақ наметавон гузашт, мутаассифона, бояд зикр кунам, ки онҳо дар ин марҳалаи ҳассос барои ободонии соҳаи кишоварзӣ масъулиятшиносона амал накарданд. Мақсадашон гирифтани вомҳои бештар аз хориҷиён буд, зеро қисми ин маблағҳоро ба ҳар роҳу восила, аз ҷумла бо ёрии раисони колхозҳо азхуд мекарданд. Аз сабаби набудани назорат, молҳои зарурӣро, аз қабили нуриҳои минералӣ ва маводи сӯхт ба хоҷагиҳо бо нархи дучанд медоданд. Кафолати аз сӯи Бонки миллӣ додашударо сӯистифода мекарданд, дар баргардондани қарз масъулият эҳсос намекарданд. Раисони ширкатҳо аксаран, шахсони тасодуфӣ буданд ва тасодуфан вориди низоми бузурги маблағгузорӣ шуда, дар сар бештар ҳавои шуҳрату савлат ва сарватғундории шахсӣ доштанд. Ман ин ҷо ду ҳикоят меорам, ки шахсият ва сатҳи фарҳанги сарони ширкатҳои маҳаллиро ба хонанда рӯшан мекунад.

Шаҳрҳои Аврупо барои роҳат зистани одам сохта шудаанд. Тамоми хадамоти лозима, аз қабили нақлиёту беҳдошт ва порку ресторану фурӯшгоҳҳо дар ин шаҳрҳо барои зиндагии ҳарчи роҳаттари шаҳрвандон ба таври шоён ташкил карда шудаанд. Аврупоиён бо дарки масъулият бештар аз нақлиёти ҷамъиятӣ, ки кораш хеле муназзам ба роҳ монда шудааст, истифода мекунанд, зеро нақлиёти ҷамъиятӣ бештар барқӣ буда, муҳити

зистро олуда намекунад. Аз дучарха низ фаровон истифода мекунанд, ки аз як сӯ, барои саломатии худашон муфид бошад, аз сӯи дигар, ҳаворо олуда намекунад ва ба тозагии муҳити зист мусоид аст.

Боре, сарони ширкатҳои пахтафурӯши маҳаллӣ ба шаҳри Винтертури Свисс барои музокирот ба офиси ширкати Рейнҳарт рафтанд. Молики ширкат ҷаноби Пол Рейнҳарт бо дучарха ба кор омад.

Бардошти сарони ширкатҳо ҷолиб буд, ба ӯ лақаби «мурда» доданд. Мегуфтанд, хеле сахт аст ин Пол, бо ин ҳама доройӣ дилаш намешавад, як мошин харад барои худаш. Ҳол он ки ӯ садҳо миллион доройӣ дошта бошад ҳам, шахси фурӯтан буд, зиндагии сода дошт ва ҳар сол миллионҳо доллар кумакҳои хайрия мекард. Ба андешаи навкисагон, агар касе пулдор шавад, бояд бо такаббур ва пурҷило зиндагӣ кунад.

❁ ❁ ❁

Боре баъд аз ҳамоиши тоҷирони пахта, ки дар Инглистон воқеъ шуда буд, дар шаҳри Ландан сайругашт ва тамошо мекардем. Роҳбалади мо Оксана аз ширкати «Данавант» буд. Калисои Вестминстерро тамошо карда, берун баромадем. Ин як бинои қадимии боҳашамат аст, ки деворҳояш бо тахтасангҳои бузурги хокиранг пӯшида шудаанд. Сангҳои девор аз сабаби иқлими рутубатнок пардае аз ҳарири мағор дошт. Биноҳои атрофаш низ ҳамин тавр бо салиқаи хоси инглисӣ тарроҳӣ ва кошинкорӣ шудаанд. Мурод, яке аз сарони ширкатҳои содироти пахта, ки низ ҳамроҳи мо буд, аз Оксана пурсид:

– Ин инглисҳо хеле сахтанд, чаро ин деворҳоро, аққалан, ранг намекунанд?

Чашмони Оксана аз косахонааш берун заданд:

– Мурод! - бо ҳайрату тааҷҷуб гуфта тавонист ӯ.

Ман дидам, ки Оксана ҳарф намеёбад, ки таассуроташро баён кунад, латифаи он вақтҳо маъруфро нақл кардам, ки сараввал каме тавзеҳ мехоҳад.

Солҳои навад, вақте ки соҳибкории хусусӣ иҷозат шуд, дар Русия аз ҳисоби шахсони авбош ва музофотӣ гурӯҳҳои ҷиноии зиёд пайдо шуданд, ки бо авбошиву зӯрӣ ва роҳҳои дигари ғайриқонунӣ сарват ҷамъ мекарданд. Халқи рус ба онҳо «руси нав» ном гузошта буд. Одатан «русҳои нав» одамони бемаданият ва говзӯр буданд, ки сарвати зиёд ба даст оварда бошанд ҳам, донишу ахлоқи хуб надоштанд. Халқи рус дар бораи онҳо латифаҳои зиёд месохт.

Рӯзе «руси нав»-е бо писари хурдсолаш аз хиёбони Арбати Маскав, ки наққошон дар хиёбон нишаста, тасвири одамонро мекашанд, мегузашт. Писарак вақте наққошро дид, ки бодиққат тасвир мекашад, аз падараш пурсид:

– Ӯ чӣ кор мекунад?

«Руси нав» ҷавоб дод:

– Барои дурбини суратгирӣ харидан пул надорад, маҷбур бо дастонаш тасвир мекашад.

Оксана бо ризоят сар ҷунбонд. Мурод, ки аз ҷинси «руси нав» буд, ҳамчунон бо шавқ дар бораи биноҳои шишагӣ ва ҷилодори Дубай нақл мекард. Ӯро мешавад «тоҷики нав» унвон кард.

Ҳамин буд сатҳи фарҳангу ҷаҳонбинии раисони аксари ширкатҳои фючерсӣ. Мутаассифона, дар натиҷаи ҳарҷу марҷи дар кишвар иттифоқ афтода, дар аксари соҳаҳо шахсони тасодуфӣ ба роҳбарӣ расида буданд.

Ростӣ, он солҳо дар силсилаи маблағгузории пахта дуздӣ аз таҳ то боло сурат мегирифт, вале раисони ширкатҳои маҳаллӣ нақши харобкори бештаре доштанд. Дар ҳоли масъулияти бештар эҳсос кардани онҳо ин соҳа метавонист судовар шавад ва нақши «локомотив»-ро дар иқтисоди кишвар иҷро кунад.

Ман, ки риояи инсофу ҳалолхӯриро дар тиҷорат сармашқи кори худ қарор дода будам, бо ин тарзи тафаккур ва маблағгузорӣ комилан мухолиф будам ва аз ин сабаб бо раисони колхозҳое, ки мақсади ободкорӣ доштанд, суҳбат карда, онҳоро бовар кунондам, ки оқибати ин кор хуб нест. Аз ҳамкорӣ бо колхозҳое, ки ба низоми фасод одат карда буданд, даст кашидам. Ва дар маблағгузорӣ сарфаҷӯиро ба роҳ мондам. Бо камтарин ҳазина ҳосилро мерӯёндем, ки ин тарзи кор дар ниҳоят ба хоҷагиҳо даромади бештаре медод. Дар давоми се-чор сол хоҷагиҳо тавонистанд, ки қарзҳои моро баргардонанд ва худкифо шаванд. Масалан, вақте мо бо хоҷагии 50-солагии СССР аз ноҳияи Қубодиён қарордод бастем, аъзояш аз Афғонистон баргашта буданд ва хоҷагӣ дар ҳоли бад қарор дошт. Порки тракторҳо ва анборҳояш комилан ғорат шуда буданд. Дар давоми се-чор сол ин хоҷагӣ ба пуррагӣ барқарор ва худкифо шуд.

Раҳим ном зодаи деҳаи Ғӯйтани дараи Киштӯдро солҳои 60, баъд аз хатми донишгоҳ барои муаллимӣ, бо роҳхат ба ноҳияи Бохтари вилояти Қӯрғонтеппа фиристода будаанд. Ӯ ҳамон ҷо хонаву дар карда, оиладор шуда будааст. Вақти ҷанги шаҳрвандӣ ӯ гуреза шуда, ба зодгоҳаш баргашт. Писари ӯ Зокирҷон ронандаи мошини боркаш ва дӯсти бародари калониям Абдунаим, дар ширкати мо ронандагӣ мекард. Рӯзе Зокирҷон тағобачааш Абдулмӯминро аз ноҳияи Фархор ба назди ман овард. Абдулмӯмин мехост дар ширкати мо ҳамчун нигаҳбон ба кор дарояд. Дар суҳбат бо ӯ ман донистам, ки ӯ фарди боғайрат ва қобил аст. Он замон қарори ҳукумат дар бораи ба хоҷагиҳои деҳқонӣ тақсим кардани колхозҳо баромада буд. Ман ба ӯ моҳияти ин қарорро фаҳмонда, хоҳиш кардам, ки рафта замин гирад ва хоҷагии деҳқонӣ ташкил намояд. Ӯ хоҷагии деҳқонии «Сомониён» ташкил карда, аз сифр оғоз кард. Ман хоҷагии ӯро бо маблағ таъмин карда, ба ӯ роҳҳои сарфакорӣ дар рӯёндани пахтаро нишон медодам. Ӯ худаш, ки

қобил буд, ҷузъиёти пахтакориро хеле зуд ва ба таври ҳасана ёд гирифт. Ҳамин тавр, хоҷагии деҳқонии Сомониёни ноҳияи Фархор низ вақте бо мо қарордод баст, аз сифр шурӯъ кард ва дар давоми муддати мазкур соҳиби киштзори обод ва фермаи гову аспу рамаҳои гӯсфанд шуд.

Ҳамин тавр хоҷагиҳои ноҳияҳои Ёвон, Қубодиён, Фархор, Рӯдакӣ ва ғайра, ки бо мо кор мекарданд, ҳама худкифо шуданд дар ҳоле, ки қариб тамоми хоҷагиҳои дигари ҷумҳурӣ ба қарз ғӯтиданд ва дар ниҳоят давлат аз сабаби қарзи хориҷиро кафолат додан, маҷбур шуд пардохти ним миллиард долларро ба дӯш гирад.

## *ПОРА*

Дар натиҷаи ҷанги шаҳрвандӣ ва мубориза шадиду хунин, дар байни маҳалҳо хун афтод ва тарқиши бузургеро ба вуҷуд овард, ки сабабгори беэътимодӣ ва нобоварии нухбагони тарафҳо ва дар натиҷа шиддати бесобиқа пайдо кардани маразӣ маҳалгароӣ шуд. Адами ваҳдати миллӣ хатарноктарин омили якпорчагии кишвар шинохта шудааст, ки таҷрибаи талхи мо онро бори дигар исбот кард.

Набуди шоистасолорӣ ва расидани нафарони тасодуфӣ ба мақом дар асари зудуда гаштани фарқи ҳарому ҳалол фасодро дар кишвар ниҳодина кард, ки низ монеаи бузурге дар роҳи рушди кишвар шуд. Ҳардуи ин падида – маҳалгароӣ ва фасод дар якҷоягӣ, ҷомеаро ба табақаҳои дорову нодор, баргузидаву нобаргузида тақсим карданд. Коршиносон ба як овоз нобарории иҷтимоиро сабаби асосии таркиши иҷтимоӣ донистаанд.

Ҳамин тавр, агар сабабҳои умдаи пошхӯрии Иттиҳоди шӯравӣ заъфи мудирияту густариши фасод ва агар сабаби сар задани ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон табартақсим ва авориз он

мисли маҳалгарой бошад, ҳамаи ин омилҳо имрӯз дар кишвари ман ба таври барҷастатаре ҳузур доранд. Ман ду ёддошти хурд дар тақвияти ин гуфтаҳо меорам.

Замони пошхӯрии Ҳукумати шӯравӣ анборҳои пахта пур аз ин маҳсулоти пурқимату серхаридор буданд. Хариду фурӯш ва соҳибкории хусусӣ иҷозат шуда бошад ҳам, ҳанӯз дар соҳаи тиҷорат қонуну қоидаи мушаххас қабул нашуда буд. Аз ин сабаб, чанд соли аввал қисми зиёди пахтаи Тоҷикистонро ба таври қочоқ обу лой карданд. Корчаллонҳо аз фурсат истифода бурда, дар ҳамкорӣ бо дастандаркорони соҳа, ба истилоҳи онрӯза, «кипро ҷип» мекарданд. Мардум мегуфтанд, ки ҳар касе, ки кип (тойи пахта) фурӯшад, ҷип савор мешавад. Воқеан, қочоқчиён аз бесарусомонӣ истифода карда, пахтаро обулой ва пулашро барои зиндагии муҷаллали худашон сарф карданд. Табиист, ки онҳо боҷу ришваҳои ҳангуфт ба масъулон мепардохтанд. Дар назари одамон тиҷорати пахта як кори пурфасод ва қочоқӣ шуда монда буд. Масъулони дахлдор зеҳнияте доштанд, ки ҳар касе, ки пахтаро содир мекунад, бояд ба онҳо пора диҳад.

Соли дувуми ба тиҷорати пахта машғул шудани мо буд. Ҳукумат бо қоидаҳо содироти пахтаро торафт танзим мекард. Пеш аз содир шудани пахта аз қаламрави ҷумҳурӣ бояд пули он ба бонк ворид мешуд, андоз аз фурӯш супорида мешуд, кумитаи стандарт навъи пахтаро муайян мекард ва биржаи пахта хулосаи худро дар хусуси аз ҷиҳати иқтисодӣ қобили қабул будани муомила медод. Ин система воқеан дуруст тарҳрезӣ шуда буд ва дар ҳоли дуруст кор кардан пеши роҳи қочоқи пахтаро мегирифт.

Ҳар кадоми ин ниҳодҳо тасдиқномаи худро медоданд ва гумрук фақат дар асоси онҳо берун рафтани пахта аз қаламравро иҷозат медод. Ин танзимот хеле зарур буд, зеро дар замони бесарусомонии баъди пошхӯрии кишвар баамаломада, теъдоди

зиёди пахтаи хоҷагиҳо бе пешпардохт содир ва бе ному нишон шуда, хоҷагиҳо зиёни зиёд дида буданд.

Моҳи сентябр буд ва чидани пахта маблағгузории зиёди нақд ва ҳаррӯза талаб мекард. Қарордодҳои бонку ширкатҳои хориҷӣ бо ширкатҳои содиркунандаи маҳаллӣ моро уҳдадор мекарданд, ки аз моҳи сентябр мувофиқи нақша пахта бор карда фиристем. Мо – ҳамаи ширкатҳо ба миқдори пешбинишуда, пахтаро барои содирот омода карда, аснодашро ба ин ниҳодҳо супоридем. Тасдиқномаҳои дигар омода шуда бошанд ҳам, Кумитаи андоз корро кашол медод. То ин дам ҳеч гоҳ чунин кашолкорие нашуда буд. Ҳама асабӣ буданд. Бор кардани пахта ақиб, ки меафтод, бонки хориҷӣ маблағгузориро низ кашол медод. Ҳар ҳафта дар ҷаласаҳои сарвазир кор то садои баланду таҳдид мерасид. Зеро камбуди пули чинак ба иҷро нашудани нақшаи ҷамъоварии пахта оварда расонданаш мумкин буд.

Он замон пахтачинӣ маъракаи умумиҷумҳуриявӣ буда, ҳанӯз ҳам мисли замони шӯравӣ нақшабандӣ мешуд ва ҳукумат бар иҷрои он назорати шадид мебурд. Иҷрои нақша ба таври густарда аз тариқи васоити ахбори омма расонаӣ мешуд. Бригадаҳо, колхозҳо, ноҳияҳо бо ҳам сабқат мекарданд ва ба ғолибон туҳфаҳо дода мешуданд.

Мо – сарони ширкатҳои содиркунанда тасмим гирифтем, ки бо раиси Бонки миллӣ вохӯрда, масъаларо матраҳ кунем, то ин ки ӯ ба раиси Кумитаи андоз занг занад. Дар ҷаласа раис бо телефон раиси Кумитаи андозро пайдо накарда, дастур дод, ки ду нафар сарони ширкат рафта, бо раёсати Кумитаи андоз масъаларо баррасӣ карда, сабаби таъхири додани тасдиқномаро муайян карда оянд. Қарор кардем, ки бегоҳии ҳамон рӯз ҷаласаи дигар баргузор карда, ин масъаларо ҳал кунем.

Дар ҷаласаи бегоҳӣ яке аз он нафароне, ки рафта бо раиси навтаъини Кумитаи андоз вохӯрда буданд, ба раиси Бонки мил-

лӣ иттилоъ дод, ки раиси Кумитаи андоз талаб кардааст, ки барои ҳар тоннаи пахтаи содиршаванда шахсан ба ӯ маблағи 50 доллар пардохта шавад.

Хомӯшии ногуворе ҳукмфармо шуд. Ҳама интизори вокуниши раиси Бонки миллӣ будем. Ман интизор доштам, ки раис телефонро мегираду занг зада, қотеъона бархӯрд мекунад, то ки пеши роҳи ин фасоди рӯирост гирифта шавад. Воқеан, ин худсарии гӯшношуниде буд.

Раис хомӯш қаламро бардошта, ба гӯшаш халид, тоб дода гӯшашро хорид ва бо садои нарму ором гуфт:

– Майлаш, як чизе додан лозим мешавад.

Ба зудӣ дар пайравӣ аз ин равиш, ниҳодҳои дигари дахлдор низ боҷҳои ғайриқонунии худро муқаррар карданд ва ширкатҳои содиркунанда маҷбур шуданд, ки ба фасод ғӯта зананд.

❁ ❁ ❁

Мувофиқи қонун ширкатҳои тиҷориро соле як бор тафтиши молӣ мегузаронданд. Бозрас аз Кумитаи андоз чанд рӯз боз ба тафтиши ширкати мо машғул буд. Чанд камбудии хурду резе ошкор карда буд, ки ба супоридани андоз ё пардохтҳои дигари давлатӣ рабте надошт. Комрон, ки мутасаддии ташкили тафтиш аз сӯи ширкат буд, ба ман дар бораи он камбудиҳо гуфт. Ман назарамро баён кардам, ки аз сари вақт ошкор шудани камбудиҳо мо бояд хурсанд шавем ва аз бозрас ҳам сипосгузор бошем, зеро ин камбудиҳоро рафъ мекунем ва дар оянда онҳоро такрор намекунем. Вале Комрон қонеъ наменамуд.

– Мушкили дигаре ҳам ҳаст? - пурсидам ман. Комрон забонхоӣ мекард.

– Ӯ пул мехоҳад, - гуфт чашмонашро гурезонда.

– Яъне ҷарима бастан мехоҳад? - дақиқ карданӣ шудам. Комрон бо аломати инкор сар ҷунбонд.

– Чанд? - тори асабҳоям таранг мешуд.

– Даҳ ҳазор.

– Даҳ ҳазор доллар? - Комрон бо ишораи сар тасдиқ кард. Ҳис кардам, ки қиёфаам гарм мешавад, хун ба сарам зад.

– Барои чӣ? Аз молиёте, ки мо месупорем, ӯ маош мегирад, баръакс ӯ бояд ба мо ёрӣ кунад, ки хатоҳоямон рафъ шаванд! - хитоб кардам ман. Комрон хомӯш сар ба зер афканда меистод.

– Рафта гӯй, агар камбудиҳои ошкоркардааш ҳар қадр ҷарима мешуда бошад, ҳамонро расмӣ месупорем, - гуфтам ман.

– Ман ду рӯз боз бо ӯ баҳс мекунам, бефоида. Аввал ӯ се баробар зиёд мепурсид, - ҷавоб дод Комрон.

– Ман худам бо ӯ гап мезанам, - гуфтам ман.

Дар вақти таъиншуда ба утоқи кории ӯ рафтам. Пурсидам, ки дар кадом асос ӯ мехоҳад аз мо пул ситонад?

– Ҳама медиҳад, ту ҳам медиҳӣ! - ва аз киҳо чӣ қадар ситонданашро гуфта дод. Ин ҳамаро қаблан ба Комрон ҳам гуфта буд. Ман гуфтам, ки ба дигарон кор надорам, вале мо ҳамаи андозу пардохтҳоро саривақт супоридаем ва гуноҳе надорем, ки бо ришваву пора бипӯшем.

– Туро кӣ гуфтааст, ки ҳамаи андозҳоро супорӣ? - маро дар ҳайрат гузошт ӯ.

– Магар насупоридан мешавад?

– Намесупоридӣ, ман ҳозир санад тартиб дода, ҳамаашро дуруст нишон медодам, ҳам ту фоида мекардӣ, ҳам ман! - ақл ёд дод ӯ ба ман.

Оромона фаҳмондам, ки ин талабаш ҷиноят аст.

– Ба куҷое хоҳӣ, арз кун, шумо ҳафтод сол хӯрдед бас! Акнун навбати мо! - гуфта дӯғ зад.

## *ВЕЙКФИЛД*

Ман дар дунёи тиҷорати пахта бо шахсони зиёд шинос шудам ва иттифоқҳои аҷиберо шоҳид будам ва чанд ҳикоят аз онҳо меоварам, ки ба назарам аз аҳаммият холӣ нест.

Истондорти сифати пахта ҷузъиёти зиёд дорад. Коршиносони тахассусӣ дар озмоишгоҳҳои махсус аз рӯи намунаҳои истондортӣ навъ, сифат ва гурӯҳи онро ташхис карда, гувоҳнома содир мекунанд, ки дар асоси он пахта нархгузорӣ ва хариду фурӯш мешавад.

Ширкатҳои махсус ҳастанд, ки пешаашон ҳамин аст. Онҳо дар хариду фурӯши пахта дахил нестанд, фақат аз пахта намунабардорӣ карда, онро ташхис мекунанд ва гувоҳномаи сифат медиҳанд. Одатан, ин ширкатҳо дар дунёи пахта маъруф ва муътамад ҳастанд.

Аслан, дар дунё солона 23 миллион тон нахи пахта истеҳсол мешавад, ки онро дар тойҳои 200-килоӣ бастабандӣ мекунанд. Ин ҳаҷм тақрибан муодили 120 миллион той мешавад. Намунабардорӣ аз даҳ дарсади ҳамин миқдор той сурат мегирад, ки вусъати кори ин ширкатҳоро нишон медиҳад.

Яке аз калонтарин ва маъруфтарин ширкатҳои ин соҳа ширкати инглисии Wakefield Inspection Services аст, ки дар кулли кишварҳои пахтасодиркунанда, аз ҷумла дар кишвари мо ҳам намояндагӣ дорад.

Рӯзе дар шаҳри Ливерпул ҳамоиши солонаи ширкатҳои пахта баргузор шуд, ки ман ҳам дар он иштирок доштам. Ин ҳамоиш тибқи суннатҳои қадимии бозаргонони пахта, ки аз сарватмандтарин ашхоси дунё буданд, баргузор мешуд. Масалан, яке аз суннатҳояш ин будааст, ки солиёни зиёд ба ин ҳамоиш занҳоро роҳ намедодаанд. Вале солҳое, ки ман дар он иштирок кардам, аллакай занҳо на фақат иштирок мекарданд, балки ширкатҳои зиёди тиҷории пахтаро сардорӣ низ мекарданд.

Чизи ҷолиби дигар, ки дар замони иштироки ман ҳанӯз вуҷуд дошт, ин буд, ки дар даромадгоҳи толори ҳамоиш дарбоне бо либосҳои зардӯзӣ ва асои заркӯб меистод. Вақте иштирокчиён бо навбат барои дохил шудан ба дами дар меомаданд, ӯ аз рӯйхат номашонро ёфта, асояшро ду бор ба замин кӯфта, бо садои баланд ба аҳли толор номи шахс ва ширкаташро эълон мекард. Хандаовар он буд, ки ӯ номи мо ва ширкатҳоямонро талаффуз карда наметавонист ва боиси шӯхиву хандаи ҳамагон мегашт.

Дар ин толори бузург барои чандсад нафар мизҳои даҳкасӣ мегузоштанд ва дар рӯи ин мизҳо номи меҳмононро навишта мемонданд ки ҳар кас ба ҷои муқарраршуда менишаст.

Аввалин касе, ки суханронӣ мекард, аз ҳукумати Инглистон буд, баъд се-чор нафар аз сарони ширкатҳои бузург сухан карда, пешбиниияшонро дар бораи бозор арз мекарданд. Вақти суханронии онҳо меҳмонони ҳар миз байни худ шарт мебастанд, ки ӯ чанд дақиқа суханронӣ мекунад ва касе, ки вақти аз ҳама наздикро гӯяд, баранда шуда, ҷоиза мегирифт. Ин ҳам яке дигар аз суннатҳои ин ҳамоиш буд.

Он сол дӯсти азизам Ҷон маро бо молики ширкати Вейкфилд шинос кард. Номи пурраи ӯ Питер Вейкфилд буд. Ӯ худро ба ман Питер муаррифӣ кард. Дар сари миз ҷойи ман дар канори ҷаноби Вейкфилд буд. Бори аввал ба ӯ «мистер Вейкфилд» гуфта муроҷиат кардам. Ӯ муаддабона, «Peter, please», яъне ба ман Питер гуфта муроҷиат кунед, гуфт.

Ман тибқи одоби панҷрӯдӣ ҳеч наметавонистам ба чунин инсони бузург, ки ба сол ҳам аз ман бузургтар буд, Питер гуфта, муроҷиат кунам. Дафъаи дигар ҳамон тавр «мистер Вейкфилд», гуфта муроҷиат кунам, аслан таваҷҷуҳ накард. Чун ҳама хомӯш буданд, беэътиноии ӯ диққати ҳамаро ҷалб кард ва ман сурх шудам.

– Питер гӯй, - ба ёрии ман шитофт Ҷон.

Базӯр худро маҷбур карда:

– Питер, - гуфтам, боз ҳам бештар сурх шуда.

– Yes, dear (бале, азизам), - бо табассуми фарох ба ман рӯй овард мистер Вейкфилд.

Ин ҳодиса дар зеҳни ман ҳикояи «Қозизодаи румӣ ва Мавлоно Ҷомӣ»-ро зинда кард ва ман дидам, ки фурӯтанӣ ба шахс мезебад, чӣ басо шахс мартабаи баланд дошта бошад.

## *ЛАТИФА*

Мо тоҷикон хеле меҳмондӯстем. Махсусан, агар меҳмон хориҷӣ бошад, ӯро ба таври худамон хеле эҳтиром мекунем. Ин суннати ифтихории мост. Фарқе надорад, ки ин меҳмон ба меҳмондории мо чӣ гуна муносибат мекунад, барои мо суннати худамон муҳимтар аст. Ҳатто ба гӯшаи хаёламон намеояд, ки меҳмон метавонад аз ин меҳмоннавозии аз ҳад зиёд нороҳат бишавад. Меҳмоннавозӣ дар фаҳми мо бештар хӯрокдиҳӣ ба меҳмон аст. Шояд замони пеш, ки мошину ҳавопаймо набудааст ва меҳмонон рӯзу ҳафтаҳоро дар роҳ мегузаронидаанд, сабаб шуда бошад, ки мо саъй кунем меҳмонро дар як нишаст барои як ҳафтаи пеш ва ҳафтаи баъдӣ хӯрок диҳем, то гушнагии дар роҳи омаду рафт кашидаашро ҷуброн кунем.

Боре, ҳодисаи ҷолибе рӯй дода буд. Як писари соҳиби ширкати бозаргонии амрикоии «Данавант» ба Тоҷикистон меҳмон шуда буд. Албатта, баъд аз даъвои зиёд, довталабон барои меҳмон гирифтани ӯ рӯйхати навбатро таҳия карда буданд. Мо чанд нафар сарони ширкатҳои содиркунандаи пахта низ дар ин зиёфатҳо даъватӣ будем. Дар як зиёфати шоми ин силсила, меҳмони амрикоӣ баъд аз хӯрдани хӯроки якум эълон кард, ки дигар чизе хӯрдан намехоҳад. Мизбон, хӯроки дуву-

му севуму ғайраро ба эътирози ӯ нигоҳ накарда, дар пешаш мемонд. Меҳмон ин хӯрокҳоро ҳам то охир мехӯрд. Ниҳоят, вақте пешаш ширинӣ гузоштанд, ӯ ба ман, ки дар канораш нишаста будам, гуфт:

– Агар инро ҳам хӯрам, мемурам. Ман нигарон шуда гуфтам:

– Нахӯр, пас, чаро мехӯрӣ?.

Пурсид:

– Мизбон нороҳат намешавад?

– Чаро бояд нороҳат шавад? - пурсидам ман.

– Охир ба ман гуфтанд, ки агар дар ин кишвар муроотимизбонро рад кунӣ, онро беҳурматӣ ба соҳиби хона медонанд, - ҷавоб дод ӯ.

Бечора, ӯ аз пурхӯрии ғайриодат мариз шуд ва мо ӯро ду рӯз табобат кардем, то тавони таҳаммули роҳи баргаштро пайдо кунад.

## ҶОН

Ҷон Стед аслан зодаи Инглис буд ва тиҷорати пахта касби хонаводагияш. Нақл мекард, ки бобояш корхонаи ресандагӣ доштааст. Дар аввалҳои асри бист ҳукумати инглис барномае рӯи даст гирифта буд, ки корхонаҳои ресандагиро аз кишвар берун кунад. Ӯ мегуфт ҳукумат ба соҳибони корхонаҳои ресандагӣ ва бофандагӣ ба ивази бастан ё аз кишвар берун бурдани корхонаашон пули калон медод. Бобои Ҷон зери фишори молӣ маҷбур шуда буд, пул гирифта, корхонаашро бандад.

Ҷон ба касби бобояш дил баста, тоҷири соҳаи пахта шуда буд. Солҳои дароз дар кишварҳои мухталиф ҳамчун намояндаи ширкатҳои пахта кор карда, ниҳоят дар Амрико маскун гашт. Ӯ дар тиҷорати пахта донишу таҷрибаи зиёд дошта, дар дунёи

пахта хеле маъруф буд ва бо камоли майл донишу таҷрибаи худро ба ҷавонон меомӯхт.

Ман бо Ҷон Стед, дӯстии хеле наздик пайдо карда будам. Ӯ ба ман на фақат дӯст, балки устод ва бародар гашта буд. Тамоми ҷузъиёти тиҷорати пахтаро ба ман омӯзонда буд. Соле ду-се бор ба Тоҷикистон меомад, ду-се бори дигар маро ҳамроҳаш ба конфронсҳои пахта дар Тошканду Ливерпул бурда, бо ҳамаи тоҷирон ва дигар мутахассисони соҳа шинос карда буд. Ба хонаи мо меҳмон шуда, ҳамаи оилаамонро хуб мешинохт, ман ҳам аҳли оилаашро мешинохтам ва самимона дӯст медоштам.

Насиҳатҳои Ҷон роҳнамои ман дар тиҷорат ва ҳатто рози муваффақиятам будааст. Ӯ мегуфт, ки тоҷир бояд дарозмуддат андешад. Яке аз пандҳое, ки Ҷон ба ман додааст, ин буд, ки дар муомилаи тиҷоратӣ ҳарду тараф бояд баранда бошанд. Пеш аз ҳама, муомила бояд шаффоф бошад ва риояи инсоф тақозо мекунад, ки ҳарду тарафи қарордод фоида бинанд. Дар ин ҳол ҳамкорӣ бардавом ва пурбаракат мешавад, ки ин рози муваффақият дар тиҷорат аст. Дар акси ҳол нобоварӣ ва норозигӣ ба миён омада, сабабгори қатъи ҳамкорӣ ё даъвову низоъ мешавад. Ман ин насиҳати ӯро, ки мантиқи қавӣ дорад, ба ҷон пазируфтам ва ҳамеша саъй кардам, ки аз инсоф нагузарам ва хушбахтона, метавонам бо итминон бигӯям, ки дар аксари кулли мавридҳо ҳампаймонҳоям дӯст гаштаанд. Шаффофият ва инсоф ҷой барои нобовариву низоъ нагузоштаанд.

Соле, ки Абдулҳаким дар Амрико таҳсил мекард, Ҷон ва хонумаш сарпарасти ӯ буданд ва ҳар сари чанд вақт ӯро ба хонаашон даъват мекарданд. Ҳамроҳи ӯ дар мактаби пахта чанд нафар аз Вазорати робитаҳои иқтисодии хориҷии Ӯзбакистон низ мехонданд. Номи яке аз онҳо Асадулло буд ва бо Абдулҳаким дӯстӣ дошт. Ӯ баччаи зарофатгӯй буд. Боре ӯ низ ҳамроҳи Абдулҳаким ба хонаи Ҷон меҳмон шуда будааст ва тавила ё истабли барҳаво ва зебои Ҷонро муҷаҳҳаз бо ҳама шароит дида,

ба Абдулҳаким гуфтааст: «Беҳтар буд, ки ман дар Амрико асп зода шавам, то дар Ӯзбакистон одам».

Инглисҳо дар дунё бо шӯхтабъии хос маъруфанд. Ҷон аз ин қоида истисно набуд.

Рӯзе сари чошт дар меҳмонии Ҷон моҳӣ мехӯрдем. Умуман мо тоҷикҳо моҳӣ кам мехӯрем. Абдулҳаким бо корду чангол чанде саъй кард ва душворӣ кашида, аз Ҷон пурсид:

– Мистер Стэд, иҷозат ҳаст ман бо дастҳоям бихӯрам?

Ҷон билофосила ҷавоб дод:

– Метавонӣ бо пойҳоят бихӯрӣ.

Ман ба кӯҳу кӯҳнавардӣ иштиёқи зиёд дорам. Аз ин сабаб мошини махсуси кӯҳнавардӣ харида будам. Ин мошини «Нива»-и тавлиди Русия буд. Ин мошин дар муқоиса бо аналогҳои хориҷияш, мошини хубе нест. Имтиёзи асосияш нархи нисбатан пасташ аст вагарна дар роҳатӣ, масрафи сӯхт ва ғайра нисбат ба ҳамтоҳои хориҷияш хеле бадтар аст. Бахусус сифати бади мошинҳои истеҳсоли Шӯравӣ дар хориҷа вирди забонҳост.

Рӯзе бо Ҷон нияти сайри кӯҳ кардем. Вақте аз офис берун омадем, ранги сафеди «Нива»-и напа-нави ман дар офтоб медурахшид. Ман аз Ҷон:

– Мошини ҷипи ман ба ту маъқул аст? - гуфта пурсидам.

– Мошини ҷипи ту ба ту маъқул аст? - баргардонд Ҷон.

Бо хонуми Ҷон – Ҷени ман шинос ва дӯст будам. Ҷени низ мисли Ҷон шахси наҷибест. Ҷени дар кӯча ҳеч гоҳ аз назди як саг ё гурбаи маҷрӯҳ бетафовут гузашта наметавонист. Онҳоро ба мошини худ савор карда меовард ва табобат мекард. Ин буд, ки ҳавлияш пур аз сагу гурба буд. Ӯ метавонист соатҳо дар бораи онҳо, аз куҷо ва дар чӣ ҳол ёфтанаш, нақл кунад. Вақти дар бораи ҳоли зори онҳо нақл кардан, чашмонаш пуроб

мешуданд. Ман ҳам ҳар вақт ки аз Тоҷикистон занг мезадам, ҳатман аз сагу гурбаҳояш мепурсидам.

Мардуми кишвари мо ва умуман, мардумони кишварҳои ҷаҳони ба истилоҳ, дувуму севум орзу мекунанд, ки дар кишварҳои ғарбӣ зиндагӣ кунанд. Ҷузъиёти зиндагии онҳоро надониста, фикр мекунанд, ки дар ғарб ҳама сӯ ҷӯйҳои шир равон аст. Рифоҳи мардуми кишварҳои ғарбӣ маҳсули талоши сокинонаш будааст, ки агар мо ҳам миён бандем, зиндагиамонро бо назму тартиб хуб ташкил карда метавонем. Вале тавре зикраш рафт, зиндагии одамон дар олами сармоя мушкилоти хоси худашро дорад.

Бори аввал вақте ки ман ба Амрико рафтам, Ҷон мизбони ман буд. Ман дар иди «Рӯзи сипос» (Thanksgiving) ба хонаи ӯ меҳмон ҳам шуда будам. Ӯ маро аз меҳмонхона бо мошини модели «Ренҷ Ровер»-и гаронқимати худ гирифта, ба хонааш бурд. Хонааш дар дохили ҷангал дар ҷои хушобуҳавое хеле боҳашамат сохта шуда буд. Ӯ дар назди хонааш тавила ё истабле ҳам дошт, ки дар он чанд сар аспро нигаҳдорӣ мекард. Ҷон ва Ҷени дар назари аввал барои худашон як ҳаёти ормоние ташкил карда буданд, вале тавре ки баъд маълум шуд, он ҳама шукӯҳу ҷалолро бо вомҳо сохта будааст. Мутаассифона, Ҷон дар охири ҳаёташ ба маризии сахте – саратони сурхрӯда мубтало ва бознишаста шуд. Ману Абдулҳаким ба аёдати ӯ рафтем. Ӯ моро бо мошини хурди хонумаш пешвоз гирифт. Мошинашро пас аз бознишаста шудан бонк гирифта буд. Хонаашро низ барои пардохти воми маскан ба фурӯш гузошта буданд. Аз он зиндагии ормонӣ санге рӯи санг намонда буд.

## АСАДУЛЛО

Дар робита бо Асадулло воқеаи ҷолибе иттифоқ афтода буд. Чунон ки пештар гуфтам, солҳои аввали ба тиҷорати пахта машғул шуданам, мо ҳар сол ба Ӯзбакистон ба конфронси пахта даъват мешудем. Ҳукумати он кишвар ҳар сол дар аввали мавсими пахтачинӣ, моҳи сентябр як конфронс ташкил карда, тамоми ширкатҳои пахтаро даъват мекард ва дар давоми чанд рӯз тамоми дастовардҳояшро нишон дода, бо истифода аз фурсат қарордодҳои фурӯши пахтаро бо харидорони хориҷӣ мебаст. Ин конфронс ба навъе оғози фурӯши ҳосили нави пахтаи онҳоро эълон мекард. Солҳои аввал мо ба Тошканд бе раводид мерафтем, вале баъд аз соли 2000-ум ҳукумати кишвари ҳамсоя раводид ҷорӣ кард.

Он сол мо мехостем дар ин конфронс ширкат карда, қарордод бандем ва як миқдор пахтаи маҳиннах бихарем. Аз Асадулло хоҳиш кардем, ки аз Вазорати робитаҳои иқтисодии хориҷии Ӯзбакистон, ки ӯ дар он ҷо кор мекард, ба мо даъватнома фиристад. Ин кор бо душворӣ ба ӯ муяссар шуд. Фиристодани даъватнома дуру дароз кашол ёфт. Мо як моҳ қабл аз саршавии конфронс иқдом карда бошем ҳам, ҳамагӣ 5-6 рӯз пеш ба мо даъватнома омад ва ниҳоят мо раводид гирифта ба Тошканд рафтем. Вақте ба Тошканд расидем, Асадулло моро пешвоз гирифт ва қазияро нақл кард.

Ӯ баробари дархости мо, ба шуъбаи робита бо хориҷаи вазорат нома навишта хоҳиш кардааст, ки даъватномаро ба сафорати Ӯзбакистон дар Душанбе ирсол кунанд. Онҳо кашолкориву баҳонаҷӯӣ карда, корро иҷро накардаанд. Вақте Асадулло мебинад, ки вақт кам мондааст, ба назди мудири он шуъба рафта мепурсад, ки сабаби кашолкорӣ чист. Мудири шуъба, ки хонум будааст, забон хоида мегӯяд, ки меҳмонҳои

Шумо аз Тоҷикистонанд ва мо мутмаин нестем, ки чи касонеанд. Асадулло ба шӯр омада, ба он хонум мегӯяд:

– Онҳо аз Шумо бехтаранд!

Гарчанде ҳукумати вақти Ӯзбакистон тамоми саъйашро карда буд, ки муносибат байни ду кишвар ба сардиву нестӣ расад, вале решаи дӯстии мардуми ҳарду тарафи марз аз дилҳо месабзид.

## *ӮЗБАКИСТОН*

Солҳои аввале, ки ман ба тиҷорати пахта машғул шудам, маводи сӯхт ва нуриҳои минералиро мо аз Ӯзбакистон ворид мекардем. Ҳамин ду мавод қисми асосии хазинаҳои рӯёндани пахтаро ташкил мекунанд.

Дар Ӯзбакистон тавлид ва содирот асосан дар дасти давлат буд. Онҳо Вазорати махсус доштанд, ки муносиботи иқтисодии хориҷиро танзим мекард. Дар назди ин вазорат ширкатҳои ихтисосии давлатӣ фаъолият мекарданд, ки масъули содироти ин ва дигар ашё буданд.

Ҳукумати Ӯзбакистон аввали ҳар сол барои маводи содиротӣ нархнома эълон мекард ва ин ширкатҳо тибқи нархномаи тасвибкардаи ҳукумат қарордодҳои содиротӣ мебастанд. Одатан, нархи маводи содиротии Ӯзбакистон барои харидорони хориҷӣ миёнаҳои моҳи январ эълон мешуд, вале пас аз эълони он сарвазири Тоҷикистон ба Тошканд рафта, музокира мекард ва ҳукумати он кишвар барои Тоҷикистон шароити хос муқаррар мекард. Фақат баъд аз он мо бо ширкатҳои давлатии содиротии онҳо қарордод баста, маъмулан маводи сӯхту нуриҳои минералиро бо тахфифи 25%, ки байни ду давлат муоҳида мешуд, мехаридем. Фикр мекунам, ин ва дигар тахфифҳо навъе ҷуброн

дар муқобили оби рӯдхонаҳои Омуву Сир ва Зарафшон буд, ки бояд аз нав ба роҳ монда шавад.

Баъд аз сард шудани робитаҳо, як сол ин имтиёзҳо дода нашуданд ва мо маҷбур шудем маводи сӯхту нуриҳои минералиро аз Ӯзбакистон бо нархи ҷаҳонӣ бихарем. Соли дигараш ҳукумати Ӯзбакистон содироти маводи сӯхт ва нуриҳоро ба Тоҷикистон тамоман манъ кард. Дар натиҷа мо маҷбур шудем ин маводҳоро аз кишварҳои дигар ворид кунем, ки нархи роҳ ҳам ба арзиши онҳо изофа шуда, якбора нархашонро гарон кард ва арзиши аслии парвариши пахтаро боло бурд. Он солҳо пахта манбаи асосии даромади арзии кишвар буд. Ислом Каримов дониста, як зарбаи дигари ҳалокатовар ба камаргоҳи иқтисоди кишвари ман зад.

Соли 1999 ман дар конфронси пахтаи Ӯзбакистон иштирок кардам, ки он дар меҳмонхонаи «Интерконтинентал»-и шаҳри Тошканд гузашт ва дар он ҷо намоиши дастовардҳояшон дар соҳаи пахтакориро низ ташкил карда буданд.

Ба гуфташон, ба фарқ аз навъҳои пахтаи замони шӯравӣ, навъҳои нави пахтаро рӯёнда буданд, ки дарозиву борикӣ ва муқовимати нахи он бамаротиб беҳтар буд. Ғайр аз ин, мегуфтанд, ки ҳосилнокияш низ аз се то чор тон аз ҳар ҳектар аст. Албатта, он замон мо ба ин иттилооти онҳо чандон бовар намекардем, зеро онҳо зиёд муболиға мекарданд. Масалан, пас аз рӯзи аввали конфронс музокирот таъин мешуд ва дар он сарони ширкатҳои тиҷоратӣ бо сарони ширкатҳои содиротии Ӯзбакистон музокира карда, қарордодҳои хариди пахта мебастанд. Дар поёни он рӯз вазири иқтисодашон суханронӣ карда, аз натиҷаҳои музокирот ва ҳаҷми қарордодҳо гузориш медод. Одатан, дар ин гузориш миқдори пахтаи фурӯхташударо аз будаш хеле бештар эълон мекарданд. Мо, ки аксари ширкатҳоро мешинохтем, аз ҳаҷми қарордоди бастаашон огоҳ будем, вақте ки гузориши вазирро гӯш мекардем, онро бо лабханд қабул

мекардем. Вале тарафи Ӯзбакистон ин корро махсус мекард, зеро эълони фурӯши ҳаҷми болои пахтаи Ӯзбакистон ба паст нашудани нарх мусоидат мекард, ки ин ба манфиати онҳо буд.

Бо назардошти ин ва дигар бозиҳои ҳушмандонаи онҳо, мо ба мушаххасоти навъҳои нави пахтаашон низ бо истеҳзо менигаристем, вале баъдан маълум шуд, ки онҳо воқеан заҳмат кашида, сифату самараи пахтаи худро ба сатҳи ҷаҳонӣ баровардаанд, ки имрӯзҳо ҳам шоҳиди ҳаҷми бесобиқа боло ва дар тамоми ҷаҳон серхаридор буданаш ҳастем.

Он сол раиси бурси пахта ва намояндагони Вазорати кишоварзии Тоҷикистон низ дар ин конфронс ширкат доштанд. Ғайричашмдошт, тарафи Ӯзбакистон хоҳони баргузории мизи гирд бо мо – ҳайати Тоҷикистон шуд. Дар вохӯрӣ аз тарафи Тоҷикистон раиси бурси пахта, як намояндаи Вазорати кишоварзӣ ва ду-се нафар сарони ширкатҳо иштирок кардем. Ҳайати Ӯзбакистонро Вазири робитаҳои иқтисодии хориҷияшон ҷаноби Ғаниев сардорӣ мекард.

Дар давоми суҳбат маълум шуд, ки тарафи Ӯзбакистон ба мо пешниҳодҳои мушаххас доштааст. Онҳо аз мо хоста буданд, ки дар фурӯши пахта ҳамкорӣ кунем, то нархи пахта паст зада нашавад, ки ба суди ҳарду тараф буд. Инчунин ҷаноби Ғаниев пешниҳодоти имтиёзноке ҳам дар бораи ҳамкорӣ дар соҳаи тухмии баландсифати пахта карда буд. Пешниҳодҳои онҳо барои мо воқеан судовар буданд, вале намояндагони давлатии ҳайати мо зарфияти дарки ин масъалаҳоро надоштанд ва бо сар ҷунбондану «мебинем, баррасӣ мекунем» гуфтан иктифо карданд. Дар ҳоле, ки пешниҳодҳои онҳо ба суди мо буд ва мо бештар аз онҳо ба ин ҳамкориҳо ниёз доштем.

Дар масъалаи мушкилоти соҳаи пахтапарварӣ ва роҳҳои ҳалли он ман мақолаи муфассале навишта будам, ки дар рӯзномаи «Азия Плюс» нашр шуда буд. Чун он мақола ба забони русӣ буд ва хеле ихтисосӣ аст, дар ин ҷо оварданаш лозим дида

нашуд. Вале барои алоқамандон он дар суроғаи: http://old.news.tj/ru/newspaper/article/pyat-prichin-gubyashchikh-tadzhikskoe-beloe-zoloto дар дастрас аст.

## *МАҲИННАХ*

Албатта, кишвари ҳамсоя мушкил ва мушкилсозони худашро дошт, ки имрӯзҳо ошкор шуд. Воқеаи ҷолиберо аз ин навъ бихонед.

Парвариши пахтаи навъи маҳиннах фақат дар иқлими хос имконпазир аст. Ин навъ рӯзҳои офтобии бештар металабад. Нахи ин навъи пахта нисбат ба навъҳои миёнанах дарозтару зарифтар буда, муқовиматаш ба кандашавӣ низ болост ва табиист, ки нархаш ҳам гаронтар аст. Сифати матоъҳои аз ин навъи пахта тавлид мешуда бамаротиб беҳтар аст.

Иқлими баъзе минтақаҳои Амрико ва Миср барои парвариши ин навъ мутобиқанд. Амрикоиҳо номи тиҷории ин навъи пахтаашонро Pima ва мисриҳо Giza меноманд. Баъзе ширкатҳои либосдӯзие, ки либосҳои гаронқимат медӯзанд, дар барчаспҳои либос бо ифтихор менависанд, ки матоъи он аз пахтаи навъи Pima ё Giza аст.

Дар ҷануби Тоҷикистон, иқлими ноҳияҳои Панҷ, Қумсангир, Колхозобод, Шаҳртус ва Қубодиён барои парвариши пахтаи навъи маҳиннах мусоид аст. Он солҳо дар Тоҷикистон ҳамагӣ 5-6 ҳазор тон ҳамин навъи пахта истеҳсол мешуд. Ногуфта намонад, ки корхонаҳои тозакунӣ ва корхонаҳои ресандагии ин навъ низ технолоҷӣ ва таҷҳизоти дигаргун доранд.

Якчанд колхозе, ки мо маблағгузорӣ мекардем, аз ин навъи пахта парвариш мекарданд. Ҳар сол мо як миқдори маҳдуд аз ин навъи пахта низ содир мекардем ва харидорон доим ҳаҷми бештар дархост мекарданд.

Он сол ман хостам аз Ӯзбакистон, ки ин навъро ба ҳаҷми боло тавлид мекард, як ҳазор тон бихарам. Бо ҳамин мақсад ба Тошканд рафта будам. Аз чанд нафар кормандони ширкатҳои содиротӣ хоҳиш кардам, ки пешниҳод бидиҳанд, вале онҳо забонхоӣ мекарданду мегуфтанд, ки ин навъи пахта дар номгӯи пешниҳодашон нест. Ба саволҳои «чаро»-и ман китф дарҳам мекашиданду ҷавобе намедоданд. Кунҷковиям боло гирифта, таҳпурсӣ кардам ва маълум шуд, ки фурӯши ин навъи пурдаромади пахта инҳисори духтари Раиси ҷумҳур Гулнора Каримова будааст, дар ҳоле ки фурӯши пахта дар ин кишвар давлатӣ буд.

## *ХУСУСИГАРДОНӢ*

Баъд аз пошхӯрии Шӯравӣ хусусигардонии милк ва корхонаҳо шурӯъ шуд. Дар Тоҷикистон ин маърака баъд аз оштии миллӣ ривоҷ гирифт. Корхонаҳо аз тариқи музоядаҳо ба фурӯш бароварда мешуданд. Созмонҳои байналмилалии молӣ ба ҳукумат фишор меоварданд, ки ҳарчи зудтар корхонаву муассисаҳои давлатиро бифурӯшад ва моликияти хусусиро ривоҷ диҳад. Ва аксаран ин хусусигардониҳо саросема ва бе барномарезии лозима анҷом мешуд, ки натиҷаи дилхоҳро надод.

Ҳукумати шӯравӣ занҷираи қавии тавлиду истеҳсолотро бо харҷҳои сангин тӯли солҳои дароз сохта буд. Албатта, фаъол нигоҳ доштани ҳамаи он аз имкон хориҷ буд, вале аксари онҳоро бо тағйири масири фаъолият мешуд зинда нигоҳ дошт ва кор фармуд.

Дар соҳаи кишоварзӣ низ ин ислоҳот қадам ба қадам роҳандозӣ мешуд. Сараввал корхонаҳои пахтатозакунӣ ба фурӯш гузошта шуданд. Барномаи хусусигардонии соҳаи кишоварзӣ ва корхонаҳои пахтатозакунӣ зери назари Бонки ҷаҳонӣ ва намояндагони он амалӣ мешуд. Дар замони шӯравӣ тақрибан,

ҳар ноҳияи пахтакори Тоҷикистон як корхонаи пахтатозакунӣ дошт. Ҳамин корхонаҳо аз тариқи музояда ба фурӯш гузошта шуданд. Дар раванди ин маърака шоҳиди ҳодисаҳои аҷибе шудам.

Мо бо сармоягузорони хориҷӣ маслиҳат карда, онҳоро розӣ кунондем, ки бо сармоягузории муштарак ду корхонаи пахтатозакуниро бихарем. Ширкати мо он замон дар ноҳияҳои Шаҳритусу Қубодиён ба хоҷагиҳои пахтакор маблағгузорӣ мекард. Мо бовар доштем, ки дар ҳоли харидани корхонаҳои пахтатозакунии ин ду ноҳия, масъалаҳои зиёд ҳалли худро меёбанд. Аввалин имтиёзе, ки ин корхонаҳо медоданд, ин буд, ки тамоми пахтаи ҷамъоваришудаи ноҳия ба анбори корхонаи пахтатозакунӣ ворид шуда, ҳамчун кафолати баргардонидани маблағгузории хориҷӣ хизмат мекард. Дар ин ҳол хатари барнагаштани сармоя коҳиш меёфт ва хориҷиён метавонистанд ба хоҷагиҳо қарзҳои дарозмуддат ва бо имтиёз диҳанд, ки ба рушди соҳа мусоидат мекард.

Ман боре, ин андешаи худро ба намояндагони Бонки ҷаҳонӣ ва Корпоратсияи байналмилалии молӣ арз карда, пешниҳод кардам, ки корхонаҳои пахтатозакунӣ фақат бо ҳамин шарт, яъне кафолати маблағгузории соҳаи пахтакорӣ аз сӯи соҳибони нави ин корхонаҳо фурӯхта шаванд, вале онҳо ба ин ҳатто аҳамият надоданд. Ва вақте ман эътироз кардам, ки ин низоми ба заҳмати зиёд ва харҷи миллиардӣ сохташуда аз кор хоҳад уфтод, роҳбари он ҳайат «боиси таассуф хоҳад буд», гуфт. Нобуд шудани як соҳаи муҳимтарини хоҷагии халқи кишвари ман, бароям ҳамагӣ «боиси таассуф» буд, на беш аз ин!

Мо ба музояда пешниҳоди хариди ин ду корхонаро ба маблағи ду миллиону дусад ҳазор доллар додем. Нархе, ки мо пешниҳод кардем, баландтарин нарх дар музояда буд. То ин вақт ҳеч корхонаи пахтатозакунӣ ба ин нарх фурӯхта нашуда буд. Ин муомила, аз як сӯ, маблағи калоне ба буҷаи давлат ворид

кунад, аз сӯи дигар, пешравии назаррасе дар соҳаи пахтакории ин ду ноҳия эҷод мекард.

Вале дар музояда ба ҷои ширкати мо як ширкати беноми дигар ғолиб омад, ки боиси ҳайронии ҳама шуд. Вақте ки ман пайгирӣ кардам, маълум шуд, ки раисони он корхонаҳо бо раисони он ноҳияҳо забон як карда, аз масъулони музояда хилофи қоида, ҷузъиёти пешниҳоди моро фаҳмида, маблағи калонтареро фақат ба хотири коршиканӣ пешниҳод карда буданд. Дар натиҷа, онҳо корхонаҳоро нахариданд ва он ба музоядаи нав гузошта шуд, вале сармоягузорони хориҷӣ аз фасод огоҳ шуда, дигар аз иштирок дар музояда даст кашиданд. Ҳамин тавр, як имкони хуби рушди ин ду ноҳия аз даст рафт.

❁ ❁ ❁

Дар яке аз музоядаҳои баъдӣ дар хариди корхонаи пахтатозакунии ноҳияи Қубодиён, айнан ба ҳамин минвол раиси вақти ноҳия баранда шуда буд. Ӯ ба мо пешниҳод кард, ки маблағи хариди корхонаро пардохт карда, онро бихарем. Ба маҳзи пардохтани маблағ, ӯ ба фиребу найранг оғоз кард ва ним сол моро дарди сар дод. Хушбахтона, мо қарордоду аснодро дуруст таҳия карда будем ва ӯ ноилоҷ саҳмияҳои корхонаро ба ширкати мо дод. Вай як марди пасту сифла буд, ки бо овардани ҷузъиёти аъмолаш намехоҳам вақти пурқимати хонандаро зоеъ кунам. Албатта, муомилаи ин корхона ҷузъиёти ҷолибе ҳам дорад, ки шояд дар фурсати муносиб онро ҳам бинависам. Ҳамкорӣ бо ин раис боиси дарди сар зиёд шуда бошад ҳам, ниҳоят мо соҳиби саҳмияи ин корхона шудем. Вале кош намешудем!

Он замон дар кишвар фармондеҳони зиёд фаъол буданд, ки қисмҳои низомии нимашахсӣ доштанд. Ин фармондеҳони мафиягуна минтақаҳои кишварро байни худ тақсим карда гирифта буданд ва дар «қаламрав»-и худ ғайриқонунӣ салоҳияти зиёд доштанд. Аз ҳама боҷ мегирифтанд, мардумро тороҷ мекарданд,

ҳатто ба кори мақомоти давлатӣ дахолат мекарданд. Баъд аз он ки мо корхонаи мазкурро харидем, як гурӯҳ силоҳдорон ба офиси мо омада, таҳдид карданд, ки ин корхона моли онҳост ва ҳарки онро харидааст, аз ҷонаш сер шудааст.

Ман ба мақомоти давлатӣ арз карда бошам ҳам, касе ёрои бо ин гурӯҳ сар ба сар шуданро надошт. Ман маҷбур шудам, ки барои ҳифзи маблағҳои сангини барои харидани ин корхона сарфкардаам, ба инҳо боҷ диҳам. Саҳмияҳои ин корхонаро ман як бор аз давлат, бори дувум аз инҳо харидам. Вале маълум шуд, ки ҳоло ҳам ман молики ин корхона нестам.

Он замон ман тақрибан дар офис наменишастам, ҳамаи вақтам дар бонку саҳро мегузашт. Чандин бор, дар набудани ман, қосиде аз номи он фармондеҳ ба офис омада, маро суроғ мекард. Албатта, ман аслан хоҳиши дидан ва суҳбат бо онҳоро надоштам, вале зангҳои таҳдиддори телефонӣ оғоз шуданд. Ночор будам, фарёдрасе надоштам ва таҳдиди инҳоро наметавонистам нодида бигирам. Аз корномаи зулму хунхории онҳо хуб огоҳ будам. Бояд вомехӯрдам ва мушкилро ҳал мекардам. Ниҳоят рӯзе он қосид омад ва амр кард:

– Рафтем, командир нигаҳат дорад.

Ба мошин нишаста, аз Исмоил хоҳиш кардам, ки аз пасаш биронад. Ба назди дарвозаи қисми низомӣ дар Қулписта расида, мошинро гузоштем ва аз паси қосид дохил шудем. Фармондеҳи манфур дар ҳалқаи як гурӯҳ низомиён, ки ҳар гуна либоси низомии саҳроӣ дар бар доштанд ва дар либоспӯшӣ аз Пакана кам фарқ мекарданд, суҳбат мекард. Дуртар, дар майдон қаторҳои сарбозон ба машқ машғул буданд. Чанд зиреҳпӯшу тонк ҳам дар канори он майдон қатор меистоданд ва дар атрофаш сарбозон ҷунбуҷӯл доштанд. Командир моро дидан баробар, ба сӯи ман ишора карда, фарёд кашид:

– Ин муҳофизша овардай, ки мора битарсона?!

Намуди зоҳирии паҳлавононаи Исмоил дар зеҳни ӯ таваҳҳум эҷод карда буд. Шоеъоте, ки ӯ муътоди маводи мухаддир аст, исботи худро меёфт. Вагарна, чӣ мантиқе метавонад пушти ин иддаъо бошад? Ӯ бо он ҳама сарбозу тонку тӯп ва ман бо як «муҳофиз»-и дасти холӣ омадаам, ки ӯро тарс диҳам?!

Ба атрофиёнаш дастур дод:

– Баред, бифаҳмонедаш, ман баъд миём!

Чанд нафар атрофи моро ҳалқавор печонда ба сӯи бино бурданд. Раҳораҳ аз пушт тела медоданд, аз чапу рост бо оринҷ мезаданд ва таҳдид мекарданд. Ман ба як зарра – лахти энерҷӣ табдил ёфта будам. Ончунон рагу паям кашида шуда буд, ки фикр мекардам агар сар диҳам, ба ҳаво мепарам. Ҳолати аҷибе даст дода буд, ки аз тасвираш оҷизам. Ман дар ҳолати омодабоши тамом қарор доштам. Медонистам, ки хатари воқеӣ ба ҳаётам таҳдид мекунад. Вале, аслан ҳисси тарс надоштам. Хеле мунсаҷим будам, вале хунсард. Мағзам алоҳида кор мекард. Ба ман машварат медод. Гӯё ман ду нафар будам. Ҷисмам дар ҳолати омодабоши шадид қарор дошт, вале мағзи сарам комилан равшан ва зуд кор мекард. Ҳаракоту ҳарфҳои онҳоро таҳлил мекард.

– Фикр кардӣ, дунё бесоҳиб аст?

– На, медонам, шумо фикр мекунед, ки соҳиби дунё шумоед, - ҷавоб медод майнаам ва фақат гӯшҳои ман ҷавобҳои ӯро мешуниданд.

– Эй, дар ҳамон ҷогаҳи хобат, дар Панҷакентат ай тиреза мепаронемут, фикр мекунӣ, мо хоната дар уҷа намедонем?

– Намедонӣ, тирезаи хонаи хоби ман баланд аст, дар муқобилаш чизе нест, ки аз рӯи он баромада нишон гирӣ. Лоф. Тарсондан мехоҳад, - гӯшзад мекард майна.

– Ягон гапи командира нагирӣ, ҳамин ҷо мепарронумта.

– Туфангаш дар миён аст, таҳдидаш воқеист, хуни ноҳақ зиёд рехтаанд инҳо, - хулоса кард майна. Муште сарамро такон дод.

– Ҷавоб надеҳ, вақташ нест, инҳо ҳамаш тарсдиҳӣ аст, - фармон дод майна. Ҳамин тавр моро задаву тела дода, ба як утоқи дароз, ки бо мизу курсиҳо муҷаҳҳаз буд даровarda, дар курсиҳои бехи девор шинонданд ва дӯғу пӯписа идома ёфт.

– Ба чашмони онҳо нанигар, то командираш омада, суҳбат накунад, намепарронанд, фақат бо ин фишорҳо тарсонда гапдаро кардан мехоҳанд, - дастур дод майна. Таҳдид идома кард.

Пас аз муддате, «командир» даромад ва ҳама «смирно!» гуфта қад кашиданд.

– Номут чияй, эшон? - нахуст ба Исмоил муроҷиат кард ӯ, аз назди мо гузашта ба сари мизи корияш рафта. Дар Тоҷикистон ҳар каси ришдорро «эшон» меноманд. Мо ҳам дар корхона Исмоилро ҳама «Эшон» ном мебурдем.

– Исмоил, - ҷавоб дод Исмоил.

– Аслут ай чоай? - саволи ҳамешагии тоҷикиро дод командир. Маҳалли шахс барои мо тоҷикон муайянкунандаи тамоми муносибати баъдиямон бо ӯст.

– Аз Масчо, - кӯтоҳ ҷавоб дод Эшон.

– Ээ, ту ай худмон будай-ку! - бонги шодӣ зад муътод, гӯё бо ҳамин Исмоилро ба гурӯҳи худаш шомил карда, маро танҳо гузошт.

– Фаҳмонден ина? - бонг зад ба зердастонаш ба ман ишора карда.

– Фаҳмид, командир, - қад кашида даст ба чакка бурд яке аз онҳо. Нигоҳи командири дарандахӯй ба сӯи ман гашт ва тамоми садояшро сар дода, дод зад:

– Ту фикр кардӣ дунё бесоҳибай? Заводи Қабодиён ай манай, уна ман ай дасти Маҳмуд Худойбердӣ зада гирифтагиюм. Ун завод расходои (ҳазинаҳои) части (қисми низомӣ) мара мета. Ура мехаридагӣ ай очаш наброmадай. Ту зӯрӣ? Ба кадом ақл заводи мара харидӣ?

– Ором ҷавобашро деҳ,- фармон дод майна.

– Ман ҳақи туро додам, - садоям гирифта баромад.

– Тту... Ччӣ? Кадом ҳақ?! Ба кӣ додӣ?! - телба шуд ӯ.

– Худат медонӣ, - гуфта будам, ки ӯ давоми гапамро бурида, ба зердастонаш дод зад:

– Бирен ай ин ҷо!

Онҳо утоқро холӣ карданд.

– Ба кӣ додӣ? - оромтар пурсид аз ман. Ба кӣ ва чӣ қадр пул доданамро гуфтам.

– Меравӣ, ҳамонро ёфта ҳамроҳат меорӣ, бинем пула куҷо кардаст, - гуфт ӯ ба хаёл рафта.

– Ман медонам куҷо кард, - ҷавоб додам ман.

– Куҷо кард? - пурсид ӯ.

– Ба оилаат дод, рӯзи Рига рафтанаш, - ман дигар на хоҳиши инашро дидан доштам ва на онашро. Дар кашмакашу даъвои онҳо ширкат кардан ҳам намехостам. Бояд ҳамин ҳозир ҳал кунам ва дигар рӯи инҳоро набинам. Далели ман қонеъкунанда буд, магар, ки ӯ оҳанги гапашро комилан тағйир дод.

– Ай ҳамин рӯз эътиборан, барои худут «зелений свет», ина ҳамиҷа биё, мора хабар бигир, дига бихур бигард, сақата ғам набоша. Касе ғамут дод, мара гап зан. Фақат барои он ки касе ғамут ната, ҳамин як баччаи мара дар завод раис мон, корот хуб мешава, - ниҳоят сари мақсад омад, мехост одами худашро ба тими ман ворид карда, маро ба боҷдиҳандаи доимӣ табдил диҳад.

– Ман шарикони хориҷӣ дорам, онҳо розӣ намешаванд, - ҷавоб додам ман. Ин ҷавобамро ҳам рад накарда қабул кард. Пас аз ин, ҳарфҳои зиёд дар бораи ҳамкорӣ гуфту ба ман пуштибонӣ пешниҳод кард ва моро бароварда, дар назди зердастонаш эълон кард:

– Ай ҳамин рӯз ино баччаҳои худмонанд, ҳеч кас чақашон нашава!

Мо оромона баромада рафтем. Ман дар давоми ду соле, ки молики он корхона будам, аз дахолати мақомот ва дуздиҳое, ки дар он ҷо мешуд, ба дод омада, охир он корхонаро фурӯхта, халос шудам.

## ГАРАВГОНГИРӢ

Ҷанги шаҳрвандӣ тақрибан шаш моҳ ба таври задухӯрди рӯёрӯй дар дохили кишвар амал карда бошад ҳам, аз соли 1992 то аввали солҳои 2000-ум аҳолии кишвар дар ҳоли муҳосира зиндагӣ мекарданд. То баргаштани мухолифон аз Афғонистон як зумра фармондеҳон бедодгарӣ мекарданд. Баъд аз оштии миллӣ ва имзои Созишномаи сулҳ, ҷангиёни мухолифон низ ба кишвар ворид шуда, авҷи бедодгариро ба фалак расонданд.

Шабе ногаҳон хабар расид, ки Абдулҳакимро рабудаанд. Ман зуд ба ҷои воқеа расидам, ки мошинаш гирон дар даромадгоҳи гаражаш бо дарҳои кушод истода буд ва аз худаш нишоне набуд. Милиса ҳам расида омад, ҳамаро пурсида санад тартиб дод.

Ин воқеа соли 1999 рӯй дода буд. Он замон ҷангиёни мухолифон аз Афғонистон баргашта, ҳамроҳашон гаравгонгирӣ, террор ва дигар касофаткориҳои дар мактабҳои Покистону Афғонистон омӯзиш дидаашонро оварда буданд. Тахмин мекардам, ки ӯро гаравгон гирифтаанд. Вале мутмаин набудам, дилам ба сад кӯчаву тангкӯча мерафт. Чӣ фикрҳое аз сар намегузашт. Ба ҳавлӣ омадам, ки ҳама ҳамкорону хешу таборон хабар ёфта, ҷамъ омадаанд. Ҳама ба ман нигоҳ мекарданд, интизор буданд, ки ман чӣ мегӯям. Дидани қиёфаи хоҳарбузургам, ки хеле коҳида буду чашмонаш аз гиря варам карда буданд, бароям сангин буд. Ман ӯро хеле дӯст медорам. Хеле зиёд! Фақат ӯро

тасалло додам, ки ман ӯро меёбам, пагоҳ рӯз шавад, аз пасаш мешавам. Дигар ҳарфе барои гуфтан надоштам.

Бо хомӯшӣ шабро дар курсиҳо нишаста, рӯз кардем. Саҳар рӯз нашуда, боз дӯстону ҳамкорони дигар хабар ёфта меомаданд. Ҳама воқеан андӯҳгин буданд, мисли ман узве аз баданашонро гум карда буданд. Дар он рӯзҳои вазнин дӯстони зиёд шабу рӯз дар канори оилаи мо буданд. Тамоми майдонҳои киштзори атрофи шаҳр, ҷуйбору рӯдхонаву заҳбурҳо, бемористону сардхонаҳоро кофтанд. Доим дар тамос бо милисахонаҳо буданд. Ҳеч ҷӯгиву фолбине намонд, ки нарафта бошанд. Ман заҳмати якояки онҳоро ёд дорам, миннатдорам ва ҳеч гоҳ фаромӯш намекунам.

Устод Сорбон омада, дилбардорӣ карданд ва гуфтанд, ки бо дӯсташон генерали амният Худойқул Ҳамроқулов суҳбат кардаанд ва ӯ интизори мост, салоҳ аст, ки наздаш биравем. Ба назди ҷаноби Ҳамроқулов рафтем ва ман буду шуди корро гуфта додам. Ӯ як афсарро даъват карда, супориш дод ва он афсар тамоми ҷузъиёти ҳодисаро навишта гирифт ва ваъда дод, ки ба зудӣ ҷои Абдулҳакимро пайдо карда, ӯро озод мекунад. Инчунин ӯ ба ман омӯзиш дод, ки дар ҳолатҳои зарурӣ чи гуна рафтор намоям. Гуфт, ки дигар ба идораи амният наоям, онҳо аз паси ман ва ҳавлии мо назорати 24-соатӣ таъин карда, худашон аз ҳама кор огоҳ хоҳанд шуд. Ман хеле рӯҳбаланду дилпур шудам, ки дунё соҳиб дорад ва мақомоти кишвар бародарамро пайдо карда, ҷинояткоронро ҷазо медиҳанд.

Вале албатта, худам ҳам даст рӯи даст нишастанӣ набудам. Нақша кашидам, ки ман бо Зокирҷон ва Исмоил ба назди фармондеҳони мухолифон меравем ва якояки онҳоро мебинем. Гаравгонгирӣ ваҳшитарин ҷиноят аст, ки ҷангиёни мухолифон ба кишвар ворид карда буданд. Ин ҳама сол кишвар дар муҳосираи ҷангсолорон бошад ҳам, ҳеч гоҳ касе аз онҳо ин

касофаткориро ҳамчун роҳи пулкоркунӣ ба гӯшаи гумонаш роҳ надода буд.

Аз ёру дӯстоне, ки ба дастгирии мо ҷамъ омада буданд, хоҳиш кардам, ки тамоми сардхонаҳо, бемористонҳо ва милисахонаҳои шаҳри Душанбеву шаҳрҳои атрофро биҷӯянд. Ҳавлии моро маркази иттилоот таъин кардам.

Он замон дар Душанбе ва атрофи он дастаҳои мусаллаҳи ғайриқонунӣ амал мекарданд. Онҳо бо номи сардоронашон маъруф буданд. Дастаҳои Раҳмон Ҳитлер, Мансур Муаккалов, Ризвон, Саидмухтор ва ғайра бедодгарӣ мекарданд. Молу ҷони мардумро тороҷ мекарданд, роҳзанӣ мекарданд. Гаравгонгирӣ низ яке аз роҳҳои даромадашон буд. Ҳар рӯз мешунидӣ, ки писари фалониро, бародари бисмадониро гаравгон гирифтаанд ва ба ивази пардохти пул раҳо кардаанд. Ҳар номаъқулие, ки хоҳанд, мекарданд. Ангор инҳо човандозони муғул буданд ва мардумро буз мекашиданд.

Як тоҷире буд, ки Алишер ном дошт. Ӯ бо умдафурӯшии маводи хӯрокворӣ машғул буд. Мағозаҳояш, ки дар наздикии истгоҳи роҳи оҳан ҷойгир буданд, ба номи «Сафар сентр» хеле маъруф буданд. Бародари ҳамин тоҷирро гаравгон гирифтанд, маблағашро ҳам ситонданд ва боз ҳам раҳо накарданд, шояд кушта будандаш. Чашмони модараш аз ашкрезӣ кӯр шуд. Ва дере нагузашта, модари бечора аз ғам мурд.

Муовини раиси Бонки миллиро гаравгон гирифтанд, ки бо пардохти пули калон харидандаш.

Писари як дӯсти дигарамро гаравгон гирифта буданд, ки худаш дар мақомоти низомӣ кор мекард.

Махсусан, вақте ман ба ин табоҳкорӣ рӯбарӯ шудам, бо касони зиёде, ки аз дасти ин ҳайвонсиратон зулм дида буданд, шинос шудам ва қиссаҳои нафратангези онҳоро шунидам.

Бо дӯстон нақша кашидем, ки як-як ин силоҳбадастони табаҳкорро дида, пурсем, шояд суроғи Абдулҳаким пайдо шавад.

Як дӯсти дигарро, ки аз деҳаи Охтоқ буд, раҳнамо гирифта, ба минтақаи Теппаи Самарқандӣ, ки маскани Раҳмон Ҳитлер – яке аз ин одамсуратони ҳайвонсират буд, рафтем. Вақте ки аз кӯтал боло мебаромадем, ногоҳ аз пушти дарахт ду сарбози мусаллаҳ баромада, пеши мошинро гирифтанд. Роҳбаладм мо фуромада, бо онҳо салом кард ва онҳо мошинро тафтиш карда, ба мо иҷозати гузаштан доданд. Каме болотар як нафари дигар рӯи роҳ баромад. Роҳнамои мо «Раҳмон ҳамин аст», гуфта, ба ронанда Зокирҷон ишора кард, ки мошинро нигоҳ дорад. Мо пиёда шудем ва ба назди он булаҷаб рафтем. Қади ӯ тақрибан яку шаст, ришаш то ноф, либосҳои низомии танаш аз худаш бузургу овезон буданд ва боз ҳам қади ӯро пасттар нишон медоданд. Сураташ аз сираташ беҳтар набуд. Номаш Раҳмон Ҳитлер бошад ҳам, ман дар зеҳнам ӯро «пакана» номидам.

– Ҳа, эшон, чӣ гап? -гуфта аз роҳбаладм мо савол кард Пакана. Роҳбаладм моро, ки аз зоти эшонон будааст, дар ин ҷо ҳама мешинохтанд ва «эшон» хитоб мекарданд.

– Ҳамин бародаро як бародарашонро гум кардаанд, омадем пурсем, ки шумо ягон хабар надорен? - гуфт роҳбалад.

– Кӣ бдай? Номуш чияй? - пурсид Пакана, ки ангушташро ба бинияш халонда, чизе мекофт. Зокирҷон, ки лаҳҷааш ба ӯ монанд буд, фаҳмонда дод.

– Ай ҳаштоду ду гирифтануш? - зеҳни Пакана банди чизе буд, ки такроран пурсид.

– Ҳа, тақсир, - гуфт Зокирҷон.

– Мошинша нагирифтан? - боз пурсид Пакана, як тори ришашро шартӣ канда, пеши чашмаш оварда аз назар гузаронд ва чизи мекофтаашро наёфт магар, ки ба замин партофт.

– Не, тақсир, мошина нагирифтанд, - Зокирҷон ҷавоб дод.

– Читарӣ мошинай? - суоли навбатиро дод Пакана.

– Нексия, тақсир.

– Бачои ма мебдан мошиншам миёвардан, мо ҳоли итариша надорем, мода даркорай, - чашмони Пакана барқ пошид ва заҳрхандае карду - хай, ма ису усура мепурсум, ёфтум гавтон мезанум, - гуфт.

Мо аз назди Раҳмон Ҳитлер баргашта, ба ноҳияи Ваҳдат роҳ пеш гирифтем. Ҳолдонҳо ба мо гуфта буданд, ки яке аз хунхортарин силоҳбадастони ғайриқонунӣ Малиш номе дар роҳзаниву бедодгарӣ шуҳрат дорад. Мо қарор карда будем, ки якто-якто ҳар кадоми он роҳзанҳоро бибинем. Бояд Малишро пайдо мекардем.

Роҳро чанд ҷой ғавчӯб гузошта, нигоҳбонӣ мекарданд. Дар ин назоратгоҳҳо вақте мефаҳмиданд, ки мо ба суроғи Малиш равонем, фавран иҷозат медоданд, ки гузарем. Мисли ин ки Малиш дар ин ҷо хеле маъруфу бонуфуз буд.

Ногоҳ аз қафо як мошин басуръат омада, аз мо гузашт ва пеши роҳи моро баст. Аз дохили он як ҷавони низомипӯши мусаллаҳ фуромада сӯи мо омад. Мо ҳам пиёда шудем.

– Шумо ба ман кор доштен? - зоҳиран, ин Малиш буд. Ин як ҷавони 20-22-солаи хеле наҳиф буд. Бовари кас намеомад, ки ин ҳамон Малиши қотил бошад, ки корномааш хеле машҳур буд. Зокирҷон фаҳмонд, ки мо кӣ ҳастем ва чаро ӯро суроғ мекунем.

– Ма и корода кор надорум, мада бген кира куштан даркорай, пулша бтен, мекушумуш. Ма адиночкаюм (танҳогард), - ҳарисона моро аз назар мегузаронд Малиш.

Ин ҷо ҳам мо хабаре аз бародар наёфтем. Рӯзи дувум ҳам ҳамин тавр ба кофтуков машғул будем, вақте бегоҳ ба ҳавлӣ баргаштем, маълум шуд, ки касе ба падару модарам хабар бурда, ки бо ман ҳодисае рух додааст ва онҳо хеле нигаронанд. Хушбахтона, онҳо мехостанд садои маро шунаванд. Агар садои Абдулҳакимро мехостанд, чӣ кор мекардам? Вақте садои маро аз гӯшӣ шуниданд, боварашон намеомад. Модарам дуои нек мекарданд, ки хоре ба поям нахаладу худованд пеши роҳамро

кушояд, ки воқеан, ин фотиҳаи модар барои ман хеле саривақтӣ ва зарур буд.

Рӯзи чоруми кофтуков мо дар роҳ як хешованди Исмоил – Саидбекро вохӯрдем. Саидбек корманди милисаи роҳ буд. Вақте аз ҳодиса огоҳ шуд, ӯ ба мо пешниҳод кард, ки Командирро бубинем. Гӯё ноҳияи Ваҳдат пур аз командиру ҳитлеру қотил буд. Бо роҳнамоии ӯ мо ба қисми низомии мухолифон, ки чанде пеш аз Афғонистон баргашта ва дар дараи Ромит ҷойгир буд, рафтем. Нигаҳбони дарвоза роҳбаладди моро мешинохт магар, ки иҷозат дод ва мо ворид шудем. Ин як осоишгоҳе буд, ки мислаш дар замони шӯравӣ дар дараи Ромит зиёд буд. Ҳавлии бузурге дошт, ки дар он чанд низомӣ гаштугузор мекарданд ва як нафар бо либоси мулкӣ панҷоҳ-шаст қадам дуртар аз мо, тасбеҳ дар даст, қадам мезад.

– Ҳазрат, - ба сӯи ӯ ишора карда, гуфт роҳбаладди мо. Ман гиҷ шудам:

– Командир куҷост?

– Ҷое, ки ҳазрат ҳаст, командир чӣ даркор! - ва раҳораҳ тавзеҳ дод: - ин фармондеҳи баталиони биступанҷум, ҳазрати Муҳаммадӣ, командир сардори ситодаш Намоз. Бахтатон омад кард, ҳазратро ҳамаи фармондеҳони мухолиф ҳурмат мекунанд, ҳозир аз худаш ёрӣ хоҳиш мекунем. Мо пасиҳам ба сӯи ҳазрат равон шудем.

Як нафар аз низомиён зуд роҳ гашта, худашро ба роҳбаладди мо расонд ва салом карда, ҳол пурсид.

– Намоз командир, ҳамин бародарон як бародарашонро гум кардаанд, омадем бинем, барои ёфтанаш ёрдам карда метавонем, - гуфт Саидбек. Зоҳиран, ин ҳамон командире буд, ки мо ба суроғаш омада будем.

– Ному фамилияаш чист? - пурсид командир, мисли ин ки инҳо ҳама зиндонҳои гаравгонон доштанд ва рӯйхати номҳои онҳоро ҳам азёд медонистанд.

– Холиқов Абдулҳаким, - гуфтам ман бо беқарорӣ.

– Холиқ, Холиқ, ҳа, ҳа фаҳмидам, ба ҳазрат гап назан, ман медонам ӯ дар куҷост, - гуфт, садояшро паст карда командир саросемавор.

Ман дигар ҳеч рағбати бо Ҳазрат салом кардан надоштам. Тамоми вуҷуди ман ба ин командир таваҷҷуҳ дошт. Бародари ман дар дасти ин гаравгон буд.

Командир пеш даромада, моро то назди ҳазраташ бурд. Мо салом кардем. Ҳазрат як марди қоматбаланди сӣ-сиюпанҷсола буда, риши кӯтоҳе дошт ва то ба наздаш расидани мо тасбеҳ гардонда, ором-ором роҳ мерафт. Аҷибаш ин буд, ки ҳатто дар ҳавлии қисми низомие, ки худаш фармондеҳи он буд, чор ҷондори мусаллаҳ аз чор тарафаш ӯро ҳимоят мекарданд, ангор ӯ ба ҳеч кас эътимод надошт. Ҳатто ба худо!

Ин Муҳаммадӣ Тӯраҷонзода, фармондеҳи қисми низомии мухолифон буд.

Мо бо ӯ, ки Саидбекро хуб мешинохт, салом кардему баргаштем. Назди дарвоза бо командир суҳбат карданӣ шудем, ки гуфт:

– Шумо пагоҳ биёед, ман муайян кунам, ки ӯ ҳанӯз зинда аст ё не. Касоне, ки ӯро гаравгон гирифтаанд, хеле хатарноканд.

Ба саволҳои ман, ки кӣ гаравгон гирифтаасту магар намешавад ҳамин ҳоло наздаш биравем? - хандид:

– Ҷӯра, ин гуна корҳо ин тавр ҳал намешаванд. Агар ту онҳоро бинӣ, сиррашон фош мешавад, маҷбур мешаванд туро парронанд. Додаратро ҳам мепарронанд. Равед, пагоҳ биёед, ман то пагоҳ мебинам, шояд як исботе, ки воқеан ҳамон бародарат аст ва зинда аст, бароятон тайёр кунам, - ва Саидбекро канортар бурда, чизе гуфт. Саидбек омад ва мо аз дарвоза баромада ба мошин нишастем. Ӯ гуфт, ки пагоҳ вақти омадан, бояд ба қисми низомӣ хӯрокворӣ биёрем, зоҳиран ин ҳамон чизе буд, ки командир ба ӯ дар алоҳидагӣ гуфта буд. Ғайр аз ин, коман-

дир гуфта буд, ба ман расонад, ки ҳар гуна такудав ва тамос бо мақомот, махсусан амниятро бас кунам. Аз ҳар қадами дар ин рӯзҳо гузоштаи ман огоҳ буд, *лаънатӣ*!

Ман ниҳоят ҷои Абдулҳакимро пайдо кардам! Ман намедонистам чӣ тавр ба Саидбек миннатдорӣ баён кунам. Дар ҳолати ҳаяҷон будам. Гӯё аллакай Абдулҳакимро халос ҳам карда бошам.

Фикр мекардам, чӣ тавр метавонам худи имрӯз ӯро аз дасти ин ваҳшиён бигирам? Ба амният арз кунам? Инҳо то ҳол аз ҳар қадами ман огоҳ будаанд. Аз амният дар ин ҳама вақт ҳеч хабаре нест. Ман бо ду нафар роҳбалад тамоми командирҳоро гаштам, ҳатто ҷои гаравгонро пайдо кардам, вале аз онҳо ҳеч ҳаракате надидам. Шояд нисбат ба таъмини амнияти мо – шаҳрвандон, онҳо бо корҳои муҳимтаре машғуланд. Вагарна, чӣ гуна мешавад, ки ин авбошону ҷинояткорон шабу рӯз дар шаҳру деҳот ин ҳама бедод мекунанду амнияту милиса зиддашон чорае намебинанд?

Агар коре кунам, бо амниятиҳо вохӯрам, ҳатман ба гаравгон зарар мерасонанд. Чӣ бояд кард, чӣ, чӣ???

Майнаам беист кор мекард. Гиҷ шудам. Ҳама фикрро яксӯ гузошта, аз Зокирҷон хоҳиш кардам ба ҳавлӣ ронад, мехостам аз ҳама пеш ба хоҳарам хабар диҳам ва каме ҳам бошад, ӯро ором кунам. Бегоҳирӯзӣ ба хона расидем ва ба хоҳарбузургам хабар додам, ки ҷои Абдулҳакимро пайдо кардем. Ӯ ҳам ба саволборон сар кард, ки худам чаро ӯро надидам, чаро имрӯз халос накардам? Ӯ ҳам мисли ман хеле сода пиндошта буд. Фикр мекард бозии кӯдаконаи «рустшавакон» бошад. Агар ҷои касе ошкор шуд, ӯ ҳамон замон бояд аз панохгоҳаш барояд. Ман тамоми хатари вазъиятро дарк мекардам, вале наметавонистам ба ӯ фаҳмонам, бечора бе ин ҳам зачри зиёд кашида буд. Ман ба ӯ фақат инро гуфтам:

– Ҷои ӯ пайдо шуд, пагоҳ нишонаашро ба мо медиҳанд, баъд пул дода, халосаш мекунам, ту ором шав!

Дар асари чор шабонарӯзи бехобиву нимбедорӣ имшаб хобам бурда мондааст. Субҳ надамида, аз такон бедор шудам, ӯ ҳамон тавре, ки шаб назди тахт нишаста буд, ҳанӯз ҳам ҳамон тавр нишаста буду маро бедор мекард.

– Хез, хез, вақти рафтан шуд.

Берун ҳанӯз торик буд, шояд соат 4-5 буда бошад. Шаби дароз мижа таҳ накарда буд, фикр мекард агар бихобад, мо дер мекунем.

Мо ба мошин нону гӯшту дигар масолеҳи хӯрокворӣ бор карда, ба Ваҳдат равон шудем. Командирро дар қисми низомӣ пайдо накардем. Гуфтанд, ки ӯ дар хонааш деҳаи Бузбит будааст. Хӯрокворииро супурда, ба деҳааш равон шудем. Дилам ба сад кӯча мерафт, оё командирро дар хонааш пайдо мекарда бошем? Ман он қадр бетоқат будам, ки ба ҳар деҳа, ки наздик шавем мепурсидам, ки оё ҳамин деҳааш аст? Саидбек – роҳбалади мо ба ман мефаҳмонд: ин деҳаи Чиртак аст, баъди 4-5 километр ба Туркобод мерасем, ки хонаи Ҳазрат он ҷост, аз паси он деҳаи Бузбит мешавад, ки бо Туркобод ба ҳам часпидаанд. Вақте мо ба назди хонаи командир расидем, ӯ дар назди хонааш ба як гурӯҳ, ки аз мошин бор мефароварданд, роҳбарӣ мекард. Моро дида, назди мо омад ва гуфт:

– Ин бародарат духтур будааст-а? Хеле бачаи шӯх будааст. Бо бачаҳои мо унс гирифтааст, - аз даҳонаш баромада рафт.

Ман дигар исботе аз он, ки Абдулҳаким дар дасти ин гурӯҳи ҷиноятпеша аст, намехостам. Маълум буд, ки ӯ дар дасти ҳаминҳост. Гуфт:

– Ман бо Восит сухбат кардам, - гӯё ман Воситро мешинохта бошам - ӯ мегӯяд як миллион доллар биёрад, раҳо мекунам. Бародарат дар дасти Восит дар Ёвон аст, - иштибоҳи худро рӯйпӯш карданӣ шуд, ба ман бодиққат зеҳн монда.

Ман зуд худро ба даст гирифтам.

– Командир, ин пуле, ки мегӯед, агар ҳатто мавҷуд бошад, ҷамъ кардану оварданаш кори осон нест. Ман ҳама чизамро сарф мекунам, ки бародарамро бихарам, вале чизе гӯед, ки мантиқӣ бошад, - гуфтам.

Афсари амният ва дигар корафтодагон ба ман ёд дода буданд, ки ба шартҳои онҳо розӣ нашавам. Дар ҳоли розӣ шудан, онҳо ҳар замон шартро тағйир дода, пули бештар талаб карданашон мумкин буд.

– Мошин, хона ҳама чизи доштаамро медиҳам, вале ин шарти шуморо иҷро карда наметавонам, - илова кардам ман.

– Восит ҳама коратро медонад, бо колхозҳои Қабодиёну Панҷу дигару дигар кор карданатро бародарат гуфта додааст, ин пулҳо барои шумоҳо пуле нест, - бо истеҳзо гуфт командир.

Ва илова кард:

– Майлаш, ҳаштсадто меорӣ, ман Воситро розӣ мекунам. Вале агар аз ин кам гӯӣ, бародаратро куштанашон мумкин аст.

Мо ҳамакаса аз ӯ илтимос кардем, ки бо гаравгонгирон суҳбат кунад, ки шартро сабуктар кунанд, мо ҳам мебинем, ки чӣ қадр пул ҷамъ карда метавонем. Ӯ гуфт, ки пагоҳ оем. Ман илтимос кардам, ки маро назди онҳо барад, худам бо онҳо суҳбат мекунам. Ӯ аз густохии ман ба шӯр омада, «рав пагоҳ биё!», гуфта дӯғ зад. Ҳамроҳонам ҳам ҳарчанд илтимос карданд, ки ҳамин ҳоло рафта гапзанон кунад, мо интизор мешавем, розӣ нашуд. Вале ваъда кард, ки пагоҳ ба мо навори видеоӣ низ нишон диҳад, то Абдулҳакимро дида, бовар кунем, ки рост мегӯяд. Ин як шеваи дигари тарсафканӣ ва фишори равонӣ овардан рӯи ақрабои гаравгон будааст, ки вақте азизи худро дар банду зор мебинанд, бештар гапдаро мешаванд.

Мо ноилоҷ баргаштем. Фикр мекардам, ки чӣ гуна ақаллан як миқдор пул тайёр кунам. Ҳеҷ пули тайёре дар даст надоштам, тамоми сармоям дар болои колхозҳо монда буд, балки

қарздор ҳам будам. Мошину хонаву ҳама бисотро фурӯхтан вақт металабад, вале он ҳам пули зиёде намешавад. Чӣ бояд кард? Аз кӣ ёрӣ пурсам?

Ягона касе, ки ба зеҳнам расид, Ҷон Стэд буд. Бегоҳ ба офис рафтам, то шаб ба Амрико занг зада, аз ӯ маслиҳат пурсам, бубинам ёрие карда метавонад ё не? Вақте Ҷон аз қазия огоҳ шуд, гуфт:

– Мутмаин бош, мо дар канорат ҳастем, ҳатман ёрӣ мекунем, ман бо роҳбарият суҳбат карда, ба ту хабар медиҳам.

Пас аз суҳбат бо Ҷон каме дилпур шудам. Пагоҳ рафта, мебинам, ки командир чӣ мегӯяд, чӣ қадр поён мекунад? Тамоми имкониятро истифода мекунам, додарамро халос мекунам, ба он тарафаш худо подшост.

## *ОЗОД ШУДАНИ АБДУЛҲАКИМ АЗ ГАРАВГОН*

Аз хастагиву бемадорӣ рӯи нимтахти офис сахт хобам бурдааст. Аз садои тақ-тақи дар бедор шудам. Дарро кушода будам, ки Исмоил аз ҳаяҷон бо садои баланд:

– Абдулҳакимро милисаҳо оварданд, - гуфт.

– Кай? - фикр мекардам, хоб мебинам. Мағзам ҳанӯз бедор нашуда буд. Намефаҳмидам, ин ҳақиқат аст? Ё хоб?

Исмоил ба шаст аз зинаҳо поён рафт, бечора аз хурсандӣ ҷаҳида-ҷаҳида мерафт. Саросема давида, ба кӯча баромадам. Ӯ мошинашро мегардонд. Ман ба мошини худам нишастам, пасу пеш бо суръат ба ҳавлӣ шитофтем. Дасту поям меларзид. Мағзамро гӯё туман фаро гирифта буд. Фикре ғайр аз «оварданд, оварданд» дар сарам набуд. Гоҳ гарм мешудам, гоҳ сард, гоҳ арақ мекардам, гоҳ хунук мехӯрдам. Вақте назди ҳавлӣ мо-

шинро нигоҳ доштам, мадор надоштам поин шавам. Мағзам оҳиста-оҳиста бедор мешуд.

Якбора барқвор фикре ба сарам зад – амният! Онҳо аз паси ман назорат доштанд! Ман ҷойро барояшон муайян кардам, онҳо кори худашонро карданд. Амалиёт гузаронданд, чи тавре ки дар филмҳо нишон медиҳанд. Амалиёт! Накунад, ӯро захмӣ карда бошанд?

Ин фикр тамоми қувватамро баргардонд. Барқвор аз мошин фуромада, давида аз байни дӯстону ҳамкорон гузашта, ба хона даромадам. Абдулҳаким аз хона баромада бо фиғон худашро ба гарданам андохт. Оғӯш гирифтам ва зуд аз худ дур карда, дар андомаш осори хунро ҷустам. Осоре набуд.

Сӯи Исмоил баргаштам:

– Куҷоянд милисаҳо? Ӯ ба дари утоқ ишора кард. Худро ба даст гирифта, ба утоқ даромадам. Ду нафар сари дастархон нишаста буданд. Салом карда нишастам.

– Аз куҷо овардед? Кӣ озод кард, КГБ? - савол додам ба милисаҳо.

– Не, аз ҳафтум километр, аз пост, - гуфт яке аз милисаҳо тааҷҷубомез.

– Амалиёт чӣ шуд, чаро худашон наоварданд? - намефаҳмидам ман. Қиёфаам мантиқӣ набуд магар, ки яке аз милисаҳо, «Хайр, мо меравем» гуфта, аз ҷояш хест. Ба онҳо шодиёна дода, то дами дар гусел карда, ба утоқи кунҷакӣ назди Абдулҳаким даромадам. Вақте ки дарро кушодам, ӯ сарашро хам карда рӯяшро ба девор гардонд.

– Кӣ туро озод кард? - пурсидам ман.

Садои маро шунида, сарашро ҳамон тур хам ба сӯи ман гардонд ва якбора бархеста, худашро ба оғӯшам партофт ва:

– Маро аз ин ҷо бар, ҳамин ҳозир бар! Рафтем, рафтем! - гуфта, бо садои ашколуду тарсу ҳаяҷон маро сӯи дар тела медод.

– Майлаш, майлаш, меравем. Куҷо мехоҳӣ барам? - телба шудам ман.

– Куҷое барӣ, бар! Фақат аз ин ҷо бар! - сахт тарс дошт ӯ.

Бале, бояд равем, пеши падару модар, ба Панҷрӯд меравем, қарор кардам ба худам.

Ба даҳлез баромадам ва:

– Меравем! - гуфтам. Ҳама ба берун баромадем. Аз хона, ки баромадем, Абдулҳаким аз дастам сахт дошта, дуқат шуда сарашро хам карда мерафт. Якбора хун ба сарам зад. Баччаи бечора, ки ин ҳама рӯз бандӣ буд, ҳанӯз ҳам бо он одату тарс ҳаракат мекард. Оғӯш карда:

– Натарс, дигар ҳеч кас ба ту осеб расонда наметавонад. Ту озодӣ! - гуфтам.

Ӯ боз ҳам:

– Рафтем, рафтем! - гуфта аз дастам мекашид.

Пеши мошин расида будем, ки дарров ба нишастгоҳи ақиби мошин даромада, дари даромадаашро қуфл карда сарашро хам карда нишаст. Хоҳарам ҳам ба мошин назди ӯ нишаст.

– Баччаҳо, Исмоил, Зокир аз паси ман ҳай кунед, ҳама савор шаванд, - фармон дода, ба мошин нишастам ва ҳай кардам.

То аз шаҳр баромадан Абдулҳаким ба саволҳо ҷавоб намедод. Фақат:

– Зудтар, зудтар ҳай кун, - мегуфт.

Вақте ки ба дараи Варзоб даромадем, ӯ қадре оромиш пайдо кард. Ва ба саволҳо ҷавоб додан сар кард.

– Кӣ туро озод кард? - ҳеч наметавонистам ин муамморо ҳал кунам.

– Ман гурехтам! - ҷавоб дод ӯ.

Ман лол шудам. Аз ӯ ман ин қаҳрамониро ҳаргиз интизор надоштам. Ӯ, ки бародари хурдии ман буд, ҳанӯз ҳам дар назари ман тифл метофт. Пай набурда будам, ки ӯ ҷавонмарди комил шудааст!

Ва сар кард ба ҳикоят кардан. Ҳикоятҳояш паҳну парешон ва беназм буданд. Ҷойҳои ноқисашро ман савол дода, дақиқ мекардам.

Аз нақлаш бармеомад, ки ӯро се нафар аз мошин берун кашида, бо дастаи туфанг ба сараш зада, ба нишастгоҳи ақиби мошин тиққонда, ба болояш нишаста, бо суръат рондаанд. Баъд аз муддате дар ҳавлие истода, ба сараш латтаеро печонда, аз мошин фароварда, ба як хона дароварда, аз дасташ ба лӯлаи оҳанӣ бо дастбанд баста мондаанд. Рӯзи дигар боз ба ҳамон минвол ба мошин бор карда, роҳи дуру дарозеро тай карда, ба ҷое расонда, ба як гурӯҳи дигар супурдаанд. Байни худашон суҳбат мекардаанд, ки гӯё ӯро ба Шаҳртус мебаранд. Гурӯҳи нав боз бо ҳамин минвол муддати дароз мошин ронда, ба як ҷое оварда, дар як сохтмони пампи об дароварда, аз пояш бо занҷири як-якуниммета ба оҳани дар девор насбшуда баста мондаанд. Рӯзе се бор даромада, хабар мегирифтаанд ва хӯрок медодаанд. Пеш аз даромадан дарро зада, фармон медодаанд то рӯболо хобида, чашмонашро баста, сарашро ба сӯи девор гардонад. Сабабҳои ҳаракоти ғайриодии ӯ дар ҳавлӣ ба ман ошкор мешуд. Пас аз баромадан садо дода, кушодани чашмонашро иҷозат медодаанд. Фақат шабона, он ҳам бо чашмони баста, сарашро хам карда, барои қазои ҳоҷат ба берун мебаровардаанд.

Рӯзи дувум як нафар даромада, лат кардааст, ки акаат хап намешинад, такудав дорад, ба мақомот арз кардаву кофтуков мекунад. Он рӯз он нафар дар бораи кору бори ширкати мо саволҳои зиёд додааст. Ба гуфти Абдулҳаким, ӯ худаш дар бораи кору бори мо огоҳии комил доштааст, фақат барои мутмаин шудан саволҳо медодааст, зеро «Дар он ноҳия бо кӣ кор мекунед?», «Аз он хоҷагӣ чӣ қадр пахта мегиред?» ва ғайра гуфта мепурсидааст.

Вале такрор ба такрор ба ӯ мегуфтаанд, ки ба зудӣ акаат туро халос мекунад. Ҳатто шӯхӣ мекардаанд, ки аз хӯрданӣ

ҳарчӣ хоҳӣ, барот меорем, пулаша акат медиҳад. Ҳатто, вақте ӯ китоб хостааст, барояш китоби «Горячий снег»-и Юрий Бондаревро овардаанд.

Рӯзи севум боз ҳам он нафар даромада, баъди саволу ҷавоби аввалӣ пурсидааст, ки «намоз мехонӣ?» Вақте Абдулҳаким гуфтааст, ки намоз намехонад, як зарбаи сахте ба шонааш задааст, ки мегуфт дардашро ҳанӯз ҳам ҳис мекунад. Ва гуфтааст, ки бояд намозхониро сар кунад. Абдулҳаким ба ӯ ҷавоб додааст, ки намозхонӣ бояд бо эътиқод сурат гирад, на бо дастур. Аввал бояд худоро шинохт, баъд ба ӯ саҷда кард. Агар худованд бинад, ки ман зери фишор ба намозхонӣ шурӯъ кардам, шояд ибодати маро қабул накунад. Ман он вақт намоз мехонам, ки худам эътиқод кунам.

Наузанбиллоҳ! Дузду ғоратгар тарғибкунандаи дину имон!

Абдулҳаким нақл кард, пас аз он, ки каме ором гирифтам, ба фикр афтодам. Фикр кардам, ки чӣ кор кунам. Ҳарфашонро гӯш кунам, мунтазир шавам, озодам мекунанд. Фикр мекардам, ки Абдухалил ба амният муроҷиат кардааст, маро озод карда метавониста бошад? Агар ман ҳам ба ҷои ӯ будам, ба мақомот арз мекардам. Якбора фикре ба сарам зад, ки агар ӯ ба ҷои ман буд, чӣ кор мекард? Ӯ ором наменишаст. Бале, коре мекард. Чӣ кор мекард?

Даст ба сӯи занҷири пой бурдам, дидам, ки каме кушод буд, саъй кардам, берун наомад. Рӯи косаи хомшӯрбо равған ях баста буд. Онро гирифта пойро чарб кардам, занҷир поямро харошида баромад. Аз ҷой хеста, саройро аз назар гузарондам. Девори семетрӣ дар қисми болояш қаблан равзанҳое доштааст, ки ҳоло бо лой баста шуда буд. Дар гӯшае як тӯда чигити пахта мехобид. Тахти оҳании шикастае дар замин буд. Онро ба девор рост карда, баромада дидам, ки он лой хушк ва сахт аст. Об! Онро бо об тар карда, нарм кардан лозим. Об нест!

Фуромада, тахтро ҷои худаш гузошта, бандро ба поям даровarда, мунтазир шудам. Вақте нигаҳбон омад ва пурсид, ки чӣ мехоҳам, хомшӯрбо ва оби якунимлитра хоҳиш кардам ва барои шубҳа эҷод накардан китоб ҳам пурсидам. «Ин қадар хомшӯрбо дӯст медорӣ?» гуфту рафта овард. Ман дигар ҳам об доштаму ҳам чарб.

Шабҳо кор мекардам. Поямро чарб карда, занҷирро мебаровардаму боло рафта, обро ба лой мерехтам, мулоим мешуд, мекандам. Лойҳои кандаамро ба варақҳои китоб печонда ба кисаам меандохтам ва вақте ки поён меомадам, онҳоро дар зери тӯдаи чигит пинҳон мекардам.

Оҳиста-оҳиста кор мекардам, то садое набарорам. Аз лой порае дуруст карда будам ва ҳар вақт ки поён меомадам, ҷои кандаамро бо он пора ноаён карда пӯшида мемондам. Чароғ дар даромадгоҳ буд ва равзанае, ки ман барои кандан интихоб кардам, дар он қисмати девор буд, ки чароғ онро хуб равшан намекард. Шаби чорум каме дарз пайдо шуд, ки рӯшании чароғҳои берун метофт. Фаҳмидам, ки агар эҳтиёт накунам ва як каме фишор биёрам, афтидани як кулӯх метавонад нақшаҳоямро ошкор кунад, зеро шабонарӯзӣ дар атрофи сарой нигаҳбон мегашт ва ман ҳамеша шарфаи пояшро мешунидам.

Шаби чорум баромада, оҳиста як тарафи кулӯхро канда будам, ки боқияш якбора канда шуд. Бо як ҳаракати даст кулӯхи афтидаистодаро доштам ва нигоҳ кардам, ки нигоҳбон каме дуртар пушт ба ман истодааст. Нафаскаширо қатъ кардам. Бесадо сару дастро дарун кашидам. Шах шудам, интизор шудам, шарфаи пои нигаҳбон ором-ором дур шуд, ба сӯи дигар гузашт. Равзанаро хеле эҳтиёткорона пӯшида монда, фаромадам. Кори равзана тамом шуд, имшаб дер аст, худо хоҳад, пагоҳ мегурезам.

Абдулҳаким гуфт, рӯзи панҷум боз ҳамон нафар, ки доим лату кӯб мекард, омада аз худову расул ва он дунё амри маъруф кардааст. Вақте ки онҳо ба назди ман медаромаданд, ба

ман фармон медоданд, ки чашмонамро баста рӯболо бихобам. Онҳо аслиҳаи худро дар рӯи бадани ман мегузоштанд ва бо ман суҳбат мекарданд. Шояд озмудан мехостанд, ки ман кӯшиши гирифтан ва истифодаи силоҳро мекунам ё не. Он рӯз ду нафар даромада буданд ва ҳамон нафаре, ки доим пурсупос мекард, туфангашро рӯи шиками ман монда буд. Вақти берун рафтан онро нагирифта рафт. Ман туфангро ҳис мекардам. Вақте онҳо дарро мебастанд, ман фикр мекардам, ки оё онҳо махсус туфангро гузоштанд, ё фаромӯш карданд? Туфанг тир дорад ё на? Маро месанҷанд? Агар туфанг тир дошта бошад, имкони бо истифодаи он халос шудани ман чи қадр аст? Нақшаи аз равзана гурехтан беҳтар аст ё бо истифода аз туфанг? Ин ҳама дар як лаҳза аз дилам гузашт.

Ман, - гуфт Абдулҳаким – зуд тасмим гирифтам, ки бо тирпарронӣ аз дасти инҳо халос шудан имкон надорад. Инҳо чандин нафаранд, ҳама мусаллаҳ бо Калашников. Ман бо як туфанг шонс надорам. Ҳамон нақшаи равзана хуб аст. Ва садо додам: «Ака, пистолетата фаромӯш кардӣ!» Ӯ дарро ҳанӯз набаста буд, давида баргашт ва «Ту хеле баччаи хубӣ» гуфта, маро таъриф кард ва аз хурсандӣ ҳатто «Намоз нахонӣ ҳам, ҳеч гап нест», гуфта фатво дод. Туфангашро гирифта, пурсид, ки пагоҳ бароям чӣ биёрад? Ман ба ӯ гуфтам, ки монда шудаам ва хобидан мехоҳам. Пагоҳ агар мумкин бошад, дертар биёяд. Ӯ аз ман ончунон розӣ буд, ки иҷозат дод бихобам, пагоҳ субҳи зуд маро бедор намекунанд. Ман ба фирор омода будам.

Шаҳртус. То Душанбе қариб дусад километр роҳ аст, то куҷо мегурезам? Дастгир мекунанд. Милисахона равам? Магар зӯри милиса ба инҳо мерасад? Таваккал ба худо! Аз ин ҷо, ки баромадам, баъд давомашро мебинам.

Дишаб, вақте торик шуд, аз пироҳанам ду порча дарронда, кафшҳои сарпоиямро, ки барои давидан мувофиқ набуданд, ба пойҳоям бастам. Чанд пора нонро ба кисаам ҷой кардам. Оҳиста

баромада, лойпорарo гирифта фаровaрда, ба замин гузоштам, баромада аз равзана ба берун нигоҳ кардам, касе набуд. Баландии девор тақрибан се метр буд. Агар аз ин баландӣ худамро партоям, ҳатман садои афтиданамро шунидани нигаҳбон мумкин буд ва ғайр аз ин, пойҳоям метавонистанд осеб бинанд.

Аз равзана бояд ё бо сар берун мехазидам ё бо пой. Фикр кардам, ки ҳатман бо сар бояд берун хазам, то ки атрофро зери назорат дошта бошам. Бо оҳани дастаи тахт як ҳалқаи занҷирро тоб дода, кушода тайёр карда будам. Оҳани дастаи тахтро дар дохили равзана устувор карда, занҷирро ба он баста, аз равзана берун овезон кардам ва бо сар берун хазида, аз занҷир дошта, пойҳоямро аз равзана берун кашида, овезон шудам ва худамро оҳиста ба замин партофтам. Нимхез ба даруни алафҳо даромадам ва дуқат шуда, бесадо аз он ҷо дур шудам. То дуртар мерафтам, суръат меафзудам. Давидаравон, якбора ба роҳи мошин баромадам. Фикр накарда, ба тарафи рост давидам, вале баъд аз лаҳзае дидам, ки роҳ боло меравад. Ман бояд ба поён равам, на ба боло, фикр мекардам ман, вале ҳанӯз ҳам медавидам. Ин вақт нишони роҳнамоеро дидам, ки Чиртак навишта шуда буд. Аслан намефаҳмидам, ки дар куҷостам. Чиртак номеро намедонистам. Вале, баргашта аз канори роҳ ба поён давидам. Давида-давида, ба нишонаи дигари роҳ расидам, ки Кофарниҳон навишта шуда буд.

Ман дар Шаҳртус набудам! Дар Орҷоникидзеобод будам!

Акнун, фаҳмидам, ки дар куҷоям. Бояд ҳамагӣ 18-20 километрро тай мекардам, то ба Душанбе расам. Шаб аз ним гузашта буд. Ҳамагӣ 4-5 соат вақт доштам. Баъд, гурехтанам ошкор мешуд. Албатта, онҳо пайгирӣ мекунанд!

Давидам. Ҳама имкониятро баррасӣ мекардам. Дар сари пули Кофарниҳон посгоҳи милиса буд. Бо роҳи мошин набояд рафт. Дастгир мекунанд. Баргашта, бо соҳили дарё ба поён давидам ва ба пули роҳи оҳан расида, аз рӯи он гузаштам. Қарор

кардам, ки рӯ-рӯи роҳи оҳан равам, бехатар аст. Роҳи мошин хатарноктар аст. Аз рӯи чӯбҳои роҳи оҳан давидан душвор буд. Аз канори роҳ медавидам, вале канори роҳ пур аз кӯлмакҳо буд, ки ҳар лаҳза ба онҳо меғӯтидам. Сагҳои мардум аз паси деворҳои симтӯрӣ ба ман ҳамла мекарданд. Ман ба онҳо нон партофта ором мекардам. Баъзеяш хеле хашмин буданд, хушбахтона, тӯри симин онҳоро нигоҳ медошт.

То даромадгоҳи Душанбе расам, хонаи хешамон – акаи Абдусалим даромада пинҳон мешавам. Латтаҳои кафшҳоям канда шуданд. Кафшҳоро ба дастам гирифтам. Пойҳоям хуншор шуданд, вале дардро эҳсос намекардам. Медавидам.

Ба дари хонаи Абдусалим расида, оҳиста тақ-тақ кардам. Аз баланд кӯфтани дар метарсидам, умуман аз ҳар садое якқад мепаридам, фикр мекардам, ки маро таъқиб мекунанд. Пушти дар садои хиш-хишро шунида, овоз додам:

– Акои Абдусалим, ман Абдулҳаким, аз дасти боевикҳо гурехтам, зудтар дарро кушоед, маро панаҳ кунед.

Садои пасти суҳбат аз паси дар шунида мешуд, ду нафар баҳс мекарданд, шояд ба хулосае омаданд, ки ба ман паноҳ додан ба ҷони худашон хатар меорад. Чанд бори дигар садо дода бошам ҳам, дигар дар он сӯи дар хомӯшӣ ҳукмфармо шуд. Дари ҳамсояи рӯбарӯро кӯфтам, садое наомад. Лаҳзае ноумед нишастам. Ман инҷо зиёд вақт талаф карда наметавонистам. Ҳар лаҳза таъқибгарон метавонистанд бирасанд. Медавам, то ҳавлӣ, - қарор кардам ба худам.

Субҳи козиб буд. Ба километри ҳафтуми роҳи Душанбе-Ваҳдат расидам. Девор пеши роҳамро гирифт. Ночор ба роҳи мошин баромадам. Аз дур дидам, ки ду милиса дар посгоҳ истодаанд. Аз канори роҳ хам шуда мерафтам, ки чашми онҳоро хато кунам. Якеш ба сӯи ман гашт. Худамро ба ҷӯйбори канори роҳ партофта, руст шудам, вале ӯ маро дида будааст, ки ба болои сарам омада, «бархез» гуфт. Хестам, «аз куҷо омадӣ?

Ягон ҷоро дуздӣ кардӣ?» гуфта пурсид. «Ман аз дасти боевикҳо гурехтам, ҳозир меоянд» гӯям, бовар накарда, «сафсатта нагӯй, росташа гӯй, кампирро ту куштӣ?» гуфта исрор мекард. Ва «пеш даро, ҳозир туро бурда месупорем, ҳамааш маълум мешавад» гуфта, бо мили автомати ҳамоил дар гарданаш ба ман амр карда, пеши ҳамраҳаш овард. Ҳамраҳаш «киро қапидӣ?» гуфта пурсид ва баъди «дуздак» гуфтани ӯ, сар то пои маро аз назар гузаронида «э, ман инро мешиносам, акааша ҳам мешиносам, - ва сӯи ман:

– Ту ин ҷо чӣ кор мекунӣ, чаро сару рӯят пури хоку хун?» - гуфта, пурсид. Ман ҳодисаро кӯтоҳ гуфтам. Ба ҳамраҳаш:

– Ман инҳоро мешиносам, инҳо дузд нестанд, - гуфт.

– Рафтем, хонаашон мебарем, соати корӣ ҳам тамом шуд, - гуфта сӯи мошинаш рафт. Ман зуд ба нишастгоҳи ақиби мошинаш даромада нишастам. Мошинаш гирон нашуд. Хоҳиш кард, ки фуромада онро, ҳамроҳи милисаи дувум тела диҳам. Ман фуромадан намехостам. Фазои баста бароям амнтар менамуд. Вале ӯ таҳдид кард, ки агар ёрӣ надиҳам, ҳеч ҷой намеравем. Ман зуд фуромада, ёрӣ кардам, мошинро дукаса тела додем даргирифт ва онҳо манро ба хона оварданд.

Ману наздикон дар он шаш рӯз азоби маҳшарро дар пӯсти худ ҳис кардем. Хусусан, хоҳари бузургам аз ҷиҳати равонӣ садамаи сахт дид. Ман аз сабаби он ки ба кофтуков машғул будам, фикрам доим машғул буд, вале ӯ дар хона шаш рӯз интизорӣ кашид, интизорие, ки маълум нест ба чӣ меанҷомад. Ҳамин аст, ки ҳанӯз ҳам аз камтарин иттифоқ ба тарсу изтироб меафтад. Ба наздикӣ филми коргардон Родриго Кортес «Зиндабагӯр»-ро дидам, ки тамоми даҳшати он рӯзҳоро дар ёдам зинда кард. Ин азоби тоқатфарсоро худованд ба ҳеч кас насиб нагардонад!

Зимни ин ҳама нақл, гоҳ хандидаву гоҳ гириста, ба хизмати падару модари азиз расидем. Онҳо, ки ҳанӯз ҳам хавотирӣ мекашиданд, давида ба пешвоз баромаданд ва маро сиҳату саломат

дида, боварашон намеомад ва гаштаву баргашта мепурсиданд, ки оё воқеан сиҳату саломатам ва агар сиҳату саломатам, чаро ин ҳама овозаву дарвоза дар даҳони мардум аст?

Ман дигар ниёзе ба пинҳон доштани асли воқеа надида, ба онҳо асли ҳолро гуфта додам. Дарзамон, онҳо ҳузури маро фаромӯш карда, ба Абдулҳаким часпиданд, ки муддаои дили ман буд, зеро ба танҳоӣ ва осудагӣ ниёз доштам.

Бо Ҷон тамос гирифта, Абдулҳакимро, ки ҳатто дар ин ҷо хеле изтироб дошт, бо баҳонаи хондан дар мактаби пахтаи Мемфис (Cotton School) ба Амрико фиристодам. Аҳли оиларо ба Панҷрӯд ба назди падару модар, дуртар аз бало фиристода, бо милиса қарордод баста, Исмоилро ҳамчун ҷондор мусаллаҳ кардам, худам низ расман иҷозаи силоҳ гардондан гирифта, ба навъе ба ҳамлаҳои баъдӣ омодагӣ гирифтам.

## *АБДУҲАЛИМ*

Зарба мисли дафъаи гузашта, ба ҷои дигари хонадон зада шуд. Моҳи августи соли 1999 хоҳарам Ибодат писараш Аълоҷонро хонадор мекард ва моро ба ҷашни арӯсӣ ба Панҷрӯд даъват кард. Мо бо истифода аз фурсат, ҳамаи дӯстон ва кормандони ширкатро ба ин ҷашн даъват кардем. Ман бо чанде аз дӯстон ду рӯз пеш ба Панҷрӯд рафтем. Ман онҳоро барои тамошо ба Кӯли Калон бурдам. Вақте мо аз Кӯли Калон ба нияти ҷашни арӯсӣ ба хонаи хоҳарам баргаштем, хабари шуме расид, ки Абдуҳалимро дар роҳ задаанд ва ӯро ба бемористони шаҳри Панҷекат бурдаанд. Вақте ман ба бемористон расидам, Абдуҳалим дар ҳоли беҳушӣ дар дами марг қарор дошт. Аз гуфти пизишкон, сараш сахт зарб хӯрда буд. Пизишкон ӯро ба таври фаврӣ ба ҷарроҳӣ гирифтанд ва ними шаб ба мо эълон карданд, ки кӯшишашон бенатиҷа анҷомидааст ва ӯ фавтид. Мо

рӯзи дигар ӯро дар оромгоҳи деҳаи Марғедар ба хок супурдем. Ин зарбаи мудҳиш буд! Ин зарбаи ноҷавонмардона тамоми шодиву сурурро барои солҳои зиёд аз хонадони мо рабуд. Худоё, ҳоло ҳам бо гузашти ин ҳама сол чӣ қадр сахт аст ёд овардани он воқеаи мудҳиш ва навиштани ин сатрҳо!

Ман дар бораи ҷузъиёти ин ҳодиса наменависам, фақат ҳамин қадар мегӯям, ки як силоҳбадасти лаъин, ки номаш гум бод (!) фақат ба хотири пеш гузаштан аз мошинаш, ӯро латукӯб карда, ба ҳамин ҳол расондааст. Баъдан қотил ба ҷазояш расид, вале ин оташи алами моро паст накард. Ҷузъиёти ҳодисаро аз он сабаб наменависам, ки хондани он барои аъзои хонадони мо хеле дарднок хоҳад буд, дар ҳоле, ки ин китоб сараввал барои онҳо навишта шудааст. Ва агар нависам, дидани ин китоб барои худам ҳам душвор хоҳад буд.

Абдуҳалим шахси орому ботамкин ва ба маънои томаш ҳалим буд. Ӯ ҳамчун бародари калонӣ дар хурдиям мӯнису ғамхор ва дар ҷавонӣ ҳамдаму ҳамрози ман будааст, мо он қадр ба ҳам наздик будем, ки ҳатто пас аз тақрибан бист сол, касе натавонист дар дили ман ҷойгузини ӯ шавад. Шояд сабаб он бошад, ки ман натавонистам ӯро раҳо кунам. Солҳои аввал ба ҷои дил, санги сарде дар сина доштам ва дунё бароям орӣ аз рангу тароват шуда буд. Ҳоло ҳам, вақте ёдаш мекунам, ҳамон ҳолат даст медиҳад. Солҳо оромиямро гум карда будам, гоҳ дар яъс будам, гоҳ дар хашм. Даркору нодаркор даъвову хархаша мекардам.

Ба ҳоли худам нигоҳ накарда, аз ҳоли падару модарам нигарон будам. Бо гузашти солҳо фикр мекардам, ки онҳо таскин ёфтаанд, вале ҳайҳот!

Соле пеш аз марги падарам, устод Сорбон ба хонаи падар меҳмон шуданд. Сари дастархон суҳбати ҳардуи онҳо «қӯр гирифт». Ману Комрон ҳам ҳузур доштем. Устод Сорбон мисли ҳар нависандае, бо кунҷкобӣ савол дода, хотироти падарамро

берун мекашиданд. Падарам дар бораи ҷойҳои коркардаашон ва ҷоизаҳои гирифтаашону моҷароҳои аз сар гузарондаашон нақл мекарданд, ки аксараш барои ман ҳам нав буд. Вақте дар бораи ҷавонияшон ва нав ба кор қабул шуданашон, ки ҳар рӯз ҳашт-даҳ километр пиёда ба кор рафта меомадаанд ва аз хастагӣ дар роҳ рост истода, хобашон бурда мондааст, нақл карданд, устод Сорбон ба ваҷд омада, якбора, «ман дар бораи Шумо китоб менависам», гуфта ваъда доданд. Дар охири суҳбат падарам бо як оҳи сард гуфтанд:

– Ҳалол хӯрдам, ҳалол гаштам, намедонам, чаро худованд ин мусибатро насиби ман гардонд?!

Падарам таскин наёфта буданд, ҳоло ҳам дар сӯги Абдулҳалим буданд ва дар аъмоли худашон гуноҳ мекофтанд...

Устод Сорбон бо падарам қарор карданд, ки чанд бор вохӯрда, хотираҳои падарро навишта мегиранд ва аз он китоб месозанд. Мутаассифона, бо сабаби дурии роҳ ва бемории падарам, Устод натавонистанд хотираҳоро аз худи падарам навишта гиранд. Баъд аз марги падарам, Устод он ваъдаро қарзи худ дониста, аз мову амакҳоям ва ҳолдонҳо мавод ҷамъ карда, дар бораи оилаи мо китобе бо номи «Кадевар» навиштанд.

Мутаассифона, ҷанги шаҳрвандӣ ва авориzу омилҳои он ҳеч касеро канор нагузошт. Одамони бегуноҳ зиёд кушта шуданд. Ба аъзои хонадони мо, ки дар ин ҷанг аз ҳеч сӯе иштирок накарда буд, зарбаҳои паёпай ва муҳлик ворид шуд. Шумори оилаҳои дар ин ҷанг қурбонидода ҳисоб надорад. Умедворам, ки чунин бадбахтӣ дигар ҳеч гоҳ насиби мардуми кишвари азизи ман нашавад!

Вале фоҷеаҳои мудҳиши ба сари хонадони ман омада як ҳақиқатро ба ман ошкор кард, ки дар ҷомеаи гушна сер будан «ҷурм» аст. Дар ин муҳит ба муқобили бухлу ҳирсу ҳасад ҳеч чорае муассир нест. Муваффақиятҳои ман ба сари хонадони ман бало овард. Ман дарк кардам, ки агар чораи муассиртаре

набинам, ин ҳамлаҳо ҳатман идома хоҳанд кард. Аз ин сабаб, тамоми наздиконро ба деҳа фиристодам. Синни фарзандони ман ба мактаб расида буд. Духтарам Манижа ду сол ва писарам Фаридун як сол дар ҳамон мактабе, ки ман хонда будам, таҳсил карданд. Мактаби деҳа шадидан таназзул карда буд ва дар он ҷо нигоҳ доштани кӯдакон ҷабр барояндаашон буд. Дар деҳа барои бародаронам низ шароити корӣ муҳайё набуд ва ман тасмим гирифтам дар аввалин фурсат оилаву фарзандон ва бародаронамро ба хориҷи кишвар, ба Русия бифиристам. Вақт нишон дод, ки ин тасмим дуруст будааст, зеро гаравгонгирон дар тафтишот баён карданд, ки дар давоми як сол саъй кардаанд, то ягон наздики дигари маро гаравгон бигиранд.

Ҷанги шаҳрвандӣ дарвоқеъ фоҷиаи бузурги умумимиллӣ буд, ки дилҳои захмин боқӣ гузошт. Ғайр аз ҷони ҳазорон одами бегуноҳро рабудан, хисороти маънавии зиёд ва зиёни молии чандмиллиардӣ расондан, равандҳоеро мисли маҳалгароӣ ва фасод тақвият дод ва бунёдӣ кард.

Ниҳоят, дар аввали солҳои дуҳазорум кишвар ба оромии воқеӣ расид ва мардум нафаси сабук кашиданд. Амният барқарор шуд, солҳои созандагӣ фаро расиданд ва ба тадриҷ ободонии кишвар шурӯъ шуд ва ин ба ман имкон дод, ки саҳми хурди худро дар рушди кишвар гузорам, ки ҳикояи он дар қисми баъдӣ хоҳад омад.

**Поёни қисми аввал**

# МУНДАРИҶА

Пешгуфтор ........ 3

Панҷрӯд ........ 6
Бобоҷон ........ 11
Мардикорӣ ........ 15
Шаробхорӣ ........ 17
Бобои Султоналӣ ........ 18
Оила ........ 22
Падарам ........ 27
Шароб ва падарам ........ 29
Мактаб ........ 30
Сағирапарвар ........ 36
Кӯли Калон ........ 38
Ҷамшедбой ........ 41
Бобоашӯр ........ 44
Колхоз ........ 47
Ҳикояте аз ҷавонӣ ........ 52
Абдулаҳад ........ 55
Фолбин ........ 58
Қиссаи қабул шуданам ба донишгоҳ ........ 60
Душанбе ........ 67
Одоби шаҳрнишинӣ ........ 70
Моҷарои писархола ........ 73
Маҳалгароӣ ........ 76
Тоҷикистон ........ 80
Хизмати сарбозӣ ........ 84
Дар Самарқанд ........ 94
Собирниёзова ........ 97
Баҳмани 90 ........ 100
Сафар ба Ҳинд ........ 103
Ҳинд ........ 105
Мудир, толкучка ва дузд ........ 107
Чӣ гуна ба тиҷорат рӯй овардам ........ 111
Бозгашт аз Ҳинд ........ 115
Шӯравӣ ........ 122
Воқеаҳои соли 91 ........ 129

Пирӯзии Раҳмон Набиев ........ 132
Ду майдон ........ 133
Ҷанги шаҳрвандӣ ........ 139
Афкори умумӣ ........ 141
Дахолати Русия ва Ислом Каримов ........ 147
Иҷлосияи XVI ........ 152
Оромии нисбӣ ........ 154
Ҳикмат ........ 158
Шуха ........ 159
Бонкдории шӯравӣ ........ 164
Кулоҳбардорӣ ........ 166
Муомилаи аввал ........ 169
Падарам ба Душанбе омаданд ........ 174
ОБХСС ........ 180
«Кори давлат» ........ 182
Оча ........ 184
Тиҷорати миёнравӣ ва барқ ........ 186
Тиҷорати «тиллои сафед» ........ 192
Исён ........ 198
Тарзи кори ширкатҳои пахта ........ 203
Пора ........ 208
Вейкфилд ........ 213
Латифа ........ 215
Ҷон ........ 216
Асадулло ........ 220
Ӯзбакистон ........ 221
Маҳиннах ........ 224
Хусусигардонӣ ........ 225
Гаравгонгирӣ ........ 232
Озод шудани Абдулҳаким аз гаравгон ........ 242
Абдуҳалим ........ 252

Барои қайдҳо

Барои қайдҳо

*Абдухалил Холиқзода*

# МОҶАРОИ РАФТА

Ба чопаш 07.04.2018 имзо шуд. Андозаи 60x84$^{1}/_{16}$.
Коғази офсет. Чопи офсет. Гарнитураи Palatino Linotype.
Ҷузъи чопии шартӣ 16,25. Теъдоди нашр 500 нусха.